# ЧОМӢ

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ
РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ

# АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

## ОСОР

ДАР ҲАШТ ҶИЛД

НАШРИЁТИ «АДИБ»

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ
РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ

# АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

## ОСОР

ҶИЛДИ ҲАШТУМ

**«НАФАҲОТ АЛ-УНС», «РИСОЛАИ ҚОФИЯ», «РИСОЛАИ АРӮЗ», «РИСОЛАИ МУСИҚӢ», «ШАРҲИ РУБОИЁТ», «НОМАҲО»**

ДУШАНБЕ НАШРИЁТИ «АДИБ» 1990

ББК 84(0) 9
Ч 67

Мураттибон *Абӯбакр Зуҳуриддинов,*
*Алӣ Муҳаммадиев, Асрор Раҳмонов*
Муҳаррири масъул *Аълохон Афсаҳзод*

**Ҷомӣ Абдураҳмон.**

Ч 67 Осор: Иборат аз ҳашт ҷилд. (Мурат.: А. Зуҳуриддинов, А. Муҳаммадиев, А. Раҳмонов. — Душанбе: Адиб, 1990, — 496 саҳ. Ҷилди 8. («Нафаҳот ал-унс», «Рисолаи қофия», «Рисолаи арӯз», «Рисолаи мусиқӣ», «Шарҳи рубоиёт», «Номаҳо»).

Ҷилди ҳаштуми «Осор»-и Абдураҳмони Ҷомӣ мунтахаби «Нафаҳот ал-унс», «Рисолаи қофия», «Рисолаи арӯз», «Рисолаи мусиқӣ», «Шарҳи рубоиёт» ва мактуботи ӯро фаро мегирад.

**Джами Абдурахмон**

Сочинения.

**ББҚ 84(0)9**

Дж. $\frac{4702540102-71}{М\ 503(12)-90}$ — 85 — 90

ISBN 5—8362—0078

© Нашриёти «Адиб», 1990

# НАФАҲОТ АЛ-УНС



Қитоби «Нафаҳот ал-унс»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, ки номи пурраи он «Нафаҳот ал-унс мин ҳазарот ал-қудс» мебошад, аз ҷумлаи осори гаронқадру боарзиши ин мутафаккири бузурги садаи XV ба шумор меравад. Роҷеъ ба сабаби таълиф, замони тасниф, фарогирӣ ва санаи оғозу анҷоми асар муаллиф дар муқаддимаву хотимаи он басе равшану возеҳ маълумот додааст. «Нафаҳот ал-унс»-ро Ҷомӣ дар тӯли ду сол, яъне миёни солҳои 881—883/1476—1478, бо таблиғу хоҳиши Алишери Навоӣ (1441—1501) дар пайравии «Табақот ус-сӯфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ (396—481/1006—1088)[1] рӯи коғаз овардааст. Аммо ин рисола эҷоди мустақили Ансорӣ набуда, навиштаи гуфтору нақлу ривоятҳои ӯ ба шогирдонаш (ҳангоми таълим оиди аҳволи орифону машоихи пешин) ба шумор мерафтааст. Ба қавли Ҷомӣ, он ҳикоёту ривоёт ба забони ҳаравии қадим буда, аллакай дар қарни XV душворфаҳм шудааст ва онро дар вақташ яке аз шогирдони Ансорӣ ҷамъу тадвин карда, ба шакли китоб дароварда, «Табақот ус-сӯфия» ном гузошта будааст. Аз ин рӯ, Абдураҳмони Ҷомӣ эҳтиёҷи ҳамзамонону баъдинагонро ба эътибор гирифта, дар ин ҷода «Нафаҳот ал-унс»-и худро таълиф менамояд. То Абдуллоҳи Ансорӣ Абӯабдураҳмони Суламӣ[2] (325—412/937—1021) ба ҳамин ном асаре ба забони арабӣ навишта буда, муҳаққиқини зиёде «Табақот ус-сӯфия»-ро тарҷумаи ҳамин китоби Суламӣ донистаанд. Дар ҳақиқат, Абдуллоҳи Ансорӣ гоҳо аз осори Суламӣ, монанди «Одоб ус-сӯфия», «Таърихи Суламӣ», «Ҳақоиқ ут-тафсир»

ва «Сулук ул-орифин» истифода намояду нақлу ривоёт оварад ҳам, аз расоили дигари аҳли тасаввуф бебаҳра намондааст.[3]

«Нафаҳот ал-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ аз муқаддима, матни асосӣ ва хотима иборат буда, шарҳи ҳол, тавсифи осори уламову фузало ва машоихи сӯфияро фаро мегирад ва муаллиф оид ба 616 намояндаи силсилаву табақаҳои гуногуни тасаввуф (аз аввали пайдоиш то замони худ) маълумот додааст, ки аз онҳо 582-тоашон марду 34-тоашон зан мебошанд. Бояд гуфт, ки Ҷомӣ бо ин асари худ на танҳо асари Абдуллоҳи Ансориро ба тарзи соддаву равон аз нав таҳрир карда, ба фаҳми муосиронаш мувофиқ мегардонад, балки аз кутуби мӯътабари тасаввуфиву таърихӣ ва адабии дигар шарҳи аҳволи шайхону орифон ва уламову удабои бисёреро, ки дар муддати қариб 400 соли баъди фавти Ансорӣ гузаштаанду дар китобҳои Суламӣ ва Ансорӣ мавҷуд наянд, бар он меафзояд. Абдураҳмони Ҷомӣ дар таълифи «Нафаҳот ал-унс» ғайри сарчашмаҳову таълифоти зиёди мӯътабару дастрас аз асари илмиву фалсафии Ҷулобии Ҳаҷвирӣ «Кашф ул-маҳҷуб»[4] фаровон истифода намуда будааст.

Ҳангоми овардани шарҳи аҳволи орифон, машоих ва донишмандон мусанниф бар он кӯшиш менамояд, ки доир ба кунят, ном, қабила, пиру шайх, ҳамсӯҳбатон, зодгоҳ, шӯҳрату мақом, сайру сафарҳо, лаҳзаҳои ибратбахш, таълифоту гуфтор, хоксориву фурӯтанӣ, ҷавонмардиву кушодадастӣ, таърихи вафот ва баъзан санаи таваллуди онҳо ҳаддалимкон маълумот диҳад. Ба ҳамин асос, дар «Нафаҳот ал-унс» вобаста ба ин ё он паҳлуи ҳаёти машоих, нуктаҳои зиёди тарбиявӣ-ахлоқӣ ва андешаҳои ҳакимонаву ибратомез дарҷ ёфтаанд, ки то кунун қимати баланди тарбиявӣ-эстетикии худро нигоҳ дошта меоянд.

«Нафаҳот ал-унс»-и Ҷомӣ барои омӯхтани таърихи тасаввуф, таълимоти ирфону фалсафаи эшон ва истилоҳоти сӯфия аҳамияти назаррас дорад, зеро муаллиф, аз як тараф, дар муқаддима истилоҳоти аҳли ирфонро шарҳ дода, доир ба асосҳои назариву фалсафии сӯфия, маърифати орифон ва хавориқи одоти онҳо таваққуф намояд, аз тарафи дигар, дар мавриди баёни шарҳи ҳоли ҳар ори-



фе кӯшиш менамояд, ки ҷиҳатҳои махсуси назария ва таълимоти ӯро баён карда, ба ин васила ташаккули умумии афкори тасаввуфиро ба қалам диҳад. Китоб аз ҷиҳати сабки нигориш, забон ва услуби баён завқи баланди Ҷомиро нишон медиҳад ва он дар радифи беҳтарин асарҳои насрии форсӣ-тоҷикӣ меистад.

«Нафаҳот ал-унс» ҳамчун сарчашмаи адабӣ низ дорои аҳамияти беназир аст. Он барои омӯхтани баъзе лаҳзаҳои алоҳидаи ҳаёту сирри эҷодиёти як идда адибони форсу тоҷики то замони муаллиф ҳаёт бурда, аз қабили Робиаи Балхӣ, Саноии Ғазнавӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хоқонии Шервонӣ, Фаридуддини Аттор, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва ғайраҳо хидмати арзанда менамояд. Дар ин маврид саҳеҳияти маълумоти Ҷомӣ роҷеъ ба шарҳи ҳол, мероси боқимонда ва ақоиди онҳо раднопазиру эътиборноканд.

Дар марказҳои шарқшиносии ҷаҳонӣ нусхаҳои қаламиву қадимии «Нафаҳот ал-унс» зиёд бошанд ҳам, мутаассифона, то ба имрӯз матни интиқодии он омода нашудааст. Ин асарро соли 901/1495 Алишери Навоӣ бо номи «Насоим ул-хулд» ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст. Тарҷумаҳои он ба лисонҳои туркии усмонӣ, англисӣ ва олмонӣ низ мавҷуд аст. Матни асосии китоб чандин дафъа дар Ҳинд, Калкатта, Конпур, Теҳрон, Лакҳнав, Тошканд ба дасти нашр расидааст.

Дар ганҷинаи дастхатҳои Институти ховаршиносии АИ РСС Тоҷикистон нусхаҳои зиёди қаламии «Нафаҳот ал-унс» нигаҳдорӣ мешаванд, ки мунтахаби ҳозираро мо дар асоси нусхаи рақами 359-и ганҷинаи номбурда таҳия карда, дар баъзе маворид ба нашри теҳронии[5] он муроҷиат намудем ва баъзе калимоту таъбироти иловашударо дар қавсайн [ ] овардем. Нусхаи рақами 359 аз нусхаҳои беҳтарину нисбатан ба замони мусанниф наздики асар буда, тақрибан дар охирҳои асри XV ва ё солҳои аввали асри XVI ба хатти насхи зебо рӯи коғази зардчатоби шарқӣ қаламӣ шудааст.

Ин нусха дар пурраги ву беҷурмӣ низ бемонанд мебошад.

*Алӣ Муҳаммадиев*

## МУҚАДДАМОТ ВА УСУЛ

...Мегӯянд, пойшикастаи зовияи ҳумул ва гумномӣ Абдураҳмон ибни Аҳмад ал-Ҷомӣ..., ки шайхи имоми олам, Абӯабдураҳмон Муҳаммад ибн ал-Ҳусайн ас-Суламӣ ан-Нишопурӣ... дар баёни сияр ва аҳволи машоихи тариқат... китобе ҷамъ кардааст ва онро «Табақот ус-сӯфия» ном ниҳода ва онро панҷ табақа гардонида ва табақаеро иборат аз ҷамоъате дошта, ки дар замони воҳид ё дар азминаи мутақориба анвори вилоят ва осори ҳидоят аз эшон намуда ва сафару реҳлати муридон ва мустафидон ба эшон буда ва дар ҳар табақае бист тан аз машоиху аимма ва уламои ин тоифа зикр карда ва ба ҳасби иқтизои вақт ва мақом аз калимоти қудсия ва шамоили марзияи эшон он чӣ далолат мекунад бар тариқати илму ҳол ва сирати эшон дар баён оварда. Ва ҳазрати Шайхулислом[6] Абдуллоҳи Ансорӣ онро дар маҷолиси сӯҳбат ва маҷомеи тазкиру мавъизат имло мефармудаанд ва суханони дигари баъзе аз машоих, ки дар ин китоб мазкур нашуда ва баъзе аз азвоқ ва мавоҷиди худ бар он меафзуда. Ва яке аз муҳибон ва муридон онро ҷамъ мекарда ва дар қайди китобат меоварда ва алҳақ он китобест латиф ва маҷмӯъаест шариф муш-



тамил ба ҳақоиқи маъорифи сӯфия ва дақоиқи латоифи ин тоифа. Аммо чун ба забони ҳаравии қадим, ки дар он аҳд маъҳуд буда, вуқӯъ ёфта ва ба тасҳифу таҳрифи нависандагон ба ҷое расида, ки дар бисёрие аз мавозеъ фаҳми мақсуд ба суҳулат даст намедиҳад ва айзан муқтасир аст бар зикри баъзе дигар мутақаддимон ва аз зикри баъзе дигар ва аз зикри ҳазрати Шайхулислом ва муосирони вай ва мутааххирон аз вай холист, борҳо дар хотири ин фақир мегашт, ки ба қадри вусъ ва тоқат дар таҳриру тақрири он кӯшиш намояд ва он чӣ маълум мешавад ба иборате, ки мутаорифи рӯзгор аст, дар баён орад ва онро, ки мафҳум нашавад, дар ҳиҷоби ситру катмон бигзорад ва аз кутуби мӯътабараи дигарон суханони чида ва маъорифи санҷида изофаи он карда, бар лавҳи табоён нигорад ва шарҳи аҳволу мақомот ва маъорифу кароmot ва таърихи валодату вафоти ҷамоъате, ки дар он китоб мазкур нашуда, ба он мунзим гардонад. Аммо ба воситаи вуфури алоиқ ва ҳуҷуми авоиқ муяссар намешуд, то он ки дар таърихи санаи иҳдо ва самонин самонамиа (881/1476)[7] муҳиби дарвешон ва мӯътақиди эшон... Амир Низомиддин Алишер аз ин фақир мисли он сурате, ки бар дил гузашта буд ва бар хотир мутамаккин гашта, истидъо кард, доияи қадим сурати таҷдид ёфт ва дағдағаи собиқ ҳиммати самти тақвият ва таъқид пазируфт. Лоҷарам ба сидқи ҳиммат ва хулуси тақвият дар имзои он ният ва истиқсои он амният шурӯъ афтод, маъмул аз макорими ахлоқу маросими ишфоқи мутолиакунандагон, он ки чун эшонро вақт хуш гардад мутасаддӣ ва боиси ин ҷамъу таълифро, ки ҷиҳати иштимол бар «Нафаҳот ал-унс» тибати машоих, ки аз хатоири қудс расида ва бар машоими ҷони муштоқон маҳозири унс варзида ва мусаммо мегардад ба «Нафаҳот ал-унс мин ҳазарот ал-қудс» аз гӯшаи хотир фард нагзоранд ва ба дуое хайр ёд оранд.

**Иброҳим Шаммоси Самарқандӣ.** Муддатҳо ба Бағдод буд, мақом дошт ва ба Самарқанд бозомад.

Вақте лашкаре аз куффор ба дари Самарқанд омад, шабе бархосту берун рафт ва бонге бар он лашкар зад. Ҷумла дарҳам афтоданду якдигар бисёр бикуштанд ва бомдод ҳазимат карданд.

Вай гуфта, ки ҳар кас мегӯяд, ки адаб чист, ман мегӯям:

— Адаб он аст, ки худро бишносӣ.

Вафоти ӯ ба Самарқанд буд.

**Шақиқ ибни Иброҳим ал-Балхӣ.** Куннияти ӯ Абуалӣ аст. Вай дар аввал соҳиби рой буд, соҳиби ҳадис гашт ва суннии покиза. Шогирди имом Зафар аст. Аз қудамои машоихи Балх аст. Устоди Ҳотами Ассам ва бо Иброҳими Адҳам сӯҳбат дошта ва аз назирони вай аст ва бар вай зиёдат карда. Дар зӯҳду футуват бар тариқи таваккал рафтӣ.

Вақте бо Иброҳими Адҳам гуфт, ки шумо маош чӣ гуна мекунед?

Гуфт:

— Мо чун меёбем, шукр мекунем ва чун наёбем, сабр мекунем.

Шақиқ гуфт:

— Сагони Хуросон ҳамчунин мекунанд.

Иброҳим гуфт:

— Пас шумо чун мекунед?

Гуфт:

— Мо чун ёбем, эсор мекунем ва чун наёбем, шукр мекунем.

Иброҳим Адҳам бӯса бар сари вай дод ва гуфт:

— Устод туӣ!

Ва дар китоби «Сияр ус-салаф»[8] ин ҳикоятро ба акси ин овардаанд. Он чи ин ҷо нисбат ба Иброҳими Адҳам карда, он ҷо нисбат ба Шақиқ карда ва он чи ин ҷо нисбат ба Шақиқ карда, он ҷо ба Иброҳими Адҳам.

Шақиқ гуфта, ки бо Абӯюсуфи Қозӣ дар маҷлиси Абӯҳанифа мешудам. Муддате миёни мо муфориқат афтод. Чун ба Бағдод омадам, Абӯюсуфро дидам дар маҷлиси қазо. Мардумон гирд бар гирди вай ҷамъ гашта. Ба ман нигоҳ кард, гуфт:

— Айюҳашшайх, чӣ будааст, ки тағйири либос кардаӣ?

Гуфтам:

— Он чи ту талаб кардӣ, ёфтӣ ва он чи ман талаб кардам, наёфтам. Лоҷарам мотамзада ва сӯгвору кабудпӯш гаштаам.

Абӯюсуф гирён шуд. Ва вай гуфта, ки ман аз гуноҳи нокарда зиёда аз он метарсам, ки аз гуноҳи карда, яъне донам чи кардаам, аммо надонам, ки чи хоҳам кард.

...Дар баъзи таворихи Балх мазкур аст, ки Шақиқро дар санаи арбаъа ва сабъин ва миа (174/791) дар вилояти Хатлон шаҳид кардаанд ва қабри вай он ҷост.

**Ҳотам ибни Унвон Ассам.** Аз табақаи авлиёст. Аз қудамои машоихи Хуросон аст, аз аҳли Балх. Бо Шақиқ сӯҳбат дошта ва устоди Аҳмади Ҳузрия аст. Мот ба Вошҷирд мин навоҳии Балх саната сабъа ва салосин ва миа (137/755).

Ва гуфтаанд, ки ӯ ассам набуд. Заъифае бо вай сухан мегуфт. Дар аснои сухан гуфтан боде аз вай ҷудо шуд. Аз дафъи хиҷолати вай вайро гуфт:

— Овоз баландтар кун!

Бо вай чунон фаро намуд, ки гӯши вай кар аст ва онро нашунид. Он заъифа шодмон шуд ва он лақаб бар вай ниҳод.

Вай гуфт:

— Ҳар кӣ бар ин тариқ дармеояд, бояд, ки чаҳор мавтро бар худ гирад.

Мавти абяз — Ва он гурусногист.

Мавти асвад — Ва он сабр кардан аст бар изои мардум.

Мавти аҳмар — Ва он мухолифати нафс аст.

Мавти ахзар — Ва он пораҳо ба ҳам дӯхтан аст, пӯшишро.

Ва ҳам вай гуфта:

— Ҳар бомдод шайтон мегӯяд, чӣ хоҳӣ хӯрд?

Мегӯям:

— Марг!

Ва мегӯяд, чӣ хоҳӣ пӯшид?

Мегӯям:

— Қафан!

Ва мегӯяд, куҷо хоҳӣ буд?

Мегӯям:

— Дар гӯр!

Шахсе аз вай пурсид:

— Чӣ орзу дорӣ?

Гуфт:

— Офияти рӯз то шаб.

Он шахс гуфт:

— Он офият нест, ки дар ҳамаи рӯзҳо дорӣ?

Гуфт:

— Офияти рӯзи ман он аст, ки дар рӯз осӣ нашавам худойро субҳонаҳу...

Бузурге буд, ба вай чизе фиристод. Қабул кард.

Гуфтанд:

— Чаро қабул кардӣ?

Гуфт:

— Дар гирифтани он зилли худ дидам ва иззи вай ва дар нагирифтани он иззи худ дидаму зилли вай. Иззи вайро ба иззи худ ихтиёр кардам ва зилли худро бар зилли вай...

**Ато ибни Сулаймон.** Аз зуҳҳоди Басра аст. Бузурги вақти худ буда. Рӯзе бемор буд, дар офтоб хуфта.



Вайро гуфтанд:

— Чаро ба соя наоӣ?

Гуфт:

— Мехоҳам, ки ба соя оям, аммо метарсам, ки маро гӯянд, ки дар роҳати нафси худ ком баргирифтӣ!

**Абӯабдуллоҳи Хоқон ас-Суфӣ.** Вай аз кибори сӯфияи Бағдод аст. Шайх Ҷаъфар гуфтааст, ки вай соҳиби кароmот буда ва аз Ибни Розӣ нақл кардааст, ки гуфт:

— Падари ман дар бозори Бағдод дукконе дошт. Ман бар дари дуккон нишаста будам. Ногоҳ шахсе бигзашт. Маро гумони он шуд, ки вай аз фуқарои Бағдод аст ва ман ҳанӯз ба ҳадди булуғ нарасида будам. Хотири ман ба ҷониби вай кашиш кард. Бархостам ва бар вай салом гуфтам ва бо ман як динор буд ба вай додам. Онро бистуд ва давон бигзашт ва бо ман чандон илтифот накард. Бо худ гуфтам, ки ин динорро зоеъ кардам. Дар ақиби вай равон шудам, то ба масҷиди Шунайзия[9] расид. Он ҷо дид, ки се тан аз фуқаро нишастаанд. Он динорро ба яке аз эшон дода ва худ дар намоз истод. Он кас, ки динорро гирифта буд, берун рафт ва ман дар ақиби ӯ рафтам то таъом харид ва пеши ёрон овард ва бо ҳам бихӯрданд. Ва он шахс ҳамчунон дар намоз буд. Чун аз таъом фориғ шуданд, рӯй ба эшон кард ва гуфт:

— Ҳеҷ медонед, ки маро чӣ чиз аз мувофиқати шумо боздошт?

Гуфтанд:

— Не, эй устод!

Гуфт:

— Ҷавоне он динорро ба ман дод то ин замон аз худои таъоло мехостам, ки вайро аз бандагии дунё озод гардонад ва озод гардонид.

Ибни Қассоб гӯяд, ки ман бехост пеши вай нишастам ва гуфтам:

— Рост мегӯӣ, эй устод ва вай Шайх Хоқони Сӯфӣ буд, тувуффӣ саната тисъ ва сабъин ва миъатайни (279/893).

**Абӯаббоси Динаварӣ.** Номи вай Аҳмад ибни Муҳаммад аст. Сӯҳбат дошта бо Юсуф ибн ал-Ҳусайну Абдуллоҳи Харроз ва Ҷаририву Ибни Ато. Ва Рӯямро дида буд. Некӯтариқат буд. Бо истиқомат ба Нишопур омад ва он ҷо муддате иқомат кард ва мардумро мавъизат мекард ба забони маърифат, ба хубтарин баён. Баъд аз Нишопур ба Тирмиз омад. Хоҷа Муҳаммад Ҳомид, шогирди Абӯбакри Варроқ пазираи вай омад ва бӯса бар рикоби вай дод, шогирди вайро хуш наёмад... Ва аз Тирмиз ба Самарқанд омад ва он ҷо бирафт аз дунё пас аз арбаъин ва салосамиа (340/952).

**Абӯаббос Аҳмад ибни Яҳё аш-Шерозӣ.** Устоди Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф аст. Шайх гуфта, ки ман чунон мутаҳаққиқе дар ваҷд надидам, сукри тамом дошт. Чун ба саҳро рафтӣ бо шер бозӣ кардӣ. Ҷунайду Рӯям ва Суҳайл Абдуллоҳро дарёфта буд.

Шайх Абӯабдуллоҳ гуфт, ки дар киште бо Шайх Аҳмади Яҳё будам ва бо мо кӯдаке буд аз асҳоби вай, ки хобро ба хонаи худ боист рафт. Ба зимистон буду оташе азим барафрӯхта ва Аҳмад ибни Яҳё бар пой буд ва вақти вай хуш шуда буд дар самоъ. Баъзе асҳоб гуфтаанд:

— Қист, ки фалон кӯдакро ба хонаи вай расонад?

Ҳеҷ кас ҷавоб надод. Аҳмад ибни Яҳё ду ахгари бузург бар кафи худ гирифт ва остин ба он фурӯ гузошт ва кӯдакро гуфт:

— Бархез!

Ва вайро ба дари хонаи вай расонид ва рӯшноии он ахгарро аз болои ҷомаи вай медидем. Он кӯдак ба хонаи худ даромад. Вай ин ду ахгарро аз даст биян-



дохт... Баъд аз он ба масҷид даромад ва намоз мекард ва то ба он ки намози бомдод гуфтанд.

**Ахӣ Фараҷи Занҷонӣ.** Вай муриди Шайх Абӯаббоси Наҳовандӣ аст. Рӯзи чаҳоршанбеи ғурраи раҷаби санаи сабъ ва ҳамсин ва арбаъамиа (457/1065) аз дунё бирафта ва қабри вай дар Занҷон аст.

Мегӯянд, ки вайро гурбае будааст, ки ҳар гоҳ, ки ҷамъе меҳмонон ба хонақоҳи шайх таваҷҷӯҳ кардандӣ, он гурба ба адади ҳар як аз эшон бонге кардӣ. Ходими хонақоҳ ба ҳар бонге як косае об дар дег рехтӣ. Як рӯз адади меҳмонон бар адади бонги вай ба якто зиёдатӣ буд. Аҷаб карданд, он гурба ба миёни он ҷамоъа даромад ва як-як бӯй мекард ва бар яке аз онҳо бавл кард. Чун таҳаффус карданд, вай аз дин бегона буд.

Гӯянд, ки рӯзе ходими матбах қадре шир дар дег карда буд, ки барои асҳоб ширбиринҷ пазад. Море сиёҳ аз дудгузар дар дег афтод ва он гурба онро дид. Гирди дег мегашт ва бонг мекарду изтироб менамуд. Ходим чун аз он маънӣ ғофил буд вайро заҷр мекарду дур меандохт. Чун ходим ба ҳеҷ навъ мутанаббеҳ нагашт, гурба худро дар дег андохту бимурд. Чун ширбиринҷро бирехтанд море сиёҳ аз он ҷо зоҳир шуд. Шайх фармуд, ки он гурба худро фидои дарвешон кард, вайро дар қабр кунед ва зиёрат созед. Мегӯянд, ки ҳоло қабри вай зоҳир аст ва мардум зиёрат мекунад.

**Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Мансур ал-Ҳаллоҷ.** Шайхулислом гуфт, ки аз Абӯабдуллоҳи Боку шунидам, ки гуфт: — Аз Аҳмад, писари Ҳусайн Мансур шунидам ба Хуҷанд, ки пасин шаб падари худро гуфтам, ки маро васияте кун.

Гуфт:

— Нафси худро дар шуғле афкан, пеш аз он ки туро дар шуғле афканад!

Гуфтам:

— Эй падар, чизе бифармой!

Гуфт:

— Вақте ки ҳама олам дар хидмати ту кӯшанд, ту дар чизе кӯш, ки заррае аз он беҳу меҳ бувад аз амали сақалайн.[10]

Шайхулислом гуфт, ки сақалайн ҷинну инс бувад. Писар гуфт:

— Он чист?

Гуфт:

— Маърифат!

**Абӯмансури Говкулоҳ.** Шайхулислом гуфт, ки Шайх Абӯмансури Говкулоҳ ба Сарахс аз машоихи аҳли маломат буда. Вақте фориғ буд, ки ёрони вай ба сафар шуда буданд, вай дар ҳоите шуд аз они касе ва чоҳ фаро кандан гирифт. Ба об расонд. Чун тамом шуд, баромад ва паҳлӯи он дигаре меканд ва бори он дар чоҳи пешина мекард. Чун он тамом шуд, чоҳи дигар кандан гирифт. Яке вайро гуфт:

— Девона ва муздур наӣ, ин чаро мекунӣ?

Гуфт:

— Нафси худро дар шуғле мекунам, пеш аз он ки маро дар шуғле афканад ва машоих аз ин боб кардаанд...

**Абӯҷаъфари Фарғонӣ.** Номи вай Муҳаммад ибни Абдуллоҳ аст.

Шайхулислом гуфт, ки Абӯабдуллоҳи Боку гуфт, ки Абӯҷаъфари Фарғонӣ ходими Абӯусмони Ҳиярӣ аст. Рӯзе дар Нишопур дар рикоби вай мерафт. Борон омада буд ва гил бисёр буд. Бар дили Абӯҷаъфар гузашт, ки ӯ бар асп чӣ донад, ки ҳоли ман дар миёни ин гил чун аст. Соате гузашт. Абӯусмон аз асп фуруд омад ва вайро гуфт:

— Барнишин!

Гуфт:



— Эй шайх, зинҳор. Ин чӣ ҳол аст?

Ва бар худ мепечид, ки барнишинад.

Дигар бор гуфт:

— Барнишин!

Фоида накард, барнишаст. Абӯусмон ғошия бар гардан ниҳод ва дар пеши вай мерафт ва Абӯҷаъфар бар асп хиҷилу барҳамзада, охир фуруд омад. Шайх гуфт:

— Фарғонӣ, чун budӣ дар он ҷо?

Гуфт:

— Эй шайх, мапурс!

Шайх гуфт:

— Вақте ки ман бар асп будам, ту ғошия бар дӯш пеши ман мерафтӣ, ҳамчун ту будам, вақте ки ту бар асп будӣ ва ман пеши ту мерафтам.

Вайро ба он адаб кард.

**Абӯҷаъфари Сомонӣ.** Вай гуфта, ки вақте мерафтам ба кӯҳи Лубнон афтодам. Он ҷо қавме аз абдол[11] ёфтам. Бо эшон ҷавоне буд, ки хидмати эшон кардӣ. Шабонгоҳ дастаи гиёҳе бидаравидӣ ва барои эшон бипухтӣ. Се рӯз он ҷо будам. Рӯзи чаҳорум, бомдод, маро гуфтанд:

— Зиндагонии моро дидӣ? Бирав, ки ту бо мо зиндагонӣ натвонӣ кард!

Маро дуо карданд ва ман бирафтам. Баъд аз чанд гоҳ ба Бағдод афтодам. Он барҳоро дидам, ки даллолӣ мекард ва «ман язид»[12] мегуфт. Аҷиб бимондам ва дар вай менигаристам, ки ӯ бошад ё на. Вай ба ҷое овард ба як сӯ, бозшуд ва гуфт:

— Чӣ менигарӣ?

Гуфтам:

— Ба худой бар ту, ки он ҳастӣ, ки туро дидаам ба кӯҳи Лубнон?

Гуфт:

— Ҳастам!

Гуфтам:

— Ин ҷо чун афтодӣ ва ин чӣ кори туст?

Гуфт:

— Рӯзе моҳӣ бирён мекардам. Дар вақти қисмат бехтарро ба сӯи худ ниҳодам, бад-ин ҷое афтодам.

**Абӯҷаъфари Ҳаддод.** Шайхулислом гуфта, ки Абӯҷаъфари Ҳаддод дуанд: яке сағир ва дигаре кабир. Кабир бағдодӣ аст ва ақрони Ҷунайду Рӯям буда ва Абӯҷаъфар ибни Бакар ал-Ҳаддод ас-Сағир мисрӣ аст ва аз асҳоби Абӯҷаъфари Қабир асту бо Ибни Ато нишаставу шогирдӣ карда. Ва Абӯтуроби Нахшабиро дида ва бо ӯ сӯҳбат дошта.

Шайхулислом гуфт, ки Абӯҷаъфари Ҳаддод ба Миср буд. Ҳафдаҳ сол оҳангарӣ мекард ҳар рӯз ба динореву даҳ дирам ва аз он ҳеҷ барои худ ба кор набурдӣ. Ба дарвешон нафақа кардӣ ва шабонгоҳ ба дари сарои Ҷунайд шудӣ ва нонпораи чанде бистудиву бихӯрдӣ ва ба масҷид шудиву бихуфтӣ ва аз ҳеҷ пир суол накардӣ ва напурсидӣ, менигаристиву наззора мекардӣ то чи рафтӣ...

**Абулҳусайн ал-Варроқ.** Номи вай Муҳаммад ибни Саъд аст. Аз кибори машоихи Нишопур ва қудамои эшон аст. Аз асҳоби Абӯусмони Ҳиярӣ, олим будааст ба илми зоҳир ва сухангӯй дар дақоиқи улум...

Вай гуфта, ки карам дар авф он аст, ки ёд накунӣ ҷинояти ёри худро пас аз он ки авф кардӣ.

Ва ҳам вай гуфта, ки... айш гуворандаи зиндагонӣ аст.

**Абулҳусайни Дурроҷ.** Бағдодист. Ходими Иброҳими Хаввос аст. Дар самоъ бирафта дар санаи ишрин ва салосамиа (320/932).

Бо Шайх Абӯамри Димишқӣ ва Абӯимрон Музайни Розӣ сӯҳбат дошта.

Шайхулислом гуфт, ки Абулҳусайни Дурроҷ аз Бағдод Барӣ омад ба зиёрати Юсуф ибн ал-Ҳусайн. Юсуф вайро гуфт:

— Барои чӣ омадӣ?

Гуфт:

— Аз барои дидор ва зиёрати ту!

Гуфт:

— Агар дар роҳ касе туро сарое ороставу канизаке некӯ додӣ, он туро аз зиёрати ман монеъ омадӣ?

Гуфт:

— Агар будӣ, намедонам! Аллоҳи таъоло худ маро ба он наёзмуд.

Шайхулислом гуфт, ки ҷавобе сахт некӯ боздод ӯро, худ аз вай ин намебоист пурсид.

**Абулҳусайни Ҳошимӣ.** Вай гуфта, ки аз Ҷунайд пурсиданд, ки дил кай хуш бувад.

Гуфт:

— Он вақт, ки ӯ дар дил бувад.

Шайхулислом гуфт, ки ӯ сухан бо ҷавонмардон мегуфт. Дар дил ёди ӯ буд ва меҳри ӯ буд ва сӯҳбати ӯ буд ва гуфт:

— Дил кай хуш бувад, ки ӯ нозир бувад, кай хуш бувад, ки ӯ ҳозир бувад.

**Абулҳусайни Салой.** Шайхулислом гуфт, ки вай марде бузург буда ва соҳиби таърих аст...

**Абулҳусайни Моликӣ.** Номи вай Аҳмад ибни Саид ал-Моликӣ аст. Бағдодист. Фасеҳ буда. Бо Ҷунайд ва Нурӣ сӯҳбат дошта. Ба Тарсус буда ва он ҷо бирафта аз дунё.

**Абӯбакр ибни Тоҳир ал-Абҳарӣ.** Номи вай Абдуллоҳ ибни Тоҳир ал-Ҳорис ат-Тойӣ аст. Аз кибори машоихи Ҷабал аст. Аз ақрони Шиблӣ буда, олим буда ва бовараъ. Бо Юсуф ибн ал-Ҳусайн сӯҳбат дошта. Рафиқи Музаффари Қирмоншоҳӣ буда.

Шайх Муҳаллаби Мисрӣ гӯяд..., ки бо ҳеҷ кас сӯҳ-

бат надоштам аз машоих, ки маро сӯҳбати вай он нафъ карда бошад, ки сӯҳбати Шайх Абӯбакр ибни Тоҳир. Дар санаи салосин ва салосамиа (330/942) бирафта аз дунё.

Рӯзе Абӯбакр ибни Тоҳир ба дуккони баззозе гузашт. Писари баззоз дӯсти вай буд. Чун Шайхро дид аз дуккон бархост ва бар паи вай бирафт. Баззоз омад, писарро надид. Дар хашм шуду бар асари писар бирафт. Вайро дарёфту лахте бупечид ва аз паси Шайх Абӯбакр вайро боз ба дуккон бурд. Шайх Абӯбакр аз он ҳамаи шаб ранҷа буд. Дигар рӯз ба дари сарои он баззоз бирафт ва канизаке дошт, бо худ бибурд. Вайро берун талабид ва гуфт:

— Дӯш ҳама шаб ранҷа будам ва аз моли дунё ин канизак дорам. Агар бипазирӣ, ба кафорати он ранҷ ба ту додам ва агар напазирӣ, озод кардам.

Он мард дар пои вай афтоду гуфт:

— Эй шайх, ман ҷурм кардаам, ту узр мехоҳӣ?

Гуфт:

— Рост аст, ки ту ҷурм кардаӣ, аммо маро мезананд.

Пурсиданд аз вай, ки ҳақиқат чист?

Гуфт:

— Ҳамаи он илм аст!

Ва пурсиданд, ки илм чист?

Гуфт:

— Ҳамаи он ҳақиқат аст!

**Абӯбакри Суғдӣ.** Аз Суғди Самарқанд аст, аз ин тоифа. Шогирди Абӯбакри Варроқ. Вай гуфта:

— Абӯбакри Варроқ марде карим буд худойро. Ба музд кор накардӣ, ки ба таъзим кардӣ.

**Ҳошим Саъдӣ.** Вай низ аз Суғди Самарқанд аст. Шогирди Абӯбакри Варроқ. То рӯзи вафоти вай бо вай мебуд.



Вай гуфта, ки Абӯбакри Варроқ гуфт, ки сухани афзуне дилро сахт кунад.

Шайхулислом гуфт, ки пеш аз ӯ гуфтаанд, ки хоби фаровону хӯрдани фаровон ва гуфти фаровон дилро сахт кунад.

Ва Абӯбакри Варроқ гуфта, ки он гуфти фаровон дар хайру шар аст.

Яке аз ин тоифа гуфтааст, ки бо Абӯбакри Варроқ дар роҳ мерафтам. Бар як сӯи ридои вай ҳарфи «ҳо» дидам навишта ва ба дигар сӯй «мим». Пурсидам, ки ин чист?

Гуфт:

— Онро навиштаам то ҳар гоҳ «ҳо» бинам ихлосам ёд ояд ва ҳар гоҳ «мим» бинам мурувватам ёд ояд.

Шайхулислом гуфт:

— Ихлос он буд, ки дар муомилат бо ӯ касе дигар набинӣ ва бо халқ мурувват барои он бувад, ки то ногувор набошӣ...

**Абӯбакр ас-Сӯсӣ.** Номи вай Муҳаммад ибни Иброҳим ас-Сӯсӣ ас-Сӯфӣ аст. Ба Шом буда, ба шаҳри Рамла. Шайх Аму ва Аҳмади Кӯфонӣ вайро дида буданд. Тувуффӣ би-Димишқ фӣ зилҳиҷҷа санати ситт ва самонин ва салосамиа (386/996). Шайхулислом гуфт, ки вай шабе гуфт, ки моро касе бояд, ки чизе бархонад. Лахте ҷустанд, наёфтанд ва Шайх Абӯбакр ҳамчунон талаб мекард. Азбаски вай бигуфт, яке гуфт:

— Эй шайх, кас намеёбам, аммо дар ин наздикӣ барноест мутриб, агар бояд, то биёрам.

Он кас ба тибат гуфт:

— Бояд бираведу биёред!

Рафтанду вайро оварданд. Чизе хӯрда буд, вайро биншониданд ва вай бихонд.

Қоре бархост, ки аз некӯӣ ва хушӣ вақти ҳама кас

хуш гашт ва шайх даршӯрид. Чун форир шуданд аз самоъ, мутрибро қазв афтоду бар саҷҷодаи шайх қай кард. Шайх гуфт:

— Ҳеҷ нагӯед, ҳамчунонаш ба саҷҷода дарпечеду пароканда шавед ва ҷое дигар хоб кунед.

Чун рӯз равшан шуд, мутриб ба ҳуш омад, худро дар саҷҷода дид печида ва дар суфае қандил овехта. Мутаҳайир бимонд. Бонг баровард, ки аз баҳри худой, ин чи ҳолат асту ман ин ҷо чун афтодам. Яке фароз омаду вайро аз ҳоли вай хабар кард, ки чи буду чи рафт. Вай пирояи худ бишкасту тавба кард ва ҷома дариду мураққаъ дарпӯшид ва аз ҷумлаи асҳоби шайх шуд. Ва чун шайх аз дунё бирафт, ба пирии хонақоҳ биншонданд аз рӯзгори некӯ ва муомилати некӯ, ки варзида буд.

Шайхулислом гуфт, ки номи вай Муҳаммад Табаронӣ буд ва ман писари вайро дида будам, ки ба Ҳарӣ омад ба хонақоҳи Шайх Аму, ҷавоне буд сахт зариф. Муҳаммад Табаронӣ пир шуда буд. Машоих ба вай меомаданд, ки моро он байтҳо бихону он қисса бозгӯй. Шайх Аму бо Аҳмади Кӯфонӣ мегуфт:

— Он байтҳо батамом ёд надорӣ?

Гуфт:

— На, ин ним байт беш ёд надорам.

Шайхулислом гуфт:

— Пас аз он касе ин байтҳо ба ман овард тамом ва ман худ низ дар китобе ёфтаам онро.

**Абӯбакри Муфид.** Номи вай Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Иброҳим аст ва бузург буда, аз шаҳри Ҷарҷаробод аст. Ҷунайдро ва Юсуф ибн ал-Ҳусайнро дида буд ва бо Абӯусмони Ҳиярӣ суҳбат дошта буд ва дар санаи арбаъ ва ситин ва салосамиа (364/975) бирафта аз дунё.

Умри вай дароз бикашид. Некӯадаб буд ва шариф-



ҳиммат ва мустақималҳол. Шайх Аму вайро дида буд.

Вайро китобе аст ва дар он ҷо оварда, ки Абӯсаиди Харрозро ба дари марг пурсиданд, ки чӣ орзу дорӣ? Гуфт:

— Ҳасрат дорам бар ғафлат...

**Абӯбакри Қасрӣ.** Аз Қасри Ҳубайра[13] буд, валекин ба Шероз нишастӣ. Бузург буда ва муҳаққиқ ва аҳли ғайбро дидӣ.

Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф гӯяд, ки рӯзе Шайх Абӯбакри Қасрӣ маро гуфт: — Хез то ба саҳро равем! Мерафтам, қавме дидам, ки бар боми бозор нард мебохтанд. Шайх Абӯбакр рафт ва бо эшон биншасту даст дар бозӣ кард ва аз хиҷолат об аз ман мерафт, ки ӯ мекунад, ки мардумон мебинанд. Охир фуруд омаду рафтем. Дидам, ки тане чанд шатранҷ мебохтанд. Ба сӯи эшон рафту натъи эшон баргирифту бидарид ва чӯбҳо бияфканд. Ду тан аз эшон корд баркашиданд. Қасрӣ гуфт:

— Корд маро диҳед, то бихӯрам.

Эшон шиква доштанд. Баргузоштам ва ман бо вай дар хусумат, ки ба он фарохрӯӣ он ҷо ва ин эҳтисоби зишт ин ҷо чӣ буд?! Вай ба ҷой оварду гуфт:

— Он вақт ба назари ладуннӣ[14] менигаристам, фарқ надидам ва акнун ба назари илмӣ менигаристам, ҳукм бидидам.

**Абӯбакри Ҳамадонӣ.** Шайхулислом гуфт, ки Хусайн Фақир гуфт, ки Абӯбакри Ҳамадонӣ гуфт, ки дарвешӣ се чиз аст: тарк-ут-тамаъ в-ал-манъу в-аҷ-ҷамъу. Тамаъ ба чизи касе накунӣ ва агар чизе ба сари ту ояд, манъ накунӣ ва чун бистонӣ, ҷамъ накунӣ.

**Абӯалӣ ар-Рӯдборӣ.** Номи вай Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Қосим... аст, нисбати вай ба Қасрӣ мерасад.

Рӯзе Ҷунайд дар масҷиди Ҷомеъ сухан мегуфт, гу-

зари вай бар маҷлиси Ҷунайд афтод ва Ҷунайд бо марде сухан мегуфт. Ба он мард гуфт:

— Исмаъ ё ҳазо![15]

Абӯалӣ пиндошт, ки вайро мегӯяд. Бистод ва гӯш ба вай дошт. Каломи Ҷунайд дар дили вай ҷой гирифт ва асари тамом кард. Ҳар чи дар он буд, тарк кард ва бар тариқати қавм иқбол намуда.

Ҳофизи ҳадис буда ва олим ва фақеҳ ва адиб ва имому сайиди қавм, холи Абӯабдуллоҳи Рӯдборӣ аст...

Абӯалии Рӯдборӣ дар Бағдод бо Ҷунайд ва Нурӣ ва Абӯҳамза ва Масуҳӣ ва бо онон, ки дар табақаи эшон буданд... сӯҳбат дошта ва дар Шом бо Абӯабдуллоҳ аҷҷило. Вай аз Бағдод аст, аммо ба Миср муқим гашта ва шайхи мисриёну сӯфиёни эшон буда ва аз шуарои сӯфиён аст.

**Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-маъруф ба ал-Муртаиш.** Кунияти вай Абӯмуҳаммади Нишопурӣ аст, аз маҳаллаи Хайра ба Бағдод буда. Ягонаи машоихи Ироқ аст ва аз аиммаи эшон. Аз асҳоби Абӯҳафзи Ҳаддод аст ва Ҷунайдро дида буд.

Гуфтаанд:

— Аҷоиби Бағдод се аст: заъқаи Шиблӣ ва нуктаи Муртаиш ва ҳикояти Хулдӣ.

Ва Муртаиш дар Бағдод буда, дар масҷиди Шунайзия ва он ҷо бирафта дар санаи самон ва ишрин ва салосамиа ва дар қавле салос ва ишрин (328/323—940/935).

Абӯҳафз вайро ба саёҳат фармуда буд. Ҳар сол ҳазор фарсах сафар мекард пойбараҳна, ба ҳеҷ шаҳре беш аз ду рӯз набудӣ ва гоҳ будӣ, ки се рӯз будӣ.

Иброҳим ибни Мавлид гӯяд, ки Муртаиш Барраҳа омад. Иброҳими Қассор ба вай табақе нону ангур фиристод. Муртаишро пӯстине буд ва майзаре. Майзарро



изор сохт ва пӯстинро бифрӯхт ва ба самани он нону ангур харид ва бо Иброҳими Қассор фиристод...

Муртаиш гуфта, ки ҳаргиз хештанро ба ботини хос надидам, то худро ба зоҳири ом надидам...

Ва ҳам вай гуфта, ки аввали кор ман он будам, ки ман деҳқонписаре будам дар Нишопур бар дари хонаи худ нишаста. Ногоҳ ҷавоне омад мураққае дар бар ва кулоҳи кӯҳна бар сар ва ба сӯи ман ишорат кард ва ба ваҷҳе латиф чизе хост. Бо худ гуфтам:

— Ҷавоне тандуруст, аз ин шарм намедорад, ки суол мекунад.

Ва вайро ҳеҷ ҷавоб надодам.

Бонге бар ман зад, ки аз он бисёр битарсидам... Ман бехуд шудам ва бар вай дарафтодам. Ходиме аз хона берун омада буд ва сари ман дар канори худ ниҳода ва мардуми бисёр гирди ман даромада. Чун баъд аз муддате бо худ омадам, он ҷавон рафта буд. Ҳасрати бисёр хӯрдам ва аз он чи карда будам, пушаймон шудам. Чун шаб расид, бағоят ғамгин дар хоб шудам. Ҳазрати Амиралмӯъмининро дар хоб дидам ва он ҷавон бо вай. Ҳазрати Амир ба ман ишорат кард ва сарзаниш мекард... Аз хоб даромадам ва ҳар чи доштам, тафриқа кардам ва рӯй ба сафар овардам. Баъд аз понздаҳ сол шунидам, ки падар мурдааст. Ба Нишопур бозгаштам ва аз худои таъоло дархостам, ки маро халосӣ диҳад аз меросе, ки ба ман расида буд. Худои таъоло иноят кард ва аз он халос шудам. Ва ҳамеша чашми он ҷавонро бар худ мебинам ва ҳаргиз аз шармандагии вай холӣ нашудаам ва нахоҳам шуд, то ба он вақт, ки ба худои таъоло бирасам.

**Абӯхайр ат-Тайнотӣ.** Номи вай Ҳаммод аст. Ғуломе буда ба Тайнот, ки деҳест ба даҳфарсангии Миср ва гӯянд, ки Тайнот аз Масиса аст, аз вилояти Мағриб. Занбел бофтӣ. Кас надонад, ки чун мебофт ва вайро бе

ду даст дидаанд. Чун касе набудӣ, бо шер муонасат дошт...

Шайхулислом гуфт:

— Ман сездаҳ Абӯхайр шиносам аз ин тоифа. Ҳама маволӣ буданд сайидони ҷаҳон ва чандеро ном бурд: Абӯхайри Тайнотӣ ва Абӯхайри Асқалонӣ ва Абӯхайри Ҳимсӣ ва Абӯхайри Моликӣ ва Абӯхайри Ҳабашӣ. Ва Абӯхайри Ҳабашӣ пасин Абӯхайр аст.

**Абӯхайри Ҳабашӣ.** Шайх Аму ва Шайх Аббос ба дидори вай фахр мекарданд. Вай ба Макка муҷовир буда.

Вакте шахсе дар масҷиди Ҳиром омад ва гуфт:

— Куҷоянд онон, ки ҷавонмардон мегӯянд эшонро? Пас ишорат ба сӯфиён кард ва бар сабили ҳақорат гуфт:

— Ҷавонмардон инонанд!

Соате гузашт, Шайх Абӯхайри Ҳабашӣ меомад, бо ҳайбату хашми тамом. Зардӣ ба рӯи вай падид омада, он суханро, ки он шахс гуфта буд, дониста буд. Пас гуфт:

— Кист он ки мегӯяд: «Куҷоянд ҷавонмардон, ҷавонмарде бояд то ҷавонмард бинад?»

Ва гӯянд, ки вай ҳамон аст, ки қабри вай дар Абарқуҳ аст ва номи вай Иқбол буд ва лақаби вай Товусалҳарамайн ва куняти вай Абӯхайр. Ғуломе буд ҳабашӣ мар баъзе хоҷагони Ҷурҷонро... Ҳамвора хоҷаи вай мегуфт:

— Аз ман чизе бихоҳ. Ва вай ҳеҷ намехост.

Рӯзе бар вай илҳоҳи бисёр кард, гуфт:

— Агар мехоҳӣ, маро... озод кун!

Хоҷа гуфт:

— Ман чандин сол аст, ки туро озод кардаам...

**Абӯзайди Марғазии Хуросонӣ.** Шайхулислом гуфт, ки Хоҷа Абӯзайди Марғазӣ фақеҳи Хуросон буд, ба



ҳаҷ мешуд. Ба Қирмоншоҳ расид, Иброҳими Шайбонро он ҷо дарёфт. Он сол ҳаҷро бигзошт ва сӯҳбати вайро лозим гирифт ва имoрати дили худро ва пас аз он се ҳаҷ кард. Чун Хоҷа Абӯзайд аз дунё бирафт, он рӯз бороне азим буд. Берун натавонистанд бурд. Дар хона дафн карданд [вайро] ба орият, ки боз берун баранд. Чун хостанд, ки берун баранд, дар гӯр набуд.

Шайхулислом гуфт, ки он вилоят на аз фиқҳ ёфта буд, ки аз он пиру сӯҳбати вай ёфта буд.

**Музаффари Қирмоншоҳӣ.** Аз кибори машоихи Ҷабал аст ва аз фуқарои содиқ. Бо Абдуллоҳи Ҳарроз сӯҳбат дошта буд ва бо бузургтар аз вай низ. Дар тариқаи худ ягонаи машоих буд. Устоди Аббоси шоир аст...

**Абуладён.** Қунияти вай Абулҳасан аст ва номи вай Алӣ. Вайро аз он Абуладён гуфтанд, ки дар ҳама динҳо мунозира кардӣ ва мухолифонро бишкастӣ. Вай басрӣ аст. Дар айёми Ҷунайд буда ва бо Абӯсаиди Харроз сӯҳбат дошта. Олим буда ва соҳиби «Лисон». Вайро ғуломе буд, Аҳмад ном. Вай гуфта, ки рӯзе миёни Абуладён ва миёни маҷусе сухане мегузашт. Абуладён гуфт, ки оташ ба изни худои таъоло кор мекунад ва маҷусӣ гуфт:

— На чунин аст, ки ба табъи худ кор мекунад. Ва агар чунончи бинамоӣ, ки оташ ба фармони худои таъоло кор мекунад, ба дини ту дароям.

Иттифоқ бар он карданд, ки оташе барафрӯзанду Абуладён дар миёни ҳезум равад. Ҳезуми бисёр ҷамъ карданду оташи азим барафрӯхтанд ва мардуми бисёр ҳозир омаданд. Чун ҳезум тамом бисӯхт, ахгарҳоро ба рӯи замин паҳн карданд. Абуладён саҷҷода андохта буд ва намоз мекард. Чун салом боздод, бархост ва бар болои ахгарҳо бирафт. Чун ба охир расид, рӯй ба маҷусӣ карду гуфт:

— Ин кифоят аст ё навбати дигар дароям?

Чун ин сухан бигуфт, рӯй дар ҳам кашид, маҷусӣ мусулмон шуд.

Аҳмад гӯяд:

— Чун шаб даромад, пои вайро мемолидам, дар зери ангушти пои вай обилае дидам, миқдори себе.

Гуфтам:

— Шайхо, ин чист?

Гуфт:

— Чун бар оташ мерафтам, ғоиб будам, чун бар охири оташ расидам, ҳозир гаштам ва он сухан бигуфтам. Ва агар ин ҳузур дар миёни оташ будӣ, бисӯхтаме...

**Абӯсаид ал-Аъробӣ.** Номи вай Аҳмад ибни Муҳаммад аст. Басриуласл аст. Ба Макка сокин шуда буд, олим буда ва фақеҳ. Вайро барои ин тоифа таснифҳои бисёр аст. Бо Ҷунайд сӯҳбат дошта...

Дар вақти худ шайхи ҳарам буд.

Дар санаи арбаин ав иҳдо ва арбаин ва салосамиа (340/341—952/953) бирафта аз дунё.

**Абӯумар аз-Заҷҷоҷӣ.** Номи вай Муҳаммад ибни Иброҳим аст ва гуфтаанд, [ки] номи вай Иброҳим аст. Нишопуриуласл аст. Сӯҳбат дошта бо Абӯусмони Ҳиярӣ ва Ҷунайд ва Рӯям ба Хаввос.

Гӯянд, ки чиҳил сол дар Макка муҷовир буда ва дар ҳарам бавл накарда ва хӯе наяндохта таъзими ҳарамро ва наздик ба шаст ҳаҷ гузорида буд.

Абӯамри Наҷид гӯяд, ки ба Макка будам ва машоихи вақт чун Қатонӣ ва Абулхусайни Қабиру Сағир ва ғайри эшон аз машоих ҳалқа мезаданд ва садри ҳама Абӯумари Заҷҷоҷӣ буд ва чун сухан рафтӣ, вай ҳукм кардӣ ва ба вай ҳаволат кардандӣ. Пайваста гуфтӣ, ки ман сӣ сол халои Ҷунайд ба дасти худ пок кардаам ва ба он фахр мекард.



Дар санаи самон ва арбаин ва салосамиа (348/960) рафта аз дунё...

Вай гуфта, ки модари ман бимурд ва аз вай панҷоҳ динор мерос ба ман расид. Ба сидқи ҳаҷ берун омадам. Чун ба Бобул расидам, маро шахсе пеш омад ва гуфт:

— Бо худ чӣ дорӣ?

Бо худ гуфтам: «— Ҳеҷ аз ростӣ беҳтар нест».

Гуфтам:

— Панҷоҳ динор!

Гуфт:

— Ба ман деҳ.

Ҳамёнро ба вай додам. Онро бишумурд, ҳамчунон ёфт, ки гуфта будам.

Гуфт:

— Бистон, ки ростии ту маро бигрифтӣ.

Пас аз маркаби худ фуруд омад, ки савор шав.

Гуфтам:

— Намехоҳам.

Гуфт:

— Чора нест.

Ва илҳоҳи бисёр кард. Савор шудам.

Гуфт:

— Ман ҳам бар асари ту мерасам.

Соли оянда ба ман расид дар Макка ва бо ман мебуд то аз дунё бирафт.

Гӯянд, ки дар мавсими ҳаҷ аҷамие[16] пеши вай омад, ки бароти ман бидеҳ, ки ҳаҷ гузоридам ва ёрони ту маро ба ту нишон доданд, ки бароти ҳаҷ аз ту бистонам. Шайх саломати сидқ ва соддагии вайро дид, донист, ки ёрон бо вай мазоҳ кардаанд. Ба мулзам ишорат кард ва гуфт:

— Он ҷо рав ва бигӯй, «ё раб»...

**Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Насир.** Кунияти вай

Абӯмуҳаммад аст. Бағдодӣ аст ва хулди маҳаллатӣ аст, аз Бағдод. Ва вай ҳасирбоф буд. Шогирди Ҷунайд ва Иброҳими Хаввос аст ва бо Нурӣ ва Рӯям ва Самнун ва Ҷарирӣ сӯҳбат дошта буд ва бо ғайри эшон аз машоихи вакт. Ва олим буда ба улуми ин тоифа ва соҳиби ҷамъе кутубу таворих ва ҳикоёту сайри машоих буда.

Вай гуфта, ки дувист девон дорам аз они машоих ва ду ҳазор пир шиносам аз ин тоифа.

Вай гуфта, ки аҷоиби Ироқ се чиз аст: шатҳи Шиблӣ ва нуктаи Муртаиш ва ҳикоёти ман.

Вай пири Шайх Абулаббоси Наҳовандӣ аст. Ба Бағдод бирафта дар санаи самон ва арбаин ва салосамиа (348/960) ва қабри вай ба Шунайзия аст, наздики қабри Сарии Сақатӣ ва Ҷунайд.

Шайхулислом гуфт, ки ман як танро дидаам, ки вайро дида буд ва аз вай ҳадис дошт. Қозӣ Абӯмансури Ҳаравӣ вайро ба Бағдод дида буд...

**Бундор ибн ал-Ҳусайн ибни Муҳаммад аш-Шерозӣ.** Қунияти вай Абӯҳасан аст. Аз аҳли Шероз аст. Борҷон буда ва турбаташ он ҷо аст ва олим буда ба усул[17] ва вайро дар улуми ҳақоиқ забоне аст некӯ. Шогирди Шиблӣ аст ва бо Ҷаъфари Ҳаддод сӯҳбат дошта ва Шиблӣ қадри вай бузург медошт. Устоди Абӯабдуллоҳи Хафиф аст ва миёни эшон муфовазоти [бисёр] аст дар масоили бисёр. Дар санаи салос ва хамсин ва салосамиа (353/964) бирафта аз дунё. Дар он сол, ки Шайх Абӯалии Қотиб бирафта аз дунё ва Шайх Абӯзироаи Табарӣ вайро ғусл карда.

Вай гуфта: — «На аз адаб аст, ки аз ёри худ пурсӣ, ки аз куҷо мерасӣ ва дар чӣ корӣ».

Аз вай пурсиданд, ки тасаввуф чист?

Гуфт:

— Вафое ба аҳд!..



Вакте айёре ба сӯфие гуфт, ки фарқ миёни мову шумо он аст, ки ҳар чи мо бигӯем, бикунем ва шумо ҳар чи бар дил гузарад, бикунед...

**Абӯамр ибни Наҷид.** Номи вай Исмоил ибни Наҷид ибни Аҳмад ас-Суламӣ аст. Ҷадди Шайх Абӯабдураҳмон ас-Суламӣ аз ҷониби модар. Вай аз кибори асҳоби Абӯусмони Ҳиярӣ аст ва охирин касе аз эшон, ки бирафта аз дунё ӯст. Тувуффӣ саната ситт ав хамс ва ситтин ва салосамиа (365/366—976/977).

Ҷунайдро дида буд ва аз кибори машоихи вақти худ буд. Вайро тариқе хос буд аз талбиси ҳол ва нигоҳдошти вақт ва ҳадиси фаровон дошту сиқа буд.

Рӯзе Абӯусмон аз барои харҷи баъзе аз сиғари мусулмонон чизе талабид. Ҳеҷ кас чизе надод. Абӯусмон тангдил шуд, чунон ки дар маҷлис бигирист. Чун шаб даромад, Абӯамр баъд аз намози хуфтан киссае ду ҳазор дирам дар он ҷо пеши Абӯусмон овард ва гуфт:

— Ин ваҷҳро дар он чи мехостед, сарф кунед!

Абӯусмон хуррам шуд ва вайро дуое хайр кард.

Чун бомдод шуд, Абӯусмон ба маҷлис биншаст, гуфт:

— Эй мардумон, мо бо Абӯамр бисёр умедвор шудем, ки дӯшина ду ҳазор дирам ба ҷиҳати сиғари мусулмонон овард.

Абӯамр аз миёни мардум бархост ва бар сарчамъ гуфт:

— Он аз моли модари ман буд, вай ба он розӣ нест. Онро ба ман боздиҳед, то ба вай боздиҳам.

Абӯусмон бифармуд, то он киссаро оварданд ва ба вай доданд. Чун шаб даромад, боз онро пеши Абӯусмон бурд ва гуфт:

— Чи шавад, ки ин ваҷҳро чунон сарф кунед, ки ғайри мо касе надонад.

Абӯусмон бигирист ва вайро таҳсин карда ва фармуд чунин кунам...

**Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абӯраҳмон ар-Розӣ аш-Шаъронӣ.** ...Қунияти вай Абӯмуҳаммад аст. Ба асл аз Рай буда ва ба Нишопур бузург шуда. Бо Ҷунайд ва бо Абӯусмону Муҳаммад ибн ал-Фазл ва Рӯяму Самнун ва Абӯалии Ҷурҷониву Муҳаммад Ҳомид ва ғайри эшон аз машоихи қавм сӯҳбат дошта ва аз кибори асҳоби Абӯусмон буд ва Абӯусмон вайро бузург медошт. Вайро риёзоти аҷиб аст. Олим буда ба улуми ин тоифа ва ҳадис доштаву сиқа буд. Дар санаи салос ва хамсин ва салосамиа (353/964) бирафта аз дунё.

...Вай гуфта, ки шикоят ва тангдилӣ аз андакии маърифат зояд.

**Абулқосими Насрободӣ.** Номи вай Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Маҳмуя аст. Мавлид ва мақоми вай Нишопур будааст.

Шайхи аҳли ишорат ва ҳақоиқу лисони тасаввуф буд. Дар замони худ олим буда ба анвои улум аз ҳифзи сунан ва илми таворихи мухтасар. Ба улуми ҳақоиқ шогирди Иброҳими Шайбон аст. Шиблӣ ва Воситиро дида буд ва бо Абӯалии Рӯдборӣ ва Муртаиш ва Абӯбакр Тоҳири Абҳарӣ ва ғайри эшон сӯҳбат дошта.

Охири умр ба Макка рафт. Абӯусмони Мағрибӣ пазираи вай омад ва ба тибат ба ӯ гуфт, ки Макка чӣ ҷои туст?!

Вай гуфт:

— Балки Макка чи ҷои туст, ҷои ман аст!

Басе барнаёмад, ки сабабе афтод, ки Абӯусмон ба Нишопур омад ва он ҷо бирафт ва Насрободӣ ба Макка муҷовир шуда, ҳамон ҷо бирафт дар санаи иснайн ва сабъин ва салосамиа (372/982).

**Абӯбакри Фолизбон.** Аз Бухорост. Бузург буда. Ҷунайдро дида буд ва умри вай дароз кашид. Шайхулисло гуфт, ки Шайх Аму бо ман гуфт, ки дар санаи сабъин ва салосамиа (370/981) ба Бухоро шудам, ба зиёрати Шайх Абӯбакри Фолизбон. Вайро талаб кардам. Хонае буд, як дар дошт. Вай дар он ҷо буд. Пеши вай даромадам ва салом кардам. Маро бинишонд ва сурфае овард, нон буд ва ҷазву намак. Ман гурусна будам, даст дароз кардам ва мехӯрдам. Дар миёни хӯрдан ба вай нигоҳ кардам. Вай мегирист. Ман даст бозкашидам. Маро гуфт:



— Бихӯр, ки ман аз шодӣ мегирям.

Абулқосими Ҷунайд маро гуфт, зуд-зудӣ бувад, ки ин суханон чунон шавад, ки дар кӯе ду ҳуҷра бувад, дар яке аз он ду ҳуҷра аз ин суханон бувад ва дар они дигар набувад. Он касро киро накунад, ки аз он ҳуҷра ба ин ҳуҷра ояд ва аз ин суханон шунавад ва акнун, ки аз Ҳирот касе ба Бухоро меояд ба талаби ин кор, ҳанӯз ин кори нек аст.

**Абӯабдуллоҳ ибни Хафиф аш-Шерозӣ.** Номи вай Муҳаммад ибни Хафиф ибни Исфикшоро аст. Ба Шероз буда ва модари вай аз Нишопур аст. Дар вақти худ шайхулмашоих[18] буд, вайро шайхулислом мехонданд. Шогирди Шайх Абӯтолиби Хазраҷи Бағдодист. Рӯямро дида буд ва бо Қаттонӣ ва Юсуф ибн ал-Ҳусайн ар-Розӣ ва Абулҳусайн ал-Моликӣ ва Абулҳусайн ад-Дурроҷ сӯҳбат дошта ва бо Тоҳири Муқаддасӣ ва Абӯамри Димишқӣ ва ғайри эшон низ. Аз дидори машоих марзуқ буда, олим буда ба улуми зоҳиру улуми ҳақоиқ.

Шайхулислом гуфт:

— Ҳеҷ касро дар ин илм чандон тасниф нест, ки вайро. Эътиқоди поку сирати некӯ дошта ва шофеъимазҳаб[19] буда, дар санаи иҳдо ва салосин ва салосамиа (331/942) бирафта аз дунё.

...Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф гуфтааст, ки навҷа-

воне аз Хуросон ҳамроҳи ҳоҷиён ба Шероз омад ва бемор шуд, беморе сахт ва пеши мо марде буд солеҳ ва зане дошт солеҳа. Он ҷавонро ба хонаи вай фиристодем, то хидмат ва риояти вай кунанд. Ногоҳ рӯзе он мард омад, ранги вай мутағайир шуда ва гуфт, ки он ҷавон даргузашт.

Гуфтам:

— Ранги рӯи ту мутағайир чарост?

Гуфт:

— Дӯшина он ҷавон моро гуфт: «Имшаб ҳозири ман бошед, ки имшабе беш надорам!» Аҷузаи худро гуфтам:

— Аввали шаб ту воқифи вай бош ва баъд аз он маро бедор кун ва ту дар хоб шав!

Чун он аҷуза маро бедор кард, ман то саҳар риояти ҳоли вай мекардам ва маро хоб даррабуд. Ногоҳ касе овоз дод, ки дар хоб мешавӣ ва худои таъоло дар сарои ту нузул кардааст. Аз хоб даромадам бар худ ларзон... Он ҷавон дар нафаси охир, чашми вайро пӯшонидам ва дасту пои вайро дароз кардам ва ҷон бидод. Он мардро гуфтам:

— Ин суханро ба кас магӯй.

Ва ба таҷҳизу такфини[20] вай машғул шудем.

**Абӯбакр аш-Шаъронӣ.** Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф гуфтааст: ...Рӯзе қасди зиёрати вай кардам дар Истахр ва шаб бар вай даромадам.

Гуфт:

— Биё, Абдуллоҳ, ба баракати сӯҳбати ту таъоме чарб хоҳам хӯрд.

Пас бархост ва деге сафолин дошт бар бор ниҳод. Порае гӯшти қадиди хушк дошт дар дег андохт ва об дар вай рехт ва андаке намак дар он ҷо афканд ва дегро бар чӯш овард ва бо вай дар он работ дигаре мебуд. Вайро гуфт:



— Ҳеҷ нонпорае чанд дорӣ?

Гуфт:

— Оре.

Ва чанд порае нон овард, онро тарид кард ва аз шӯрбои он деґ бар он ҷо рехт ва гӯштро ба рӯи он ниҳод ва гуфт:

— Бихӯр.

Ман аз он тарид мехӯрдам ва вай мегуфт:

— Гӯшт бихӯр.

Порае аз он гӯшт гирифт, то маро луқмае диҳад.

Гуфтам:

— Намехоҳам.

Гуфт:

— Шояд ту фалон ва фалон таъом хоҳӣ, он фардо хоҳад буд. Ба шаҳр дароем ва ҳамаи онҳоро барои ту бигирам.

Чун бомдод кардам, ба шаҳр даромадам. Фуқаро ҷамъ шуданд ва таъоме ҳозир карданд. Чизе аз он таъом баргирифтам ва ба вай даромадам.

Гуфт:

— Бигӯ, чӣ кор кардӣ?

Гуфтам:

— Ҳанӯз чизе нахӯрдаам. Аз ту илтимос мекунам, ки бо ман таъоме хӯрӣ.

Бо ҳам таъоме хӯрдем. Ман ба Шероз равон шудам.

**Абӯмуҳаммад ал-Ақоидӣ.** Вай яке аз устодони Абӯабдуллоҳи Хафиф аст. Вай гуфта, ки ҳаргиз косибе, ки ҳақиқати касбро риъоят кунад, чун Абӯмуҳаммад Ақоидӣ надидам. Ҳар рӯз ним донак касб мекард ва қуввати вай аз он буд ва ҳаббаеро нухола мехарид ва аз он ду нон мепухт. Ба яке ифтор мекард ва дигареро садақа медод. Ва ҳам вай гуфта, ки рӯзе бар вай даромадам. Пеши вай ҷузве буд, ки муш пора карда буд.

Гуфтам:
— Ин чист?
Гуфт:
— Инро муш пора кардааст ва ман низ аз мушон ба ташвишам. Шабҳо ба сару рӯи ман бармедаванд.
Гуфтам:
— Чаро чароғ равшан накунӣ?
Гуфт:
— Чиҳил сол аст, ки чароғ равшан накардам, ки аз ҳисоби он метарсам, ки онро чанд чиз бояд то муяссар шавад ва ҳамаро ҳисоб аст.

**Ҳушшом ибни Абдон.** Кунияти вай Абӯмуҳаммад аст. Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф гуфтааст, ки чун Ҳушшом ибни Абдон дар намоз меистод, вайро вачду ҳол мегирифт ва дар меҳроб пасу пеш мерафт ва Қуръон мехонд. Гоҳ будӣ, ки аз ҳусни намози вай яҳуду насорӣ ва мачус чамъ шуданди ва наззораи вай кардандӣ. Вайро як гӯсфанде буд, ки шири вай хӯрдӣ, вайро бармедошт ва барои чаронидан ба саҳро мебурд. Рӯзе Ҳушшом дар хоб рафта буд. Чун бедор шуд, дид, ки дар зироъати шахсе даромадааст ва мечарад. Вайро пеши соҳиби зироъат бурд ва гуфт:
— Вайро бистон, ки зироъати ту хӯрдааст.
Соҳиби зироъат гуфт:
— Ман туро биҳил кардам.
Гуфт:
— Маро ба он ҳоҷат нест.
Ҳарчанд чаҳд кард, қабул накард, бигзошт ва бирафт.

Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф гӯяд, ки рӯзе бо Ҳушшом дар даъвие будам. Соҳиби даъват як чом ҳалво оварду ба пеши Шайх ниҳод, ки Шайх бихӯрад. Гуфтам, ки насиби мо ҳам буда.
Гуфт:



— Маро изн накард, ки шуморо бидиҳам.
Ҳарчанд гуфтам, фоида накард. Аз пеши вай бирабудам ва бихӯрдам. Ҳушшомро ваҳшате ва ҳайрате расид, ки як сол аз намоз истод ва мардум вайро такфир мекарданд ва қиссаи вай ба машоихи масчиди Чомеъ расид. Рӯзе ба ҳам бар вай даромаданд ва Ибни Саъдони Муҳаддис бо эшон буд, гуфта:
— Маро мешиносӣ?
Гуфт:
— Оре, ту Ибни Саъдонӣ!
Гуфт:
— Чаро намоз намегузорӣ?
Ҳушшом гуфт:
— Маро оразе чанд рӯй менамояд ва монеъи ман мешавад аз намоз.
Гуфт:
— Мисли чӣ?
Хомӯш гашт ва ҳеч чавоб надод. Аз Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф пурсиданд, ки сабаб чи буд, ки Ҳушшом намоз намекард.
Гуфт:
— Пайваста мутолиаи ғайб мекунад. Умури ғайбӣ бар вай ғолиб омад, дар мақоми ҳайрат афтод ва аз аъмоли зоҳирӣ бозмонд.

Рӯзе машоихи масчиди Чомеъ чамъ шуданд ва Ҳушшомро ҳозир карданд, ки шунидаем, ки ту ба мушоҳида комилӣ ва ҳар кӣ ба ин қоил аст, вайро тавба мебояд дод ё адаб мебояд кард.
Ҳушшом гуфт:
— Маро талқини тавба кунед.
Талқини тавба карданд, тавба кард. Рӯзи дигар бомдод омад ва дар баробари машоих бистод ва гуфт:
— Гувоҳ бошед, ки ман аз тавбаи дирӯза тавба кардам.

Машоих бархостанд ва пои вай баргирифтанд ва мекашиданд, то аз масчидаш берун карданд.

**Абӯмаҳраз.** Дар навоҳии Шероз аст ва аз асҳоби зуфунуни мисрӣ. Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф гуфтааст, ки Абӯмаҳраз гуфта, ки аз Нисо ба азимати Шероз берун омадам ва бо қонди султон ва атбоъи вай ҳамроҳ шудам. Чун афъол ва аҳволи эшонро мушоҳида кардам, дар сири худ бар эшон инкор кардам ва эшонро душман гирифтам ва қасд кардам, ки аз эшон муфорақат кунам. Ногоҳ овозе баромад, ки камари қоид гум шудааст. Қоид савганд хӯрд, ки ҳамаи қофиларо тафтиш карданд, ҳамин ман мондаам. Қалонтари лашкар гуфтанд:

— Ҳамаи қофиларо тафтиш кардем, ҳеҷ кас боқӣ намондааст, магар ин Шайх ва мисли вайро чун касе муттаҳам дорад?

Қоид гуфт:

— Ман савганд хӯрдаам, аз ин чора нест.

Муraққаъи маро боло доштанд, камар бар миёни ман буд.

Гуфтам:

— Маро ба ин илм нест.

Қоид гуфт:

— Ин аз дуздӣ азимтар аст.

Баъд аз он гуфтанд:

— Ба вай чӣ бояд кард?

Ҳар касе чизе гуфт.

Қоид гуфт:

— Вайро бар сари қофила бишнонед, то ҳар кӣ дар қофила аст як-як бар вай бигзаранд ва дар рӯи вай вайро тавбеҳ ва сарзаниш кунанд, баъд аз он вайро бигзоред ва ҳамроҳӣ макунед.

Ҳамчунон карданд ва маро бар ҷои ман бигзоштанд ва бирафтанд...



**Абдураҳими Истахрӣ.** Кунияти вай Абӯамр аст. Сафари Ҳиҷоз ва Ироқ ва Шом карда буд ва бо Рӯям суҳбат дошта ва Саҳл ибни Абдуллоҳи Нуштариро дида буд. Тариқати вай ситр ва изҳори шаторат буд. Ҷомаҳои шотирона мепӯшид ва сагон дошт, ки ба шикор мебурд ва кабӯтарон низ дошт. Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф гӯяд, ки чун ба Рӯям даромадам, маро аз ҳоли Абдураҳими Истахрӣ суол кард.

Гуфтам:

— Дар ҳамин солҳо аз дунё бирафт.

Гуфт:

— Худой бар вай раҳмат кунод. Мо басе аз ин қавм дар кӯҳи Лигом сӯҳбат доштем, аз вай собиртаре надидем.

Гӯянд, ки вақте ба сайд берун рафт, шахсе пинҳон аз вай дар ақиби вай бирафт. Чун ба миёни кӯҳҳо расид, сагонро бигзошт ва дурроъа бо худ дошт, дарпӯшид ва бар пой бистод ва ба зикри худои таъоло машғул шуд. Овозе дар кӯҳ баромад, ки маро тасаввури он шуд, ки ҳеҷ ҳаҷару шаҷар нест ва ҳеҷ ҷондор нест. Магар ки ба мувофиқати вай зикр мегӯянд.

Гӯянд, ки дар хонаи вай як пӯсти гов буд, ки шоххо низ бар он ҷо гузошта буданд. Чун тобистон даромадӣ, шоххоро бигирифтӣ ва он пӯстро ба саҳни сарой кашидӣ ва чун зимистон шудӣ, дар хона кашидӣ.

Ҷаъфари Ҷаззо гуфтааст, ки ба Истахр рафтам, то Абдураҳимро зиёрат кунам. Ба дари сарои вай расидам, ки хароб шудааст. Бар вай даромадам, дидам, ки дар зовияи хона нишаста бо кӯҳнахирқа ва ба рӯи палосе, ки ҳайрон шудам ва тараҳҳум кардам.

Маро гуфт:

— Туро чӣ шуд?

Гуфтам:

— Вайҳак, ҳоле мемирӣ!

Аз ҷои худ бархост ва ба поёни саро фуруд омад ва санге азим буд, бардошт ва бар бом бурд ва гуфт:

— Бархез, эй қавӣ ва инро фуруд ор!

Ман аҷаб мондам.

Гуфт:

— Имрӯз ҳафдаҳ рӯз аст, ки ҳеҷ нахӯрдаам. Берун рав ва ҳар чи тавонӣ биёр. Шояд, ки маро иштиҳо ояд ва бо ту бихӯрам.

Ман берун рафтам ва ҳар чӣ дар бозор ёфтам, чизе овардам ва пеши вай ниҳодам. Дар он нигарист, гуфт:

— Биншин ва бихӯр, шояд, ки маро рағбат шавад.

Биншастам ва ба рағбат хӯрдан гирифтам. Дар миёни он чи оварда будам, як харбуза буд, онро буридам.

Гуфт:

— Аз он борикаке ба ман деҳ.

Ба вай додам. Дандон дар он зад ва хоидан гирифт. Натавонист, ки фурӯ барад, бияндохт ва гуфт:

— Бардор, ки дар баста шудааст.

Вайро аз падар бист ҳазор дирам мерос расид, аммо дар зиммаи қавме буд. Эшонро гуфт:

— Даҳ ҳазор ба ман диҳед ва даҳи дигар шуморо биҳил кардам.

Ба вай доданд, онро дар тӯбра кард. Шаб вайро васвасае ташвиш дод. Гоҳе мегуфт:

— Ба он тиҷорат кунам ва суди онро ба руфақо нафақа кунам. Ва гоҳе мегуфт:

— Ба хона бинҳам ва рӯз ба рӯз онро нафақа кунам.

Дар миёни шаб бархост ва тӯбраро бар бом бурд ва мушт-мушт мегирифт ва ба ҳар ҷониб меандохт, то тӯбра холӣ шуд. Чун бомдод шуд, ҳамсоягон гуфтанд:

— Ҳамоно, ки дӯш дирҳам боридааст.

Абдураҳим тӯбраро бияфшонд, ним дирҳам бияфтод.



Бо асҳоб гуфт:

— Башорат бод, ки нону боқалӣ шуд.

Эшон бо ҳам гуфтанд:

— Ин девонаро бинед, даҳ ҳазор дирам пошидааст ва ба ним дирам шодӣ мекунад.

Вакте Абдураҳим ба Уббодон рафт ва бисту як рӯз он ҷо иқомат кард, ҳар чи шаб ба ҷиҳати ифтори вай меоварданд, бомдод ҳамчунон ба ҷой мебуд. Аҳли Уббодон машғуфи вай шуданд. Чун онро дид, аз он ҷо қасди Саҳли Нуштарӣ кард, бар вай даромад ва гуфт:

— Меҳмони туам.

Гуфт:

— Чӣ мебояд кард?

Гуфт:

— Сабукбоҷ мебояд пухт.

Саҳл гуфт:

— Чун кунам, ки асҳоби ман гӯшт намехӯранд.

Гуфт:

— Чи донам, ту ба зиёфати ман қиём намой.

Саҳл фармуд, ки сабукбоҷ пухтанд.

Гуфт:

— Ҳамчунон ки дегро биёранд.

Чун оварданд, соиле бар дар барои худой хайре талабид.

Гуфт:

— Дегро бар вай диҳед.

Доданд ва вай ҳеҷ нахӯрд. Рӯзи дуввум Саҳл бо вай гуфт:

— Чӣ мехӯрӣ?

Гуфт:

— Ҳамон чӣ дӣ гуфтам.

Чун онро пухтанд гуфт:

— Ҳамчунон дегро ба ман оред.

Оварданд ва ғуломи Саҳл бе он ки вай донад, бар

дар истод, то агар соиле биёяд, манъ кунад. Саҳлро гуфт:

— Ғуломи худро бигӯй, то манъи соил накунад.

Саҳл ғуломро манъ кард. Ногоҳ соиле суол кард. Гуфт:

— Дегро ба вай диҳед.

Доданд. Рӯзи саввум гуфт:

— Чӣ мехоҳӣ?

Гуфт:

— Ҳамчунон ки пештар гуфта будам.

Чун пухтанд берун омад ва ҳеҷ нахӯрд, то моҳ тамом шуд. Баъд аз он мардеро дид, ки чанд пора нони хушк дорад ва бар лаби об нишаста ба об тар мекунад ва мехӯрад. Вайро истидъо кард, бо вай биншаст ва бихӯрд.

**Абӯтолиби Хазраҷ ибни Алӣ.** Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф гуфтааст, ки Абӯтолиби Хазраҷ аз асҳоби Ҷунайд буд. Ба Шероз омад ва иллати шикам дошт. Машоих гуфтанд, ки хизмати ӯро кӣ ихтиёр мекунад? Ман ихтиёр кардам. Ҳар шаб қариб ба понздаҳ-ҳафдаҳ бор бармехост. Яке аз шабҳо нишаста будам ва ҳеле аз шаб гузашта буд, чашми ман гарм шуд. Як бор овоз дода буд, нашунида будам, дигар овоз дод, бархостам ва ташт пеш бурдам.

Гуфт:

— Эй фарзанд, вақте ки хидмати махлуқеро худ некӯ натвонӣ кард, хидмати холиқро чӣ гуна ба ҷой тавонӣ овард?..

**Абдулазизи Баҳронӣ.** Шайх Абдуллоҳ гуфтааст, ки Абдулазизи Баҳронӣ дар зимистони сахт сард ба Шероз омад ва ҷомаҳои кӯҳна дошт ва ҳар футӯҳе, ки вайро мерасид, сарфи фақирон мекард. Се рӯз дар Шероз буд. Бо вай дар ин боб сухан гуфтанд.

Гуфт:



— Нафси ман мегурезад аз ҷомаҳои шумо!

Пас маро гуфт:

— Бобо Абдуллоҳ, маро аз ин шаҳр берун кун, ки дар нияти ман нест, ки дар ин шаҳр ҷомаи нав пӯшам.

Гуфтам:

— Ба куҷо меравӣ?

Гуфт:

— Ба ноҳият!

Баҳри мушояъаи вай кардам ва ба дарвоза, ки ба он ҷониб буд, берун рафтам. Ногоҳ дидам, ки Абулхайри Моликӣ бар астари худ нишаста ва пой меҷунбонад ва моро овоз медиҳад ва бо худ хӯрданӣ ҳамроҳ дорад. Биистодем, то ба мо расид.

Гуфт:

— Тафаззуле кунед, то ба ҳам ин таъомро бихӯрем!

Пас биништастем ва бихӯрдем. Баҳронӣ бархост ва саҷҷода бар дӯши худ андохт.

Абулхайр гуфт:

— Кош аз ин таъом чизе бо худ бардорӣ!

Гуфт:

— Матбахи ман пеш рафтааст.

Абулхайр гуфт:

— Мо ба ин таъомҳо чӣ кунем?

Баҳронӣ гуфт:

— Пеши сагон андоз.

Ва бирафт.

**Шайх Аҳмади Ҷуволгар.** Шайхулислом гуфт, ки вай низ аз ёрони эшон аст. Дар сӯҳбати якдигар будаанд. Аз Фарғона буд ва дар ҳарам муҷовир.

Шайхулислом гуфт, ки Шайх Аму гуфт, ки вақте ба Макка тангӣ афтода буд, аз сӯфиён қавме мутааҳҳил шуданду зан хостанд ва валимаҳо медоданд, то хол фарохтар гашт ва бар маълум афтоданд, Шайх Ҷуволгар

ҳам зан хост. Чун шаб гузашт, рӯзи дигар ба тибат бо сӯфиён гуфт:

— На биҳил ояд аз ҷониби ман, ки ин кор чунон хуш набувад ва чандин гоҳҳо бо ман нагуфтед.

Шайхулислом гуфт, ки Шайх Аҳмади Ҷуволгар танҳо нон хӯрдӣ.

Гуфт:

— Барои он ки рӯзе бо пире ҳамкоса будам. Пораи гӯшт бардоштам. Писанд наёмад, боз ба ҷой ниҳодам. Вай бонг бар ман зад.

Гуфт:

— Чизе, ки худро написандӣ, чаро дигареро писандӣ? Дар даҳан неҳ!

— Аз он вақт боз танҳо таъом мехӯрам, то баадаб шавам.

Шайх Аму гуфт, ки пас аз он вайро ба Хуросон дидам, ҳам танҳо мехӯрд.

**Абулҳусайн Ҳаддоди Ҳаравӣ.** Шайхулислом гуфт, ки вай бузург буда, дарвеши муҷаррад ва зариф аз зурафои сӯфиён. Вай ҳам ба Макка муҷовир буда бо машоих ва аз Макка ба Шайх Абулаббоси Қассоб омад ва пурсид, ки ҷавонмардӣ чист? Вай ҷавоб дод, ки бигӯям, эй Абулҳусайн, ҷавонмардӣ он бувад, ки ҳариса бар ёрон сард накунӣ бар ҳавои дил ва ҳамон, ки Шайх Абулҳусайн ба ҷиҳати иштиғол ва баъзе корҳои **худ** ёронро интизор дода будааст ва ҳариса бар эшон сард карда.

Шайхулислом гуфт, ки дар ҷаъбаи ман аз Шайх Аҳмади Кӯфонӣ як ҳикоят аст, ки чизе арзад. Гуфт, ки Абулҳусайн дар охири умр дар Астаробод мебуд. Яке бо вай гуфт, ки он шабе, ки туро мизбоне набуд, ба хонаи ман ой.

Гуфт:

— Ин худ гоҳ-гоҳ мебуд ва он маро барои худ мебояд.



Ва ҳам Аҳмад гуфта, ки Абулҳусайн ба охири умр аз баъзе аҳволи сӯфиёни расмӣ изҳори маломат кард ва гуфт:

— Маро бари касон намебувад, аз онам малол гирифт. Маро пеши худ бубар.

Пас аз он дуо се рӯз бизист. Рӯзи ҷаҳорум ба ҷавори ҳақ пайваст.

**Амирчаи Сафолфурӯш.** Шайхулислом гуфт, ки падари ман гуфт, ки Амирчаи Сафолфурӯш каждум аз дуккон бардоштӣ ва ба бора бурдӣ ва он ҷо бигузоштӣ. Шайхулислом гуфт, ки падари ман ҳамчунин ҳеҷ ҷонвар накуштӣ. Ин мазҳаби абдол аст. Ва эшон аз абдол буданд ва аҳли каромот.

Мардеро вақт хуш гашт, фариштаи худро дид. Вайро гуфт:

— Чӣ бояд кард, то мард шуморо бинад?

Гуфт:

— Ҳеҷ ҷонвар набояд озурд.

Он мард ҳеҷ ҷонвар намеозурд, фаришта медид. Рӯзе мӯрча вайро бигазид. Чизе бар вай зад, мӯрча бияфтод ва пас аз он ҳаргиз фаришта надид.

Шайхулислом гуфт, ки вақте Амирчаи Сафолфурӯш бар дари дуккон буд, яке пеши вай нишаста буд.

Аҷузе омад ва гуфт:

— Ҳин, эй зарроқ, фалон кас бирафт, ба ҷаноза намеоӣ?

Ва бирафт. Амирча ба пешони дуккон даррафт. Соате гузашт, берун наёмад. Он мард ба дуккон дарун рафт, вайро надид. Баъд аз он Амирча берун омад.

Гуфт:

— Куҷо будӣ?

Гуфт:

— Дар пешони дуккон.

Гуфт:

— Ман даромадам, туро надидам.

Гуфт:

— Он аҷузро дидӣ, ки ин ҷо омад ва гуфт:

«— Фалон кас бирафт». Ба Яман касе бирафта буд. Рафтам ва бар вай намоз кардам ва бозомадам...

Амирчан Сафолфурӯш гуфта, ки вақте ба Балх мегузаштам, дари ҳавои қубба баста буданд, бар қубба хунёгаре чизе мезад ва ин байт мехонд:

Ҳамчун алам шере пур карда зи бод,
Гуфтӣ ишқам ва сим натвонӣ дод.

Ман онро ёд гирифтам ва вақте яке ба вай расид, гуфт:

— Ин қаробаҳо, ки мефурӯшӣ, медонӣ, ки чӣ мекунанд?

Вай гуфт:

— Ту пеши он бирав ва бубин, ки чи мекунанд!

Шайхулислом писари вайро дида буд.

**Шариф Ҳамзаи Ақилӣ.** Ҳаравӣ буда ва ба Балх муқим гашта. Соҳиби каромот ва мақомот... буд. Мустаҷобуддаъва[21] ва пири Шайхулислом аст. Ва ёрон дошт ҳама бузургон ва худовандони каромот, чун пири Форсӣ ва Абулмалики Аскоф ва Абулқосими Ҳаттона ва Ҳасан Табарӣ ва Орифи Айёр ва падари Шайхулислом Абӯмансур Муҳаммад ибни Алӣ ал-Ансорӣ... Шайхулислом гуфт, ки падари ман гуфт, ки Абулмузаффари Тирмизӣ гуфт: «— Ҳар кӣ ба ҷои ту некӯӣ кард, туро бастаи худ кард ва ҳар кӣ бо ту ҷафо кард, туро растаи худ кард. Раста беҳ аз баста». Шайхулислом гуфт, ки дар осмон ва замин аз ҳар кӣ раста бошӣ, суд кунӣ.

Пире ҳикоят кард маро аз пири дигар, ки Муҳаммад Абдуллоҳи Қозурро ба ибтидои иродат боисти сафар хост, ба Нишопур рафт. Рӯзе дар масҷиде буд, пире даромад бобаҳо, гуфт:



— Куҷо меравӣ?

Гуфт:

— Ба сафар.

Гуфт:

— Маълумие дорӣ?

Гуфт:

— Не.

Гуфт:

— Пас, чӣ гуна кунӣ?

Гуфт:

— Зарурат шавад, бихоҳам.

Гуфт:

— Қиро дӯст дорӣ, онро, ки чизе диҳад ё онро, ки надиҳад?

Гуфт:

— Онро, ки чизе диҳад.

Гуфт:

— Ҳанӯз норасида, онро дӯстар бояд дошт, ки туро чизе надиҳад. Он кӣ туро чизе диҳад, туро аз ӯ ба худ мехонад, яъне дили ту ба вай мегиряд ва он кӣ туро чизе надиҳад, туро бо вай фиристад. Пас, на инро аз он дӯстар бояд дошт, ки туро аз худ ба ӯ роҳ менамояд.

Гуфт:

— Бозгардам, то худро ба ин рост кунам.

Пойафроз дар пой кард ва омад ба Ҳарӣ ва пас аз он бибуд, он чи буд. Ва ҳам он пир ҳикоят кард, ки пире гуфт ба Нишопур, ки мӯътабаре ин ҷо омад ва гуфт:

— Гирди ҷаҳон бигаштам, на раста дидам ва на худ растам!

**Абӯҳомиди Дӯстон.** Вай ба Марв буда. Шайхулислом гуфт, ки ман як тан дидаам, ки вайро дида, Аҳмади Чиштӣ. Ва вақте дигар гуфт, ки Аҳмади Чиштӣ гуфт, ки Абӯсаиди Молинӣ гуфт ва ин дурустар аст, ки Абӯ-

саиди Молинӣ Абӯҳомидро дида буд...

Шайхулислом гуфт, ки Аҳмади Чиштӣ гуфт, ки Абӯҳомиди Дӯстон дар Марв бар дари дукконе нишаста буд. Саққое ба вай об дод, соате обро дар даст нигоҳ дошт. Саққо гуфт:

— Эй Шайх, чаро намехӯрӣ?

Гуфт:

— Магасе об мехӯрад, сабр мекунам, то вай обро бихӯрад...

Ва гӯянд, ки вай ҳаргиз ба худ ҷома напӯшидӣ, балки муридон ҷома бар вай пӯшидандӣ ва агар касеро ба он ҳоҷат будӣ, фурсат нигоҳ доштӣ. Чун пеши вай касе набудӣ, ҷома аз вай гирифт ва пӯшонандаву кашандаро нагуфтӣ, ки чаро чунин мекунӣ.

Абӯҳомид бо рафике мерафт дар роҳе. Он рафиқ гуфт:

— Маро ин ҷо касе аст, ту ин ҷо бош, то даршавам ва силаи раҳимро ба ҷой оварам.

Вай даршуд ва Абӯҳомид биншаст. Он мард он шаб берун наёмад ва барфе азим омад. Дигар рӯз он мард берун омад, Абӯҳомид дар миёни барф меҷунбиду барф аз вай мерехт. Он мард гуфт:

— Ту ҳанӯз ин ҷой?

Гуфт:

— Нагуфта будӣ, ки ин ҷо бош? Дӯстон вафои дӯсгон ба ҷой оранд.

**Абӯмансур Мӯъмин ибни Аҳмад ал-Исфаҳонӣ.** Шайхулислом гуфт, ки вай Шайхи Исфаҳон буда ва бузург ва имом. Олим ба улуми зоҳир ва улуми ҳақоик. Ягонаи машоих дар вақти худ. Ҳанбалимазҳаб[22] буд. Шайх Аҳмади Кӯфонӣ вайро дида буд. Вайро гуфтам, ки аз вай ҳеҷ сухан ёд дорӣ?

Гуфт:



— Рӯзе дар миёни сухан мегуфт, ки «ал-фақиру азизун»[23].

Вайро гуфтам:

— Тамом буд аз пире як сухан?

**Абӯнасри Сарроҷ.** Вайро «Товусалфуқаро»[24] гӯянд. Дар фунуни илм комил буд ва дар риёзату муомилот шаъне азим дошт. Соҳиби китоби «Ламъ» аст. Вайро тасонифи бисёр аст ва рои он дар илми тариқат ва ҳақиқат. Ва маскани вай Тӯс будааст ва қабри вай он ҷост ва аз муридони Абӯмуҳаммади Муртаиш аст...

Гӯянд, ки моҳи рамазон ба Бағдод расид. Дар масҷиди Шунайзия вайро хилватхона доданд ва имомати дарвешон ба вай тафвиз намуданд. То ид имомат кард ва дар таровеҳ панҷ хатм кард. Ҳар шаб ходим қурсе ба хонаи вай овардӣ. Чун рӯзи ид шуд, бирафт. Ходим нигоҳ кард, қурсҳо ҳама барҷой буданд.

Вакте шаби зимистон буд ва дар оташдон оташ месӯхт. Дар маъориф сухане мерафт. Шайхро ҳолате падид омад. Рӯй ба оташдон ниҳод ва дар миёни оташ худойро саҷда овард ва рӯи вайро аз оташ осебе нарасид. Шайхро аз он савол карданд.

Гуфт:

— Касе, ки бар даргоҳи ӯ оби рӯи худ рехта буд, оташ рӯи вай натавонад сӯхт.

Аз вай оранд, ки гуфта:

— Ҳар ҷаноза, ки пеши хоки ман бигзаронанд, мағфур бувад.

Ва ба ҳукми ин бошорат аҳли Тӯс ҷанозаҳоро пеши хоки вай овардандӣ ва замоне бидоштандӣ, он гоҳ бибурдандӣ.

**Холуи Нишопурӣ.** Номи вай Аҳмад аст. Ба Сарахс буда ва ба Сарахс бирафта. Бузург буда ба вилоёти зоҳир ва каромоти бисёр.

Вайро мурherиде буд Муҳаммад ибни Ҳасан ном. Ҳама дунёи худ бар вай пошида буд.

Шайхулислом гуфт:

— Шайхро як муриди тамом буд, суханро як гӯши тамом буд, то ҳама ҷаҳон равшан шавад, як субҳи тамом буд.

Холуи Нишопурӣ фаровон бо Муҳаммад Ҳасан гуфтӣ:

«— Он чӣ фарои ман медиҳанд, тоза фарои ман медиҳанд, фарои ту медиҳам тоза».

Шайхулислом гуфт:

— Муҳаққиқ он буд, ки сухани тоза фарои вай медиҳанд ва вай тоза фарои муридон медиҳад.

Вақте ки Холу аз дунё мерафт корсозии кафани вай мекарданд, гуфт:

— Ман кафани шуморо нахоҳам, ки ӯ худ маро дар канори иноят гирифт.

Ва ҷон бидод.

**Шайх Абулқосими Курагонӣ.** Номи вай Алӣ аст. Дар вақти худ беназир буд ва дар замони худ бебадил. Нисбати вай ба се восита, ки Шайх Абӯусмони Мағрибӣ ва Шайх Абӯалии Қотиб ва Шайх Абӯалии Рӯдбориand ба сайидалтоифаи[25] Ҷунайдӣ мерасад. Вайро ҳолате қавӣ будааст. Дар кашфи воқеъаи муридон ояте будааст зоҳир.

Соҳиби «Кашф-ул-маҳҷуб» гӯяд, ки вақте маро воқеъа афтод, тариқи ҳалли он бар ман душвор шуд. Қасди Шайх Абулқосими Курагонӣ кардам. Вайро дар масҷиде ёфтам, ки ба дари сарои вай буд. Танҳо буд, воқеъаи маро биъайниҳо бо сутуне мегуфт. Ман нопурсида ҷавоби худ ёфтам.

Гуфтам:

— Айюҳашшайх, ин воқеъаи ман аст.

Гуфт:



— Эй писар, ин сутунро худои таъоло ин соат бо ман нотиқ гардонид, то аз ман ин савол мекард.

Рӯзе Шайх Абӯсаид ва Шайх Абулқосим... дар Тӯс бо ҳам нишаста буданд бар як тахт ва ҷамъе дарвешон пеши эшон истода. Бар дили дарвеше гузашт, ки оё манзалати ин ду бузург чист? Шайх Абӯсаид рӯй ба он дарвеш кард ва гуфт:

— Ҳар кӣ хоҳад ду подшоҳ ба ҳам бинад дар як ҷой бар як тахт, ку, дарнигар!

Он дарвеш чун бишнид дар он ҳар ду бузург нигарист. Ҳақ таъоло ҳиҷоб аз пеши чашми вай бардошт, то сидқи сухани Шайх бар дили вай кашф гашт ва бузургвории эшон бидид. Пас ба дилаш бигзашт, ки оё худованди таборак ва таъолоро имрӯз дар замин ҳеҷ банда ҳаст бузургвортар аз ин ҳар ду шахс. Шайх Абӯсаид рӯй ба он дарвеш кард ва гуфт:

— Мухтасар мулке бувад, ки ҳар рӯзе дар он мулк чун Абӯсаид ва Абулқосим ҳафтод ҳазор фаро нарасад, яъне биёяд ва ҳафтод ҳазор бирасад, яъне бигзарад.

**Маъшуқи Тӯсӣ.** Номи вай Муҳаммад аст. Аз уқалои маҷонин будааст ва сахт бузургвор ва соҳибҳолат ба камол. Дар шаҳри Тӯс мебудааст ва қабри вай он ҷост. Дар он вақт, ки Шайх Абӯсаид Абулхайр аз Миҳина азимати Нишопур карда буд, ба яке аз деҳҳо, ки дар навоҳии Тӯс буд, расид. Дарвешро гуфт:

— Ба шаҳри Тӯс бояд рафт ба наздики Хоҷа Муҳаммади Маъшуқ ва ба вай гуфт, ки дастуре ҳаст, ки ба шаҳру вилояти ту дорем.

Чун он дарвеш бирафт, Шайх бифармуд, то асп зин карданд ва бар асари вай савор шуданд ва ҳамаи сӯфиён дар хизмати Шайх. Чун ба якфарсангии шаҳр расиданд, ба мавзеъе, ки аз он ҷо шаҳрро битавон дид, аспи Шайх бистод. Ва ҳама ҷамъ бистоданд. Чун он

дарвеш пеши Маъшуқ расид ва пайғоми Шайх бигузорид, Маъшуқ табассум кард ва гуфт:

— Бирав ва бигӯй, то дарояд.

Чун Маъшуқ ин сухан бигуфт, Шайх аз он ҷо асп биронд ва ҷамъ равон шуданд. Дар роҳ он дарвеш ба Шайх расид ва сухани Маъшуқ бозгуфт. Шайх ҳам аз роҳ пеши Маъшуқ омад ва вай Шайхро истиқбол кард ва дар бар гирифт ва гуфт:

— Фориғ бош, ки ин навбат, ки ин ҷо зананд, рӯзе чанд бар даргоҳи ту хоҳанд овард.

Айнулқуззоти Ҳамадонӣ[26] дар баъзе аз расоили худ навиштааст, ки Муҳаммади Маъшуқ намоз накардӣ. Аз Хоҷа Муҳаммади Ҳаммивия ва аз Хоҷа Аҳмади Ғазолӣ... шунудам, ки рӯзи қиёмат садиқонро ҳамаи ин таманно бувад, ки кошке хоке будандӣ, ки рӯзе Муҳаммади Маъшуқ қадам бар он хок ниҳода будӣ.

Ин Муҳаммад турке қабобаста буд. Як рӯз дар Ҷомеъи Тӯс омад. Шайх Абӯсаид Абулхайр... маҷлис медоштӣ. Ин Муҳаммад банде бар қабо зад. Шайх Абӯсаид гуфт, ки эй султони аср ва эй сарвари вуҷуд, банди қаборо кушой, ки банд бар ҳафт осмону замин ниҳодӣ!

**Шайх Абӯзироаи Ардабилӣ.** Номи вай Абдуваҳҳоб ибни Муҳаммад ибни Аюби Ардабилӣ аст. Олим буда ва зоҳид. Сафари бисёр карда буд ва умри бисёр ёфта, бо Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф дар роҳи Ҳиҷоз то ба Мадина ҳамроҳ буда.

Гӯянд, ки Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф азимати сафар карда буд, пеши Абӯзироа омад. Абӯзироа миқдоре гӯшти пухта ба вай гирифта овард, Шайх нахӯрд. Чун ба сафар берун рафт, дар биёбон роҳ гум кард ва чаҳор рӯз гурусна монданд, ки ҳеҷ нахӯрданд.

Шайх асҳобро гуфт:

— Талаб кунед, шояд, ки сайде биёбед.



Ногоҳ саге диданд, ҳиллае бисёр карданд, то вайро бигирифтанду бикуштанд ва... қисмат карданд. Сари вай насиби Шайх [яъне Хафиф] афтод, ҳар касе насиби худ бихӯрд...

**Хоҷа Юсуф ибни Муҳаммад ибни Самъон.** Вай хоҳарзодаи Хоҷа Муҳаммад ибни Абӯаҳмад аст ва муриди тарбиятёфтаи вай. Хоҷа Муҳаммад то шасту панҷ сол мутааҳҳил нашуда буд ва ҳамшира дошт, ки хизмати вай кардӣ ва хӯрдану пӯшидани вай аз дасти ришти ӯ будӣ ва син ба чиҳил расида буд ва ба сабаби хизмати бародар ва иштиғол ба тоъати худои таъоло майли тазвиҷ надошт. Шабе Хоҷа Муҳаммад падари бузургвори Хоҷа Абӯаҳмадро дар хоб дид, ки гуфт:

— Дар вилояти Шофилон марде Муҳаммад Самъон ном таҳсили улум карда ва рӯзгори басалоҳ гузаронида. Хоҳари худро бо вай ақд кун.

Хоҷа вайро талаб дошт ва ҳамшираро ба вай ақд кард ва вай ҳам дар Чишт мутаваттин шуд. Хоҷа Юсуф аз эшон мутаваллид шуд. Хоҷа Муҳаммад баъд аз шастсолагӣ мутааҳҳил шуда буд. Аммо вайро ҳеҷ писаре ба бузургӣ нарасида буд, Хоҷа Юсуфро ба манзилаи фарзанд медошту тарбият мекард ва ба таҳсили улум... далолат менамуд. Ва баъд аз вафоти вай қоиммақоми вай шуд.

Хоҷа Юсуфро баъд аз панҷоҳсолагӣ майли инзивову инқитоъ шуд... Тувуффӣ... санаи тисъ ва хамсин ва арбаамиа (459/1067) ва умри вай ҳафтоду чаҳор сол буд ва дар вақти рафтан писари меҳини худ Хоҷа Қутбиддини Мавдудро ба таҳсили улум васият кард ва қоиммақоми худ гардонид...

**Хоҷа Мавдуди Чиштӣ.** Вай дар синни ҳафтсолагӣ тамоми Қуръонро бо возеҳи он ҳифз карда буд ва ба таҳсили илм иштиғол медошт. Чун ба синни бисту

шашсолагӣ расид, волиди бузургвори вай Хоҷа Юсуф аз дунё бирафт ва вайро ба ҷои худ биншонд. Вай ба хисоли ҳамида мавсуф буд ва афъоли писандида маъруф ва мардуми он вилоят ҳама дар мақоми эътиқоду муҳаббат ва инқиёду иродати вай буданд ва тавфиқи шарафи суҳбату давлати тарбияти Шайхулислом валмуслимин Аҳмад аҷ-Ҷомӣ низ ёфта буд дар он вақт, ки ҳазрати Шайхулислом Аҳмад аз вилояти Ҷом ба Ҳирот ташриф оварда буданд. Ва хавосу авом мушоҳидаи каромоту хавориқи одот, ки аз эшон зоҳир мешуд, менамуданд ва ҳама мурииду мӯътақиди вай шуданд ва ин қисса дар атрофу акнофи он вилоят интишор ёфт. Ва аз навоҳии Ҳирот мутаваҷҷеҳи мазори Чишт шуд. Хабар омад, ки Хоҷа Мавдуди Чиштӣ муридони бисёр ҷамъ кардааст, меояд, то Шайхулисломро аз вилоят берун кунад. Асҳоби Шайхулислом онро пӯшида медоштанд ва вай худ аз ҳама беҳтар медонист. Чун рӯзе бомдод суфра даровper, гуфт, ки соате сабр кунед, ки ҷамоъате расулон дар роҳанд. Чун соате баромад, ходими дар омад, ки он ҷамоъат расиданд. Эшонро дароварданд ва салом гуфтанду ҷавоб шуниданд ва таъом хӯрданду суфра бардоштанд.

Шайхулислом гуфт:

— Шумо мегӯед ё мо бигӯем, ки шумо ба чӣ кор омадед?

Эшон гуфтанд:

— Ҳазрати Шайх бифармоянд.

Фармуданд, ки Хоҷа Зоҳиди Мавдуд шуморо фиристодааст, ки Аҳмадро бигӯед, ки ту ба вилояти мо ба чи кор омада, ба саломат бозгард в-агар на чунон ки бояд гардонид, туро бозгардонем. Расулон тасдиқ карданд. Пас бифармуд, ки агар мурод аз вилоят ин деҳ аст, ин мулки мардумон аст, на аз они ӯст ва на аз они ман ва агар мурод аз вилоят ин мардумонанд,



эшон раоёи Санҷаранд. Пас Шайхушшуюх Санҷар бошад ва агар мурод аз вилоят он аст, ки ман медонаму авлиёи азза ва ҷалла[27] медонанд, фардо бо эшон намоям, ки кори вилоят чист ва чун аст!

Чун ин сухан бигуфт, абре азим баромад ва як шабонарӯзӣ бибориd ва ҳеҷ мунтақеъ нашуд. Рӯзи дигар бомдод Шайхулислом фармуд, ки сутурон сохта кунед, то биравем. Асҳоб гуфтанд:

— Имкон надорад, ки дар ин ду-се рӯз баъд аз он ки дигар наборад, ҳеҷ маллоҳе аз об натавонад гузашт.

Шайх фармуд, ки саҳл бошад, имрӯз мо маллоҳӣ кунем. Пас равон шуданд. Чун ба саҳро берун омаданд, Шайхулислом нигоҳ кард, дид, ки ҷамъе анбӯҳ силоҳҳо баста ҳамроҳи эшонанд. Пурсид, ки инон киёнанд.

Гуфтанд:

— Муридону муҳибони шумоянд. Шунидаанд, ки ҷамоъате ба адовати шумо меоянд.

Фармуд, ки инҳоро бозгардонед, ки теғу тир кори Санҷар аст ва силоҳи ин гурӯҳ силоҳи дигар аст.

Шайхулислом бо тане чанд рӯй ба роҳ ниҳод. Чун ба канори об расиданд, об бисёр буд. Шайхулислом фармуд, ки имрӯз қарор он аст, ки мо маллоҳӣ кунем. Сухане аз маъориф оғоз карданд. Чандон завқ ба дилҳо расид, ки ҳама волаву ҳайрон шуданд. Пас фармуд, ки хама чашмҳо бар ҳам ниҳед ва бигӯед: «Бисмиллоҳ-ир-раҳмон-ир-раҳими»[28]. То се бор такрор кард. Ҳар кас, ки чашм зуд воз кард, пойафзор тар кард ва ҳар кӣ дер кушод, худро бар он тарафи об ёфт, пойафзор хушк. Чун расулон он мушоҳида карданд, ба таъҷил пеши Хоҷа Мавдуд рафтанду он ҳол бозгуфтанд. Қас бовар надошт.

Хоҷа Мавдуд бо ду ҳазор мурид силоҳ баста мутаваҷҷеҳ шуданд ва дар роҳ ба Шайх расиданд. Чун на-

зари Шайх бар вай афтод, аз асп пиёда шуд ва бӯса бар пои Шайх дод. Шайх даст бар пушти вай мезад ва мегуфт:

— Қори вилоят чун мебинӣ? Надонистаӣ, ки вилоят мардони ҳашаму силоҳ набошад. Бираву савор шав, кӯдакӣ ва намедонӣ чӣ мекунӣ!

Чу ба деҳа даромаданд, Шайхулислом бо асҳоб дар маҳалла фуруд омаданд ва Хоҷа Мавдуд бо муридон ба маҳаллаи дигар. Муридон Хоҷа Мавдудро гуфтанд, ки мо омада будем, то Шайх Аҳмадро аз вилоят берун кунем. Имрӯз бо мо дар як деҳа биншастааст. Дар ин маънӣ андеша бояд кард.

Хоҷа Мавдуд гуфт:

— Маро савоб чунон менамояд, ки сабоҳ бархезему ба хидмати вай равем ва иҷозат хоҳему бозгардем, ки қори вай на ба қуввати бозуи мост.

Муридон гуфтанд, ки мо бо ҳам машварат кардаем, савоб он аст, ки ҷосусӣ бар кор кунем, ки чун вақти қайлула шавад ва пеши вай касе набошад, тане чанд дар хизмати ту биравему самоъе бунёд кунем ва ҳолате барорему дар он миён чизе бар вай занем.

Хоҷа Мавдуд гуфт:

— Ин савоб нест, ки вай соҳиби вилояту каромат аст.

Аммо фоида надошт. Чун вақти қайлула шуду асҳоби Шайх мутафарриқ шуданд, ходим хост, ки ҷома бигустарад, то Шайх қайлула кунад. Фармуд, ки як соат таваққуф кун, ки коре дар пеш аст. Ногоҳ касе дар бикӯфт. Ходим чун дар бикушод, Хоҷа Мавдудро дид, ки бо ҷамъе анбӯҳ. Даромаданду салом гуфтанд ва оғози самоъӣ ниҳоданд ва наъра задан гирифтанд.

Шайхулислом сар бароварду гуфт:

— Ҳӣ-ҳӣ, Саҳлан куҷоӣ?

Ва ин Саҳлан марде буд сарахсӣ аз ақлани маҷонину соҳиби каромот ва пайваста дар хизмати Шайхул-



ислом будӣ. Ҳам дарлаҳза ҳозир шуду бонг бар эшон зад. Эшон кафшу дастор мегузоштанду мегурехтанд. Ҳамин Хоҷа Мавдуд монд азим хиҷил. Бар пой хосту ба истиғфор сар бараҳна карду гуфт:

— Бар шумо равшан аст, ки ин навбат ман ба ин ризо надоштам.

Шайхулислом гуфт:

— Рост мегӯӣ, аммо чаро бо эшон даромадан мувофиқат кардӣ?

Хоҷа Мавдуд гуфт:

— Бад кардам, афв бифармоед.

Шайхулислом гуфт:

— Афв кардам, бираву ин қавмро бозгардон ва ду хизматгор нигоҳ дор, се рӯз таваққуф кун.

Чунон кард. Пеши Шайхулислом омаду гуфт:

— Чунон ки гуфта будед, кардам ва дигар чи мефармоед, то чунон кунам.

Шайхулислом фармуд, ки аввал мусалло бар тоқ неҳу бирав, илм омӯз, ки зоҳиди беилм масхараи шайтон бошад.

Гуфт:

— Қабул кардам, дигар чӣ мефармоед?

Фармуд, ки чун аз таҳсил фориғ шавӣ, эҳёи хонадони худ кун, ки обову аҷдоди ту бузург буданду соҳиби каромот.

Хоҷа Мавдуд гуфт:

— Чун маро эҳёи хонадон мефармоед ҳам шумо бар ваҷҳи табаррукy таяммун маро иҷлос фармоед.

Шайхулислом гуфт, ки пештар ой. Пештар омад. Дасти вай бигирифт ва бар канори чаҳор болиши худ биншонд ва се бор гуфт, ки ба шарти илм. Пас се рӯз дар хизмати Шайхулислом буд ва фавоид бигрифту навозишҳо ёфт. Ва бозгашту баъд аз он ба андак фурсате ба ҷиҳати таҳсили улум ва такмили маъориф ба ҷо-

ниби Балху Бухоро ташриф бурд ва муддати чаҳор сол ба қадри вусъу имкон дар он боб иҷтиҳод намуд ва дар он диёр ҳар ҷо аз вай оёти ғариба ва кароматы аҷиба, ки тафсили он ба тавил меанҷомид, зоҳир шуд. Ва баъд аз он ба Чишт муроҷиат карду ба тарбияти муридону мустафидон машғул шуд. Ва аз атроф толибон рӯи иродат ба сӯҳбату хизмати вай оварданд. Шоҳ Санҷон, ки лақабу номи вай Рукниддин Маҳмуд аст ва аз деҳи Санҷони Хавоф аст, шарафи сӯҳбати вайро дарёфта будааст.

Ва чанд вақт дар Чишт иқомат намуда ва мегӯянд, ки дар муддати иқомат ҳаргиз дар Чишт нақзи таҳорат накарда. Чун хостӣ, ки таҳорат кунад, саворӣ шудӣ ва аз Чишт берун омадӣ ва дур рафтиву таҳорат сохтӣ ва муроҷиат намудӣ. Мегуфтӣ, ки мазори Чишт манзили муборaку мақоми мутабаррик аст. Раво набошад, ки он ҷо беодобӣ кунанд. Ва гӯянд, ки пештар вайро Хоҷа Санҷон мегуфтанд. Хоҷа Мавдуд «Шоҳ» лақаб ниҳод ва вай ҳамеша бо он менозидӣ ва мафохират мекардӣ.

Вафоти Хоҷа дар санаи сабъ ва ишрин ва ҳамсамиа (527/ 1133) будааст ва вафоти Шоҳ Санҷон дар санаи сабъ ва тисъин ва хамсамиа (597/ 1200).

**Абӯвалид Аҳмад ибни Абирриҷо.** Вай аз қарияи Озодон аст, ки муттасил аст ба Ҳирот. Олим буда ба улуми зоҳириву ботинӣ. Аз шогирдони Имо̀м Аҳмади Ҳанбал аст... ва Бухорӣ, дар «Саҳеҳ»-и худ аз вай ҳадиси ривоят кардааст.

Дар авоил моли бисёр дошта, ҳамаро дар талаби ҳадису ҳаҷ ва ғазо сарф кардааст. Аз Ҳирот сафар мекард ва ҳар гоҳ моли вай бирасидӣ, ба Ҳирот муроҷиат кардӣ ва баъзе аз амлоки худ бифурӯхтӣ ва боз ба сафар рафтӣ, то ҷумла моли худ бад-ин тариқ нафақа кард.



Гӯянд, яке аз дӯстони вай ба чаҳор ҳазор дирам муҳтоҷ шуд. Пеши вай изҳори он кард. Чун ба хонаи худ рафт, Абӯвалид чаҳор ҳазор дирам дар сурра кард ва ба вай фиристод. Чун он дӯст муҳими худ кифоят кард ва муддате баромад, он маблағро нақд сохта дар сурра кард ва ба вай бозфиристод. Абӯвалид қабул накард. Он дӯст ба наздики вай омад ва салом кард.

Абӯвалид гуфт:

— Агар на радди салом воҷиб будӣ, ҷавоби ту боз надодаме. Охир, чаҳор ҳазор дирамро чи қадр бошад, ки онро бозфиристӣ!

Тувуффӣ... санаи иснайн ва салосин ва миатайн (232/847) ва қабри вай дар қарияи Озодон аст.

**Султон Маҷдиддини Толия.** Гӯянд, ки вай аз аҳли аскар буда, дар тарку таҷрид ягона буда. Дарвеш Муҳаммади Чаргар, ки яке аз абдол буда, дар Ҷомеъи Ҳирот басар бурдӣ. Рӯзе дар масҷид хуфта буд ва кӯзаи оби вай рехта буд. Ходими масҷид он ҷо расид, пиндошт, ки вай бавл кардааст. Вайро ончунон бизад, ки аъзои вай маҷрӯҳ гашт. Чаргар оҳе бизад ва бирафт. Масҷид аз чӯб буд, оташе пайдо шуд ва масҷид бисӯхт ва аз он ҷо ба бозоре, ки онро бозори «Ҷумлафурӯшон» гуфтандӣ, даромад. Султон Маҷдиддини Толияро аз он хабар карданд ва дар ақиби Чаргар равон шуд, чун ба вай расид, гуфт:

— Чаргар, шаҳри мусулмононро чаро месӯзӣ?

Чаргар бозгашт ва оби чашми худ бар оташ афканд. Оташ фурӯ мурд, ин рубоӣ бигуфт. Байт:

Он оташи дӯшин, ки барафрӯхта буд,
Ӯ сӯхтан аз дили ман омӯхта буд.
Гар оби ду чашми ман надодӣ ёрӣ,
Чи «Ҷумлафурӯшон», ки Ҳарӣ сӯхта буд.

Гӯянд, вақте сел омад, наздик шуд, ки Ҳиротро би-

барад, хабар ба Султон Маҷдиддин бурданд.

Гуфт:

— Хирқаи маро пеши сел ниҳед.

Чунон карданд, филҳол сел бозгашт.

Имом Фахриддини Розӣ дар вақти вай будааст ва ба суҳбати вай табарруку тақарруб ҷустӣ. Чун вайро вафот расид, дар андаруни шаҳри Ҳирот миёни Дарби Хушку Фирӯзобод дафн карданд. Ва Шайх Муҳаммади Ушнавӣ, ки соҳиби рисолаи «Ғоят ул-имкон фӣ маърифат уз-замон ва-л-макон» аст, дар гунбазаи мақбараи вай мадфун аст ва ин Шайх Маҳмуд аз асҳоб ва таломизаи Мавлоно Шамсуддин Муҳаммад ибни Абдулмалики Дайламӣ аст, ки аз акобири машоиху муҳаққиқон аст ва сухан дар ҳақиқати замон ва таҳқиқи он чунон ки дар «Мусаннафот»-и вай мазкур аст, дар «Мусаннафот»-и дигарон камтар ёфт шавад.

**Абӯабдуллоҳ Мухтор ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Ҳаравӣ.** Вай аз акобири машоихи Ҳирот аст. Ҷомеъ буда миёни илми зоҳир ва илми ботин, соҳибкаромат ва валоят будааст. Гӯянд, ки дар лавҳи қабри вай чунин ёфтаанд, ки дар санаи сабъ ва сабъин ва миъатайн (277/890) аз дунё рафта.

Вай гуфтааст, ки таъом чунон хӯр, ки ту ӯро хӯрда бошӣ, на ӯ туро. Агар ту ӯро хӯрӣ, ҳама нур шавад ва агар ӯ туро, ҳама дуд гардад ва ҷома чунон пӯш, ки рунату фахр ва хайлоро дар ниҳоди ту бисӯзад, на оташи он иллатҳоро барафрӯзад. Ва ҳам вай гуфта, ки дар коре, ки бошӣ, чунон бош, агар Азроил туро дарёбад, аз он кор туро ба кори дигар набояд шуд ва дар он кор ҳамаи ҳолоти ту бо ту бошад. Агарчи таъом хӯрдан бувад ё амале... Вайро дар гӯристони Ханонча [дар Ҳирот] дар поёни пои Абдулвоҳид ибни Муслим дар қабр кардаанд...

**Шайх Абӯбакр ибни Абдуллоҳ ат-Тӯсӣ ан-Нассоҷ.** Вай низ аз асҳоби Шайх Абулқосими Қурагонӣ аст ва бо Абӯбакри Динаварӣ низ суҳбат доштааст. Аз вай пурсиданд, ки дидори матлубро ба чӣ тавон дид?

Гуфт:

— Ба дидаи сидқ дар оинаи талаб.

Вай фармуд, ки тасаввури об ташнагӣ наншонад ва фикрати оташ гармӣ набахшад ва даъвои талаб ба матлуб нарасонад. Ва ҳам вай гуфта:

— То ҳастии мавҳум сӯхта нашавад ва дидаи дил ба сӯзани ғайрат аз ғайри ӯ дӯхта нашавад, хилватхонаи ҷон ба шамъи таҷаллиёти ҷонон афрӯхта нагардад, зеро ки тухми дар замин кошта накоранду нақши дар коғаз нигошта нанигаранд.

Гӯянд, ки дар бидоят талаби муҷоҳида бисёр кашид ва муҷоҳидаи вай ба мушоҳида наянҷомид...

**Ҳуҷҷатулислом Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Ғаззолӣ ат-Тӯсӣ.** Қунияти вай Абӯҳомид аст ва лақаби вай Зайниддин. Интисоби вай дар тасаввуф ба Шайх Абӯалии Формадӣ аст...

Вай дар авоили ҳол дар Тӯсу Нишопур ба таҳсили улум ва такмили он иштиғол намуд. Баъд аз он бо Низомулмулк буданд. Дар маҷолиси мутааддида мунозараву муҷодала кард ва бар эшон ғолиб шуд. Тадриси «Низомия»-и Бағдодро ба вай тафвиз карданд. Дар санаи арбаъ ва самонин ва арбаамиа (484/1091) ба Бағдод рафт. Ҳамаи аҳли Ироқ шефтаву фирефтаи вай шуданд. Қадре баланд ва манзалате арҷманд ёфт. Баъд аз он ҳамаро ба ихтиёр тарк кард ва тариқи зӯҳду инқитоъ пеш гирифт ва қасди ҳаҷ кард. Дар санаи самон ва самонин ва арбаамиа (488/1095) ҳаҷ гузорид ва ба Шом муроҷиат кард ва муддате он ҷо буд ва аз он ҷо ба Байтулмуқаддас рафт ва аз он ҷо ба Миср. Ва муддате дар Искандария буд. Баъд аз он ба ватан бозгашт ва ба ҳоли худ машғул шуд ва аз халқ хил-

ват гузид ва кутуби муфида тасниф кард, чун китоби «Эҳё ул-улум ва ҷавоҳир ул-Қуръон» ва тафсири «Ёқут ут-таъвил» [чиҳил муҷаллад] ва «Мишкот ул-анвор» ва ғайри он аз кутуби машҳура. Ва баъд аз ин ҳама ба Нишопур авд кард ва дар «Низомия»-и Нишопур дарс гуфт ва баъд аз чанд гоҳ тарк карду ба ватан бозгашт ва аз барои сӯфия бинои хонақоҳе кард ва аз барои талабаи илм бинои мадраса ва авқоти худро бар вазоифи хайр тавзеъ кард аз хатми Қуръон ва тадриси улум то он замон, ки ба ҷавори раҳмати ҳақ пайваст дар робеъи ушри ҷамодиюлухрои санаи хамса ва хамсамиата (505/1112)...

**Шайх Аҳмади Ғаззолӣ.** Вай аз асҳоби Шайх Абӯбакри Лассоҷ аст. Таснифоту таълифоти мӯътабар ва расоили беназир дорад ва яке аз онҳо рисолаи «Савонеҳ» аст, ки «Ламаъот»-и Шайх Фахриддини Ироқӣ бар сунани он воқеъ аст, чунончи дар дебочаи «Ламаъот» мегӯяд. Аммо баъди калимае чанд дар баёни маротиби ишқ бар сунани «Савонеҳ» забони вақт имло кард. Ва яке аз фусули «Савонеҳ» ин аст:

— Маъшуқ ба ҳама ҳоли худ маъшуқ аст, пас истиғно сифати ӯст ва ошиқ ба ҳар ҳол худ ошиқ аст, пас ифтиқор сифати ӯст. Ошиқро ҳамеша маъшуқ дармебояд, пас ифтиқор ҳамеша сифати ӯст ва маъшуқро ҳеҷ чиз дарнамебояд, ки худро дорад, лоҷарам сифати ӯ истиғно бошад. Байт:

Ҳамвора ту дил рабудаву маъзурӣ,
Ғам ҳеҷ наёзмудаву маъзурӣ.
Ман бе ту ҳазор шаб ба хун дарбудам,
Ту бе ту шабе набудаву маъзурӣ.

Гӯянд, вақте ки мӯҳтазир буд, ҷаҳорпоёни вай кушода шуданду рам карданд. Пеши вай бигуфтанд ё ба фиросат донист, гуфт:



— Чун мо фуруд омадем, ҳар кӣ хоҳад, гӯ, савор шав.

Дар санаи сабъа ашр ва хамсамиа (517/1124) аз дунё рафта ва қабри вай дар Қазвин аст.

**Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ.** Куняти вай Абӯяъқуб аст... Дар ибтидо ба Бағдод рафт ва мулозимати маҷлиси Шайх Абӯисҳоқи Шерозӣ кард ва кори вай боло гирифт ва бар ақрони худ дар илми фиқҳу ғайри он, хусусан дар назари илм фоиқ омад. Ва Шайх Абӯисҳоқ вайро дар сиғари син бар бисёре аз асҳоби худ тақдим мекард. Ва аз ҷамъе касир дар Бағдоду Исфаҳону Самарқанд ҳадиси самоъ[29] кард. Баъд аз он тарки ҳама кард ва тариқи ибодату риёзат ва муҷоҳада пеш гирифт. Ва машҳур он аст, ки интисоби вай дар тасаввуф ба Шайх Абӯалии Формадӣ аст ва гуфтаанд, ки бо Шайх Абдуллоҳи Ҷувайнӣ ва Шайх Ҳасани Симнонӣ низ сӯҳбат доштааст. Ва дар Марв сокин шуд ва аз он ҷо ба Ҳирот омаду чанд гоҳ иқомат кард. Баъд аз он аҳли Марв аз вай илтимоси мурoҷиат ба Марв карданд. Ба Марв омад. Боз ба Ҳирот рафт ва баъд аз он азимат мурoҷиат ба Марв кард. Дар роҳ фавт шуд дар шуҳури санаи хамс ва салосин ва хамсамиа (535/1140). Ҳамон ҷо ки фавт шуд, дафн карданд ва баъд аз чанд гоҳ ба Марв нақл карда шуд ва мазори вай дар Марв зоҳиру машҳур аст.

Шайх Муҳиддин ал-Арабӣ дар баъзе аз мусаннафоти худ мегӯяд, ки дар санаи иснайн ва ситамиа (602/1205) Шайх Авҳадиддин Ҳомиди Кирмонӣ дар шаҳри Қуния дар манзили ман буд. Вай гуфт, ки дар билоди мо Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ..., ки зиёдат аз шаст сол бар саҷҷодаи шайхӣ ва иршод нишаста буд, рӯзе дар зовияи худ буд, ки хотири берун рафтан дар дили вай хутур кард ва одати вай он набуд, ки дар ғайри ҷумъа берун ояд ва он бар вай гарон омад ва наме-

донист, ки куҷо мебояд рафт. Ва бар маркабе савор шуд ва сари вайро бигзошт, то ҳар куҷо, ки худои таъоло хоҳад, вайро бибарад. Он маркаб вайро аз шаҳр берун бурд ва ба бодия даромад, то вайро ба масҷиде вайрон расониду биистод. Шайх фуруд омад ва ба масҷид даромад. Дид, ки шахсе сар даркашида. Баъд аз соате сар боло кард. Ҷавоне буд боҳайбат, гуфт:

— Ё Юсуф, маро масъалае мушкил шудааст.

Ва зикр кард.

Шайх онро баён фармуд, баъд аз он гуфт:

— Эй фарзанд, ҳар гоҳ туро мушкиле шавад, ба шаҳр дарой ва аз ман бипурс ва маро дар ранҷ маяфкан.

Шайх гуфтааст, ки он ҷавон ба ман назар карду гуфт:

— Ҳар гоҳ маро мушкиле шавад, ҳар санге маро Юсуфест мисли ту.

Шайх ибн ал-Арабӣ мегӯяд:

— Ман аз он ҷо донистам, ки муриди содиқ ба сидқи худ таҳрики Шайх ба ҷониби худ метавонад кард.

Шайх Наҷибуддин Бурғаши Шерозӣ қаддаса сирруҳу[30] фармуда, ки вакте ҷузве чанд аз сухани машоих ба дасти ман афтод, мутолиъа кардам, маро бағоят хуш омад. Толиби он мебудам, то бидонам, ки он таснифи кист ва аз каломи вай чизе дигар ба даст орам. Шабе ба хоб дидам, ки пире бо шукӯҳу виқор, маҳосине сафед ва бағоят нуронӣ ба андаруни хонақоҳ даромад ва ба мутаваззо рафт то вузӯ созад. Ҷомаи сафеди некӯ пӯшида буд ва бар он ҷома ба хатте дурушт ба оби зар «Оят ал-курсӣ»[31] навишта, чунон ки сар то пои ҷомаро гирифта буд ва ман дар ақиби вай мерафтам. Ҷомаро берун кард ва ба ман дод. Дар зери он ҷомаи сабз пӯшида буд, аз он некӯтару ба ҳамон



тариқ «Оят ал-курсӣ» бар он навишта. Онро низ ба ман доду гуфт:

— Нигоҳ дор то вузӯ созам.

Чун вузӯ сохт, гуфт:

— Аз ин ду ҷома якеро ба ту медиҳам, кадомро мехоҳӣ?

Ман ихтиёре накардам, гуфтам:

— Ҳар чӣ ту хоҳӣ, нек ояд.

Ҷомаи сабзро дар ман пӯшониду сафедро худ пӯшид.

Пас гуфт:

— Маро мешиносӣ? Ман мусаннифи он ҷузвҳоям, ки толиби вай будӣ, Абӯюсуфи Ҳамадонӣ ва онро «Рутбат ул-ҳаёт» ном аст ва маро дигар мусаннафот аст аз он хубтар, мисли «Манозил ус-соирин» ва «Манозил ус-соликин».

Чун аз хоб даромадам, азим хуррам шудам.

Чунин гӯянд, ки вақте дар «Низомия»-и Бағдод ваъз мегуфт, фақеҳе маъруф ба Ибн ус-Саққо дар маҷлис бархост ва масъалае пурсид.

Гуфт:

— Биншин, ки дар каломи ту роиҳаи куфр меёбам ва шояд, ки марги ту на бар дини ислом бошад.

Баъд аз он ба муддате насроние ба исми Рисолат аз подшоҳи Рум ба ҷониби халифа омад. Ибни Саққо ба ҷониби вай рафт ва аз вай илтимоси мусоҳибат карду гуфт:

— Мехоҳам, ки дини исломро бигузорам ва ба дини шумо дароям.

Насронӣ онро қабул кард ва бо вай ба Қустантания рафт ва ба подшоҳи Рум пайвасту насронӣ шуд ва бар насроният мурд.

Гӯянд, Ибни Саққо Қуръон ҳифз дошт. Дар мар-

зи мавт аз вай пурсиданд, ки ҳеҷ аз Қуръон бар хотири ту мондааст.

Гуфт:

— Ҳеҷ боқӣ намондааст...

Ва баъзе қиссаи Ибни Саққоро бар ғайри ин ваҷҳ ҳикоят кардаанд...

Хулафои Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ... чаҳоранд: Хоҷа Абдуллоҳи Барақӣ ва Хоҷа Ҳасани Андақӣ ва Хоҷа Аҳмади Ясавӣ ва Хоҷа Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ. Ва баъд аз Хоҷа Юсуф ҳар як аз ин чаҳор дар мақоми даъват будаанд ва хулафои дигар ба тариқи адаб дар хизмати вай буда. Ва чун Хоҷа Аҳмади Ясавӣ ба тарафи Туркистон азимат кард, ҷамеъи ёронро ба мутобиъати Хоҷа Абдулхолиқ далолат кард. Ҳамчунин аст дар рисолаи баъзе аз мутааххирони машоихи ин хонадон.

**Мавлоно Яъқуби Чархӣ.** Дар асл аз Чарх будаанд, ки яке аз деҳҳои Ғазнин аст. Ва аз асҳоби Хоҷа Алоуддини Аттоaccess ва ҷанобИ Маҳдумӣ... ба суҳбати эшон расидаанд. Фармуданд, ки дар Ҳирот будам. Маро доияи хидмати Мавлоно Яъқуб пайдо шуд. Мутаваҷҷеҳи вилояти санъониён шудам ва ба меҳнату машаққати бисёр ба он ҷо расидам. Ва аз суханони эшон чунон маълум мешуд, ки он роҳро тамом ё аксар пиёда рафта буданд. Фармуданд, ки чун ба суҳбати эшон мушарраф шудам, бар рӯи мубораки эшон андак баёзе, ки мӯҷиби нафрати табиат мебошад, буд. Ва бо ман дар либоси сиёсату дурушттӯӣ зоҳир шуданд ва чунон сиёсат намуданду дурушт гуфтанд, ки наздик буд, ки ботини ман аз эшон мунқатеъ шавад ва маро боиси тамом ҳосил гардида. Бисёр маҳзуну мағмум шудам. Бори дигар, ки ба маҷлиси шарифи эшон расидам, бар ман ба сифати маҳбубе чунон зоҳир шуданд, ки ҳаргиз ҳеҷ касро чунон маҳбуб надида будам ва бо ман лутфи



бисьёр намуданд. Ва дар ин вақт, ки хизмати Хоҷа ин сухан мефармуданд, дар назари ин фақир ба сурати азизе баромаданд, ки маро робитаи иродату муҳаббати тамом ба нисбати вай буд. Ва чанд гоҳ буд, ки аз дунё рафта буд. Филҳол халъи он сурат карданд. Маро тасаввури он шуд, ки шояд, ки он сурат ҳамин дар хаёли ман буда бошад. Баъд аз он аз баъзе ҳамроҳон шунидам, ки вай ҳам онро мушоҳида карда буд, ба ақидаи ин фақир он аст, ки он халъу либси сурат ба шуури ихтиёри эшон буд. Исботи он маъниро, ки аз хизмати Мавлоно Яъқуб нақл карданд, чунин истимоъ афтодааст, ки Мавлоно Яъқуб мефармудаанд, ки толибе, ки ба суҳбати азизе меояд чун Хоҷа Убайдуллоҳ мебояд чароғ муҳаё сохта ва равғану фатила омода карда, ҳамин гӯгирде ба он мебояд дошт.

**Абӯалии Сирҷонӣ.** Овардаанд, ки вайро мусофире расид ва барои сӯзане ҳафтод бор ӯро ба бозор фиристоданд, ки беҳтар аз ин мебояд ва Шайх Абӯалӣ бо бузургию пирӣ ва заъфи хеш мерафт ва дигаре меовард, то ҳафтод бор. Баъд аз ҳафтод бор сӯзангаре биёвард, то чунон ки ӯро бояд, сӯзане ихтиёр кунад. Он мусофир гуфт:

— Дареғо, ки ним ходим беш набудӣ, ки дилат бигрифт ва ман аз барои таҷриба мекардам ва агар сӯзангарро наёвардӣ, ҳафтсад борат фиристодаме.

**Муҳаммад ибни Ҳуммавия ал-Ҷувайнӣ.** Кунияти вай Абӯабдуллоҳ аст. Аз асҳоби Шайх Абулҳасани Бустӣ аст. Вай ба улуми зоҳирӣ ва ботинӣ ороста будааст. Айнулқуззот дар яке аз мактуботи худ мегӯяд, ки кам касе аз ин тоифа улуми зоҳирӣ донад. Хоҷа Имом Абӯҳомиди Ғаззолӣ ва бародараш Шайх Аҳмади Ғаззолӣ аз ин ҷумлаанд ва Хоҷа Муҳаммади Ҳуммавия... низ аз он ҷумла аст. Чи донам, ки илм донад ва аз бузургон аст. Дар сулук вайро китобест дар тасаввуф

«Салвот ут-толибин» ном ва дар он ҷо басе ҳақоиқ ва дақоиқи ин тариқ дарҷ кардааст.

**Айнулқуззоти Ҳамадонӣ.** Қуният ва номи вай Абулфазоил Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-Миёнҷӣ аст ва Айнулқуззот лақаби вай аст. Бо Шайх Муҳаммад ибни Ҳуммавия суҳбат доштааст ва бо Шайх Имом Аҳмади Ғаззолӣ низ. Ва фазоилу камолоти суварӣ ва маънавӣ аз мусаннафоти вай зоҳир аст, чи арабӣ ва чӣ форсӣ. Он қадар кашфи ҳақоиқ ва шарҳи дақоиқ, ки вай кардааст, кам касе кардааст. Ва аз вай хавориқи одот чун эҳёву имотат ба зуҳур омада ва миёни вай аз ҳазрати Шайх Аҳмад мукотиботу муросалот бисёр аст ва аз он ҷумла рисолаи «Айния» аст, ки Шайх ба вай навишта, ки дар фасоҳату балоғат ва равонию салосат тавон гуфт, ки онро назире нест.

Айнулқуззот дар китоби «Зубдат ул-ҳақоиқ» мегӯяд, ки баъд аз он ки аз гуфтугӯи улуми расмӣ малул шудам, ба мутолиаи мусаннафоти «Ҳуҷҷат ул-ислом» иштиғол намудам ва муддати чаҳор сол дар он будам. Чун мақсуди худ аз он ҳосил кардам, пиндоштам, ки ба мақсуди худ восил шудам... ва наздик буд, ки аз талаби илм бозистам ва бар он чи ҳосил карда будам аз улуми мусаммо иқтисор намоям ва муддати як сол дар ин бимондам. Ногоҳ... Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Ғаззолӣ ба Ҳамадон, ки муваттини ман буд, ташриф овард ва дар суҳбати вай дар бист рӯз бар ман чизе зоҳир шуд, ки аз ману талаби ман ғайри худ чизе боқӣ нагзошт. Ва маро акнун шуғле нест ҷуз талаби фано дар он чиз ва агар чунон чи умри Нӯҳ ёбам ва дар ин талаб фонӣ созам, ҳеҷ накарда бошам ва он чиз ҳама оламро фуруд гирифтааст. Чашми ман бар ҳеҷ чиз наяфтад, ки рӯи вайро дар он бинам ва ҳар нафасе, ки на истиғроқи ман дар он биафзояд, бар ман муборак бувад.



Ва ҳам вай гуфта, ки падараму ман ва ҷамоъате аз аиммаи шаҳри мо ҳозир буданд дар хонаи Муқаддами Сӯфӣ. Пас мо рақс мекардем ва Бӯсайиди Тирмизӣ байтаке мегуфт. Падарам бингарист, гуфт:

— Хоҷа Аҳмади Ғаззолиро дидам, ки бо мо рақс мекард ва либоси ӯ чунину чунин буду нишон медод.

Бӯсайид гуфт:

— Маргам орзуст.

Ман гуфтам:

— Бимир!

Филҳол беҳуш шуду бимурд.

Муфтии вақт ҳозир буд, гуфт:

— Чун зиндаро мурда мекунӣ, мурдаро низ зинда тавонӣ кард?

Гуфтам:

— Мурда кист?

Гуфт:

— Фақеҳ Маҳмуд.

Гуфтам:

— Худовандо, фақеҳ Маҳмудро зинда гардон.

Дарсоат зинда шуд.

Ва ҳам вай гуфта:

— Эй азиз, коре, ки бо ғайре мансуб бинӣ, ба ҷуз аз худои таъоло, он маҷозӣ медон, на ҳақиқӣ...

**Шайх Рӯзбеҳони Қабири Мисрӣ.** Вай Қозурониюласл аст. Аммо дар Миср мебуда, аз муридони Шайх Абулнаҷиби Сӯҳравардӣ аст. Дар аксар авқот дар мақоми истиғроқ мебуда ва Шайх Наҷмиддини Кубаро ба суҳбати вай расида ва он ҷо ба риёзат иштиғол намуда ва хилватҳо нишаста ва Шайх Рӯзбеҳон вайро ба домодӣ қабул карда ва вайро аз духтари Шайх ду писар омада ва фӣ китоби «Тӯҳфат ул-барра»...

**Шайх Наҷмиддини Кубаро.** Қунияти вай Абулҷанноб аст ва номи вай Аҳмад ибни Умар ал-Хаюқӣ ва лақа-

би вай Қубаро. Ва гуфтаанд, ки вайро Қубаро аз он лақаб кардаанд, ки дар овони ҷавонӣ, ки ба таҳсили улум машғул буд, бо ҳар кӣ мунозираву мубоҳиса кардӣ, бар вай ғолиб омадӣ...

Вайро шайхи валитарош гуфтаанд ба сабаби он, ки дар ғалаботи ваҷди назари муборакаш бар ҳар кӣ афтодӣ, ба мартабаи вилоят расидӣ.

Рӯзе бозаргоне бар сабили тафарруҷ ба хонақоҳи Шайх даромад. Шайх ҳолате қавӣ дошт. Назараш бар он бозаргон афтод, дарҳол ба мартабаи вилоят расид. Шайх пурсид, ки аз кадом мамлакатӣ?

Гуфт:

— Аз фалон мамлакат.

Вайро иҷозати иршод навишт, то дар мамлакати худ халқро ба ҳақ иршод кунад.

Рӯзе Шайх бо асҳоб нишаста буданд. Бозе дар ҳаво саъваро дунбол карда буд. Ногоҳ назари Шайх бар он саъва афтод. Саъва баргашт ва бозро гирифта пеши Шайх овард.

Рӯзе таҳқиқ ва тақрири асҳоби куҳан мерафт. Шайх Саъдиддини Ҳуммавиро, ки яке аз муридони Шайх буд, ба хотир гузашт, ки оё дар ин уммат касе бошад, ки сӯҳбати вай дар саг асар кунад? Шайх ба нури фаросат бидонист. Бархост ва ба дари хонақоҳ рафт ва истод. Ногоҳ саге он ҷо расид ва биистоду дунбол меҷунбонид. Шайхро назаре бар вай афтод, дарҳол бахшиш ёфт ва мутаҳайиру бехуд шуд ва рӯй аз шаҳр баргардонид ва ба гӯристон рафту сар бар замин мемолид. То овардаанд, ки ҳар ҷо ки меомаду мерафт, панҷоҳ — шаст саг гирдогирди ӯ ҳалқа кардандӣ ва даст пеши даст ниҳодандӣ ва овоз накардандӣ ва ҳеҷ нахӯрдандӣ ва ба ҳурмат биистодандӣ. Оқибат, ба он наздикӣ бимурд. Шайх фармуд, то вайро дафн кунанд ва бар сари қабри вай иморат сохтанд.



Шайх дар Табрез ба яке аз шогирдон «Муҳйӣ юс-сунната»-ро, ки санаде олӣ дошт, китоби «Шарҳ ус-сунната»-ро мехонд. Чун ба охир расид, рӯзе дар ҳузури устод ва ҷамъе аз аимма нишаста буданд, «Шарҳ ус-сунната» мехонд, дарвеше даромад, ки вайро намешинохт. Аммо аз мушоҳидаи вай тағйири тамом ба Шайх роҳ ёфт, чунон ки маҷоли қироаташ намонд, пурсид:

— Ин чӣ кас аст?

Гуфтанд, ки ин Бобо Фараҷи Табрезӣ аст, ки аз ҷумлаи маҷзубон ва маҳбубони ҳақ аст субҳона. Шайх он шаб беқарор буд. Бомдод ба хизмати устод омад ва илтимос кард, ки бархезед, ки ба зиёрати Бобо Фараҷ равем. Устод бо асҳоб мувофиқат карданд. Бар дари хонақоҳи Бобо Фараҷ ходиме буд Бобо Шодон ном. Чун он ҷамоъатро дид, дарун рафт ва иҷозат хост. Бобо Фараҷ гуфт:

— Агар чунон ки ба даргоҳи худованди таъоло меравандӣ, тавонанд омад, гӯ, дароед.

Шайх гуфт:

— Чун аз назари Бобо баҳраманд шудем, маънии суханаш донистем, ҳар чи пӯшида будем, берун овардем ва даст ба сина ниҳодем. Устод ва асҳоб мувофиқат карданд. Пас пеши Бобо Фараҷ даромадем ва биншастем. Баъд аз лаҳзае ҳол бар Бобо мутағайир шуд ва азимате дар сурати вай падид омад ва чун курси офтоб дурахшон шуда ва ҷомае, ки пӯшида буд, бар вай шикофта шуд. Чун баъд аз соате ба ҳоли худ боз омад, бархост ва он ҷомаро дар ман пӯшид ва гуфт:

— Туро вақти дафтар хондан нест ва вақт аст, ки сари дафтари ҷаҳон шавӣ.

Ҳол бар ман мутағайир шуд ва бо тани ман ҳар чи ғайри ҳақ буд, мунқатеъ гашт. Чун аз он ҷо берун омадем, устод гуфт:

— Аз «Шарҳ ус-сунната» андаке мондааст, ба дусе рӯз онро бихон ва дигар ту донӣ.

Чун ба сари дарс рафтам, Бобо Фараҷро дидам, ки даромад ва гуфт:

— Дирӯз ҳазор манзил аз илмулякин бигзаштӣ. Имрӯз боз бо сари илм меравӣ!

Ман тарки дарс кардам ва ба риёзату хилват машғул гаштам. Улуми ладуннӣ ва воридоти ғайбӣ намудан гирифт.

Гуфтам:

— Ҳайф бошад, ки он фавт шавад.

Онро менавиштам, Бобо Фараҷро дидам, ки аз дар даромад ва гуфт:

— Шайтон туро ташвиш медиҳад. Ин суханонро манавис.

Давот ва қаламро бияндохтам ва хотирро аз ҳама бозпардохтам.

Амир Иқболи Систонӣ дар китобе, ки дар он ҷо ҳама суханони шайхи худ — Шайх Рукниддин Алоуддавларо... ҷамъ кардааст, аз Шайх нақл мекунад, ки Шайх Наҷмиддини Кубаро ба Ҳамадон рафт ва иҷозати ҳадис ҳосил кард ва шунид, ки дар Искандария муҳаддисе бузург ҳаст бо асноди олӣ. Ҳам он ҷо ба Искандария рафт ва аз вай низ иҷозат ҳосил кард ва дар бозгаштан шабе расулро... дар хоб дид ва аз он ҳазрат дархост кард, ки маро кунияте бахш. Расул... фармуд, ки Абулҷанноб. Пурсид, ки Абулҷанноб мухаффафа?

Фармуд:

— Ло, мушаддада!

Чун аз воқеъа бозомад дар маънии ин вайро ин рӯй намуд, ки аз дунё иҷтиноб мебояд кард. Дарҳол таҷвид кард ва дар талаби муршид мусофир гашт ва ба ҳар кас, ки мерасид, иродат дуруст намекард ба саба-



би он ки донишманд буд ва сари ӯ ба ҳеҷ кас фурӯ намеомад. Ва он ҷо ранҷур шуду ҳеҷ кас ӯро мақоме намедод, ки он ҷо нузул кунад. Оҷиз гашт, аз касе пурсид, ки дар ин шаҳр ҳеҷ каси мусулмоне набошад, ки мардуми ранҷуру ғарибро ҷой диҳад, то ман ин ҷо рӯзе чанд баросоям.

Он кас гуфт:

— Ин ҷо хонақоҳе ҳаст ва шайхе. Агар он ҷо равӣ туро хидмат кунанд.

Гуфтам:

— Номи ӯ чист?

Гуфт:

— Шайх Исмаъили Қасарӣ.

Шайх Наҷмиддин он ҷо рафт, ӯро ҷой доданд дар суфаи муқобили суфаи дарвешон ва он ҷо сокин шуд ва ранҷурии вай дароз кашиду мегуфт:

— Бо ин ҳама аз ранҷурӣ чандон ранҷ ба ман намерасид, ки аз овози самоъи эшон, ки ман самоъро бағоят мункир будам ва қуввати нақл кардани мақом надоштам. Шабе самоъ мекарданд. Шайх Исмаъил аз гармии самоъ ба болини ман омад ва гуфт:

— Мехоҳӣ, ки бархезӣ?

Гуфтам:

— Бале!

Дасти ман бигрифт ва маро ба канор кашиду дар миёни самоъ бурд ва замоне нек маро бигардонид ва бар рӯи деворам такя дод. Ман гуфтам, ки дарҳол хоҳам афтод. Чун ба худ омадам, худро тандуруст дидам, чунон-к ҳеҷ беморӣ дар худ намедидам, маро иродат ҳосил шуд. Рӯзе ба хизмати вай рафтам ва дасти иродат гирифтаму ба сулук[32] машғул шудам ва муддате он ҷо будам. Чун маро аз аҳволи ботин хабар шуду илми вофир доштам, маро шабе дар хотир омад, ки аз илми ботин бохабар шудӣ ва илми зоҳири ту аз

илми Шайх зиёдат аст. Бомдод Шайх маро талаб кард ва гуфт:

— Бархезу сафар кун, ки туро ба Аммор бо сар мебояд рафт.

Ман донистам, ки Шайх бар он хотири ман воқиф шуд. Аммо ҳеҷ нагуфтам ва бирафтам ба хизмати шайхи Аммор ва он ҷо низ муддате сулук кардам ва он ҷо шабе маро ҳамин ба хотир омад. Бомдод шайхи Аммор фармуд, ки Наҷмиддин, бархезу ба Миср рав ба хизмати Рӯзбеҳон, ки ин ҳастиро вай ба силӣ аз сари ту берун барад. Бархостам ва ба Миср рафтам. Чун ба хонақоҳи вай даррафтам, Шайх он ҷо набуд ва муридони ӯ ҳама дар муроқиба буданд. Ҳеҷ кас ба ман напардохт. Он ҷо касе дигар буд. Аз вай пурсидам, ки Шайх кадом аст.

Гуфт:

— Шайх дар берун аст ва вузӯ месозад.
Ман берун рафтам. Шайх Рӯзбеҳонро дидам, ки дар оби андак вузӯ месохт. Маро дар хотир омад, ки Шайх намедонад, ки дар ин қадар об вузӯ ҷоиз нест. Чӣ гуна шайхе бошад? Ӯ вузӯ тамом сохт ва даст бар рӯи ман афшонд. Чун об ба рӯи ман расид, дар ман беҳудӣ пайдо шуд. Шайх ба хонақоҳ даромад, ман низ даромадам ва Шайх ба шукри вузӯ машғул шуд. Ман бар пой будам, мунтазири он ки Шайх салом боздиҳад, ӯро салом кунам. Ҳамчунон бар пой истода ғоиб шудам. Дидам, ки қиёмат қоим шудаасту дӯзах зоҳир гашта ва мардумонро мегиранду ба оташ меандозанд. Ва бар ин роҳгузар оташ пушта аст ва шахсе бар сари он пушта нишастаасту ҳар кӣ мегӯяд, ки ман тааллуқ ба вай дорам, ӯро раҳо кунанд ва дигаронро дар оташ меандозанд. Ногоҳ маро бигирифтанду бикашиданд. Чун он ҷо расидам, гуфтам:

— Ман тааллуқ ба вай дорам.



Маро раҳо карданд. Ман бар пушта боло рафтам. Дидам, ки Шайх Рӯзбеҳон аст. Пеши ӯ рафтам ва дар пои ӯ афтодам. Вай силии сахт бар қафои ман зад, чунон ки аз қуввати он ба рӯи вай дарафтодам ва гуфт:

— Беш аз ин аҳли ҳақро инкор макун.

Чун бияфтодам, аз ғайб бозомадам. Шайх саломи намоз дода буд, пеш рафтаму дар пои ӯ уфтодам. Шайх дар шаҳодат низ ҳамчунин силие бар қафои ман зад ва ҳамон лафз бигуфт. Он ранҷурӣ аз ботини ман бирафт. Баъд аз он амр кард маро, ки бозгард ва ба хидмати шайхи Аммор рав. Ва чун бозмегаштам мактубе ба шайхи Аммор навишт, ки ҳар чанд мис дорӣ мефирист, то зари холис мегардонаму боз бар ту мефиристам. Аз он ҷо ба хидмати шайхи Аммор омаду муддате он ҷо буд. Чун сулук тамом кард, вайро амр фармуд, ки ба Хоразм рав.

Вай мегуфт:

— Он ҷо мардумони аҷибанду ин тарикрову мушоҳидаро дар қиёмат низ мункиранд.

Гуфт:

— Бирав ва бок мадор.

Ба Хоразм омад ва ин тариқро мунташир гардониду муридони бисёр бар вай ҷамъ омаданд ва ба иршод машғул шуд. Чун куффори татор ба Хоразм расиданд, Шайх асҳоби худро ҷамъ кард ва зиёдат бар шаст буданд. Ва султон Муҳаммади Хоразмшоҳ гурехта буду куффори татор пиндоштанд, ки вай дар Хоразм аст ва ба Хоразм даромаданд. Шайх баъзе асҳоби худро чун Шайх Саъдиддини Ҳуммавӣ ва Шайх Разиуддин Алии Лоло ва ғайри эшон талаб дошту гуфт:

— Зуд бархезед ва ба билоди худ равед, ки оташе аз ҷониби Машриқ барафрӯхт, ки то наздик ба

Мағриб хоҳад сӯхт. Ин фитнаест азим, ки дар ин уммат мисли ин воқеъ нашудааст.

Баъзе аз асҳоб гуфтанд:

— Чӣ шавад, ки ҳазрати Шайх дуое кунад. Шояд, ки ин бало аз мусулмонон мундафеъ шавад. Шайх фармуд, ки ин қазиятест мубрам, дуо дафъи он наметавонад кард. Пас асҳоб илтимос карданд, ки чаҳорпоён омода аст. Агар чунончи ҳазрати Шайх низ бо асҳоб мувофиқат кунанд, то дар мулозимати эшон ба Хуросон мутаваҷҷеҳ шаванд, дур наменамояд. Шайх фармуд, ки ман ин ҷо шаҳид хоҳам шуд ва маро изн нест, ки берун равам. Пас асҳоб мутаваҷҷеҳи Хуросон шуданд. Чун куффор ба шаҳр даромаданд, Шайх асҳоби боқимондаро бихонд... ва ба хона даромаду хирқаи худро пӯшид ва миён маҳкам бубаст. Ва он хирқа пешкушода буд, бағали худро аз ҳар ду ҷониб пурсанг карду найза ба даст гирифт ва берун омад. Чун ба куффор муқобил шуд, дар рӯи эшон санг меандохт то он ғоят, ки ҳеҷ санг намонд. Куффор вайро тирборон карданд, як тир бар синаи муборакн вай омад, берун кашиду бияндохт ва бар он бирафт.

Гӯянд, ки дар вақти шаҳодат парчами кофиреро гирифта буд, баъд аз шаҳодат даҳ кас натавонистанд, ки вайро аз дасти Шайх халос диҳанд. Оқибат, парчами вайро бибурданд. Ва баъзе гуфтанд, ки ҳазрати Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ... дар ғазалиёти худ ишорат ба ин қисса ва ба интисоби худ ба ҳазрати Шайх карда, он ҷо гуфтааст. Байт:

Мо аз он мӯҳташамонем, ки соғар гиранд,
На аз он муфлисакон, ки бузи лоғар гиранд.
Ба яке даст маи холиси имон нӯшанд,
Ба яке дасти дигар парчами кофар гиранд.

Ва конат шаҳодатуху қаддаса оллоҳу таъоло рӯҳаху фӣ шуҳури сана самони ашара ва ситамиа (618/1222). Ҳазрати Шайхро муридони бисёр буданд. Аммо чанде аз эшон ягонаи ҷаҳон ва муқтадои замон будаанд, чун Шайх Маҷдиддини Бағдодӣ, Шайх Саъдиддини Ҳуммавӣ ва Бобо Камоли Ҷандиву Шайх Разиуддин Алии Лоло ва Шайх Сайфиддини Бохарзиву Шайх Наҷмиддини Розӣ ва Шайх Ҷамолиддини Гелӣ. Ва баъзе гуфтаанд Мавлоно Баҳоуддини Валад волиди Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ низ аз эшон будааст.



**Шайх Маҷдиддини Бағдодӣ.** Кунияти вай Абӯсаид аст ва номи вай Маҷдиддин Шариф ибн ал-Муайян ибни Абулфатҳ ал-Бағдодӣ. Вай ба асл аз Бағдод аст.

Хоразмшоҳ аз халифаи Бағдод илтимоси табибе кард. Падар вайро фиристод. Ва баъзе гуфтанд, аз Бағдодак аст, яке аз деҳҳои Хоразм. Вай аз муқаррабони султон буд.

Шайх Рукниддин Алоуддавла фармудааст, кӣ он ки мегӯянд, ки вай амрад будааст, ки ба сӯҳбати Шайх расидааст, хилофи воқеъ аст. Марде тамом буд, аммо сурати латиф дошт. Вайро Шайх аввал ба хизмати мутаваззо машғул сохт. Волидаи вай бишнид ва ӯ табиба буду Шайх низ табиб буд. Волидаи вай касе пеши Шайх фиристод, ки фарзанд Маҷдиддин марде нозук аст ва ин кор бас аҷиб аст. Агар Шайх бифармояд, ман даҳ ғуломи турк бифиристам, то хизмати мутаваззо кунанд ва вайро ба хизмати дигар машғул кунад. Шайх фармуд, ки ӯро бигӯед, ки ин сухан аз ту аҷиб аст, ки илми тиб медонӣ. Агар писари туро бути сафроӣ заҳмат диҳад, ман дору ба ғуломи турк диҳам, писари ту сиҳат наёбад.

Шайх Рукниддин Алоуддавла гуфтааст, ки рӯзе яке аз муридони Султон Боязид, ки марде дар ҳисоб буду коркарда, бо ман гуфт:

— Чун аст, ки ту ба ин хонадон иродат овардӣ ва сулук ҷуз ба мутобеъати Боязид кардӣ?

Гуфтам:

— Ман ин намедонам, аммо як навбат вузӯ месохтам. Дар аснои он дидам, ки девори қибла бикшод ва аз он сӯ фазое пайдо шуд ва осмону ситораву Муштарӣ менамуд.

Пурсидам, ки ин чист?

Яке гуфто:

— Ин нури Султон Боязид аст.

Соате шуд осмони дигар дидам, тамом нуронӣ, ҳамчун хуршед.

Гуфтам:

— Ин чист?

Яке гуфт:

— Ин нури Шайх Маҷдиддини Бағдодӣ аст.

Он дарвеш мутааҷҷуб шуд. Баъд аз он гуфтам:

— Ин сухан на ба он мегӯям, ки дар маротиби эшон баёне мекунам ё тарҷеҳ мениҳам Шайх Маҷдиддинро бар Султон Боязид. Аммо ҳар касро ҳақ таъоло ҳаволӣ кардааст ба машрабе. Чун ӯ таваҷҷӯҳ ба он машраб кард ва мутобеъи он тариқ шуд, ҳақ таъоло ҷиҳати суботи қадам ӯро дар он тариқ. Шайх ӯро дар аъломаротиб бар ӯ ҷилва кунад ва гар на ало ат-таҳқиқ[33] маротиб дар қиёмат пайдо шавад ва нишони улувви мартаба дар ин олам ҷуз ба мутобеъати ҳабиби мутлақ... нест. Ҳар кас, ки мутобеътар, мартабаи ӯ олитар.

Рӯзе Шайх Маҷдиддин бо ҷамъе аз дарвешон нишаста буд, шукре бар вай ғолиб шуд, гуфт:

— Мо байза будем бар канори дарё ва шайхи мо, Наҷмиддин мурғе буд боли тарбият ба сари мо фурӯ овард, то аз байза берун омадем. Мо чун бачаи бат будем, дар дарё рафтем ва Шайх бар канор бимонд. Шайх Наҷмиддин онро ба нури каромат донист, ба за-



бони эшон гузашт, ки дар дарё мирод. Шайх Маҷдиддин онро шунид, битарсид. Пеши Шайх Саъдиддини Ҳуммавӣ омад ва тазарруъи бисёр кард, ки рӯзе, ки ҳазрати Шайхро вақт хуш бошад, маро хабар кун, то ба хизмат оям ва узре бихоҳам. Вақте Шайхро дар самоъ ҳоли хуш шуд, Шайх Саъдиддин Шайх Маҷдиддинро хабар кард. Шайх Маҷдиддин пои бараҳна биёмад ва таште бар оташ кард ва бар сар ниҳод ва ба ҷои кафш биистод. Шайх ба вай назар кард ва фармуд, ки чун ба тариқи дарвешон узри сухани парешон мехоҳӣ. Имону дин ба саломат бурдӣ, аммо сарат биравад ва дар дарё мирӣ ва мо низ дар сари ту шавем ва сарҳои сардорону мулуки Хоразм дар сари ту шавад ва олам хароб гардад.

Шайх Маҷдиддин дар қадами Шайх афтод ва ба андак фурсате сухани Шайх ба зуҳур омад.

Шайх Маҷдиддин дар Хоразм ваъз мегуфт ва модари султон Муҳаммад аврате буд бағоят ҷамила, ба ваъзи Шайх Маҷдиддин меомад ва гоҳ-гоҳе ба зиёрати вай мерафт. Муддаиён фурсат ҷустанд, то шабе султон, ки бағоят маст буд, арза доштанд, ки модари ту ба мазҳаби имом Абӯҳанифа... ба никоҳи Шайх Маҷдиддин даромадааст. Султон бисёр ранҷа шуд. Фармуд, ки Шайхро дар Даҷла андозанд, андохтанд. Хабар ба Шайх Наҷмиддин расид. Мутағайир гашт ва гуфт:

— Инна аллаҳ, фарзанд Маҷдиддинро дар об андохтанду мурд.

Пас сар ба саҷда ниҳод ва замоне нек дар саҷда буд. Пас сарро аз саҷда баровард ва гуфт:

— Аз ҳазрати иззат дархостам, то хунбаҳои фарзандам мулук аз султон Муҳаммад бозситонад, иҷобат фармуд.

Султонро аз он хабар доданд, бағоят пушаймон шуд.

Пиёда ба ҳазрати Шайх даромад ва таште пурзар биёвард ва шамшеру кафан бар сари он ниҳода. Ва сар бараҳна карду дар саффи ниол бинистод ва гуфт:

— Агар дийят мебояд, инак зар ва агар қасос мекунад, инак шамшеру сар.

Шайх дар ҷавоб фармуд, ки «кона фӣ «Ал-китоб»-и мастуран».[34] Дийяти ӯ ҷумла мулки туст ва сари ту биравад ва сари басе халқ ва мо низ дар сари шумо шавем. Султон Муҳаммад навмед бозгашт ва анқариб Чингизхон хуруҷ кард ва рафт он чи рафт. Рӯзе қаввол дар маҷлиси Шайх Маҷдиддин ин байтро хонд, ки байт:

Хуш бофтаанд дар азал ҷомаи ишқ,
Гар як хати сабз бар канораш будӣ!

Шайх маҳосини худро бигирифт ва теғи даст бар гулӯ ниҳод ва гуфт:

Гар як хати сурх бар канораш будӣ.

Ва ҳамоно, ки ба ин ишорат ба шаҳодати худ карда бошад ва баъд аз он ин рубоӣ бигуфт. Байт:

Дар баҳри муҳит ғӯта хоҳам хӯрдан,
Ё ғарқа шудан, ё гуҳаре овардан.
Кори ту мухотар аст, хоҳам кардан,
Ё сурх кунам рӯй зи ту, ё гардан!

Дар хизмати Шайх Маҷдиддини Қубаро дарвеше буд аз қарияи Бискардобод ва вайро Зангии Бискардӣ мегуфтанд ва ба мақоми олӣ расида буд, то ғояте ки то вай аз хилват берун наёмадӣ, самоъ барнахостӣ. Рӯзе дар аснои самоъ вақти ӯ хуш шуд. Аз замин бархосту тоқе баланд буд, он ҷо бар он тоқ нишаст ва дар вақти фуруд омадан аз боло бар гардани Шайх Маҷдиддини Бағдодӣ ҷаст ва пойҳо фурӯ овехт. Ва Шайх



Маҷдиддин ҳамчунин чарх мезад ва ин Зангӣ марде баланду гарон буд ва Шайх Маҷдиддин бас нозуку латиф. Чун аз самоъ фориғ шуд, гуфт:

— Надонистам, ки зангист бар гардани ман ё гунҷишке.

Ва чун аз гардани ӯ фурӯ меомад, рухсораи ӯро ба дандон бигрифт, чунон ки нишон бимонд. Борҳо Шайх Маҷдиддин гуфтӣ, ки маро дар қиёмат ҳамин муфохарати тамом аст, ки асари дандони Зангӣ бар рӯи ман бошад...

Чун Шайх Маҷдиддинро дар санаи сабъ ва ситамиа (607/1210) ва қила (ва мегӯянд — *А. М.*) санаи ситта ашар ва ситамиа (616/1220) шаҳид карданд, хотуни вай, ки аз Нишопур буд, вайро ба Нишопур нақл кардаанд.

**Шайх Сайфиддини Бохарзӣ.** Вай аз хулафои Шайх Наҷмиддини Қубаро аст. Баъд аз таҳсилу такмили улум ба хидмати Шайх омад ва тарбият ёфт. Дар авоил, ки вайро ба хилват менишонданд, дар арбаъини дуввум ба дари хилвати вай омад ва ангушти муборак бар дари хилвати вай зад ва овоз дод, ки эй Сайфиддин! Байт:

Манам ошиқ, маро ғам созвор аст,
Ту маъшуқӣ, туро бо ғам чӣ кор аст?

— Бархез ва берун ой!

Он гоҳ дасти вай бигрифт ва аз хилват берун овард ва ба тарафи Бухоро равона кард.

Вақте барои Шайх Наҷмиддин аз Хато канизаке оварда будаанд, шаби зифоф бо асҳоб гуфтааст, ки мо имшаб ба лаззати машруъа иштиғол хоҳем намуд. Шумо низ дар мувофиқат тарки риёзат кунед ва ба фароғату осудагӣ ба сар баред. Чун ҳазрати Шайх ин бигуфт, Шайх Сайфиддин он шаб ибрике бузург пур-

об кард ва бар дари хилвати Шайх биистод. Чун вақти сабӯҳ Шайх берун омад, вайро дид, гуфт:

— На мо гуфта будем, ки имшаб ба лаззату ҳузури худ машғул бошед. Чаро худро ба ин риёзат дар ранҷ андохтӣ?

Гуфт:

— Шумо фармудед, ки ҳар кас ба лаззату ҳузури худ машғул шавад. Маро ҳеҷ лаззату рое он нест, ки бар остонаи ҳазрати Шайх ба хизмат биистам.

Шайх фармуд, ки башорат туро, ки султон дар рикоби ту бидаванд.

Рӯзе яке аз салотин ба зиёрати Шайх Сайфиддин омад ва дар вақти бозгаштан аз Шайх дархост, ки аспе назри Шайх кардаам. Илтимос менамоям, ки Шайх қадам ранҷа намоянд, то ба дасти худ савор кунам. Шайх илтимоси вайро мабзул дошт, ба дари хонақоҳ омад. Подшоҳ рикоб бигрифт, то Шайх савор шавад. Асп саркашӣ кард ва инон даррабуд, қариб ба панҷоҳ гом дар рикоби Шайх бидавид.

Шайх подшоҳро гуфт:

— Ҳикмат дар саркашии ин асп он бувад, ки мо шабе дар хизмати Шайхулислом Шайх Наҷмиддин будем. Моро башорат дод, ки подшоҳон дар рикоби ту бидаванд. Акнун ин мисдоқи сухан шуд...

Рубоиёт:

Ҳар шаб ба мисоли посбони кӯят,
Мегардаму гирди остони кӯят.
Бошад, ки барояд, эй санам, рӯзи ҳисоб,
Номам зи ҷаридаи сагони кӯят.

* * *

Харчанд гахе зи ишқ бегона шавам,
Бо офият ошнову ҳамхона шавам.
Ногоҳ парирухе ба ман баргузарад,
Баргардам аз он ҳадису девона шавам.



Рӯзе ба ҷанозаи дарвеше ҳозир шуд.

Гуфтанд:

— Шайхо, талқин фармоед!

Пеши рӯи майит омад ва ин рубоӣ фармуд. Байт:

Гар ман гунаҳи ҷумла ҷаҳон кардастам,
Лутфи ту умед аст, ки гирад дастам.
Гуфтӣ, ки ба вақти аҷз дастат гирам,
Оҷизтар аз ин маҳоҳ, к-акнун ҳастам.

Тувуффӣ, қаддаса сирруҳу, фӣ сана самонӣ ва хамсин ва ситамиа (658/1260) ва қабри вай дар Бухорост.

**Шайх Наҷмиддини Розӣ.** Вай низ аз асҳоби Шайх Наҷмиддини Кубаро аст, ки тарбияти вайро ҳавола ба Шайх Маҷдиддин карда будааст. Соҳиби «Мирсод ул-аббод» ва тафсири «Баҳр ул-ҳақоиқ» аст. Вайро дар кашфи ҳақоику шарҳи дақоиқ қуввату қудрати тамом будааст. Дар воқеъаи Чингизхон аз Хоразм берун омад ва ба Рум рафт ва вайро бо Шайх Садриддини Қуниявӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ иттифоқи мулоқот афтод.

Гӯянд, ки вақте дар як маҷлис ҷамъ буданд, намози шом қоим шуд, аз вай илтимоси имомат карданд. Дар ҳар ду ракъат сураи «қул ё айюҳал-кофируна»[35] хонд. Чун намоз тамом карданд, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ бо Шайх Садриддин бар ваҷҳи тайибат гуфт, ки зоҳиран як бор барои шумо хонд ва як бор барои мо.

Вафоти вай дар санаи арбаъ ва хамсин ва ситамиа (654/1256) будааст. Ва дар Шунайзияи Бағдод беруни мақбараи Шайх Сарии Сақатӣ ва Шайх Ҷунайд қабре буд. Мегуфтанд, ки қабри вай аст.

Аз мақулоти вай аст ин рубоӣ:

Шамъ арчи чу ман доғи чудой дорад,
Бо гиряву сӯз ошноӣ дорад.
Сарриштаи шамъ беҳ, ки сарриштаи ман,
К-он ришта саре ба рӯшноӣ дорад!

**Шайх Абдуллоҳи Ғурҷистонӣ.** Вай аз асҳоби Шайх Рукниддин Алоуддавла аст ва аз яке деҳҳои Ғурҷистон аст. Хурд будааст, ки падари вай фавт шуда ва модари вай шахси дигарро шавҳар карда. Рӯзе аз вай амре воқеъ шуда буд ва аз он шахс мутаваҳҳим гашта ва гурезон аз деҳа берун омад. Дар он навоҳӣ дарахте буда бузург ва дар пои он дарахт чашмаи обе. Ба он дарахт баромада ва дар миёни шоху барги он пинҳон шуда. Иттифоқо, ҷамоъате аз дарвешони мувал-лаҳ он ҷо нузул кардаанд, дар чашмаи об акси вайро дидаанду вайро аз дарахт фуровардаанд ва ҳамроҳи худ берун бурда. Гузори эшон ба ҷониби Симнон афтода, ба сӯҳбати Шайх рафтаанд ва вайро ҳамроҳ бурда. Чун назари Шайх ба вай афтода, ба нури фаросат камоли қобилияти вайро дар ин тариқ дарёфта, баъд аз он ки дарвешон сафар кардаанд, касон фиристода ва вайро бозгардонида. Дарвешон изтироби бисёр кардаанд ва ба ҳокиму султони вақт руҷӯъ намудаанд. Чун ҳаққонияти ҳазрати Шайх бар ҳама зоҳир буда, ҳеҷ суд надошта. Пас ҳазрати Шайх ба тарбияти вай машғул шуда ва ба ҳусни илтифоти Шайх ба мақомоти олия расида ва он қадар илтифот ва эҳтимом, ки ҳазрати Шайхро нисбат ба вай буда, маълум нест, ки нисбат ба каси дигар буда бошад. Чунон ки аз рубоиёте, ки дар мухотабаи вай гуфтаанд, маълум мешавад.

Чун ба мартабаи такмилу иршоди толибон расида, ҳаволаи вай ба вилояти Тӯс расидааст. Ин ҷо омада ва ба иршоди толибон машғул гашта. Подшоҳи вақт аз вай истидъо намуда, ки бо вай дар баъзе муҳорибот, ки бо аъдо дошта, ҳамроҳ бошад. Ҳамроҳ шуда ва дар он муҳориба мартабаи шаҳодат ёфта ва ҷасади муборакн вайро ба Тӯс нақл кардаанд ва қабри вай он ҷост.



**Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад ал-Балхӣ ар-Румӣ.** Валодати Мавлоно дар Балх будааст, дар шашуми рабеъулаввали санаи арбаъ ва ситамиа (604/1207). Ба хатти Мавлоно Баҳоуддин навишта ёфтаанд, ки Ҷалолиддин Муҳаммад дар шаҳри Балх шашсола буд, ки рӯзи одина бо чанд кӯдак ба бомҳои хонаҳои мо сайр мекарданд. Яке аз кӯдакон ба дигаре гуфта, ки биё, то аз ин бом ба он бом ҷаҳем. Ҷалолиддин Муҳаммад гуфта, ки ин навъ ҳаракат аз сагу гурба ва ҷонварони дигар меояд. Ҳайф бошад, ки одамӣ ба инҳо машғул шавад ва агар дар ҷони шумо қавле ҳаст, биёед, то сӯи осмон парем. Ва дар он соат аз назари кӯдакон ғоиб шуда. Кӯдакон гиря намуда, фарёд бароварданд. Баъд аз лаҳзае ранги вай мутағайир шуда ва дигаргун гардида ва чашмаш мутағайир гашта бозомад.

Гуфт:

— Он соат, ки бо шумо сухан мегуфтам, дидам, ки ҷамоъате аз сабзқабоён маро аз миёни шумоён баргирифтанд ва ба гирди осмонҳо гардониданд ва аҷоиби малакутро ба ман намуданд. Ва чун овози фарёду фиғони шумо баромад, боз ба ин ҷойгоҳ фуруд оварданд.

Ва гӯянд, ки дар он синн дар ҳар се-чаҳор рӯз як бор ифтор мекард. Ва гӯянд, ки дар он вақт, ки ба Макка мерафтанд, дар Нишопур ба сӯҳбати Шайх Фаридаддин Муҳаммади Аттор қаддаса сирруҳу расида буд. Шайх китоби «Асрорнома» ба вай дода буд ва онро пайваста бо худ медошт.

Хидмати Мавлавӣ мефармудаанд, ки ман ин ҷисм нестам, ки дар назари ошиқон манзурам, балки ман он завқ ва хушиам, ки дар ботини муридон аз каломи

ман сар мезанад аллаҳ, аллаҳ. Чун он дамро ёбӣ ва он завқро бичашӣ, ғанимат медон ва шукрҳо мегузор, ки ман онам.

Дар хидмати Мавлавӣ гуфтанд, фалон мегӯяд, ки дилу ҷони ман ба хидмат аст. Фармуд, ки хомӯш! Дар миёни мардум ин дурӯғ мондааст, ки мегӯянд, ӯ чунон дилу ҷон аз куҷо ёфт, ки дар хидмати мардон бошад?

Баъд аз он рӯй ба сӯи Ҳисомиддин карду гуфт, аллаҳ, аллаҳ, бо авлиён ҳақ ҳамзону бояд нишастан, ки он қурбро асарҳост азим. Байт:

> Яке лаҳза аз ӯ дурӣ нашояд,
> Ки аз дурӣ харобиҳо физояд.

Ба ҳар ҳоле, ки бошӣ, пеши ӯ бош, ки аз наздик будан меҳр зояд.

Фармудааст, ки мурғе аз замин боло парад, агарчи ба осмон нарасад, аммо ин қадр бошад, ки аз дом дуртар бошад ва бираҳад. Ва ҳамчунин, агар касе дарвеш шавад ва ба камоли дарвешӣ нарасад, аммо ин қадр бошад, ки аз зумраи халқ ва аҳли бозор мумтоз бошад ва аз заҳматҳои дунё бираҳад ва сабукбор гардад. Яке аз абнои дунё пеши ӯ аз хидмат узр мекард, ки дар хидмат муқассирам. Фармуд, ки ҳоҷат ба эътироз нест. Аз он қадар, ки дигарон аз омадани ту миннат доранд, мо аз наёмадани ту миннат дорем. Яке аз асҳобро ғамнок дид. Фармуд, ки ҳама дилтангӣ аз дилниҳодагӣ бар ин олам аст. Ҳар даме ки озода бошӣ аз ин ҷаҳон ва худро ғариб донӣ ва дар ҳар ранг, ки бингарӣ ва ҳар мазза, ки бичашӣ, донӣ, ки ба он намонӣ ва ҷои дигар равӣ ва ҳеҷ дилтанг набошӣ.

Ва фармудааст, ки озодмард он аст, ки аз ранҷо-



нидани касе наранҷад ва ҷавонмард он бошад, ки мустаҳақи ранҷонидаро наранҷонад.

Мавлоно Сироҷиддини Қуниявӣ соҳибсадр ва бузурги вақт буда, аммо бо хидмати Мавлавӣ хуш набуда. Пеши вай тақрир карданд, ки Мавлоно гуфтааст, ки ман бо ҳафтоду се мазҳаб якеам. Чун соҳибғараз буд, хост, ки Мавлоноро биранҷонад ва беҳурматӣ кунад. Якеро аз наздикони худ, ки донишманде бузург буд, бифиристод, ки бар сари ҷамъ аз Мавлоно бипурс, ки ту чунин гуфтаӣ? Агар иқрор кунад, ӯро дашноми бисёр деҳ ва биранҷон. Он кас биёмад ва бар Мавло савол кард, ки шумо чунин гуфтаед, ки ман бо ҳафтоду се мазҳаб якеам.

Гуфт:

— Гуфтаам.

Он кас забон бикшод ва дашному сафоҳат оғоз кард. Мавлоно бихандид ва гуфт, ки бо ин низ, ки ту мегӯӣ ҳам якеам. Он кас хиҷил шуд ва бозгашт. Шайх Рукниддин Алоуддавла гуфтааст, ки маро ин сухан аз вай хуш омадааст...

Ҷамоъате аз хидмати Мавлавӣ илтимоси имомат карданд ва хидмати Шайх Садриддини Қуниявӣ низ дар он ҷамоъат ҳозир буд.

Гуфт:

— Мо мардуми абдолем, ба ҳар ҷое, ки мерасем менишинем ва мехезем. Имоматро арбоби тасаввуф ва тамкин лоиқанд.

Ба хидмати Шайх Садриддин ишорат кард, то имом шуд...

Аз вай пурсидаанд, ки дарвеш кай гуноҳ кунад?

Гуфт, ки магар таъом бе иштиҳо бихӯрад, ки таъом беиштиҳо хӯрдан дарвешро гуноҳе бузург аст.

Фармудааст, ки сӯҳбат азиз аст... ва гуфт, ки дар ин маънӣ ҳазрати худовандам Шамсиддини Табрезӣ қаддаса сирруҳу фармудаанд, ки аломати муриди қа-

булёфта он аст, ки аслан бо мардуми бегона сӯҳбат натавонад доштан ва агар ногоҳ дар сӯҳбати бегона афтад, чунон биншинад, ки мунофиқ дар масҷид ва кӯдак дар мактаб ва асир дар зиндон.

Ва дар марзи охир ба асҳоб гуфтааст, ки аз рафтани ман ғамнок машавед, ки нури Мансур... баъд аз саду панҷоҳ сол бар рӯҳи Шайх Фаридаддини Аттор... таҷаллӣ кард ва муршиди ӯ шуд. Дар ҳар ҳолате бошад, маро ёд кунед, то ман шуморо ёд кунам... дар ҳар либосе, ки бошам. Дигар фармуд, ки дар олам моро ду таъаллуқ аст: яке ба бадан ва яке ба шумо. Ва чун аз инояти ҳақ субҳонаҳу фарду муҷаррад шавам ва олами таҷриду тафрид рӯй намояд, он таъаллуқ низ аз они шумо хоҳад буд.

Хидмати Шайх Садриддин қаддаса сирруҳу ба аёдати вай омад. Фармуд, ки «шафокаллоҳу шафоан аҷилан» рафъи дараҷот бошад, умед аст, ки сиҳат бошад. Хидмати Мавлоно ҷони оламиён аст. Фармуд, ки баъд аз ин «шафокаллоҳу» шуморо бод, ҳамono ки дар миёни ошиқу маъшуқ пироҳане аз шаър беш намондааст. Намехоҳед, ки нур ба нур пайвандад. Байт:

> Ман шудам урён зи тан, ӯ аз хаёл,
> Мехиромам дар ниҳоёти висол.

Шайх бо асҳоби [худ] гирён шуданд ва ҳазрати Мавлоно ин ғазал фармуд: «Чӣ донӣ ту, ки дар ботин чӣ шоҳе ҳамнишин дорам».

Ва суол кардаанд, ки ба хилофати Мавлавӣ муносиб кист? Фармуд, ки Чалабӣ Ҳисомиддин. То се бор ин саволу ҷавоб муқаррар шуд. Чаҳорум бор гуфтанд, ки нисбат ба Султон Валад чӣ мефармоянд?

Фармуд, ки вай паҳлавон аст, ҳоҷат ба васият нест.



Чалабӣ Ҳисомиддин пурсид, ки намози шуморо кӣ гузорад? Фармуд, ки Шайх Садриддин. Ва фармуд, ки ёрон моро аз ин сӯ мекашанд ва Мавлоно Шамсиддин он ҷониб мехонад.

Тувуффӣ... санаи иснайн ва сабъин ва ситамиа (672/1274). Аз Шайх Муайяддини Ҷандӣ суол кардаанд, ки хидмати Шайх Садриддин дар шаъни хидмати Мавлавӣ чӣ мегуфт?

Гуфт:

— Валлоҳ, рӯзе ба хоси ёрон мисли Шамсиддини Айко ва Фахриддини Ироқӣ ва Шарафиддини Мусилӣ ва Шайх Саиди Фарғонӣ ва ғайраҳум нишаста буданд. Сухан аз сират ва сарирати Мавлоно берун омад. Ҳазрати Шайх фармуд:

— Агар Боязид ва Ҷунайд дар ин аҳд будандӣ, ғошияи ин марди мардона баргирифтандӣ ва миннат бар ҷони худ ниҳодандӣ. Хонсолори фикри муҳаммадӣ ӯст. Мо ба туфайли вай завқ мекунем.

Ҳама асҳоб инсоф доданд ва офарин карданд. Баъд аз ин Шайх Муайяд гуфт:

— Ман низ аз ҷумлаи ниёзмандони он султонам...

**Султон Валад.** Вай Сайид Бурҳониддини Муҳаққиқ ва Шайх Шамсиддини Табрезиро хизматҳои шоиста карда буд ва бо Шайх Салоҳиддин, ки падари хотуни вай буд, иродати тамом дошт ва ёздаҳ сол Чалабӣ Ҳисомиддин қоиммақом ва халифаи падари худ медошт ва солҳои бисёр каломи волиди худро ба лисони фасеҳу баёни сареҳ тақрир мекард ва вайро маснавие ҳаст бар вазни «Ҳадиқа»-и Ҳаким Саноӣ. Басе аз маъориф ва асрор дар он ҷо дарҷ кардааст. Борҳо хизмати Мавлоно вайро хитоб кардӣ, ки «анта ашбаҳуноса бӣ халқан ва хулқан»[36] ва азим дӯсташ доштӣ.

Гӯянд, ки ба қаламӣ ситабр бар девори мадрасаи худ навишта буд, ки Баҳоуддини мо некбахт аст...

Гӯянд, ки рӯзе вайро навозиш мефармуд ва мегуфт:

— Баҳоуддин, омадани ман ба ин олам ҷиҳати зуҳури ту буд. Ин ҳама суханон қавли ман аст ва ту феъли манӣ.

Рӯзе хидмати Мавлоно вайро гуфт:

— Ба Димишқ рав, ба талаби Мавлоно Шамсиддин ва чандин симу зар бо худ бубар ва дар кафши он султон рез ва кафшро ба тарафи Рум бигардон. Чун ба Димишқ расӣ, дар Солиҳа хонаест машҳур. Яксар ба он ҷо рав, ки вайро он ҷо ёбӣ, ки бо фарангиписаре соҳибҷамол шатранҷ мебозад. Чун вай барад, зар меситонад ва чун он писар мебарад, силӣ мехӯрад. Зинҳор, ки инкор наёрӣ, ки он писар аз ин тоифа аст. Аммо худро намедонад, мехоҳад, ки вайро ба вай шиносо гардонад.

Чун Валад ба ҷониби Димишқ рафт, Мавлоно Шамсиддинро ҳам он ҷо, ки нишон дода буд, ёфт, ки ба он писар шатранҷ мебохт. Бо ҷамоъати ҳамроҳон пеши вай сар ниҳоданд ва риққатҳо карданд ва он фарангиписар чун онро бидид, бузургии вайро донист, аз беадабии худ хиҷил шуд. Сар бараҳна кард ва имон овард ва ба инсоф биистод ва хост, ки ҳар чи дорад, ба яғмо диҳад. Мавлоно Шамсиддин нагзошт. Фармуд, ки ба Фарангистон бозгард ва азизони он диёрро мушарраф гардону қутби он ҷамоъат бош.

Баъд аз он Султон Валад зару симе, ки оварда буд, дар кафши Мавлоно Шамсиддин рехт ва кафши вайро ба тарафи Рум бигардонид ва аз забони хизмати Мавлоно ва соири мухлисони Рум истидъои вай кард. Вай қабул кард. Аспе, ки дошт, пеш кашид. Мавлоно Шамсиддин савор шуд ва Султон Валад пиёда дар рикоби вай равон гашт. Мавлоно Шамсиддин фармуд, ки Баҳоуддин савор шав. Сар ниҳод ва гуфт:



— Шоҳ савору банда савор, ин ҳаргиз раво набошад.

Аз Димишқ то Қуния дар рикоби вай пиёда рафт. Чун ба Қуния расид, Мавлоно Шамсиддин хизматҳои Султонро ба Мавлоно тақрир кард ва мегуфт, ки ман вайро чунин гуфтам ва вай ҷавобам чунин дод ва башошати бисёр менамуд.

Пас гуфт:

— Маро аз муҳити ҳақ таъоло ду чиз аст: сар ва сирр. Сарро дар роҳи Мавлоно ба ихлос фидо кунам ва сирро ба Баҳоуддин Валад бахшидам. Агар Баҳоуддин Умари Нӯҳ будӣ ва ҳамаро дар ин роҳ сарф кардӣ, оташ муяссар нашудӣ, ки дар ин сафар аз ман ба вай расид. Умед аст, ки аз шумо низ насибҳо ёбад.

Чу хизмати Мавлоно ба ҷавори ҳақ пайвастанд, баъд аз рӯзи ҳафтум Чалабӣ Ҳисомиддин бархост ва бо ҷамъи асҳоб пеши Султон Валад омад ва гуфт:

— Мехоҳам, ки алявм бар ҷои падар биншинӣ ва мухлисону муридонро иршод кунӣ ва шайхи ростии мо бошӣ ва ман дар рикоби ту ғошия бар дӯш ниҳода бандагӣ кунам ва ин байт бихонд:

> Бар хонаи дил, эй ҷон, он кист истода,
> Бар тахти шаҳ кӣ бошад ҷуз шоҳу шоҳзода.

Султон Валад сар ниҳод ва бисёр гирист ва фармуд, ки «ас-сӯфию авло бихирқатиҳи вал-ятиму аҳро биҳирқатиҳи».[37] Ҳамчунон ки дар замони волидам халифа ва бузургвори мо будӣ, ҳамчунин дар ин замон халифа ва бузургвори моӣ.

Вай гуфта, ки рӯзе волидам гуфт, ки Баҳоуддин агар хоҳӣ, ки доимо дар биҳишти барин бошӣ, бо ҳама кас дӯст шав ва кини касеро дар дил мадор ва ин рубоиро бихонд. Байт:

Бешӣ талабӣ, зи ҳеч кас беш мабош,
Чун марҳаму мум бош, чун неш мабош.
Хоҳӣ, ки зи ҳеч кас ба ту бад нарасад,
Бадгӯву бадомӯзу бадандеш мабош.

Тамоми анбиё... ин кардаанд ва ин сиратро ба сурат оварда. Лоҷарам кофари оламиён мағлуби хулқи эшон гаштаанд ва маҷзуби лутфи эшон шуда. Чун дӯстонро ёд мекунӣ, бӯстони дарунат аз хушӣ мешукуфад ва аз гулу райҳон пур мешавад ва чун зикри душманон мекунӣ, боғи дарунат аз хору мор пур мешавад ва пажмурдахотир мегардӣ. Гӯянд, ки дар шаби вафоти худ ин байт мехондааст. Байт:

Имшаб шаби он аст, ки бинам шодӣ,
Дарёбам аз худон худ озодӣ.

Тувуффӣ, қаддаса сирруҳу лайлата явмиссабт-илошири мин шаҳри раҷаби саната исно ашар ва сабъамиата[38] (712/1313).

**Шайх Иброҳими Маҷзуб.** Вай ҳамон аст, ки зикри вай дар баёни аҳволи Шайх Наҷибуддини Барғаш гузашт.

Шайх Наҷибуддин гуфтааст, ки девонае аҷаб буд ва халқ гуфтанд, ки вақт бошад, ки чанд рӯз ҳеҷ нахӯрад ва вақт бошад, ки як дафъа сад ман бихӯрад ва вайро аҳволу кароматӣ аҷаб мегуфтанд.

Маро орзуи сӯҳбати ӯ мебуд. Вайро мегуфтам:

— Биё, то як рӯз бо ту ҳамсӯҳбат бошам.

Иҷобат намекард. Як бори охир рӯзе вайро дар бозор дидем ва миёни зимистон буд.

Гуфт:

— Ин соат вақти он аст, ки ҳамсӯҳбат бошем. Лекин ба шарти он ки имшаб дар масҷиди бозор бошем.

Бо вай дар масҷид рафтам.



Гуфтам:

— Таъоме биёварам.

Гуфт:

— Ман серам.

Бас барфу борон омадан гирифт ва новадонҳо равон гашт. Чун намози шом ва хуфтан бигзоридем ва халқ аз масҷид берун рафтанд ва ман бо вай танҳо бимондам, гуфт:

— Ман гуруснаам, чизе биёвар, то бихӯрам.

Шаб торик буд ва барфу борони азим меборид. Чанд динор зар доштам, вайро додам ва гуфтам:

— Маъзур дор, ки узри возеъ аст, ин зарро фардо қути худ соз.

Зарро бистуд ва соате сабр кард ва боз гуфт:

— Ман гуруснаам, бархезу чизе биёвар, то бихӯрам.

Хонаи ман аз он масҷид дур буд, аммо наздики он масҷид маро хеше буд мунъим. Ба хонаи ӯ рафтам ва чун шунида будам, ки вай чизе бисёр мехӯрад, гуфтам:

— Маро ҷамоъате меҳмон расидаанд ва ин ба он маънӣ гуфтам, ки ҳар як тан дар ҳақиқат ҷамъе аст. Аз бас латоиф, ки дар вай аст аз нафасу қалбу рӯҳ ва ғайраҳо. Эшон гуфтанд:

— Дер гоҳ аст ва таъоме пухта намондааст.

Хизматгорон доштанд. Ҳар якеро табақе бар сар ниҳоданд, баъзе пур аз биринҷи хому баъзе пур аз бақлои хом ва баъзе паниру баъзе нахӯду гандум ва як адад дунбаву як адад қадид бо ман ба масҷид оварданд.

Гуфтанд:

— Худ бипазед.

Ман онҳоро пеши вай ниҳодам ва бо худ тахмин кардам, он ҳама панҷоҳ ман буд.

Гуфтам:

— Сабр кун, то инхоро бипазам.

Гуфт:

— Ҳамчунин мехӯрам.

Ҳамаро ҳамчунон хом бихӯрд. Соате сабр кард. Овози соиле аз раҳгузар баромад, ки дарюза мекард. Аз масҷид берун давид ва ҳар чи ҷамъ карда буд аз вай бистуд. Миқдори даҳ ман нонпораҳову таъомҳо ба масҷид дарун даровард ва ҳамаро бихӯрд. Чун аз шаб нима гузашт, маро гуфт:

— Бархез ва дар гӯшаи масҷид раву бихусп, ки бисёр заҳмат аз ман кашидӣ. Аммо, агар ҳаракат кунӣ ё биҷунбӣ, туро ҳалок кунам.

Ман ба гӯшаи масҷид рафтаму бихуспидам ва заҳраи он надоштам, ки ҳаракате кунам. Чунон ки агар узве аз ман хориш мекард, заҳраи хоридан надоштам. Ва дар он масҷид санге бузург ниҳода буд. Ҳар соат бархостӣ ва он сангро баргирифтӣ ва ба болини ман овардиву бо худ гуфтӣ:

— Ин сангро ба вай фурӯ кӯбаму вайро ҳалок кунам.

Пас ҳам худ гуфт, ки раво набошад, ки падараш марде пир аст, фардо ҷазъ кунад.

Он сангро боз ба ҷои худ ниҳодӣ. Чанд навбат чунин кард ва маро аз тарс хоб намеомад. Аммо худро чунон менамудам, ки дар хобам. Пас маро гуфт:

— Медонам, ки дар хоб наӣ. Туро заҳмати бисёр додам. Акнун туро ба худой бахшидам, бар боми масҷид меравам, то ту эмин гардӣ ва хоб кунӣ.

Пас бар боми масҷид рафт ва бар сари нардбони масҷид як хонае буд ва китоби бисёр дар он ҷо, ки имоми масҷид ниҳода буд. Ба он хона даррафт ва ман аз тарс бирафтам ва дари хонаро аз берун бастам ва бихуфтам. Овози чизе хӯрдани вай аз он хона меомад





*Саҳаргоҳон, ки аз боди сабо бӯи баҳорон зад,*
*Ба гулгашти чаман булбул салои майгусорон зад.*

аз 96 то 129
саҳифаҳо нестанд!!!
(Нашри китоб давида аст!!!)



*Ба остонаи майхона кай тавон зад даст,*
*Ба зери пой накарда сипеҳри аълоро.*

си маҷоз намудааст, ҳарчанд маълӯм нест, ки дасти иродати пире гирифта ва дар тасаввуф ба яке аз ин тоифа нисбат дуруст карда бошад, аммо суханони вай чунон бар машраби ин тоифа шудааст, ки ҳеч касро ба он иттифоқ наяфтода. Яке аз азизони силсилаи хоҷагон фармудааст, ки ҳеч девон беҳ аз девони Ҳофиз нест. Агар марди сӯфӣ бошад ва чун ашъори вай аз он машҳуртар аст, ки ба эрод эҳтиёҷ дошта бошад. Лоҷарам инони қалам аз он масруф мегардад. Вафоти вай дар санаи иснайни ва тисъин ва сабъамиа (792/1390) будааст.

**Амми Ҳассон.** Аз зуҳҳоди аҳли Кӯфа будааст. Сӯфёни Саврӣ ба зиёрати вай мерафта ва баъзе гуфтаанд, ки вайро ба занӣ бихостааст. Сӯфён гуфтааст, ки вақте бар вай даромадам, дар хонаи вай ғайр аз як пора ҳасири кӯҳна ҳеч надидам.

Гуфтам:

— Агар руқъае ба писарони амми ту навишта шавад, риъояти ҳоли ту мекунанд.

Вай гуфт:

— Эй Сӯфён, дар чашму дили ман пеш аз ин бузургтар будӣ. Аз ин ки акнун шудӣ, ман ҳаргиз дунёро савол намекунам аз касе, ки молики он аст ва қодир аст бар он ва мутасарриф аст. Чун суол кунам аз касе, ки қодир нест бар он. Эй Сӯфён, валлоҳ, ки дӯст намедорам, ки бар ман вақте гузарад, ки дар он вақт аз худои таъоло ба ғайри вай машғул бошам.

Сӯфён аз он сухан бигрист.

**Зайтуна.** Номи вай Фотима аст. Хидмати Абӯҳамза ва Ҷунайд ва Нурӣ... карда буд. Вай гуфта, ки рӯзе сармое сахт буд, бари Нурӣ даромадам ва гуфтам:

— Ҳеч меҳӯрӣ?

Гуфт:

— Оре.

Гуфтам:

— Чӣ чиз биёрам?

Гуфт:

— Нон ва шир.

Овардам. Ва пеши вай оташ карда буданд ва дасти вай аз хокистар сиёҳ шуда буд. Ба ҳар ҷо аз дасти вай, ки шир мерасид, сиёҳӣ шуста мешуд. Чун онро бидидам, бо худ гуфтам:

— Ё раб, маақзар авлиёука мо фиҳим аҳад назиф.[58]

Пас аз пеши вай берун рафтам. Ба ҷое расидам, зане дар ман овехт, ки ин ҷо як размаи ҷома буд, ту бурдаӣ ва маро пеши амир бурд. Нурӣ онро шунид дар ақиби ман пеши амир ҳозир шуд ва гуфт:

— Вайро маранҷон, ки аз авлиёи худой аст...

Амир гуфт:

— Ман чӣ ҳила кунам, ки хасми вай онро аз вай металабад?

Ногоҳ канизе сиёҳ пайдо шуд ва он размa бо вай ва гуфт:

— Вайро бигузоред, ки размаро ёфтам.

Пас Нурӣ дасти маро бигирифт ва аз пеши амир берун оварду ва гуфт:

— Чаро гуфтӣ: — «Мо авҳаш авлиёука ва ақзарҳум!»[59]

Гуфтам:

— Тавба кардам аз он чи гуфта будам.

**Духтари Қаъб.**[60] ...Шайх Абӯсайиди Абулхайр гуфтааст, ки духтари Қаъб ошиқ буд бар он ғулом, аммо пирон ҳама иттифоқ карданд, ки ин сухан, ки ӯ мегӯяд, на он сухан бошад, ки бар махлуқ тавон гуфт. Ӯро ҷои дигар кор афтода буд. Рӯзе он ғулом он духтарро ногоҳ дарёфт, сари остини вай гирифт. Духтар бонг бар ғулом зад, гуфт:

— Туро ин бас нест, ки ман бо худовандам ва он



ҷо мубталоям, бар ту берун додам, ки тамаъ мекунӣ?

Шайх Абӯсайид гуфт:

— Сухане, ки ӯ гуфтааст, на чунон аст, ки касеро дар махлуқе афтода бошад, вай гуфтааст:

Ишқро боз андар овардам ба банд,
Кӯшиши бисёр н-омад судманд.
Ишқ дарёе каронанопадид,
Қай тавон кардан шитоб, эй мустаманд?
Ишқро хоҳӣ, ки поёне барӣ?
Баски бипсандид бояд announce нописанд!
Зишт бояд диду ангорид хуб,
Заҳр бояд хӯрду ангорид қанд!
Тавсанӣ кардам, надонистам ҳаме,
Қ-аз кашидан тангтар гардад каманд.

**Фотима бинт ал-Мусно.** Шайх Муҳиддин ибн ал-Арабӣ... дар «Футуҳот» мегӯяд, ки ман солҳо ба нафси шайхи худ хидмати вай кардаам ва синни вай он вақт бар наваду панҷ сол зиёдат буд. Ва ман шарм медоштам, ки ба рӯи вай нигарам аз тозагӣ ва нозукии рухсори вай. Ҳар кӣ вайро бидидӣ, пиндоштӣ, ки чаҳордаҳсола аст ва вайро бо ҳазрати ҳақ субҳонаҳу таъоло ҳоле аҷаб буд. Маро бар ҳама касоне, ки аз абнои ҷинси ман ба хизмати вай мерасиданд, ихтиёр карда буд ва мегуфт:

— Мисли фалон кас надидаам, вақте ки пеши ман меояд, ба ҳамагии худ меояд ва дар берун ҳеҷ намегузорад ва вақте ки берун меравад, ба ҳамагии худ берун меравад, пеши ман ҳеҷ боқӣ намегузорад...

Ва ҳам Шайх мегӯяд, дар миёни он ки мо пеши вай нишаста будам, заъифае даромад ва шаҳреро ном бурд, ки шавҳари ман он ҷо рафтааст ва доия доштааст, ки зане дигар бикунад.

**Гуфтам:**

— Мехоҳӣ, ки бозояд?
Гуфт:
— Оре!
Рӯй ба Фотима кардам ва гуфтам:
— Эй модари ман, мешунавӣ, ки чӣ мегӯяд?
Гуфт:
— Ту чӣ мехоҳӣ?
Гуфтам:
— Қазо, ҳоҷати вай он аст, ки шавҳари вай биёяд.
Гуфт:
— Самъан ва тоъатан,[61] ҳоло «Фотиҳат ул-китоб»-ро мефиристам ва вайро васият мекунам, ки шавҳари ин занро биёрад. Ва фотиҳаро хондан гирифт ва ман ҳам бо ӯ хондам.. Донистам, ки аз қироъати фотиҳа сурате ҷасадонӣ иншо кард ва вайро фиристод ва дар вақти фиристодан гуфт: — Эй «Фотиҳат ул-китоб», меравӣ ба фалон шаҳру шавҳари ин занро мебинӣ ва вайро намегузорӣ, то намеорӣ!

Шайх мегӯяд, ки аз фиристодани Фотима то омадани шавҳари вай беш аз он фурсат нашуд, ки қатъи он масофат тавон кард.

## ХОТИМА

Ба итмом расид ва ба эҳтимом анҷомид китоби «Нафаҳот ал-унс мин ҳазарот ал-қудс», ки мақсуд аз он шарҳи ахлоқу афъол ва баёни мақолоту аҳволи карами равонӣ буд, ки ба қадами сидқ роҳи бодиян талабро спаридаанд...

Рубоӣ:

Ин нусхаи муқтабас зи анфоси киром,
К-аз вай нафаҳоти унс ояд ба машом.
Аз ҳиҷрати хайри башару фахри аном,
Дар ҳаштсаду ҳаштоду савум[62] гашт тамом.



# РИСОЛАИ ҚОФИЯ



Омӯхтан ва дастрас намудани осори илмию назарии гузаштагон яке аз вазифаҳои муҳими муҳаққиқони тоҷик мебошад. Дар соҳаи илми бадеъ, қофияву арӯз гузаштагонамон аз худ осори ғанӣ боқӣ гузоштаанд, лекин имрӯз дар ин мавзӯъ силсилаи мақолаву асарҳо таълиф шуда бошанд ҳам, мутаассифона, ягон рисолаи қофияву арӯз аз осори гузаштагон ба расмулхати имрӯзаи тоҷикӣ интишор наёфтааст. Ва ҳол он ки ба табъ расондани рисолаҳои илми сегона — қофияву арӯз ва бадеъ барои таҳқиқи масъалаҳои поэтикаи тоҷикӣ ва дарки афкори назарии гузаштагон хеле зарур аст. Масалан, шоири бузурги асри XV Абдураҳмони Ҷомӣ дар илми адабиётшиносӣ ва поэтика асарҳои хеле муҳим ва ҷолиби диққат офаридааст.

Ҷомӣ на танҳо ҳамчун шоир ва нависандаи бузург машҳур аст, балки яке аз олимони забардасте мебошад, ки ҳанӯз дар аҳди худ бо асарҳои илмиаш шӯҳрат пайдо карда буд.

Асарҳои илмии ин мутафаккири бузург «Рисолаи арӯз», «Рисолаи қофия», «Рисолаи мусиқӣ», «Рисолаи кабир дар муаммо», «Рисолаи мутавассит дар муаммо», «Рисолаи сағир дар муаммо», «Рисолаи асғари манзума дар муаммо», «Фавоиди Зиёия», «Сарфи

форсии манзум ва мансур» ва ғайра дар таърихи афкори илмӣ ва назарии халқи тоҷик ҳиссаи пурарзише доранд.

Рисолаву асарҳои илмии Абдураҳмони Ҷомӣ дар тӯли қарнҳо ҳамчун манобеи муҳими илмӣ-назарӣ мавриди истифодаи муҳаққиқони илм ва аҳли адаб қарор гирифтаанд. Махсусан рисолаҳои Ҷомӣ оид ба қофия, арӯз ва мусиқӣ то имрӯз аҳамияти худро нигоҳ доштаанд ва аз сарчашмаҳои муҳими назмшиносиву мусиқӣ шуморида мешаванд.

«Рисолаи қофия», ки таълифаш мувофиқи ахбороти муҳаққиқ Аълохон Афсаҳзод дар ҳудуди соли 1465 ё каме пештар анҷом пазируфтааст, дар соҳаи таҳқиқи созмони шеър дар назмшиносӣ аз асарҳои намоёни назарияви шоир ба шумор меравад.

«Рисолаи қофия» бо хоҳишу дархости «асҳобу аҳбоб», яъне ҳамсӯҳбатону дӯстон, асосан дар пайравии «Қофия»-и Шамсуддини Қайси Розӣ (Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ. Алмӯъҷам фӣ маъоири ашъори-л-аҷам. Ба тасҳеҳи аллома... Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ, Теҳрон 1327 (1909) ба тарзи мухтасар тасниф шудааст. Ин асар ҳанӯз дар замонаш диққати аҳли адабро ба худ кашида дар таълими масъалаҳои бунёди назми форсӣ ҳиссагузорӣ кардааст. Масалан, Алишер Навоӣ аз аввалин сабақомӯзон ва баҳрагирони ҳамин «Рисолаи қофия» будааст.

Асари Шамси Қайс, ки то аҳди Ҷомӣ зиёда аз ду аср фосила дошта, бешубҳа, дар инкишофи афкори назарии ашъори форсӣ-тоҷикӣ роли муҳим бозид. Вале услуби нигориши «Ал-Мӯъҷам» бо он ҳама истифодаи ибороту истилоҳоти арабӣ махсусиятҳои хосе дошт ва барои толибилмон то дараҷае мушкилфаҳм буд.

Ҷомӣ дар таснифи асари худ «Қофия» хусусан ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифт ва барои ҳамзамононаш дастури басе осонтару фаҳмотарро пешкаш кард. Аз ин ҷиҳат, Ҷомӣ ба мақсади худ ноил гашт ва асари ӯ ҳавохоҳони бештаре пайдо кард.

Ҷомӣ дар муқаддима баъд аз таърифоти мухтасари мафҳуми қофия дар бораи аҳамият ва навъҳои қофияи шеър дар панҷ фасл маълумот медиҳад, ки аз инҳо иборатанд: 1. Ҳуруфи қофия; 2. Ҳаракоти қофия; 3. Мутародифу мутавотир ва мутадорику мутарокиб ва мутаковис: 4. Муқайяди мутлақу муҷаррад; 5. Уюби қофия (иқтову икфо ва синоду ито). Ҷомӣ дар «Хотима» қофияро ба ду қисмат: маъмул ва ғайри маъмул ҷудо мекунад.



Ҷомӣ мавриди маълумотдиҳӣ асосан ба асари Қайси Розӣ такя мекунад ва дар доираи таъсири ин сарчашма фикрҳои назарии худро бо услуб ва тарзи баёни хос ба дараҷае фаҳмо ва равон ба хонанда мерасонад. Масалан, ҳангоми таълими ин ё он истилоҳоти хоси қофия, ки барои мутолиакунанда фаҳмидани он мушкил бошад, бо услуби хос ба назм даровarда ба тарзи фаҳмо ба хонанда дастрас кардани он пеш гирифта шудааст. Чунончи ин тавр:

> Расеу ишбоу ҳазву тавҷеҳ аст
> Боз маҷрову баъд аз ӯст нафоз.

Мушоҳида мешавад, ки Ҷомӣ дар таърифи масъалаҳои илмӣ ва баҳо додан ба онҳо фикрро дар доираи танги илмӣ нигоҳ намедорад, балки равшантар ва фаҳмотар баён мекунад.

Чунончи, Ҷомӣ дар муқаддимаи «Қофия» ва минбаъд дар бахшҳои дигар роҷеъ ба хусусиятҳои қофия ва риояи қоидаҳои он дар истеъмол пайваста ишораҳо мекунад. Аз ин тарзи баҳо додан ба хусусиятҳои қофия ва тарзи истеъмоли он дар шеър аён мегардад, ки ӯ танҳо бо таърифи мухтасари қофия қаноатманд нест, балки мехоҳад пеш аз муайян намудани ҳудуди қофия ки будани ҷиҳатҳои созмонӣ ва мавқеи онро дар шеър васеъ шарҳ диҳад.

Муҳаққиқ пас аз шарҳ ва ҷамъбасти таърифоти қофия илова мекунад, ки «қофия дар урфи шуарои Аҷам иборат аз тамоми он чи такрор дар охири ҷамеи абёт воҷиб бошад ё мустаҳсан, ба шарти он ки мустақил набошад дар талаффуз, балки ҷузви калима бошад ё ба манзалаи ҷузв» (Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. ҷ. 8. Рисолаи қофия, с. 141—142).

Рисолаи Ҷомӣ дар хусуси қофия бо ин тарзи баён ва услуби равони худ дар Ҳирот ҳамоно ба табъи шеърдӯстону назмшиносон

писанд омад ва ҳамчун дастури таълимӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Баъд аз «Рисолаи қофия»-и Ҷомӣ бо таъсири он «Қофия»-и Нуриддин Аҳмад ибни Абдуҷалил (ки бо дархости Алишер Навой таълиф карда буд), «Дар қавоиди илми қофия»-и Атоуллоҳи Маҳмуди Ҳусайнӣ ва дигар «Қофия»-ҳо навишта шуданд.

Иддае аз аҳли адаб аҳамияти қофияро инкор намуда, чунин изҳори ақида мекарданд, ки қофия гӯё садди роҳи илҳоми шоир мегашта бошад. Ин қабил ашхос моҳият ва ба шеър зебоиву оҳангнокӣ ва рангорангӣ бахшидани қофияро эҳсос намекарданд.

Маълум аст, ки қофия яке аз ҷузвҳои илми 12-гона буда, дар давоми зиёда аз ҳазор сол аҳли адаб онро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи илми шеър меомӯхтанд.

Дуруст аст, ки қофияшиносон баъзан ба қофия аз будаш зиёдтар баҳо дода, дар шеър онро рукни асосӣ мешумориданд. Ҳатто мазмунро тобеи қофия медонистанд, ки ин ҳолат ба шаклпарастӣ мебурд. Маълум, ки аҳамияти қофия дар шеър пас аз вазн хеле калон мебошад. Онро бояд дар пайвастагии арӯзу бадеъ омӯхт. Қофия маъниро таъкид менамояд, ба шеър рангу тароватн тозае бахшида ҳудуди онро муайян мекунад ва санъати суханро тақвият медиҳад.

Ҳарчанд мазмун шаклро муайян намояд ҳам, шакл низ дар навбати худ воситаи ифодаи мазомин мегардад.

В. Маяковский дар яке аз бароммадҳояш оид ба қофия ва аҳамияти он дар шеър изҳори ақида намуда чунин навишта буд, ки қофия банду басти шеър аст.

Шоир дар ҷои дигар риштаи суханро дар хусуси моҳирона истифода бурдани қофия идома дода менависад, ки ман ҳамеша луғати барҷастаи ба назар намоёнро ҷойгир мекунам ва ба ҳар заҳмат шакли мувофиқ ҷустуҷӯ карда, қофияе барояш пайдо мекунам. Натиҷа ин мешавад, ки қофияҳои ман ҳамеша ғайри маъмулӣ воқеъ мегарданд. («Сухан», № 3).

Муҳаққиқони дигар низ қофияро дар шеър баъд аз вазн аз унсурҳои зарурӣ донистаанд. Масалан, Нимо Юсиҷ дар мақолаи



худ «Истеҳкоми шеър («Сухан», № 3) оид ба қофия ва моҳияти он дар шеър фикри бисёр муҳим ва ҷолиби диққатро баён кардааст. Аз назари муҳаққиқ «шеъри беқофия одами беустухон аст».

Ҳамаи ин гуфтаҳо далел бар он аст, ки ба асари Абдураҳмони Ҷомӣ, пеш аз ҳама, ба сифати таҳқиқи назарияви ашъори форсӣ бояд муроҷиат намуд ва аҳамияти онро барои ташаккули афкори илмӣ нисбат ба жанри назм махсус таъкид кард. Ин ҷиҳати масъала ҳарчи зудтар ба алифбои ҳозира дастраси хонандагон гардонидани ин асарро тақозо менамояд.

Нусхаҳои қаламии «Рисолаи қофия»-и Ҷомӣ чи дар феҳристи китобхонаҳои СССР ва чи хориҷӣ зиёд қайд гардидаанд. Вале нусхаи қаламии «Куллиёт»-и Ҷомӣ, ки дар ганҷинаи дастхатҳои шарқии АФ РСС Ӯзбекистон таҳти рақами 1331 нигоҳ дошта мешавад, аз нусхаҳои қадимтарин ва беҳтарин буда, аз тарафи хаттот Муҳаммад ибни Ҳасаншоҳи Ҳиротӣ дар санаи 1502—1503 дар Ҳирот китобат шудааст. Нусхаи мазкур аз дастнависҳои камғалат ва нодир ба шумор меравад.

Дастхати дигари «Куллиёт»-и Ҷомӣ, ки мавриди истифодаи мо қарор гирифт, дар солҳои 1525—1530 рӯбардор карда шудааст. Ин нусхаи «Куллиёт»-и Ҷомӣ дар китобхонаи давлатии оммавии ба номи Салтыков-Щедрини Ленинград таҳти рақами (Дорн—442) маҳфуз аст. Нусхаи мазкур аз «Куллиёт»-и рақами 1331 тафовут дошта, дар он ду рисолаи Ҷомӣ дохил нашуда мондааст. (А. Афсаҳзод. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ. Душанбе «Дониш», 1980, с. 111—114).

Нусхаи саввум чопи Ҳинд аст. «Рисолаи қофия»-и Ҷомӣ бори аввал дар соли 1867 дар Калкатта (дар як ҷилд бо «Арӯз»-и Сайфии Бухороӣ) аз тарафи Блочман ба табъ расидааст.

Ҳангоми ба расмулхати имрӯзаи тоҷикӣ баргардонидани «Рисолаи қофия»-и Ҷомӣ, ки баъзе мушкилиҳо пеш омаданд, аз ҷумла сактаву носаҳеҳиҳои калимот, ибораву истилоҳот, нуқси мисраъу байтҳои ҷудогона дар муқоиса бо нусхаҳои чопӣ ва дастхати «Куллиёт»-и дуюм ислоҳ гардид.

Барои равшантар гардидани фаслҳои «Рисолаи қофия» бо тар-

тиб рақам гузошта шуд. Дар рисолаҳои арӯзу мусиқӣ низ баъд аз фаслҳо мураттаб рақамҳо гузошта шуданд.

Барои такрор нашудани шарҳи баъзе истилоҳот ба асари Б. Сирус «Қофия дар назми тоҷик» (Сталинобод, 1955) муроҷиат карда шуда, дар қавсайн бо ибораи (ниг. ба «Қофия») ишора гардид.

Мушкилии дигаре, ки вақти матнро ба алифбои имрӯзаи тоҷикӣ баргардонидан пеш омад, ин транскрипция ва транслитерацияи истилоҳот ва зикри номҳои ҳарфҳои «алиф», «бо», «со», «то», «нун», «мим», «вов», «ё», «ҳо», «ё-и маҳҷул», «ё-и маъруф», «айн» ва инчунин талаффузи мухталифи касра ва ҳаракатҳои «а», «и», «у» буд, ки ин ҷо тарзи транскрипцияи анъанавиро бештар бо баъзе тағйирот истифода кардем, ки ба ҳодисаҳои фонетикӣ ва забони ҳозираи тоҷик мансубанд.

*Абӯбакр Зуҳуриддинов*

Баъд аз тайимун ба мавзунтарин каломе, ки қофиясанҷони анҷумани фасоҳат бад-он такаллум кунанд, яъне сипос ва ситоиши ҳазрати воҳиб-ул-атийёти ҷалла ҷалолуҳу ва пас аз тарассул ба матбӯътарин мақоле, ки андалебони чамани балоғат бад-он тараннум намоянд... Ин мухтасарест вофӣ ба қавоиди қавофӣ, ки ба мӯҷиби ишорати баъзе аз аҷиллаи асҳоб ва аиззаи аҳбоб сурати таҳрир ва симати тақрир меёбад, умедворӣ ба инояти беғояти ҳазрати борӣ чунон аст, ки ба саодати исғо маҳзуз ва ба айни ризо манзур ва малҳуз гардад. Қитъа:

Чу гул ба ханда дарояд лаби амал зи нишот
Агар зи гулшани лутфаш вазад насими қабул.

## МУҚАДДИМА

Бидон, ки қофия дар урфи шуарои Аҷам иборат аст аз тамоми он чи такрори он дар охири ҷамеи абёт воҷиб бошад ё мустаҳсан, ба шарти он ки мустақил

набошад дар талаффуз, балки ҷузви калима бошад ё ба манзалаи ҷузв. Баъзе тамоми калимаи охирро қофия гуфтаанд[1] ва баъзе ҳарфи равиро.

Радиф калимаеро гӯянд ё бештар, ки бар сабили истиқлол дар охири ҳама абёт биайниҳи муқаррар шавад.

Ва шеъри муштамил бар радифро мурдаф[2] хонанд ва ин хосаи шуарои Аҷам аст.

## ФАСЛ [I]

Ҳуруфи қофия нӯҳ аст, чунон ки гуфтаанд. Шеър:

Равиву ридфу дигар қайду баъд аз он таъсис,
Дахилу васлу хуруҷу мазиду нопра дон.

Равӣ[1] охирин ҳарфи аслӣ аст аз қофия ё он чи ба манзалаи он бошад чун «лом» дар ин байт:

Дар азал нақши ту бар тахтаи гул дидаи дил
Диду пои дили бечора фурӯ рафт ба гил.

Ридф[2] «алиф» ва «вов» ва «ё»-ро гӯянд ба шарти он ки пеш аз равӣ воқеъ бошад бе воситаи мутаҳаррике ва ҳаракоти моқабли эшон аз ҷинси эшон бошад.

Ва ҳар қофияе, ки муштамил бошад бар ридф онро мурдаф хонанд ба сукуни «ро» ва фатҳи «дол».[3]

Пас агар дар миёни равӣ ва ридф ҳарфи сокин дарнаёмада бошад, онро мурдаф ба ридфи муфрад гӯянд, чунон ки дар ин байт. Шеър:

Эй аз бунафша сохта гулбаргро ниқоб,
В-аз шаб тапончаҳо зада бар рӯи офтоб.

Ва агар сокине восита шуда бошад, он сокинро ридфи зоид гӯянд[4] ва «алиф» ва «вов» ва «ё»-ро ридфи аслӣ



ва он қофияро мурдаф ба ридфи мураккаб. Чунончи, шеър:

Азбаски танам з-оташи ишқи ту гудохт,
Натвон танам аз шамъи саҳар бозшинохт.

Ва ҳарфи ридфи зоид шаш аст, чунон ки гуфтаанд. Шеър:

Ридфи зоид шаш бувад, эй зуфунун,
«Ҳо»-ву «ро»-ву «син»-у «шин»-у «фо»-ву «нун».

Чун «сохт» ва «сӯхт» ва «рехт» ва «корд» ва «мӯрд» ва «кост» ва «пӯст» ва «зист» ва «дошт» ва «гӯшт» ва «ёфт» ва «кӯфт» ва «фирефт» ва «монд» ва «дошт».

Бидон, ки ридф дар қофияи форсӣ чун «вов» ва «ё» бошад ба ду гуна аст: маъруф ва маҷҳул.

Маъруф он аст, ки замма ва касраи моқабли «вов» ва «ё»-ро ишбоъ[5] тамом карда бошанд, чун «нур» ва «пир»[6]. Ва маҷҳул он ки ишбоъ тамом накарда бошанд, чун «шӯр» ва «шер».[7] Пас аҳсан, балки воҷиб аст, ки маъруф ва маҷҳулро дар як шеър ҷамъ накунанд, чунон ки Қамоли Исмоил ҷамъ кардааст.

Рубоӣ:

Бо дил гуфтам, ту боре, эй дил некӣ,
Қ-аз ман дурӣ, ба ёри ман наздикӣ.
Дил гуфт, ки бо даҳону зулфаш умрест,
То месозам ба тангиву торикӣ.

Ва гоҳ бошад, ки «ё»-и маҷҳулро бо калимоти арабӣ, имола[8] карда бошанд, ҷамъ кунанд, чунон ки Анварӣ гӯяд:

То моҳи рӯят аз ман рух дар ҳиҷоб дорад,
Не дида хоб дорад, не дил шикеб дорад.

Қайд ҳарфи сокинеро гӯянд ғайри ридф, ки пеш аз равӣ бошад бевосита чун «нун»[9] дар ин байт:

Чу Зӯҳра вақти сабӯҳ аз уфуқ бисозад чанг,
Замона тез кунад нолаи маро оҳанг.

Ва ҳарфи қайд дар луғати форсӣ даҳ аст, чунон ки гуфтаанд.
Шеър:

Гар ҳуруфи қайдро гиранд ёд,
Нест дар лафзи Аҷам аз даҳ зиёд.

«Бо»-у «хо»-у «ро»-ву «зо»-ву «син»-у «шин»,
«Ғайн»-у «фо»-ву «нун»-у «ҳо» бошад яқин.[10]

Чун «абр» ва «сабр» ва «тахт» ва «бахт», «мард» ва «дард» ва «базм» ва «назм» ва «маст» ва «даст» ва «гашт» ва «дашт» ва «мағз» ва «нағз» ва «суфт» ва «гуфт» ва «панд» ва «банд» ва «чеҳр» ва «меҳр».[11]

Ва агар бинои қофия бар арабӣ ниҳанд, риояти қайд дар ҷамеи ҳуруф лозим аст: чун «ваъд» ва «раъд» ва «бикр» ва «фикр» ва «ҷайб» ва «ғайб» ва амсоли он.

Таъсис «алиф»-еро гӯянд, ки миёни ӯ ва равӣ як ҳарфи мутаҳаррик восита бошад.[12]

Ва қофияи муассаса он аст, ки ин «алиф»-ро дар ҷамеи абёт риоят кунанд, чунон ки Камоли Исфаҳонӣ карда дар қасидае, ки матлааш ин аст.
Шеър:

Эй он ки лоф мезанӣ аз дил, ки ошиқ аст,
Тӯбӣ лак, ар забони ту бо дил мувофиқ аст.



Ва шуарои Аҷам бар хилофи Араб риояти таъсисро воҷиб намедонанд, балки мустаҳсан мешуморанд.

Дахил[13] он ҳарфи мутаҳаррикро гӯянд, ки миёни таъсис ва равиро воқеъ шавад, чун «шин» ва «фо» дар байти гузашта.

Васл[14] ҳарферо гӯянд, ки ба равӣ илҳоқ кунанд чун «мим» дар ин байт.
Шеър:

Ман ба бӯи ту ҳавохоҳи насими саҳарам,
К-ӯ зи бӯи ту хабар дораду ман бехабарам.

Хуруҷ[15] ҳарферо гӯянд, ки ба васл пайвандад, чун «мим» дар ин байт.
Шеър:

Мо ҳеҷкасони кӯи ёрем,
Мо сӯхтагони хомкорем.

Мазид[16] ҳарферо гӯянд, ки ба хуруҷ пайвандад, чун «шин» дар ин байт.
Шеър:

Ало айнайҳи айнуллаҳ, чи чашмони сиёҳасташ,
Чи мижгони синоносо, чи мардафган нигоҳасташ.

Ноира[17] як ҳарф ё бештар, ки ба мазид мулҳақ шавад, чун «мим» ва «шин» дар ин байт:

Он маҳ, ки ба чашми меҳр дидастемаш,
Аз ҷумлаи некувон гузидастемаш.

**ФАСЛ [II]**

Ҳаракоти қофия[1] шаш аст, чунон ки гуфтаанд.
Шеър:

Рассу[2] ишбоу[3] ҳазву[4] тавҷеҳ[5] аст,
Боз маҷрову[6] баъд аз ӯст нафоз.[7]

Расс ҳаракати моқабли таъсис аст. Ва пӯшида нест, ки ғайр аз фатҳа натавонад буд.

Ишбоъ ҳаракати дахилро гӯянд ва он бештар касра бошад, чунон ки гузашт. Ва фатҳа низ меояд, чунон ки Заҳир мефармояд дар ин байт:

Бигзашт моҳи рӯза ба хайру мубораке,
Пур кун қадаҳ зи бодаи гулбарги роваке.

Ва замма низ меояд, чунон ки дар ин байт:

Эй кушта маро наргиси шӯхат ба тағофул,
Зулфи ту гирифтаст зи сар расми татовул.

Ҳазв ҳаракати моқабли ридф ва қайдро гӯянд чун фатҳаи «кор» ва «бор» ва «тахт» ва «бахт». Ва ҳар гоҳ ин қофияе муштамил бар ҳарфи қайд мавсума бошад, ихтилофи ҳазвро ҷоиз доштаанд, чунон ки Қамоли Исфаҳонӣ гуфтааст:

Гар сӯзи дилам як нафас оҳиста шавад,
Аз дуди дилам роҳи нафас баста шавад.
Дар дида аз он об ҳамегардонам,
То ҳар чи на нақши туст, аз он шуста шавад.

Тавҷеҳ ҳаракати моқабли равии сокин аст ва нашояд, ки мухталиф гардад, магар вақте ки равӣ мутаҳаррик шавад ба сабаби ҳарфи васл, чунон ки Анварӣ дар қасидае, ки матлааш ин аст:

Эй мусулмонон, фиғон аз ҷаври чарҳи чанбарӣ,
В-аз нифоқи Тиру қасди Моҳу сайри Муштарӣ,



«Сомирӣ» ва «Унсурӣ»-ро қофия сохтааст.

Маҷро ҳаракати равиро гӯянд ва ихтилофи он аслан ҷоиз нест.

Нафоз ҳаракати васл аст, вақте ки хуруҷ бад-ӯ пайвандад, чун ҳаракати «ё» дар ин байт:

То чанд ба санглохи ғам афканиям,
В-аз санги ситам шишаи дил бишканиям.

Ва дар шеъри форсӣ лозим нест, ки ҳарфи васл мутаҳаррик бошад, чунон ки дар ин байт:

Мо ошиқи рӯи некӯвонем,
Девонаи шакли ҳар ҷавонем.

Ва ҳаракати хуруҷ ва мазидро низ нафоз гӯянд, чун ҳаракати «мим» ва «шин» дар ин байт:

То кай ба хуни дидаву дил парваремашон,
Аз раҳ буруи раванду ба роҳ оваремашон.

### ФАСЛ [III]

Арбоби ин саноат ҳар қофияро, ки ба эътибори тақтеъ дар охири ӯ ду сокин паёпай воқеъ шавад, мутародиф[1] хонанд.

Ва он қофия, ки дар охири ӯ як сокин бошад, агар пеш аз сокин як мутаҳаррик аст, онро мутавотир[2] гӯянд. Ва агар ду мутаҳаррик аст, онро мутадорик[3] хонанд. Агар се мутаҳаррик аст, онро мутарокиб[4] гӯянд. Ва агар чаҳор мутаҳаррик аст, онро мутаковис[5] хонанд. Ва қофияи мутаковис дар ашъори Аҷам наёмадааст ва ҷамеи ин алқоб дар ин байт мазкур аст:

Мутародиф, мутавотир, мутадорик мехон,
Мутарокиб, мутаковис лақаби қофия дон.

## ФАСЛ [IV]

Чун ҳарфи равӣ сокин бошад ва ҳарфи васл бад-ӯ напайваста бошад, онро муқайяд хонанд.[1]

Ва агар ҳарфи васл бад-ӯ пайваста бошад, онро мутлақ[2] гӯянд. Ва равии муқайяд агар аз ҳуруфи қофия ҳеҷ ҳарфе дигар надошта бошад, онро муқайяди муҷаррад[3] гӯянд чун «сарвар» ва «дилбар». Агар дошта бошад, ба он ҳарфаш нисбат кунанд, мисли муқайяд ба ридф ё ба ҳарфи қайд гӯянд.

Ва равии мутлақ, агар аз ҳуруфи қофия ҳарфи васл дошта бошад, чун «сарварӣ» ва «дилбарӣ», онро мутлақи муҷаррад гӯянд ва агар ҳарфи дигар аз ҳуруфи қофия дошта бошад, ба он ҳарфаш нисбат кунанд, чунон ки мутлақ ба қайд ва ридф ва хуруҷ ва мазид ваноира гӯянд.

## ФАСЛ [V]

Уюби қофия чаҳор аст: иқво,[1] икфо,[2] синод,[3] ӣто.[4] Иқво ихтилофи ҳазв ва тавҷеҳро гӯянд, чунон ки «дур» ва «давр» ва «ҷаст» ва «ҷуст» ва «пур» ва «бар» дар як шеър ҷамъ кунанд.

Икфо табдили ҳарфи равӣ аст ба ҳуруфе, ки дар махраҷ бо ӯ наздик бошад, монанди «эҳтиёт» ва «эътимод». Ва аз ин қабил аст ҷамъ кардан миёни ҳарфҳои аҷамӣ ва арабӣ, чунон ки «раг» ва «саг»-ро бо «шак» ва «ҳақ» ҷамъ кунанд ва «чап»-ро бо «тараб» ва «каж»-ро бо «газ» ва «поча» бо «хоҷа» ва амсоли он. Ва ин бағоят нописандида аст.

Синод ихтилофи ридф аст, чунон ки «замон» ва «замин»-ро дар қофия ҷамъ кунанд. Ва шуарои Араб ихтилофи ридфро дар «вов» ва «ё» ҷоиз медоранд, чунон ки «амӯд» ва «амид»-ро дар шеър меоваранд ва ин дар ашъори эшон бисёр аст.



Ӣто ифода кардани қофия аст ва он бар ду навъ аст: ҷалӣ ва хафӣ. Ҷалӣ он аст, ки такрораш зоҳир бошад, чунон ки «некӯтар» ва «зеботар» ва «фусунгар» ва «ситамгар». Ва аз ин қабил аст «нун»-и масдар, чун «гуфтан» ва «шунидан» ва ҳарфи ҷамъ чун «алиф» ва «нун» дар «ёрон» ва «дӯстон» ва «алиф» ва «то» дар «сифот» ва «коинот». Ва «алиф» ва «ҳо» дар «лолаҳо» ва «ғунчаҳо». Ва «алиф» ва «нун»-и сифат чун «хандон» ва «гирён» ва «гардон». Ва «ё»-и танкир[5] чун «дасте» ва «марде». Ва «дол»-и истиқбол[6] чун «диҳад» ва «барад». Ва «нун»-и тахсис[7] чун абёт сареҳан ба як маънӣ муқаррар шавад, хоҳ як ҳарф бошад, хоҳ бештар аз қабили ӣтои ҷалӣ аст.[8]

Нашояд, ки binoи қофия бар он ниҳанд ва агар зарурат афтад, дар қасидае беш аз ду ё се натавон овард, ба қадри он такрори қофия ҷоиз доштаанд ва ин навъи қофияро шойгон[9] гӯянд.

Ӣтои хафӣ[10] чун «об»-у «гулоб» ва инро ҷоиз доштаанд, чунон ки дар ин байт:

> Эй гули рухсори ту бурда зи рӯи гул об,
> Суҳбати гулзорҳо карда ба бӯят гулоб.

## ХОТИМА

Қофия бар ду қисм аст: маъмул ва ғайри маъмул. Ғайри маъмул он аст, ки бе он ки дар ӯ тасарруфе кунанд, шоистаи он аст, ки қофия воқеъ шавад. Ва маъмул он аст, ки ба воситаи тасарруфе шоистаи он гардад, ки қофия воқеъ шавад. Он тасарруф гоҳ ба таркиби ду лафз бошад, чунон ки лафзи «аст», масалан ба воситаи таркиб бо лафзи «пайдо» ва амсоли он пайдо кунад, ки бо лафзи «хост» ва «рост» дар як қофия ҷамъ шавад, чунон ки дар ин байт:

Дар оинаи рӯи ту, гар гӯям рост,
Анвори тачаллии илоҳӣ пайдост.

Ва гоҳ ба таҷзияи як лафз бошад, чунон ки Қамоли Исмоил лафзи «корд»-ро дар қасидае, ки матлааш ин аст:

Бартофтаст бахти маро рӯзгор даст,
З-онам намерасад ба сари зулфи ёр даст.

қофия сохтааст бар ваҷҳе, ки ҳарфи «дол»-ро аз ҷониби радиф эътибор кардааст, чунон ки мегӯяд дар ин байт:

Хасми шутур дилатро қурбон кунад ҳаме,
З-он рӯи саъди зобеҳ оҳихта корд аст.

Таммат-ур-рисола.

# РИСОЛАИ АРӮЗ

Асари дигари Абдураҳмони Ҷомӣ, ки дар байни аҳли адаби Ҳироти асри XV шӯҳрат пайдо карда буд, «Рисолаи арӯз»-и ӯст. Санаи таълифи рисола маълум нест. Ин асари Ҷомӣ низ дар «Куллиёт»-и дастхати якуми ӯ (в. в. 432—444) ҷо гирифтааст.

«Рисолаи арӯз» аз ҷиҳати ҳаҷм он қадар калон нест. Чунон ки аз худи асар ба назар мерасад, дар пайравии «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъори-л-аҷам»-и Шамси Қайс таълиф гардидааст. Аз рисолаҳои арӯзие, ки Ҷомӣ мавриди истифода қарор додааст ва ба он эътимод кардааст, ҳамин асари Шамси Қайси Розӣ мебошад.

«Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ муқаддимаву ҳашт фаслро дар бар кардааст. Ҷомӣ дар муқаддима аз хусуси ченакҳои воҳиди шеърӣ: ватаду сабаб, ватади маҷмӯъу мафрук, фосилаи куброву фосилаи суғро ва моҳияти онҳо сухан ронда, дар фаслҳои I—II оид ба таърифи каломи мавзуну зиҳофот ва аҳамияти онҳо ба тарзи фаҳмо маълумоти муфассал додааст.

Дар фаслҳои III—IV мухтасар дар бораи панҷ баҳри арабӣ: Тавилу Мадид ва Комилу Вофиру Басит таваққуф намуда, сипас аз хусуси баҳрҳо, вазнҳо ва доираҳое, ки махсуси назми форсӣ-тоҷикианд, сухан рондааст.

Фаслҳои V—VI ба баҳрҳои хоси назми форсӣ-тоҷикӣ: Ҳазаҷ, Раҷаз, Рамал, Муҷтасс, Музореъ, Мунсареҳу Муқтазаб ва усули тақтеи онҳо бахшида шуда, дар фаслҳои VII—VIII аз хусуси баҳрҳои Сареу Ҷадид, Қарибу Мушокил, Хафиф ва Мутақорибу Мутадорик маълумот дода шудааст.

Албатта, «Ал-Муъҷам» асари муфассале мебошад, ки комилан ба назарияи шеъри тоҷикӣ-форсӣ бахшида шудааст. Дар рисолаи мазкур ҳар як қондаи арӯзу қофия ба таври васеъ, бо шарҳи ҳар як қисмати он батафсил баён мегардад.

Аммо «Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ ба таври малҳуз асари мӯҷаз буда дар он баҳсу мунозираҳои тӯлонӣ дида намешаванд ва қоидаҳо хеле мухтасар тафсир мешаванд.

Мақсади муаллиф аз навиштани ин рисола ҳамоно ба тарзи соддаву равон ба мухлисони шеър фаҳмондан ва дастрас намудани қондаҳои арӯз будааст.

Дар «Арӯз»-и Шамси Қайс қариб барои тамоми намудҳои баҳрҳо мисолҳо оварда шуда, дар айни замон гузориши масъала барои ҳамаи қондаҳои умумии арӯз дида мешавад ва тафсири батафсили онҳо низ ба назар мерасад.

Дар «Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ ҳам барои намудҳои мухталифи баҳрҳо мисолҳо фаровон оварда мешаванд, вале нуктаҳои назарӣ хеле мухтасаранд. Мисолҳои оварда ба килки сеҳрнигори худи Ҷомӣ тааллуқ доранд ва аз ҷиҳати мазмуну шакл барои фаҳму шуури хонанда хеле мувофиқанд.

Ҷомӣ дар рисолаи худ саъй намудааст, ки арӯзро то дараҷае содда ва мухтасар карда шарҳ диҳад ва ба толибилмону мухлисони назм моҳияту нозукиҳои онро кушода диҳад. Аз ин сабаб, ӯ дар «Рисолаи арӯз» аз баҳру вазнҳое, ки дар адабиёти назарии арӯз фақат номбар ва дар шеъри форсӣ истифода намешуданд, сарфи назар кардааст. Масалан, дар асари Ҷомӣ шаклҳои баҳрҳои солими Музореи мусамман, Муҷтасси мусаммани солим, Сареу Мунсареҳи мусаддаси солим ва Муқтазаб ихтисор карда шудаанд ва бо ҳамин барои мутолиакунандагон бори гарони арӯз то андозае сабук гардонида шудааст.



Масъалаи дигаре, ки дар «Арӯз»-и Ҷомӣ ҷолиби диққат мебошад, муносибати нав нисбат ба доираҳо аст, ки қолабҳои хоси арӯзро дар худ таҷассум менамуданд. Албатта, тартиб дода шудани доираҳо аз аввалин кӯшишу хидматҳои Халил ибни Аҳмад буд, ки барои осон намудани фаҳмиши моҳияти илми арӯзи Араб офарида шуда буд.

Назариячиёни арӯзи тоҷикӣ ҳанӯз имконият надоштанд, ки ба системаи доиравии вазни ашъори форсиву тоҷикӣ аз поэтикаи араб принципҳои Халил эҷодкардаро гирифта татбиқ намоянд. Табиист, ки ин кори расмии татбиқ кардани қонунҳои нави арӯзи Арабро дар шеъри тоҷикӣ дар он шароит ҳанӯз ғайри имкон менамуд. Зеро ки арӯзи форсӣ хусусиятҳои хоси худро тадриҷан касб карда ва қолабҳои муайяне ба миён оварда буд, ки ба доираи арӯзи Араб намегунҷид.

Лозим омад, ки ин хусусиятҳои хоси арӯзи форсӣ қаблан бояд омӯхта шаванд ва ба системаи доиравии арӯз, ки арабҳо мувофиқан аз табиати ашъори араб ҳосил карда буданд, ҳамоно ба қолабҳои хоси арӯзи форсӣ мутобиқ гардонида шаванд.

Ба ҳамин тариқ, дар масъалаи истифодаи доираҳо ҳам фикрҳои хоси татбиқи он ба ашъори форсӣ ба миён омад. Масалан, Шамси Қайси Розӣ ва Ҷомӣ аз ду доираи Халил, ки дар онҳо баҳрҳои Тавилу Мадид, Вофиру Басит ва Комил ҷо гирифта буданд, даст кашиданд ва доираи дигаре сохтанд, ки он баҳрҳои хоси тоҷикиро дар бар мегирифт.

Доираҳои дигари боқимонда ҳам, ки сурати онҳоро нисбат ба ашъори арӯзи араб Халил муайян карда буд, дар арӯзи тоҷикӣ-форсӣ имконияти пурра татбиқ шуданро надоштанд. Зеро вазнҳои шеъри форсӣ-тоҷикӣ ба он шакли доираҳо, ки Халил кашида буд, мувофиқат намекарданд. Аз ин ҷост, ки арӯзиёни тоҷик тадбире ҷуста ба хулосае омаданд, ки сурати доираҳои мавҷударо шикананд ва онҳоро аз нав ба табиати назми форсу тоҷик мувофиқ гардонда кашанд.

Олимони форсу тоҷик дар асоси рукнҳои фаръӣ баҳрҳои фаръиро сохтанд. Бо ҳамин принципҳои Халилро эҷодкорона ба

воқеияти назми форсӣ-тоҷикӣ татбиқ гардониданд ва асосу пояи махсуси илми арӯзи форсиро ба миён оварданд.

Табиист, ки ташаккули асосҳои назарии арӯзи форсӣ-тоҷикӣ бе ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои хоси шеъри форсӣ истифодаи қолабҳои тайёрро эътироф намекард, балки қонуниятҳои вазни ашъори форсиро дар як системаи илмӣ дохил намуданро тақозо мекард. Дар корҳои илмии арӯзиёни Аҷам риояи ҳамин принцип мушоҳида мешавад.

Масалан, Ҷомӣ ҳам барои ба як системаи муайян инъикос кардани вазнҳои ашъори форсӣ тадбири Шамсуддин Қайси Розиро тақвият дода, ҷоиз мешуморад, ки барои санҷидани авзони назми форсӣ-тоҷикӣ истифодаи эҷодкоронаи чаҳор доираи арӯз кофист ва ин чаҳор доира инҳоанд: Доираи Мӯъталифа (Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз), Мухталифа (Мунсареҳ, Музореъ ва Муқтазабу Муҷтасс), Мунтазиа (Сареу Хафиф, Қарибу Ҷадид ва Мушокил) ва Муттафиқа (Мутақорибу Мутадорик).

Ҷомӣ мисли арӯзиёни мутақаддим ба ҷои Доираи Муштабиҳаи Халил ду доира: Мухталифа ва Мунтазиаро меорад, ки дар онҳо аз рукнҳои музоҳаф баҳрҳои ҳаштгона, шашгонаи доиравӣ оварда шудаанд.

Баъзе муҳаққиқон чунин ақида доранд, ки гӯё арӯзиёни форсу тоҷик принципи доирасозии Халилро вайрон кардаанд. Вале чи навъе ки мебинем, Шамси Қайс ва Ҷомӣ принципи доирасозии Халилро не, балки худи доираро вайрон карда аз рӯи он мувофиқи тақозои вазни шеъри тоҷикӣ ду доираи навро офаридаанд.

Дар масъалаи зиҳоф ва аҳамияти он дар арӯзи тоҷикӣ ва арабӣ Ҷомӣ бо Шамси Қайс ҳамақида аст. Ӯ ҳамчун устоди илми арӯз кунҳ ва умқи моҳият ва мафҳуми зиҳофро дар шеъри арабӣ ва арӯзи тоҷикӣ муайян ва равшан эзоҳ мекунад. Аз ин ҷост, ки ӯ ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифта, доираҳои арӯзи тоҷикиро тартиб додааст. Аз сабаби он ки дар шеъри тоҷикӣ аксарият вазнҳо зиҳофдор ҳастанд, ин хусусиятҳо моҳиятан хоси арӯзи тоҷикианд ва метавонанд доираи муайянро дар арӯзи тоҷикӣ ташкил намоянд. Масалан, баҳри Ҳазаҷ ва навъҳои мусамману му-



саддас, Рамали мусамман, Музореи мусамман ва навъҳои он, Муқтазаби мусамман ва хелҳои он, Муҷтасси мусаммани махбун ва анвои он, Хафифи мусаммани махбун, Раҷази мусаммани махбун ва дигарҳо.

Анвои баҳрҳое, ки дар фавқ номбар шуданд, махсуси арӯзи форсӣ-тоҷикӣ буда дар эҷодиёти Рӯдакиву Ҷалолиддини Румӣ, Саъдиву Ҳофиз ва Қамолу Ҷомӣ зиёд истифода шудаанд.

Вале инҳо дар арабӣ мустаъмал нестанд. Ва агар баъзан дуҷор шаванд ҳам, ниҳоят каманд. Аз ин ҷиҳат, Шамси Қайс ва Ҷомӣ дар доираҳо ба ин тарафи масъала махсус аҳамият додаанд.

Ва ё барои намуна танҳо як баҳри Ҳазаҷро мегирем, ки шаклҳои шашгонаву ҳаштгонааш тамоман дар назми Араб кор фармуда намешавад. Вале дар назми форсу тоҷик аз баҳрҳои хеле мустаъмал буда, ҳатто қисми асосии сурудҳои халқӣ ба навъҳои ин баҳр тааллуқ доранд. Дар хусуси рубоӣ ҳамин қадар гуфтан мумкин аст, ки аз қадим боз ин жанр бо вазну қофия ва мавзӯоташ моли хоси тоҷикон буд.

Чунон ки дар фавқ мушоҳида намудем, Ҷомӣ монанди Шамси Қайс ва Насириддини Тӯсӣ арӯзро на ҳамчун догма, балки аз рӯи муҳиту шароит илми тағйирёбанда ва инкишофёбанда мешиндорад. Бинобар ин, ӯ дар асараш доир ба арӯз шаклҳои солими номустаъмалро соқит аз доира медонад, ба ҷои онҳо баҳрҳои фаръии мустаъмали форсӣ-тоҷикиро (дар Доираи Мухталифа) ҷо додааст.

«Ва чун аҷзои солими ҳеҷ як аз ин нӯҳ баҳр дар каломи Аҷам шеъре матбӯъ наёмадааст,— менависад Ҷомӣ — Мунсареҳи матвӣ ва Музореи макфуф ва Муқтазаби матвӣ ва Муҷтасси махбунро, ки мусамман ул-аҷзоанд, дар як доира ниҳодаанд ва ном Мухталифа карда» (Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор, ҷ. 8. Рисолаи арӯз с. 170).

«Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ дар пайравии Шамси Қайс таълиф гардида бошад ҳам, аз ҷиҳати сохту композиция, услуби нигo-

риш ва дар бар кардани масъалаҳои асосии арӯзи тоҷикӣ аз асари Шамси Қайси Розӣ фарқ дорад.

Масалан, агар дар «Ал-Муъҷам...» баҳрҳо, зиҳофот, доираҳо бо баёни қоидаву қонунҳои мутамаддид ва услуби то дараҷае мушкилписанд нигориш ёфта бошад, дар «Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ тарзи баён равшану содда ва фаҳмост. Чунончи, ба маълумоти таърифоти дар хусуси Доираи Мӯъталифа додаи муаллифро гирем: «Аҷзои Ҳазаҷ ҳашт бор мафоийлун ва аҷзои Раҷаз ҳашт бор мустафъилун ва аҷзои Рамал ҳашт бор фоилотун. Ва ин ҳар се тан баҳрҳо дар як доира ниҳодаанд ва лақаби он Мӯъталифа карда». (Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор, ҷ. 8. Рисолаи арӯз. с. 170).

Хусусияти дигари «Арӯз»-и Ҷомӣ дар он аст, ки муаллифи он ба вазнҳои дар байни мардум дар аҳди ӯ вуҷуддошта бештар аҳамият додааст ва мисолҳои зиёде овардааст, ки баъзеи ин вазнҳои сабук на дар рисолаҳои арӯзии муосиронаш ва на асарҳои минбаъда дида намешавад.

Аввалин мушкилие, ки ҳангоми мутолиаи рисолаҳои арӯзӣ пеш меояд, душворфаҳм будани баъзе калимаву истилоҳоти арабӣ ва қисме аз нуктаҳои шарҳталаб дар гузориши масъалаҳо мебошад. Вале забон ва услуби «Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ нисбатан соддаву фаҳмост ва ба шарҳу эзоҳи калимаву нуктаҳои ҷудогонаи он низ ҳоҷат камтар ба миён меояд. Албатта, набояд фаромӯш кард, ки илми арӯз дар шакли гузориши классикии худ то дараҷае мураккаб аст. Аз ин сабаб, омӯзишу тадқиқ ва фаҳмидани гузоришоти рисолаҳои арӯзӣ имрӯз баъзе душвориҳо дорад. Ин ҷиҳати кор ба қадри ҳол тайёр шудани тадқиқгаронро талаб менамояд. Барои ин пешакӣ бояд ба қадри ҳоҷат бо асосҳо, мафҳуму истилоҳҳои забони арабӣ, хусусан бо оддитарин рукн ва ченакҳои арӯзӣ афоилу тафоил, (зиҳофҳои асосии фаръӣ), силсилаи тафъилаҳои фоилотун, мафоийлун, мустафъилун, фаъулун, муфтаилун ва ғайра, ки иқтибос аз қолабҳои луғавии забони арабӣ мебошанд, бояд шинос шуд. Яъне илми арӯз бо илми забон сахт пайванд мебошад.

«Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ баъд аз асарҳои «Ал-муъҷам фӣ маъойири ашъори-л-аҷам»-и Шамси Қайс ва «Меъёр-ул-ашъор»-и Насириддини Тӯсӣ аз манбаъҳои мӯътамаде шуморида мешавад, ки чи дар аҳди шоир ва чи минбаъд аксарияти назмшиносон ва аҳли шеъру адаб дар таълифи рисолаҳо, эҷоди ашъор ва танқиди шеър ба он бевосита мурочиат кардаанд.



Бо таъсири ин асар дар асри XV силсилаи рисолаҳои арӯзияи «Мизон-ул-авзон»-и Алишер Навоӣ, «Мухтасар»-и Бобур, «Арӯз»-и Сайфии Бухорой, «Арӯз»-и Атоуллоҳи Маҳмуди Ҳусайнӣ ва дигарон навишта шуданд.

Гурӯҳи дигар «Рисолаи арӯз»-и Ҷомиро конспект (хулоса) намуда ҳамчун дастури амалӣ истифода мекарданд. Аз ҷумла Нуриддин Аҳмад ибни Абдулҷалил, ки бо дархости Алишер Навоӣ оид ба қофия рисолаи муфассале навишта буд, «Рисолаи арӯз»-и Ҷомиро барои худ конспект карда будааст. Хушбахтона, ин асари Нуриддин Аҳмад то замони мо расидааст, ки мавриди истифода қарор гирифт. Чи тавре ки мебинем, «Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ барои аҳли шеъру адаб ҳамчун як дастури амалӣ низ хидмат кардааст.

Нусхаҳои «Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ ҳарчанд дар Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳру Ҳиндустон паҳн шудаанд, вале дар феҳристи китобхонаҳои СССР камтар ба назар мерасанд. Хушбахтона, ҳангоми ба графикаи имрӯзаи тоҷикӣ баргардонидани рисолаи мазкур ба ғайр аз нусхаи қаламии «Куллиёт»-и дар фавқ зикршуда, дастхати дигаре аз Панҷакент пайдо шуд, ки ба килки олими асри XV Нуриддин Аҳмади Зиёратгоҳӣ тааллуқ дорад.

Фотонусхаи ин асар тавассути муҳаққиқи тоҷик, аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон А. Мухторов дастраси мо гардид, ки ба он кас изҳори ташаккур менамоем.

«Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ соли 1287 (1871) бо саъю эҳтимоми Ҳоҷӣ Халил Афандӣ (бе пешгуфтору тавзеҳот) дар Истамбул ба табъ расидааст. Ин рисола низ тавассути олими намоёни Афғонистон устод Ҷовид дастраси мо гардид, ки ба он кас изҳори ташаккур менамоем.

Нусхаи «Рисолаи арӯз»-и «Куллиёт»-и Ҷомӣ, мутаассифона,

нисбат ба «Рисолаи қофия»-и у серғалат аст ва баъзе ноқисиҳо дорад. Махсусан ғалату иштибоҳ дар тарзи навишти тафъилаҳо, истилоҳоту ибораҳо ва номҳои баҳрҳо бештар ба назар мерасанд. Қотиб баъзан номи баҳрҳо ва ё силсилаи тафъилаву рукнҳоро партофта, саҳван ба ҷои онҳо дигар тафъилаҳоро гузоштааст, ки дар тавзеҳот шарҳи онҳо оварда шуданд.

Баъзан аз матн калимаҳо афтода байтҳо сактаву халалдор гардидаанд. Дар ислоҳ ва барқарор намудани тарзи дурусти навишти калимаву ибораҳо фотонусхаи мазкур кӯмак расонд.

Ниҳоят, дар ҳошияи варақҳои 441б—444а «Куллиёт» котиб дертар ҳамон шаклҳои асли баҳрҳои Сареъ, Муҷтасс, Мушкил, Қариб, Хафиф, ки Ҷомӣ аз сабаби дар назми форсу тоҷикӣ мустаъмал набуданашон сарфи назар карда буд, илова намудааст. Мо низ онҳоро соқит намудем.

*Абӯбакр Зуҳуриддинов*

Сипоси вофир қодиреро, ки ҳаракати сареъи даврони афлокро сабаби издивочи усул ва имтизоҷи аркон гардонид ва дуруди мутавофир комилеро, ки ба таъйиди фатҳи қариб аз басити хок тайи бисоти зулол ва хазлон кард...

Аммо баъд бидон, ки арбоби саноати арӯз бинои усули[1] авзони шеърро бар се рукн ниҳодаанд: сабаб, ватад ва фосила. Сабаб бар ду навъ аст: сабаби хафиф[2] ва он лафзест муштамил бар як мутаҳаррик[3] ва як сокин[4] чун «гул» ва «мул». Ва сабаби сақил[5] ва он лафзест муштамил бар ду мутаҳаррик чун «гала» ва «гила» ва ҳарфи «ҳо», ки дар амсоли ин калимот менависанд барои баёни ҳаракати моқабл мебошад ва ба талаффуз дарнамеояд.

Ва ватад низ бар ду қисм аст: ватади маҷмӯъ[6] ва он лафзест муштамил бар ду мутаҳаррик ва як сокин чунон ки «чаман» ва «суман».

Ва ватади мафруқ[7] ва он лафзест муштамил бар ду мутаҳаррик ва як сокин дар миёни эшон, чун «лола» ва «жола».

Ва фосила низ бар ду навъ аст: фосилаи суғро[8] ва он калимаест муштамил бар се мутаҳаррик ва як сокин, чунон ки «санамо», «бинамо».

Ва фосилаи кубро[9] ва он калимаест муштамил бар чаҳор мутаҳаррик ва як сокин, чунон ки «фиканамаш» ва «шиканамаш». Ва маҷмӯи ин аркон дар ин калимот мундариҷ аст:

Бе гули рухат лола ба чаман нанигарад.

ФАСЛ [I]

ТАЪЛИФИ КАЛОМИ МАВЗУН

Аз ҳеҷ аз ин аркони сегона бе он, ки бо дигаре таркиб кунанд, мустаҳсани тибоъ намеафтад на аз асбоби танҳо, чунон ки маснавӣ:

Ҳар дам пешат дорам зорӣ,
Қ-аз ғам то кай зорам дорӣ?

Ва на аз автоди муҷаррад[1], чунон ки:

Ба сӯям ар гузар кунӣ, зиҳӣ аҷаб, зиҳӣ аҷаб,
Ба рӯят ар назар кунам, зиҳӣ тараб, зиҳӣ тараб.

Ва на аз фавосил[2] фақат, чунон ки:

Писаро, бикушо лабу хуш бисаро,
Ба суруди хушат бинавоз маро.

Пас дар таълиф каломи мавзун ночор бошад аз иҷтимои аркон бо якдигар ва усуле, ки аз иҷтимои ин аркон ҳосил меояд ва бинои ҷумлаи ашъори Арабу Аҷам бар он аст. Ва арӯзиён онро афоилу тафоил гӯянд, мунҳасир дар ҳашт асл аст: фаӯлун ба тақдими



ватади маҷмӯъ бар сабаби хафиф,[3] фоилун ба тақдими сабаби хафиф бар ватади маҷмӯъ,[4] мафоӣлун ба тақдими ватади маҷмӯъ бар ду сабаби хафиф,[5] мустафъилун ба тақдими ду сабаби хафиф бар ватади маҷмӯъ,[6] фоилотун ба овардани ватади маҷмӯъ дар миёни ду сабаби хафиф,[7] мафоилатун ба тақдими ватади маҷмӯъ бар фосилаи суғро,[8] мутафоилун ба тақдими фосилаи суғро бар ватади маҷмӯъ,[9] мафъӯлоту ба тақдими ду сабаби хафиф бар ватади мафруқ[10]. Ва он чи аз ин усул дар авзони шеъри форсӣ касирулвуқӯъ аст, панҷ беш нест: мафоилатун, фоилотун, мустафъилун, мафъӯлоту, фаӯлун. Ва ҳар як аз ин усули панҷгонаро фаръе[11] чанд ҳаст, ки ба сабаби тағйире, ки арӯзиён онро зиҳоф[12] хонанд, ҳосил мешавад. Лоҷарам дар баёни зиҳофот ва фурӯи он фасле тартиб дода мешавад.

ФАСЛ [II]

Зиҳофоти мафоӣлун ёздаҳ аст ва фурӯи он низ ёздаҳ аст, аммо зиҳофоти ӯ:

Қабз — исқоти «ё»-и мафоӣлун аст то мафоилун бимонад[1].

Кафф — исқоти «нун»-и мафоӣлун аст, то мафоӣлу бимонад[2].

Ҳарм — исқоти «мим»-и мафоӣлун аст, фоӣлун бимонад, мафъӯлун ба ҷои он биниҳанд.[3]

Харб — исқоти «мим» ва «нун»-и мафоӣлун аст, фоӣлу бимонад, мафъӯлу ба ҷои он биниҳанд.[4]

Шатр — исқоти «мим» ва «ё»-и, (й)-и мафоӣлун аст, фоилун бимонад[5].

Ҳазф — исқоти сабаби хафифи охири ҷузв аст, чун аз мафоӣлун, «лун» биандозанд, мафоӣ бимонад,[6] фаӯлун ба ҷои он биниҳанд.

Қаср — исқоти сокини сабаби охири ҷузв аст ва искони мутаҳаррики он, пас мафойлун мафойл шавад.[7]

Ҳатм — иҷтимои ҳазф ва қаср аст, дар мафойлун, мафоъ бимонад, фаӯл ба ҷои он биниҳанд.[8]

Ҷабб — исқоти ду сабаби хафиф аст аз охири мафойлун мафо бимонад, фаал ба ҷои он биниҳанд.[9]

Залал — иҷтимои ҳатм ва харм аст, дар мафойлун то фоъ бимонад.[10]

Батр — иҷтимои ҷабб ва харм аст, дар мафойлун фоъ бимонад фаъ ба ҷои он биниҳанд.[11]

Ва аммо фурӯи ӯ мафоилун — мақбуз, мафойлу — макфуф, мафъӯлун — ахрам, мафъӯлу — ахраб, фоилун — аштар, фаӯлун — маҳзуф, мафойл — мақсур, фаӯл — аҳтам, фаал — маҷбуб, фоъ — азалл, фаъ — абтар.

Зиҳофоти фоилотун даҳ аст ва фурӯи ӯ понздаҳ аст. Аммо зиҳофоти ӯ:

Хабн — исқоти сокини сабаби аввали ҷузв аст. Чун «алиф» аз фоилотун биандозанд, фаилотун бимонад.[12]

Қафф — исқоти собеъ аст, чун «нун»-и фоилотун биандозанд, фоилоту бимонад.[13]

Шакл — иҷтимои хабн ва кафф аст дар фоилотун, фаилоту бимонад.[14]

Ҳазф дар фоилотун фоило бошад, фоилун ба ҷои он биниҳанд.

Қаср дар фоилотун фоилот бувад ба сукуни «то», фоилон ба ҷои он биниҳанд.

Қатъ дар фоилотун исқоти сабаби охир аст ва исқоти сокини ватад ва искони моқабли ӯ, пас фоил бимонад, фаълун ба ҷои он биниҳанд[15].

Ташъис — исқоти яке аз ду мутаҳаррики ватади фоилотун аст, фоотун ё фолотун бимонад, мафъӯлун ба ҷои он биниҳанд[16].

Ҷаҳф он аст, ки фоилотунро хабн кунанд, фаилотун шавад, он гоҳ фосиларо бияндозанд, тун бимонад, фаъ ба ҷои он биниҳанд[17].

Тасбеғ — зиёда кардани сокине бувад бар сабаби хафифи охирини ҷузв, пас фоилотун фоилотон шавад, фоилиён ба ҷои он биниҳанд[18].

Рабъ — иҷтимои қатъ ва хабн аст дар фоилотун, то фаал бимонад[19].

Ва аммо фурӯи ӯ: фаилотун — махбун, фоилоту — макфуф, фаилоту — машкул, фоилун — маҳзуф, фаилот — махбуни мақсур, фоилот — мақсур, фаилун — махбуни маҳзуф, фаълун — мақтӯъ, мафъӯлун — мушаъас, фаълон — мақтӯи мусаббағ, фаал — марбӯъ, фоилиён — мусаббағ, фаилиён — махбуни мусаббағ, фоъ — маҷҳуфи мусаббағ, фаъ — маҷҳуф.

Зиҳофоти мустафъилун нӯҳ аст ва фурӯи ӯ чаҳордаҳ. Аммо зиҳофоти ӯ:

Хабн дар мустафъилун мутафъилун бошад, мафоилун ба ҷои он биниҳанд[20].

Тайй — исқоти ҷузъи чаҳорум аст аз мустафъилун, мустаилун бимонад, муфтаилун ба ҷои он биниҳанд.[21]

Қатъ — исқоти «нун»-и мустафъилун аст ва искони «лом»-и ӯ, мустафъил мафъӯлун ба ҷои он биниҳанд.[22]

Тахлеъ — дар мустафъилун иҷтимои хабн ва қатъ бувад. Муфтаил бимонад, фоилун ба ҷои он биниҳанд.[23]

Ҳазаз — исқоти ватади маҷмӯи мустафъилун аст, мустаф бимонад, фаълун ба ҷои он биниҳанд.[24]

Рафъ — исқоти сабаби хафиф бувад аз ҷузве, ки дар аввали он ду сабаби хафиф бувад. Пас аз мустафъилун тафъилун бимонад, фоилун ба ҷои он биниҳанд.[25]

Хабл — исқоти «син» ва «фо» бошад аз мустафъилун, яъне иҷтимои хабн ва тайй мутаилун бимонад, фаилатун ба ҷои он биниҳанд.[26]

Изола — зиёда кардани сокине бошад бар ватади

маҷмӯи охири ҷузв, пас мустафъилун мустафъилон шавад.[27]

Тарфил — зиёда кардани сабаби хафиф аст бар ватади маҷмӯи охири ҷузъ, пас мустафъилун, мустафъилун тун шавад, мустафъилотун ба ҷои он биниҳанд.[28]

Ва аммо фурӯи ӯ мафоилун — махбун ва муфтаилун — матвӣ ва мафъӯлун — мақтӯъ, фаулун — мухаллаъ,[29] фаилун — аҳазз,[30] фоилун — марфӯъ,[31], фаилатун — махбун, мафоилон — махбуни музол, муфтаилон — матвии музол, мустафъилон — музол, фаилотон — махбуни музол, мафоилотун — махбули мураффал, муфтаилотун — матвии мураффал, мустафъилотун — мураффал.

Зиҳофоти мафъӯлоту нӯҳ аст ва фурӯи ӯ чаҳордаҳ. Аммо зиҳофоти ӯ:

Хабн дар мафъӯлоту маӯлоту[32] бувад, мафоӣлу ба ҷои он биниҳанд.

Тайй дар мафъӯлоту маф-улоту бувад, фоилоту ба ҷои он биниҳанд.[33]

Хабл дар мафъӯлоту иҷтимои хабн ва тайй бошад, маулоту бимонад, фаилоту ба ҷои он биниҳанд.[34]

Вақф — искони «то»-и мафъӯлоту бувад, мафъӯлон ба ҷои он биниҳанд.[35]

Қасф — исқоти «то»-и мафъӯлоту бошад, мафъӯло бимонад, мафъӯлун ба ҷои он биниҳанд.[36]

Салм — исқоти ватади мафруқи мафъӯлоту бошад, мафъӯ бимонад, фаълун ба ҷои он биниҳанд.[37]

Ҷадъ — исқоти ҳар ду сабаб ва искони «т»-и мафъӯлоту бувад «лот» бимонад, «фоъ» ба ҷои он ниҳанд.[38]

Наҳр — исқоти ҳар ду сабаб ва «то»-и мафъӯлоту бошад, «ло» бимонад, «фаъ» ба ҷои он биниҳанд.[39]

Рафъ — дар мафъӯлоту «ӯлоту» бувад, «мафъӯлу» ба ҷои он биниҳанд.[40]



Ва аммо фурӯи ӯ: мафоӣлу — махбун, фоилоту — матвӣ, фаилот — махбул. Баъзе мафъӯлон — мавқуф. фаълун — аслам, фоилон — матвии мавқуф, фоилун — матвии максуф, фаилун — махбуни матвии максуф, мафъӯлу — марфӯъ, фоъ — маҷдӯъ, фаъ — манҳур.

Зиҳофоти фаӯлун шаш аст ва фурӯи ӯ низ шаш аст. Аммо зиҳофоти ӯ:

Қабз — дар фаулун фаӯлу бошад ба замми «лом».[41]

Қаср — дар фаулун фаӯл бошад ба сукуни «лом».[42]

Ҳазф — дар фаӯлун «фаӯ» бувад, фаал ба ҷои [он] биниҳанд.[43]

Салм — исқоти «фо»-и фаӯлун бувад, фаълун ба ҷои он биниҳанд.[44]

Сарм — исқоти «фо» ва «нун»-и фаӯлун бошад, «ӯлу» бимонад, фаълу ба ҷои он биниҳанд.[45]

Батр — дар фаӯлун исқоти ватади маҷмӯъ бувад, «лун» бимонад, фаъ ба ҷои он биниҳанд.[46]

Ва аммо фурӯи ӯ: фаӯлу — мақбуз, фаӯл — мақсур, фаал — маҳзуф, фаълун — аслам, фаълу — асрам ва фаъ — абтар.

## ФАСЛ [III]

Чун усули авзон ва баъзе зиҳофот ва фурӯи он, ки муҳтоҷи илайҳ бувад, дониста шуд. Бидон, ки буҳуре, ки аз такрори баъзе аз он ё аз таркиби баъзе бо баъзе дигар ҳосил мешавад, нуздаҳ аст. Баъзе махсус ба Араб[1] ва баъзе махсус ба Аҷам ва баъзе муштарак ва он ин аст: Тавил, Мадид, Басит, Вофир, Қомил, Ҳазаҷ, Раҷаз, Рамал, Мунсареҳ, Музореъ, Муқтазаб, Муҷтасс, Сареъ, Ҷадид, Қариб, Хафиф, Мушокил, Мутақориб, Мутадорик.

Бинои[2] Тавил ва Мадид ва Басит бар ду ҷузъи[3] мухталиф аст. Яке хумосӣ[4] ва яке субоӣ.[5]

Аҷзои Тавил ду бор фаӯлун мафоӣлун, фаӯлун мафоӣлун.

Байт:

Чи гӯям, нигорино, ки бо ман чиҳо кардӣ,
Қарорам зи дил бурдӣ, зи сабрам ҷудо кардӣ.

Аҷзои Мадид ду бор фоилотун фоилун фоилотун фоилун.

Назм:

Бевафо ёре, гаҳе ёди ғамхоре бикун,
Ошиқи бечoрaро чораи коре бикун.

Аҷзои Басит ду бор мустафъилун фоилун мустафъилун фоилун.

Байт:

Чун хору хас рӯзу шаб афтодаам дар раҳат,
Бошад, ки бар хоки ман афтад назар ногаҳат.

Ва бинои Вофир ва Қомил бар субоиёте аст мураккаб аз мутаҳаррик ва ду сокини аҷзо.[6] Вофир шаш бор мафоилатун.

Хуш он саҳаре, ки оҳи шабам кунад асаре
Зи роҳи вафо ба сӯи ман уфтад гузаре.

Ва аҷзои Қомил шаш бор мутафоилун.

Байт:

Чи кунад чаман, чу ҷудо шавад шаман аз санам,
Магар он, ки рӯзу шабон нишаста бувад ба ғам.

Ва баъзе аз мутааххирони шуарои Аҷам бар Қомили мусамман шеър гуфтаанд ва холӣ аз узубате нест. Чунон ки Хоҷа Ҷамолиддини Салмон фармояд.

Байт:

Ба санавбари қади дилкашаш агар, эй сабо, гузаре кунӣ,
Ба ҳавои ҷони ҳазини ман дили хастаро хабаре кунӣ.

Ва ҳамчунин мусаммани Вофир аз мусаддаси ӯ ба қабули табъ ақраб менамояд. Чунон ки:



Чи шуд санамо, ки сӯи касе ба чашми ризо наменигарӣ,
Зи расми ҷафо намегузарӣ, тариқи вафо намесипарӣ.

Ва шуарои Аҷамро бар ин панҷ баҳр шеъре, ки мустаъзаби нуфус бошад, камтар иттифоқ афтодааст, лоҷарам дар вазъи давоир ва истихроҷи фурӯи он шурӯъ намеравад.[7]

Ва аммо бинои Ҳазаҷ ва Раҷаз ва Рамал бар субоиёти Тавил ва Мадид ва Басит аст.

Аҷзои Ҳазаҷ ҳашт бор мафоӣлун ва аҷзои Раҷаз ҳашт бор мустафъилун ва аҷзои Рамал ҳашт бор фоилотун. Ва ин ҳар се тан баҳрро дар як доира ниҳодаанд ва лақаби он Мӯъталифа[8] карда, бар ин сурат:[9]



Ва бинои Мунсареҳ ва Музореъ ва Муқтазаб ва Муҷтасс ва Сареъ ва Ҷадид ва Қариб ва Хафиф ва Мушокил дар субоиётест, ки дар таркиби он ихтилоф аст.

Аҷзои Мунсареҳ чаҳор бор мустафъилун мафъӯлоту

Ва аҷзои Музореъ чаҳор бор мафоилун фоилотун

Ва аҷзои Муқтазаб чаҳор бор мафъӯлоту мустафъилун

Ва аҷзои Муҷтасс чаҳор бор мустафъилун фоилотун

Ва аҷзои Сареъ ду бор мустафъилун мустафъилун мафъӯлоту

Ва аҷзои Ҷадид ду бор фоилотун фоилотун мустафъилун

Ва аҷзои Қариб ду бор мафоӣлун мафоӣлун фоилотун

Ва аҷзои Хафиф ду бор фоилотун мустафъилун фоилотун

Ва аҷзои Мушокил ду бор фоилотун мафоӣлун мафоӣлун

Ва чун аз аҷзои солими ҳеҷ як аз ин нӯҳ баҳр дар каломи Аҷам шеъре матбӯъ наёмадааст, Мунсареҳи матвӣ ва Музореи макфуф ва Муқтазаби матвӣ ва Муҷтасси махбунро, ки мусамман ул-аҷзоанд дар як доира ниҳодаанд ва ном Мухталифа карда, бар ин сурат:[10]






Ва Сареи матвӣ ва Ҷадиди махбун ва Қариби макфуф ва Хафифи махбун ва Мушокили макфуфро, ки мусаддас ул-аҷзоанд, дар як доира ниҳодаанд ва ном Мунтазиа карда бар ин сурат:[11]




Ва бинои Мутақориб ва Мутадорик бар хумосиёте аст, мураккаб аз се мутаҳаррик ва ду сокин.[12]

Аҷзои Мутақориб ҳашт бор фаӯлун ва аҷзои Мутадорик ҳашт бор фоилун ва ин ду баҳр дар як доира ниҳодаанд ва ном Муттафиқа[13] карда бар ин сурат:[14]






Пас давоири шеъри Аҷам чаҳор бошад, чунон ки гуфтаанд:

Доираи шеъри Аҷам Муъталифа, Мухталифа,
Солиси он Мунтазиа, робеи он Муттафиқа.

Тақтеи шеър иборат аз он аст, ки байтро аз ҳам бикушоянд бар ваҷҳе, ки ҳар миқдоре аз байт мувозин афтад бо яке аз афоӣлаи баҳре, ки он байт дар он баҳр воқеъ шудааст.[15] Ва тариқаш он аст, ки назар ба нафси ҳаракат кунанд, на ба аҳволи ҳаракат, ки он

замма ва фатҳа ва касра аст.[16] Ва эътибори малфуз[17] кунанд, на мактуб[18] ва ҳар ҳарф, ки дар лафз ояд, агар дар китобат набувад, дар тақтеъ маҳсуб афтад, чун ҳуруфи мушаддад[19] ва чун «алиф»-е, ки аз ишбои[20] ҳамза ҳосил шавад. Чунон ки:

Эй қадди ту офати ҷаҳоне

Тақтеъ:

Эй қад-ди ту о-фа-ти ҷа-ҳо-не
*маф-ъӯ-лу ма-фо-и-лун фа-ӯ-лун*

Ва чун «е»-е, ки дар мисли «шикаста» ва «баста» ва «чора» ва «хора» дар ҳоли изофат кардан ва сифат кардан ва накира сохтан ба талаффуз дармеояд. Чунон ки:

Ғамзаи хунхораи айёрае,
Зад раҳи саргаштаи бечорае.

Тақтеъ:

Ғам-за- и хун — муфтаилун хо-раи-ай — муфтаилун ё-ра-е — фоилун. Ва аммо он чи дар китобат ҳаст ва дар лафз на, мисли «вов»-и атф аст[21] чун «ҷону ҷонон» ва «вов» — баёни замма чун «ду» ва «ту» ва «вов»-и ишмоми замма чун «хобу хӯр» ва ҷомеи ҳар се «вов» афтодааст.
Ин мисраъ:

Хобу хурам зулфи дутои ту бурд
*муфтаилун муфтаилун фоилон*

Ва дигар ҳарфи «ҳ» аст. Ҳар «ҳо»-е, ки ба талаффуз дарнаёяд чун «ки» ва «чи»[22] ва «гуфта» ва «шукуфта», агар дар миёни байт афтад, аз тақтеъ соқит шавад ва агар дар охири байт он ҳарфи сокин маҳсуб гардад. Чунон ки:



Мушкин хати ту, ки тоза раста
*мафъӯлу мафоилун фаӯлун*
Бар гул зи бунафша даста-даста.

Ва дигар ҳарфи «нун» аст. Ҳар «нун»-и сокин, ки баъд аз «вов» ва «алиф» ва «е»-е воқеъ шавад, ки ҳаракати моқабли аз ҷинси ӯ бошад, агар дар миёни байт афтад ва ӯро ҳаракат ориз нашавад, аз тақтеъ соқит шавад ва агар охир бувад, ба ҳарфе сокин маҳсуб афтад.[23] Чунон ки:

Чун фишондӣ зулфи мушкин, мушки Чин омад бурун
*фоилотун фоилотун фоилотун фоилун*

Ва дигар ҳарфи «те» аст. Ҳар «то»-е, ки пеш аз ӯ як сокин бошад, чун «даст», «маст» ва «гуфт» ва «хуфт» чун миёни байт афтад, ба мутаҳаррике маҳсуб бувад ва агар дар охир бувад, дар ҳисоби сокине бошад.[24] Чунон ки:

З-он наргиси маст шуд дилам бодапараст
*мафъӯлу мафоилун мафоӣлу фаъл*

Ва аз ин қабил аст ҳар ҳарфи сокин, ки баъд аз сокини дигар воқеъ шавад:

Ёр дорад боз з-ин бемор ор
*фоилотун фоилотун фоилон*

Ва ҳар «то», ки пеш аз ду сокини дигар бувад, чун дар миёни байт афтад, агар ба талаффуз дароряд, бо моқабли хеш ҳар як дар ҳисоби мутаҳаррике бошад.[25] Чунон ки:

Сӯхт дил зи иштиёқ, кост тан дар фироқ
*муфтаилун мафоилон муфтаилун фоилон*[26]

Ва агар ба талаффуз дарнаёяд, аз тақтеъ соқит шавад ва моқабли ӯ ба мутаҳаррике маҳсуб бувад. Чунон ки:

Сӯхт дилам зи иштиёқ, кост танам дар фироқ
*муфтаилун мафоилон муфтаилун фоилон*

Ва агар дар охири байт афтад, ба ҳар ҳол аз тақтеъ соқит шавад, зеро ки дар авзони арӯз се сокин ба ваҷҳ ҷамъ нашавад. Чунон ки:

Бандаро бо ту дӯстдорӣ хӯст,
*фоилотун мафоилун фаълон*
Гарчи ту бандаро надорӣ дӯст.[27]

Ва аз ин қабил аст[28] ҳарфи «д» дар мисоли «корд» ва «бигзорд». Чунон ки:

Корд бардошт, кори ӯ бигзорд
*фоилотун мафоилун фаълон*

Ва ҳарфи «бо» дар мисли «Гаштосб»:

Чу Гаштосб Лаҳросбро дод тахт
*фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯл*

Ва дигар «алиф» аст ва ҳар «алиф»-и мутаҳаррик, ки ҳаракати ӯро бо моқаблаш нақл кунанд, аз тақтеъ соқит шавад.[29] Чунон ки:

Харобии ман аз он наргиси хумориест
*мафоилун фаилотун мафоилун фаълон*

Дигаре ҳарфи «ё» аст. Ҳарфи «ё» вақте ки баъд аз «алиф»-и мутаҳаррик воқеъ шавад, гоҳ бошад, ки ба талаффуз дарнаёяд ва аз он ба талаффузи тақтеъ наяфтад. Чунон ки мисраъ:



Рафтӣ аз чашму бурдӣ аз дил хуш
[*фоилотун мафоилун фаълон*]

Ва мебояд, ки ҳарфи малфузи ғайри мактуб ва мактуби ғайри малфузро дар он чи мазкур шуд, мунҳасир надонанд, зеро ки мақсуд танбеҳ бувад бар баъзе аз сувари он, на баёни инҳисор...

## ФАСЛ [IV]

Арбоби ин саноат ҷузви аввали мисрои нахустро садр гӯянд ва ҷузви охирашро арӯз ва ҷузви аввали мисрои сониро ибтидо хонанд ва ҷузъи охирашро зарб. Ва он чи дар миёни садр ва арӯз ва ибтидои зарб воқеъ шавад, онро ҳашв хонанд. Ва байтеро, ки дар [садр] ва ибтидо ва ҳашви ӯ зиҳофе воқеъ нашуда бошад, солим хонанд, хоҳ дар зарб ва арӯз воқеъ шуда бошад ва хоҳ нашуда бошад.[1] Ва байтеро, ки аз асли доираи он як ҷузв кам карда бошанд, маҷзӯъ хонанд.[2] Ва байтеро, ки аз ӯ як нима андохта бошанд, маштур[3] гӯянд.

## ФАСЛ [V]

Доираи аввал[1] се баҳр аст: Ҳазаҷ, Раҷаз, Рамал. Баҳри Ҳазаҷ, абёти солим[2]:

Чу рӯят ҳаргизам нақше ба хотир дарнамеояд,
*мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун*
Маро худ ҷуз ту дар хотир касе дигар намеояд.

[Ҳазаҷи мусаддаси солим]:

Куҷоӣ, эй ғизоли мушкбӯи ман,
*мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун*
Чаро ҳаргиз намеоӣ ба сӯи ман.

Мурабба[3]
ва онро маштур гӯянд:

Ба қад сарви гуландомӣ,
*мафоӣлун мафоӣлун*
Хушо вақте ки бихромӣ.

Мусаддас,[4] мақсур — арӯз ва зарб:

Дилам пиронасар бо хурдсолест,
*мафоӣлун мафоӣлун мафоӣл*
Ки боғи ҳуснро нозукниҳолест.

Мусаддас, маҳзуф — арӯз ва зарб:

Чунин афтода дур аз ҷони хешам,
*мафоӣлун мафоӣлун фаӯлун*
Чи гуна зиндаам, ҳайрони хешам.

Абёти музоҳаф.[5]
Мусаммани макфуфи мақсур:

Туро лаъли шакаррезу маро чашми гуҳарбор,
*мафоӣлу мафоӣлу мафоӣлу мафоӣл*
Туро ханда бувад хӯю маро гиря бувад кор.

Мусаммани макфуфи маҳзуф — арӯз ва зарб:

Маро нест чу он бахт, ки бо ёр нишинам,
*мафоӣлу мафоӣлу мафоӣлу фаӯлун*
Дарунрешу ҷигарчоку дилафгор нишинам.

Маҳзуфи мақсур:[6]

Ман он мадҳуши ишқам, ки аз хешам хабар нест,
[*мафоӣлун мафоӣлу мафъӯлун мафоӣл*]
Маро то шуд дил аз даст, дигар парвои сар нест.



Макфуфи маҳзуф:[7]

Ба рух моҳи тамоме, ба қад сарви равоне,
*мафоӣлу фаӯлун мафоӣлу фаӯлун*
Ба лаб роҳати рӯҳе, ба чашм офати ҷоне.

Мусаммани ахраб:

Ман дӯст туро дорам, эй дӯстар аз ҷонам.
*мафъӯлу мафоӣлун мафъӯлу мафоӣлун*
Шамъи шаби торикам, ганҷи дили вайронам.

Мусаммани ахраби макфуфи солим — арӯз ва зарб:

Дардо, ки илоҷи дили бемор нафармудӣ,
*мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлу мафоӣлун*
Як бор бар ин ҷони гаронбор набахшудӣ.

Мақбузи макфуфи мақсур:[8]

Маро ғами ту, эй дӯст, зи хонумон баровард,
[*мафоилун мафоӣлу мафоилун мафоӣл*]
Маро фироқат, эй моҳ, зи ҷон фиғон баровард.

Ахраби макфуфи мақсур:[9]

Ҳар субҳ хурӯше зи дили танг барорем,
*мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлу мафоӣл*
Фарёд зи мурғони шабоҳанг барорем.

Ахраби макфуфи маҳзуф:

Осудадило, холи дили зор чи донӣ,
*мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлу фаӯлун*
Хунхории ушшоқи ҷигархор чи донӣ.

Мусаддаси макфуфи мақсур:

Танам кост аз он моҳи дилафрӯз,
*мафоилу мафоилу мафоил*
Дилам сӯхт аз он шамъи ҷаҳонсӯз.

Макфуфи маҳзуф:[10]

Накӯрӯю накӯхӯӣ нигорӣ,
*мафоилу мафоилу фаӯлун*
Чуз онни вафо хӯӣ надорӣ.

Ахраби макфуфи солим — арӯз ва зарб:[11]

Аз лаъли ту як бӯса талаб кардам,
*мафъӯлу мафоилу мафоилун*
Аз чашми ту сад теғи бало хӯрдам.

Ахраби макфуфи мақсур:[12]

Мехре, ки маро ҳаст, туро нест,
*мафъӯлу мафоилу мафоил*
Сабре, ки туро ҳаст, маро нест.
*мафъӯлу мафоилу мафоил*

Ахраби макфуфи маҳзуф:[13]

То бозгирифтӣ назар аз ман,
[*мафъӯлу мафоилу фаӯлун*]
Кас нест ҷигархортар аз ман.

Ахраби мақбуз, солим — арӯз ва зарб:[14]

Эй дӯст, ки ҳоли ман намепурсӣ,
[*мафъӯлу мафоилун мафоилун*]
Некӯст, ки ҳоли ман намепурсӣ.

Ахраби мақбузи мақсур:[15]



Ҳарчанд ту шоҳу мо гадоем,
[*мафъӯлу мафоилун мафоил*]
Доман мафишон, ки мубталоем.

Ахраби мақбузи маҳзуф:[16]

Ашки ту ақиқ аз он фишонам,
*мафъӯлу мафоилун фаӯлун*
К-аз лаъли ту медиҳад нишонам.

Ахрами аштар,[17] солим — арӯз ва зарб:

Хурсандам аз рухат ба дидоре,
*мафъӯлун фоилун мафоилун*
Хушнудам аз лабат ба гуфторе.

Ахрами аштари мақсур:

Сад борам беш агар кушӣ зор,
[*мафъӯлун фоилун мафоил*]
Бархезам, то кушӣ дигар бор.

Ахрами аштари маҳзуф:

Аз лаълат хати сабз сар зад,
[*мафъӯлун фоилун фаӯлун*]
Дар ҷонам оташе дигар зад.

Мураббаи макфуфи мақсур:

Биё, эй бути бадхӯй,
*мафоилу мафоил*
Биёр он маи гулбӯй.

Ахраби маҳзуф:

Зи каф теғи ҷафо нех,
*мафоилу фаӯлун*
Зи лаб коми маро деҳ.

Ахраб:[18]

Он ғунчаи хандон ку
[*мафъӯлу мафоӣлун*]
В-он шӯхи сухандон ку?

Вазни дубайтиро, ки рубоӣ ва тарона низ гӯянд, аз вазни ахрам — мафъӯлун ва ахраби баҳри Ҳазаҷ мафъӯлу берун овардаанд, он вазне бисёр хуш ва назме бағоят дилкаш аст, ки устодони назм ба он вазн ҳадди муайян муқаррар фармудаанд. Ва аз ғояти латофати он бар ду байт иқтизо намуда ва он бар бисту чаҳор навъ омадааст ва ҳама дар ду қисм мунҳасир аст:

Яке он ки ҷузви аввал мафъӯлун бошад, ки ахрам аст. Ва яке он, ки ҷузви аввал мафъӯлу бошад, ки ахраб аст. Ва ин қисмро ахраб хонанд ва ин низ бар дувоздаҳ гуна аст ва аз барои ҳар қисме се рубоӣ оварда мешавад муштамил бар авзони он қисм. Аммо риояти қисми ахрам:

Мехоҳам, то резам, эй турфа нигор,[19]
*мафъӯлун мафъӯлун мафъӯлун фаъл*
Ҳар соат дар пои ту ҷон баҳри нисор.
*мафъӯлун мафъӯлу мафоӣлу фаъл*
Кай борам бе лаълат аз дида гуҳар,
Ки бошад лаҳзае маро пеши ту бор

* * *

Дар гулшан ашкафшон мегаштам дӯш,[20]
*мафъӯлун мафъӯлун мафъӯлун фоъ*
Аз гул омад бӯи ту, рафтам аз ҳуш.
*мафъӯлун мафъӯлун мафъӯлун фаъл*
Чун гуфтам бо гул аз ҷамолат сухане,
Мурғон карданд сӯи ман як-як гӯш.



* * *

Гоҳе дорад зулфат дарҳам моро,[21]
*мафъӯлун мафъӯлун мафъӯлун фаъ*
Гоҳе бахшад лаъли ту марҳам моро.
*мафъӯлун мафъӯлу мафоӣлун фаъ*
Ман донистам чу руст хат гирди рухат,
Қ-охир сӯзад рухи ту аз ғам моро.

Ва аммо рубоёти қисми ахраб:

Чун қадди ту бихромад, эй симандом,[22]
*мафъӯлу мафоӣлун мафъӯлун фоъ*
Сад дилшуда хоки раҳ шавад дар ҳар гом.
*мафъӯлу мафоилун мафоӣлун фоъ*
Аз ҷаъди ту гар дорад як шамма шамол,
Аз ошиқи шӯрида рабояд ором.

* * *

Бар хоки дарат ҳар дам рух месоям,[23]
*мафъӯлу мафоӣлун мафъӯлун фаъ*
З-он равшании басар ҳамеафзоям
*мафъӯлу мафоилун мафоӣлун фаъ*
Бошад, ки зи дар дароӣ аз гавҳари ашк,
*мафъӯлу мафоилун мафоӣлу фаъл*
Меҳнаткадаи хеш ҳамеороям.
*мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлун фаъ*

* * *

Бемори туам, ҷоно, ҳолам бинигар,[24]
[*мафъӯлу мафоӣлун мафъӯлу фаал*]
Чун баҳри ту ҷон диҳам, ба хокам бигузар.
[*мафъӯлу мафоилун мафоӣлу фаал*]
Хоҳӣ шавӣ огоҳ зи ҳоли дили реш,
Бин, чеҳраи ман ғарқа ба хуноби ҷигар.

Ва баъзе аз барои тамомии забти ин ақсом доирае ниҳодаанд[25] ва сураташ ин аст:




**Баҳри Раҷаз, абёти солими мусамман:**

Эй зиндагонибахши ман лаъли шакаргуфтори ту,
*мустафъилун мустафъилун мустафъилун мустафъилун*
Дар орзуи мурданам аз ҳасрати дидори ту.



Мусаддаси маҷзӯъ:[26]

Эй ҳаргизам нарафта аз пеши назар,
*мустафъилун мустафъилун мустафъилун*
Рӯзе ба чашми марҳамат сӯям нигар.

Мураббаи маштур:[27]

Ошиқ шудам бар дилбаре
*мустафъилун мустафъилун*
Сангиндиле, симинбаре

Мусаддас, мақтӯъ — арӯз ва зарб:[28]

Раҳме бикун, эй нозанин, як боре,
*мустафъилун мустафъилун* [*мафъӯлун*].
Бар ошиқи дилхастаи беморе.

Мусаммани матвӣ:[29]

То ту чу оина, дило, бо ҳама якрӯ накунӣ,
*муфтаилун муфтаилун муфтаилун муфтаилун*
Дидаи ҷон оинаи он рухи некӯ накунӣ.

Матвии махбун:[30]

Эй зи ту кӯҳ-кӯҳи ғам бар дили мубталои ман,
[*муфтаилун мафоилун муфтаилун мафоилун*]
Нест маро зи хотират ҷуз ғаму ҷуз балои ман.

Махбуни матвӣ:[31]

Фиғонкунон ҳар саҳаре ба кӯи ту мегузарам,
*мафоилун муфтаилун мафоилун муфтаилун*
Чу нест раҳ сӯи туам, ба бому дар менигарам.

Ҷузви охир ҳашв ва боқӣ — матвӣ:

Доди маро чора макун, ки ман ба дарди ту хушам,
[*муфтаилун муфтаилун мафоилун муфтаилун*]
Гар бикашӣ в-ар бикушӣ, зи ҳукми ту сар накашам.

Матвии махбун, мақтӯъ — арӯз ва зарб:

Сарв нахонамат, ки ӯ нест бад-ин раъноӣ,
*муфтаилун мафоилун муфтаилун мафъӯлун*
Моҳ нагӯямат, ки маҳ нест бад-ин зебоӣ.

Махбуни матвӣ, ки муносибат миёни аҷзои мутақобила маръӣ нест:

Чи хуш бувад, гар шабаке сӯи ғарибе гузарӣ,
*мафоилун муфтаилун мафоилун муфтаилун*
Зи рӯи ёрӣ нафасе ба ҳоли зораш нигарӣ.[32]

Мусаддаси матвӣ:

Нест маро ҷуз ту, нигоро, дигаре,
*муфтаилун муфтаилун муфтаилун*
Менакунӣ ҳеҷ ба корам назаре.

Мусаддаси матвии мақтӯъ — арӯз ва зарб:

Ин дили ман хаст ба дард арзонӣ,
*муфтаилун муфтаилун мафъӯлун*
То накунад бори дигар нодонӣ.

Мусаддаси махбуни мақбуз:

Кунун ки гардад аз баҳор хуш ҳаво,
*мафоилун мафоилун мафоилун*
Фузун шавад ба ҳар дил андарун ҳаво.



Мусаддаси матвии махбун:

Гар бираҳад дили ман аз ҳавои ту,
*муфтаилун мафоилун мафоилун*
Ку дигаре, ки дил диҳам ба ҷон ту?
*мафоилун мафоилун мафоилун*

Мураббаи матвӣ:

Эй лаби ту марҳами ман
*муфтаилун муфтаилун*
В-эй ғами ту мотами ман.

## Баҳри Рамал, абёти солими мусамман

Ҳар касе дар пои гул доманкашон бо гулъизоре,
*фоилотун фоилотун фоилотун фоилотун*
Ман нишаста дар назар хореву дар дил хорхоре.

Мақсур — арӯз ва зарб:[33]

Рӯзи моро сохт чун шаб тира он моҳ аз фироқ,
*фоилотун фоилотун фоилотун фоилон*
Чанд нолам аз фироқ, оҳ аз фироқ, оҳ аз фироқ!

Маҳзуф — арӯз ва зарб:[34]

Гар бидонӣ қимати як тори мӯи хешро,
*фоилотун фоилотун фоилотун фоилун*
Қай диҳӣ бар бод чаъди мушкбӯи хешро.

Мусаддас:[35]

Шӯхчашме, тезхашме, тундхӯе,
*фоилотун фоилотун фоилотун*
Аз ҳама хубон фузунӣ дар накӯӣ.

Мураббаъ:[36]

Чашми он дорам, ки гох,
*фоилотун фоилотун*
Афкани суям нигохе.

Мусаддаси макҷур:

Боз буи гул маро девона кард,
*фоилотун фоилотун фоилон*
Боз аз ақлам сабо бегона кард.

Мусаддаси маҳзуф:

Мондаам аз ёр дуру зиндаам,
*фоилотун фоилотун фоилун*
З-ин гунаҳ то зиндаам шармандаам.

Абёти музоҳафи мусаммани махбун, солим — ибтидо:[37]

Ба чи кор оядам он дил, ки на дар кори ту ояд,
*фаилотун фаилотун фаилотун фаилотун*
Гул дар он дида ҳазорон, ки на бар хори ту ояд.
*фоилотун фаилотун фаилотун фаилотун*

Махбун, солим — садр, махбуни мақсур — арӯз ва зарб:[38]

Нозаниниву туро нест сари аҳли ниёз,
*фоилотун фаилотун фаилотун фаилон*
Назаре кун зи сари нозу диламро бинавоз.

Махбун, солим — садр ва ибтидо, маҳзуф — арӯз, мақтӯъ — зарб:[39]

Чирми Хуршед чу аз Хут дароояд ба Ҳамал,
*фоилотун фаилотун фаилотун фаилун*
Ашҳаби рӯз кунад адҳами шабро арҳал.
*фоилотун фаилотун фаилотун фаълун*

Машкул:[40]

Бисарову нозанино, ба карашма гоҳ-гоҳе,
*фаилоту фоилотун фаилоту фоилотун*
Агар иттифоқат афтад, ба фитодагон нигоҳе.

Мусаддаси махбун, махбуни мақсур — арӯз ва зарб:[41]

Он чи рухсору чи зулфу чи лаб аст
*фоилотун фаилотун фаилон*
В-он чи хатти хушу холи аҷаб аст.

Махбун, махбуни маҳзуф — арӯз ва зарб:[42]

Эй зи сар то ба қадам ҷони касӣ,
*фоилотун фаилотун фаилун*
Ҷон кашам пеши ту, ҷонони касӣ.

Мураббаи махбун:

Дили ман ҳеҷ наярзад,
*фаилотун фаилотун*
Ба ту гар ишқ наварзад.

ФАСЛ [VI]

**Доираи дуввум чаҳор баҳр аст: Мунсареҳ, Музореъ, Муқтазаб, Муҷтасс.**[1]

**Баҳри Мунсареҳи матвии мавқуф:**

Ғорати ишқат расид, рахти дил аз мо бибурд,
*муфтаилун фоилон муфтаилун фоилон*
Фитна ба кин сар кашид, шаҳна ба хун мефишурд.

Матвии максуф:[2]

Нӯшлабе даррасид, хуш бибурд аз ҳасан,
*муфтаилун фоилон муфтаилун фоилун*
Ҳамди худовандро, азҳаба анна-л-ҳазан.[3]

Махбуни матвии максуф:[4]

Маро саҳар чу гузар ба тарфи бӯстон фитад,
[*мафоилун фоилун мафоилун фоилун*]
Зи шавқи он гулъизор зи дида борон фитад.
[*мафоилун фоилон мафоилун фоилун*]

Матвии мақтӯъ:[5]

Хезу ба бӯстон хиром, к-омада айёми гул,
*муфтаилун фоилон муфтаилун фоилун*
Мурғи чаман зад наво, май нӯш аз ҷоми гул.
*муфтаилун фоилун мафъӯлун фоилун*

Матвии маҷдӯъ:[6]

Ҳалқаи зулфаш кушуд боди саҳаргоҳ,
*муфтаилун фоилоту муфтаилун фоъ*
Ашрақи Шамсуззуҳо ба нур муҳайё.

Матвии манҳур:[7]

Он чи ту дорӣ ба ҳусн, моҳ надорад,
*муфтаилун фоилоту муфтаилун фаъ*
Ҷоҳу ҷалоли ту подшоҳ надорад.

Матвии мақтӯи манҳур:

То ба саломат ба ҳулла омад Салмо,
*муфтаилун фоилоту мафъӯлун фаъ*
Ҳулла шуд аз хуррамӣ чу ҷаннати маъво.



Мусаддаси матвӣ:

Боди сабо, гӯ, марав ба сӯи чаман,
*муфтаилун фоилоту муфтаилун*
Бӯи ту бояд маро, на бӯи суман.

Матвии мақтӯъ:

Аз ту маро доғхост пинҳонӣ,
*муфтаилун фоилоту мафъӯлун*
Доғи ту роҳатфизост, то донӣ.

Мураббаи матвии мавқуф:

Фасли гул аст, эй нигор,
*муфтаилун фоилон*
Бодаи гулгун биёр.

Матвии махбуни мавқуф:

Дилбари ман куҷо рафт
*муфтаилун фаълон*
В-аз бари ман чаро рафт?

**Баҳри Музореи макфуфи мақсур**

Хушам мавсими баҳор, ки бар тарфи ҷӯйбор,
*мафоӣлу фоилот мафоӣлу фоилон*
Ниҳад ёри гулъизор ба каф ҷоми хушгувор.

* * *

Чу соғар ба каф ниҳад, салои тараб диҳад,
*мафоӣлу фоълун мафоӣлу фоилун*[8]
Дили бедилон раҳад зи андӯҳи рӯзгор
*мафоӣлу фоилун мафоӣлу фоилон*[9]

Аҳраб:[10]

Абри баҳор гирён в-ин чашми хунфишон ҳам,
*мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилотун*
Булбул ба боғ нолон, ошиқ ба сад фиғон ҳам.

Аҳраби мусаббағ:[11]

Эй лаъли нӯшхандат коми шакардаҳонон,
*мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилийён*
Сирри даҳон-т берун аз фаҳми нуктадонон.

Аҳраби макфуфи мақсур:

Эй ғамзазан, ки тири ҷафо дар камони туст,
*мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилон*
Оҳистатар, ки дасти дуо дар иноми туст.

Аҳраби макфуфи маҳзуф:

Гирам, ки нест пурсиши озодагон фанат,
*мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун*
Қам з-он ки боре огаҳие бошад аз манат.

Аҳраби маҳзуф:[12]

Эй орзуи ҷонам, ҷонам фидои ту,
*мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилун*
Бозо, ки ҷон фишонам бар хоки пои ту.

Аҳраби макфуф, солим — арӯз ва зарб:[13]

Эй ханҷари музаффари ту пушти мулки олам
*мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилотун*
В-эй гавҳари мутаҳҳари ту рӯи насли одам.



Мусаддаси макфуфи мақсур:

Наёмезад, эй нигори парирӯй,
*мафоӣлу фоилоту мафоӣл*
Шакарлафзи лолачеҳри суманбӯй.

Макфуфи маҳзуф:

Хушо ҷилван ҷамоли ту дидан,
*мафоӣлу фоилоту фаъӯлун*
Хушо меваи висоли ту чидан.

Аҳраби макфуф:[14]

Эй карда гирди моҳ зи шаб хирман,
*мафъӯлу фоилоту мафоӣлун*
Гирён зи ҳасрати ту чу борон ман.

Аҳраби макфуфи маҳзуф:

Эй хуни ман гирифта ба гардан,
*мафъӯлу фоилоту фаъӯлун*
То чанд аз ин муҷодала кардан.

**Баҳри Муқтазаби мусаммани матвӣ:**

Бигзар, эй насими сабо, субҳдам ба тарфи чаман
*фоилоту муфтаилун фоилоту муфтаилун*
Накҳате биёр аз он гулъизори ғунчадаҳан.

Матвии мақтӯъ:[15]

Вақтро ғанимат дон он қадар, ки битвонӣ,
[*фоилоту мафъӯлун фоилоту мафъӯлун*]
Ҳосил аз ҳаёт, эй ҷон, як дам аст, то донӣ.

13—5901

Мураббаи матвӣ:

Нест чун ту сарви чаман,
*фоилоту муфтаилун*
Гулъизору ғунчадаҳан.

Матвии мақтӯъ:[16]

Эй нигори симинбар,
*фоилоту мафъӯлун*
Дар асири худ бингар.

Махбуни матвӣ:[17]

Рухат ҳуши ман бубарад,
*мафоилу муфтаилун*
Лабат хуни ман бихурад.

Матвӣ, солим — арӯз ва зарб:[18]

Гар шароби гулгун бувад,
*фоилоту мустафъилун*
Бе лаби туам хун бувад.

**Баҳри Муҷтасси мусаммани махбун:**

Зи дур нест муяссар назар ба рӯи ту моро,
*мафоилун фаилотун мафоилун фаилотун*
Чи давлат аст, таолаллаҳ, аз қади ту қаборо.

Махбуни мақсур:[19]

Аз он гаҳе ки дили ман ба сӯи ёри ман аст,
*мафоилун фаилотун мафоилун фаилон*
Зиҳӣ дароз, ки шабҳои интизори ман аст.

Махбуни маҳзуф:[20]



Ту ҳамчу субҳию ман шамъи хилвати саҳарам,
*мафоилун фаилотун мафоилун фаилун*
Табассуме куну ҷон бин, ки чун ҳамесупурам.

Махбуни мақтӯъ:[21]

Бирафт ақлу дилу дину монд ҷон танҳо,
*мафоилун фаилотун мафоилун фаълун*
Чу он ғариб, ки монад зи корвон танҳо.

Махбуни мақтӯи мусаббағ:[22]

Ғуломи наргиси масти ту тоҷдоронанд,
*мафоилун фаилотун мафоилун фаълон*
Хароби бодаи лаъли ту ҳушёронанд.

Мушаъас:[23]

Бари ман омад хуршеди некувон шабгир,
*мафоилун мафъӯлун мафоилун фаълон*
Ба қад чу сарви баланду ба рух чу бадри мунир.

Мушаъаси маҷҳуф:[24]

Агар кушой торе зи сунбули тар,
*мафоилун мафъӯлун мафоилун фаъ*
Ҳамеша ояд боди сабо муаттар.

Мураббаи махбун:

Маро, ки рӯи ту бояд,
*мафоилун фаилотун*
Зи меҳри маҳ чӣ кушояд?

Махбуни мақсур:[25]

Дилам ба ту хаст шод,
*мафоилун [фоилон]*
Туро зи ман нест ёд.

## ФАСЛ [VII]

Доираи саввум панҷ баҳр аст:

**Сареъ, Ҷадид, Қариб, Хафиф, Мушокил**[1]

**Баҳри Сареи матвии мавқуф:**

Дил чи кунад сайру тамошои боғ,
*муфтаилун муфтаилун фоилон*
То ба туам аз ҳама олам фароғ.

Матвии максуф:[2]

Рух бинамо, эй қамари хонагӣ,
*муфтаилун муфтаилун фоилун*
То накашад ақл ба девонагӣ.

Мактӯъ:[3]

Ҳаст калиди дари ганҷи ҳаким,
*муфтаилун муфтаилун фоилон*
Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим.
*мафъӯлун мафъӯлун фоилон*

Аслам:[4]

Гар бикушӣ в-ар накушӣ моро,
*муфтаилун муфтаилун фаълун*
Нест ғам, аз сар накушӣ ёро.

Махбуни матвии максуф:

Нигори ман ба кори ман дарнигар,
*мафоилун мафоилун фоилун*
Зи ҷурми бешумори ман даргузар.

Махбуни матвӣ, максуф — арӯз ва зарб:[5]



Аз ишқи ту ман дар ҷаҳон самарам,
*мустафъилун мустафъилун фаулун*
Хун шуд аз ин дарди ниҳон ҷигарам.

### Баҳри Ҷадид

Аз ҷумлаи буҳури мустаҳдас аст ва инро Ғариб низ гӯянд.

Махбун:[6]

Малико, теғи ту ҳар бадсиголро
*фаилотун фаилотун мафоилун*
Бихурад ҳамчу ғазанфар шаколро.

### Баҳри Қариб

Ин низ аз буҳури мустаҳдас аст.

Макфуфи мақсур:[7]

Фиғон з-он сари зулфайни тобдор,
*мафоилу мафоилу фоилон*
Фурӯ ҳишта зи ёқути обдор.

Ахраби макфуф:[8]

То мулки ҷаҳонро мадор бошад,
*мафъӯлу мафоилу фоилотун*
Фармондеҳи ӯ шаҳриёр бошад.

Ахраби макфуфи мақсур:

Ку Осафи Ҷам, гӯ, биё, бубин,
*мафъӯлу мафоилу фоилон*
Бар тахти Сулаймони ростин.

## Баҳри Хафифи махбун

Солим — садр ва ибтидо:

Сабзаҳо нав дамида, ёр наёмад,
*фоилотун мафоилун фаилотун*
Тоза шуд боғу он нигор наёмад.

Аз чунин буҳури мустаҳдас бенаҳояти ғариб низ гуфта.

Навбаҳор омаду ҳарифи шаробам
*фаилотун мафоилун фаилотун*
Ба тамошои навбаҳор наёмад.

Мақтӯъ:[9]

Мӯҳр бикшой лаъли майгунро,
*фоилотун мафоилун фаълун*
Маст кун ошиқони маҷнунро.

Мақтӯи мусаббағ:[10]

Пеши ту ҷо наметавонам кард,
*фоилотун мафоилун фаълон*
В-аз ту хӯ во наметавонам кард.

Махбуни мақсур:[11]

Моҳрӯё, ба хуни ман машитоб,
*фоилотун мафоилун фаилон*
Куштани ошиқон кӣ дид савоб?!

Махбуни маҳзуф:

Ҳар шаб аз шавқ ҷома пора кунам,
*фоилотун мафоилун фаилун*
Ошиқам, ошиқам, чӣ чора кунам?!



Мушаъас:[12]

Вақти гул шуд, ҳавои гулшан дорам,
*фоилотун мафоилун мафъӯлун*
Завқи ҷоми шароби равшан дорам.

Маҷҳуфи мусаббағ:[13]

Ғамза чун тиру турра чун қир,
*фоилотун мафоилун фоъ*
Чашм пурхобу зулф пуртоб.

Ва Рӯдакӣ бар мусаммани ин баҳр ғазале гуфтааст[14] ва матлааш ин аст:

Гар кунад ёрие маро ба ғами ишқ он санам,
*фоилотун мафоилун фаилотун мафоилун*
Битавонад зидуд з-ин дили ғамхора занги ғам.
*фаилотун мафоилун фаилотун мафоилун*

## Баҳри Мушокил

Ин низ аз буҳури мустаҳдас аст ва ашъори паҳлавӣ бар ин вазн бештар аз форсӣ аст.
Макфуф:[15]

Эй нигори сияҳчашми сияҳмӯй,
*фоилоту мафоӣлу мафоӣл*
Сарвқадди накӯгӯи накӯрӯй.

Мураббаи макфуф:

Рӯзгори хазон аст,
*фоилоту мафоӣл*
Боди сард вазон аст.

Маҳзуф:[16]

Сарви лолачабине,
*фоилоту фаъ̄лун*
Моҳи хонанишине.

Ва бар мусаммани ин баҳр низ шеър гуфтаанд:

Хезу тарфи чаман гир бо ҳарифи суманрӯй,
*фоилоту мафоилу фоилоту мафоил*
Гоҳ сунбули тар чину гоҳ шохи суман бӯй.[17]

ФАСЛ [VIII]

Доираи чаҳорум ду баҳр аст

**Мутақориб ва Мутадорик.**[1]

**Баҳри Мутақориб**[2]

Зиҳӣ, абрӯят қиблаи покдинон,
*фаъ̄лун фаъ̄лун фаъ̄лун фаъ̄лун*
Ба нози ту хуш хотири нозанинон.

Мақсур:[3]

Дилам бурду ҳаққи вафой надошт,
*фаъ̄лун фаъ̄лун фаъ̄лун фаъ̄л*
Дилашро ғами ошной надошт.

Маҳзуф:[4]

Зиҳӣ, рӯят аз барги гул тозатар
*фаъ̄лун фаъ̄лун фаъ̄лун фаал*

Мусаддаси солим:

Зи дарди чудой чунонам,
*фаъ̄лун фаъ̄лун фаъ̄лун*
Ки аз зиндагонӣ ба чонам.

Маҳзуф:[5]

Чу зулфат фишондӣ сабо,
*фаъ̄лун фаъ̄лун фаал*
Дили ман бияфтад зи чо.

Мусаммани аслам:[6]

Ошӯби ҷоне, шӯхи ҷаҳоне,
*фаълун фаълун фаълун фаълун*
Беэътиқоде, номеҳрубоне.

Асрам:[7]

Ғамзадаеро дил нанавозӣ,
*фаълу фаълун фаълу фаълун*
Дилшудаеро чора насозӣ.

Асрами мақсур:[8]

Эй шаби зулфат ғолиясову эй маҳи рӯят ғолияпӯш,
*фаълу фаълун фаълу [фаълун] фаълу фаълун фаълу фаъл*
Наргиси мастат бодапарасту лаъли хамӯшат бодафурӯш.

Мақбузи аслам:[9]

Гарам бихонӣ в-арам биронӣ,
*фаълу фаълун фаълу фаълун*
Дили ҳазинро ба ҷои ҷонӣ.

Ва Рӯдакӣ бар вазни мақбузи аслам ғазале гуфтааст[10] ва дар он саҷъ нигоҳ доштааст ва ин ду байт аз он аст:

Гули баҳорӣ, бути таторӣ,
Набид дорӣ, чаро наёрӣ?
*фаълу фаълун фаълу фаълун*
Набиди равшан чу абри баҳман
Ба тарфи гулшан чаро наборӣ?

Ва баъзе аз шуарои мутааххир бинои мақбузи аслам бар шонздаҳ рукн ниҳодаанд. Чунон ки Хоҷа Исматуллоҳи Бухорой, раҳматуллоҳ фармояд:



Зиҳӣ, ду чашмат ба хуни мардум кушода тиру кашида ханҷар,
*фаълу фаълун фаълу фаълун фаълу фаълун фаълу фаълун*
Рухи чу моҳат сабоҳи давлат, хати сиёҳат шаби муанбар.

Маҳзуф:[11]

Нигорони ман ҷафо мекунад,
*фаълун фаал фаълун фаал*
Бути чини ман хато мекунад.

## Баҳри Мутадорик

Ва ин баҳрро «Ракз-ул-хайр» ва «Савт-ун-нокус»[12] низ гӯянд.
Мутадорики мусаммани солим:

Эй тутуқ баста аз тирашаб бар қамар,
*фоилун фоилун фоилун фоилун*
Тӯтии ҳаттат афканда пар бар шакар.

Махбун:[13]

Санамо, бинамо руху ҷон бирабо,
*фаилун фаилун фаилун фаилун*
Ки туро бувад ин беҳ аз он ки маро.

Мақтӯъ:[14]

То кай моро дар ғам дорӣ?
*фаълун фаълун фаълун фаълун*
То кай орӣ бар мо хорӣ?

Махбуни мақтӯъ:[15]

Сунбули сиёҳ бар суман мазан,
*фоилун фаал фоилун фаал*
Лашкари ҳабаш бар Хутан мазан.

Мусаддаси махбун:

Гузарам ҳама бар дари туст,
*фаилун фаилун фоилон*
Чӣ кунам? дили ман бари туст.

Мақтӯъ:[16]

Ҳар дам оям сӯят,
*фаълум фаълун фаълун*
Бошад, бинам рӯят.

# РИСОЛАИ МУСИҚӢ



Абдураҳмони Ҷомӣ бо «Рисолаи мусиқӣ»-и худ дар таърихи инкишофи афкори маданӣ ва эстетикии халқи тоҷик ҳиссаи пурарзише гузоштааст. Вале нусхаҳои қаламии он хеле кам ба назар мерасанд ва то алҳол ба ғайр аз дастхати «Куллиёт»-и вай (Ниг. А. Афсаҳзод. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ, с. 112—113) дар дигар ҷо нусхае пайдо нашуд. Соли таълифи рисола низ маълум нест. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқ Аълохон Афсаҳзод «Рисолаи мусиқӣ» бо дархости Алишер Навоӣ баъди соли 1475 таълиф гардида будааст.

Ҳарчанд дар ин аҳд аз тарафи олимону донишмандони ин соҳа, масалан, Шоҳбуққа («Асл-ул-васл»), Мир Мумтоз ва Хоҷа Шаҳобуддин Абдуллоҳи Марворид, Мавлоно Биноӣ як силсилаи рисолаҳо оид ба илми мусиқӣ офарида шуда бошанд ҳам, истифода ва ҳифз кардани онҳо барои навёдгирон то андозае душворӣ ва гарониҳо доштааст. Аз ин ҷиҳат, Алишер Навоӣ аз Абдураҳмони Ҷомӣ хоҳиш кардааст, ки асаре оид ба мусиқӣ таълиф намояд.

«Ба ин фақир,— менависад Алишер Навоӣ,— инояту илтифот доштанд, (Ҷомӣ — *А. З.*), «Рисолаи мусиқӣ ва адвор»-ро навиштанд, ки дар ин фан аз он манфиатноктар ва муфидтар рисолае нест». Чунон ки аз суханони Навоӣ бармеояд, рисолаи мусиқии Ҷо-

мӣ аз сабаби бо забони равону содда таълиф гардиданаш нисбат ба дигар рисолаҳои мусиқии муосиронаш аҳамият ва шӯҳрати босазое пайдо кардааст. Чи навъе ки мо айнан ҳамин хусусиятро дар рисолаҳои қофияву арӯзи ӯ низ мушоҳида мекунем.

«Рисолаи мусиқӣ»-и Ҷомӣ ҳамагӣ 23 фаслро дар бар карда, аз муқаддима, ду боб ва хотима иборат аст.

Ҷомӣ дар муқаддима, баъд аз ҳамду сано ва сабаби таълиф, дар фаслҳои II—III рисола аз таърихи пайдоиши мусиқӣ, ба вуҷуд омадани овозу қоторовозҳо, истилоҳи мусиқӣ, муносибати инсон бо ҷамъияту табиат сухан меронад ва ба ҳамин васила аҳамияту зарурияти мусиқиро дар ҷомеаи инсонӣ таъкид менамояд.

Муҳаққиқ монанди баъзе муаллифони пешин илми мусиқиро бо бофтаҳои асотирӣ марбут надониста, балки асосҳои илмиашро ҷустуҷӯй мекунад ва тафсироти худро хеле мӯъҷаз баён кардааст. Ӯ илми мусиқиро ба ду боб: илми таълиф ва илми ӣқоъ, ки ҳар яке аз таркиботу ҷузъиёти созу овоз алоҳида баҳс мекунад, тақсим намуда, чунин тафсир менамояд:

«Лоҷарам мунқасим мегардад ин фан ба ду қисм: як қисми он ки дар вай нағамотро бидонанд ва онро илми таълиф гӯянд ва қисми дигар он, ки дар вай аҳволи азминаро бишиносанд ва онро илми ӣқоъ хонанд». (Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор, ҷ. 8. Рисолаи мусиқӣ).

Дар фаслҳои IV—V сухан аз нағма, таърифу аҳамият ва аз бахшҳои муҳими таркиби мусиқӣ будани он рафтааст. Дар ин боб тафовути бӯъд (фосила), қоторовозҳо (ҷамъ), ҷинс ва нисбати онҳо, таносуб ва фарқи фосилаҳои мавзун, ки дар қисмати созҳои камонию торӣ ва нафасӣ пайдо мешаванд ва то дараҷае бо овози табиӣ, равишҳои қавлию фаръӣ нисбат доранд, ба таври возеҳ ташреҳ ёфтааст.

Фаслҳои VI—X ба масъалаҳои назарии хеле муҳим бахшида шудааст. Чунон ки маълум мегардад, тафсиру шарҳҳои Ҷомӣ оид ба таносуби фосилаву қоторовозҳо бештар дар атрофи нағмаҳои хафтдаҳгона сурат гирифтааст. Дар ин фаслҳо назарияи мисл, меъёри фосила ва дараҷаи танзими қаробату ҳамоҳангии нағмаҳо,



қоторовозҳои ҳафтдаҳгона таҳлил гардида, дар рафти таҳқиқи фосилаҳо муаллиф бисёртар фосилаҳои зи-л-кулл (октава), зи-л-хамс (квинта), зи-л-арбаъ (кварта), муҷаннаб, танинӣ, бақияву фазла (лаҳни комил)-ро аз фосилаҳои муттафиқ (гармоникӣ) ҳисоб кардааст. Фосилаҳои дигарро бошад «зи-л-кулл ва-л-арбаъ, зи-л-кулл ва-л-хамс, зи-л-кулл марратайнро муттафиқу мулоими қисми дуввум», яъне фосилаҳои наздику ҳамоҳанги гурӯҳи дуюм шуморидааст.

Фаслҳои XI—XII рисола ба намудҳои мухталифи ҷинсҳо: тетрахордҳо ва пентахордҳо ва тарзи ба вуҷуд омадани фосилаву ҷамъҳо тавассути васл шудани тетрахордҳо бо пентахордҳо (Абдурахман Джами. Трактат о музыке. Ташкент, 1960, с. 77) ва инчунин сохту таркиби асоси пардаву қоторовозҳо, ки пас ҳам ба вуҷуд омада ҳар як аз ҳафт навъи қоторовозҳо ва сӣ навъи пентахорд, ки ҳамагӣ наваду як даври мусиқиро ташкил мекунанд, бахшида шуда батафсил шарҳ ёфтаанд.

Ҷомӣ дар ин бахш бештар ба осори мусиқию илмии муҳаққиқони пешин такя намуда бошад ҳам, вале фикрҳои бикр ва мулоҳизоти хоси худро дорад. Ҷомӣ, чунон ки муҳаққиқ А. Раҷабов тасдиқ мекунад, «роҳҳои амалии истифодаи ҳаштоду чор даври мусиқиро тафсир намуда, таъкид мекунад, ки тавассути ин равиш мумкин аст ҳамаи наваду як давррo дар соз дохил намуд».

Фаслҳои XIII—XIV рисола ҷолиби диққат буда, он низ ба масоили муҳими илмию амалии мусиқӣ — мавзӯъи баҳси сози уд, ҷӯрсозӣ, сохту таркиби пардаҳо дахл мекунад. Ин қисмати рисола давоми мантиқии фаслҳои гузашта буда, ин ҷо Ҷомӣ аз хусуси хидмати олими бузурги тоҷик — Абӯнасри Форобӣ чунин қайд кардааст: «Ашрафи олоти завот-ул-автор (созҳои торӣ — *А. З.*) — удро донистаанд ва пеши мутақаддимон автори вай чаҳор будааст: бам ва маслас ва масно ва зер. Ва Ҳаким Абӯнасри Форобӣ баъд аз зер як ватар ва дигар бар он афзудааст ва онро ҳодд ном ниҳода» (Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор, ҷ. 8. Рисолаи мусиқӣ). Аз мундариҷаи фаслҳои зикршуда чунин бармеояд, ки тафсироти назарию амалии Ҷомӣ, ки дар ин асар баён ёфтаанд, натиҷаи

таҳқиқу мушоҳидаҳои хоси ӯ буда, моҳиятан такмил ва давоми комёбиву ҷустуҷӯҳои муҳаққиқони пешин мебошанд.

Устоди ин фан будани Ҷомӣ аз таҳлили амиқи назариявии 12 мақом, шашовоза ва 24 шӯъба баръалоина мушоҳида мегардад. Ҳар мақомро алоҳида дар фасли XV шарҳ дода, баҳсу ихтилоферо, ки дар атрофи он ба вуҷуд омадааст, тафсир намуда, бо тартиби муайяне дар ҷадвал кашидааст. Олими заковатманди мусиқишинос аз тамоми бурду муваффақиятҳои илмии аҳдаш воқиф будааст, ки мегӯяд: «Аммо он чи арбоби амал дар он тасониф кардаанд ва дар ин замон мустаъмал аст» (Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор, ч. 8. Рисолаи мусиқӣ).

Ҷомӣ ҳангоми тафсиру маънидод намудани мақомҳо, махсусан дар таркиби дасотин ва қаторовозҳои он фикру мулоҳизоти тозае дохил кардааст ва бо ҳамин дар инкишофу пешрафти афкори назарии илми мусиқӣ ҳиссаи арзандае гузошта тавонистааст.

Фаслҳои XVI—XVIII оиди овозот ва давраҳои дувоздаҳгонаи мақом мебошад. Муаллиф дар ин қисмат мақом-овозҳоро аз ҷиҳати амалию назарӣ амиқ таҳлил мекунад ва инчунин ба шарҳи амалиёти мусиқӣ ва бо маҳорати баланд иҷро гардидани созу овоз низ аҳамияти махсус медиҳад. Ҷомӣ низ мисли муҳаққиқони пешин овозро василаи муҳими тағйирёбии оҳанг ва аз нав баргаштани онҳо дар мақому шӯъбаҳо шуморидааст.

Фаслҳои XIX—XXII рисола ба яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ ва амалии мусиқӣ — ӣқоъ (зарб) ва ба мавзӯи созу овоз бахшида шудааст. Маълум аст, ки қабл аз Ҷомӣ илми ӣқоъ — зарб дар фаслу бобҳои осори муҳаққиқони форсу тоҷик Абӯалӣ ибни Сино, Абӯнасри Форобӣ, Муҳаммади Омулӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Абдулқодири Гӯянда ва дигарон шарҳу тафсири худро ёфта буд. Ҷомӣ дар бахшҳои асари худ ӣқоъро вобаста ба масъалаҳои илми арӯзу қофия ва бадеъ дар робитаву пайвастагӣ таҳлил намуда, ба натиҷаҳои тозаи назарию амалӣ ноил гардид. Пайдост, ки ӯ дар таҳқиқи илми мусиқӣ донистани қонунҳои илми сегона: арӯзу қофия ва каломи бадеъро зарур шуморидааст. Беҳуда нест,



ки дар ин боби асари Ҷомӣ аз аҳамияти зиҳофу рукнҳо, аз хусуси ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ, сабаби хафифу сабаби сақил, ватади маҷмӯъу ватади мафруқ ва фосилаи куброву фосилаи суғро, тақсим шудани воҳидҳои шеърӣ сухан меравад ва вобаста ба ин дар илми ӣқоъ роли накраҳо, савтҳо, қаторовозҳо, замонҳо, овозҳои ҳиҷосоз, ки авзони зарбиро ифода мекунанд, махсус қайд мешаванд. Муаллиф ӣқоъро ба мувассал ва ӣқоъи муттасил ҷудо намуда, аз ин хусус чунин навиштааст: «Ҳар ду ҳарфи мутаҳаррики мутаоқибро сабаби сақил гӯянд чун та-на ва як мутаҳаррик ва як сокинро сабаби хафиф чун тан ва ду мутаҳаррик ва як сокинро ватади маҷмӯъ чун та-нан. Ва се мутаҳаррик ва як сокинро фосилаи суғро чун та-на-нан. Ва ҳар ҷамоати нақарот, ки ҳаст ё азминаи мутахаллала миёни онҳо мутасовианд ва онро ӣқоъи мувассал хонанд ва ё мутафозала ва онро ӣқоъи муттасил гӯянд» (Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. ч. 8. Рисолаи мусиқӣ). Ҷомӣ дар ин бахш ёздаҳ зарби маъмул, таркиботи замонӣ, суръати зарбӣ — оҳангнокии зарбҳоро ба тарзи равон шарҳ дода, баробари ин ҷиҳатҳои умумии зарбҳои маъмулро барои сароядагону навозандагон қайд кардааст. Инчунин муаллиф сохти зарбҳоро ба ду тақсим кардааст, ки аз шаклҳои ҳиҷоии овозҳои мусиқӣ накраҳо иборат буда, дар шеър ба ватаду сабаб ва фосилаҳо баробар меоянд. Муаллиф дар ин хусус навиштааст: «Ва он бар ин анвоъ аст: сақили аввали замони даври он баробари замоне бувад, ки дар он ба ҳашт сабаби сақил талаффуз тавон кард муштамил бар шонздаҳ накра ва аркони он ду ватад аст ва як фосила ва як сабаби хафиф ва боз як фосила чун танан танан тананан тан тананан бар вазни мафоилун фаилун муфтаилун» (Ҳамон ҷо). Чунон ки мебинем, ин ҷо пайвастагии ҳиҷоҳои кӯтоҳи аввалӣ бо ҳиҷоҳои дуюми кӯтоҳ, сурату шакли давр, ҷиҳатҳои васеи азмина нисбат ба шакли сунъии рукнҳои зарбӣ, ки бо тафъилаҳо мувофиқат мекунанд, равшан шарҳ ёфтаанд.

Ҳамин тавр, Ҷомӣ дар фасли охирин (XXIII) суханро дар атрофи 12 мақом ва шуаботи он идома дода, мувофиқи анъанаи

пешиниён дар заминаи таъсири мутақобилаи лаҳну наво шӯъбаи созию овозиро ба чор тақсим кардааст.

Муҳаққиқ хосияту таъсири хосе доштани ҳар яке аз ин давраҳоро махсус таъкид намудааст. Аз ҷумла Ушшоқу Наво, Бӯсалик ба инсон тавононию шуҷоат ва Рост, Ироқ ва Исфаҳон фараҳмандӣ мебахшад.

«Ва аз овозот,— менависад Ҷомӣ,— Наврӯз ва Гардониё ва аз шуаботи Панҷгоҳ ва Зовулиро ҳамин таъсир аст» (Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. ҷ. 8. Рисолаи мусиқӣ).

Вале бахшҳои Бузургу Зерафканд, Раҳовию Зангӯла аз рӯи гуфти муаллиф инсонро ба андӯҳу маҳзуният мекашидааст. Аз овозот Гувошт, Шаҳноз, Ҳисор, Ҳумоюн, Мубарқаъ, Бастанигор, Сабо ва Наврӯзи араб, Ракаб, Исфаҳонак, Рӯй ва Ироқ ҳам ҳамин навъ таъсир доштаанд.

Аз ин ҷиҳат, Ҷомӣ дар хотимаи рисола дар иҷро намудани мақому оҳангҳои мазкур интихоби шеъри баландмазмун, масъулият, маҳорат ва табъи салиму салиқаи баландро аз «асҳоби амал» дархост менамояд.

«Рисолаи мусиқӣ»-и Ҷомӣ бори аввал аз тарафи ду олими маъруфи советӣ А. Н. Болдырев ва В. М. Беляев бо тарҷумаи русӣ ва ба шарҳу тавзеҳот дар соли 1960 дар Тошканд ба табъ расид. Ин асари пурарзиш барои аҳли мусиқӣ то ҳол яке аз сарчашмаҳои муҳими илмӣ ба ҳисоб меравад.

Мо низ ҳангоми ба нашр ҳозир кардани асари мазкур, ба матни русии ин рисола муроҷиат намудем, ки баъзе масъалаҳо ҳал гарданд ва махсусан тарзи саҳеҳи нақшаҳо дуруст инъикос ёбанд.

*Абӯбакр Зуҳуриддинов*

## ФАСЛ [I]

## МУҚАДДИМА

Баъд аз таранниум ба нағамоти сипоси худовандӣ, ки шӯъбадонони мақомоти бандагиро гӯши умед бар овозаи навиди латоифинъом ва афзоли ӯст, ҷаллат азамата ҷалолиҳи. Ва пас аз тағанние ба суруд, дуруд ба пешраве, ки нақшбандони лавҳи қавлу амалро саодати ҷовид дар пайравии савти сити вазоифи аҳвол ва аъмоли ӯст...

Гӯяндаи ин роз ва созандаи ин нақши дилнавоз, ки дар унфувони шабоб, ки овони таҳсилу унвони саҳифаи қолу қил буд, ташҳизи хотирро ба таъаллуми илми мусиқӣ оҳанг карда будам ва қавоиди амалии онро ба чанг оварда, гоҳ дар қавонини таълифи он лабе мекушодам ва гоҳ дар мавозини йқоъии он дасте мезадам, аммо ба воситаи тақаллуби адвор ва тағаллуби ҳаводиси лайлу наҳор хотир аз он афсона фаромӯш карда буд ва лаб аз он тарона хомӯш монда, то дар ин айём аз носияи аҳволи баъзи киром, ки он дастонро шунида буд ва ба он достон орамида, чунон тафаррус кардам, ки макнуни замири мунираш он аст, ки аз он

афсона ҳарфе ба рӯи кор орам ва аз он тарона садое дар гӯши рӯзгор бигузорам, ҳарчанд ба мӯҷиби ин қазия, ки:

Нафас тан дону ҷон доди худованд,
Ки ҷонҳоро ба танҳо дода пайванд.
Ба ғафлат гуфтани тан-тан дар алҳон
Зи қавволон бувад танҳои беҷон.
Тани беҷон ниҳон дар хок беҳтар,
Бисоти зиндагон з-он пок беҳтар.

Иқдом бар он маром на муқтазои мақомии фақир буд ва иштиғол бад-он мақол на мувофиқи ҳоли ин ҳақир. Аммо аз ин маънӣ таҷоҳул кардам ва рӯи таваҷҷӯҳ ба ҷамъи рисола овардам аз кутуби ин қавми мутанаккит ва аз усули ин тоифаи мустанбит. Мултамас аз мутолиакунандагон он ки мизроби таассуб бар ватари таҷҳил ва тасфиҳ назананд.

### ФАСЛ [II]

Тамҳид. Бар арбоби закову фатнат пӯшида нахоҳад буд, ки аксари ҳайвонотро таайюш ва ибқои навъ ҷуз ба ҷимоъ бо абнои ҷинс мутасаввир нест. Ва он иҷтимоъ ба воситаи такассури ҳаракоти мутахолифат-ул-ҷиҳот, ки мунбаис мегардад аз танаввӯъи ҳоҷот доимо муяссар не, пас мӯҳтоҷ гаштан ба амре, ки баъд аз ифтироқ доъӣ ба иҷтимоъ тавонад буд.

Чун овоз, ки нисбати дурӣ ва наздикӣ ва равшанӣ ва торикӣ ба он яксон аст ва йсоли он ба ҷиҳоти мутақобила ва ҳудуди мутағойира осон, ҳеҷ сотире монеъи он натавонад шуд ва ҳеҷ монеъе дофеи он натавонад гашт. Лоҷарам ҳазрати ҳақ субҳонаҳу ва таоло ба инояти беиллати худ дар табиати онҳо қуввати исдори



он бар автори мухталиф ба ҳасби автори мутанаввеъ вадиат ниҳод. Ва ҳар якро бар идроки он автор аз он атвор тавоноӣ дод. Ва чун инсонро баъд аз иштироки вай бо соири ҳайвонот дар ин навъ ҳоҷат ҳоҷатҳои дигар бувад, ки дар изҳори он ихтилофи табиии асвот кофӣ набувад. Мулҳам шуд ба тасарруфе саноъӣ дар он ба тақтеъи он ба ҳуруф ва таркиби ҳуруф ба калимот ва вазъи он ба йзои[1] маонии максура.

Пас ҷиҳати эҳтиёҷи инсон мутазоиф шуд ва шакк нест, ки ҳар мӯҳтоҷ илайҳи матлуб ва марғуби мӯҳтоҷ аст ва мӯҳтоҷро дар вусул ба он анвои лаззат ва ибтиҳоҷ. Пас вайро дар истимои асвот лаззате ҳарчи тамомтар ҳосил тавонад буд. Ба тахсис вақте ки он дар зимни нағамоти[2] мулоима ва таълифоти муттафиқаи мавзуна вуҷуд гирад. Чи таълифи нағамотро хусусияте ҳаст, ки дар соири таълифот[3] нест, зеро ки чун ногоҳ нағмаи мулоим бар нафс ворид шавад, ба он мултазз гардад ва чунончи ба виҷдони саросар ҷадиди мулоим. Ва чун аз идроки он лаззат гирад ва он филҳол рӯи видоъ дар ниқоби таворӣ орад, аз ваҳшати видои вай мунқабиз гардад ва боз бе тарохии ваҳшат видои вай ба ибтиҳоҷи вуруди нағмаи дигар, ки гӯё ҳамон нағмаи пешин аст, руҷӯъ карда мунзамм ба таносубе таълифӣ мубаддал гардад.

Пас дар ин ҳол чанд чиз ҳосил шавад: яке вуруди амри ҷадиди мулоим ногоҳ. Дигар талофии ваҳшати видои он ба баҳҷати руҷӯъ. Дигар инзимоми таълифе муттафиқи мавзун ба он. Ва ҳар як аз инҳо сабаби навъе аз лаззат. Пас ба ҷамъияти инҳо мултазз гардад — ғоят ул-илтизоз.

Ва гоҳ бошад, ки аҳволи пӯшида дар нафс чун ҳузн ва фараҳ ва хавф ва риҷо ва хузӯъ ва истеъло ба ҳамон овон ҳайъате ворид гардад ва онро мунсабеғ ба сабғи худ гардонад ва ба воситаи он мустамеъ бар он

аҳволи пӯшида иттилоъ ёбад. Ва дар ин низ навъи лаззате бошад. Ва гоҳ бошад, ки асаре аз он ба нафси мустамеъ сироят кунад. Ва чун ҳусули он матлуби вай бувад, беҳтарин васила гардад дар таҳсили он ва ин чиз мӯҷиби лаззате дигар гардад.

### ФАСЛ [III]

Қудамои ҳукамо, бинобар он чи маълум шуд аз таъсири таълифи нағамот ва ӣқоъи[1] он дар нафс ва иститбои он мар лаззате комилро эҳтимом намуда, такмил ва итмоми онро илме тадвин карданд ва онро мусиқӣ, ки маънии он ба ҳасби луғати Юнон алҳон аст, ном ниҳоданд.

Пас, мусиқӣ дар истилоҳ илме бошад, ки бидонанд дар он аҳволи нағамотро аз ҳайсияти мулоимат[2] ва мунофарати[3] эшон бо якдигар ва аҳволи азминаи мутахаллала[4] дар миёни он нағамотро то ба риояти дурӣ аз он азмина, ки нисбати он ба алҳон ҳамчу нисбати вазн бошад ба ашъор, зинати дигар гирад ва равнақи ҳарчи тамомтар пазиранд. Лоҷарам мунқасим мегардад ин фанн ба ду қисм: як қисм он, ки дар вай аҳволи нағамотро бидонанд ва онро илми таълиф гӯянд. Ва қисми дигар он, ки дар вай аҳволи азминаро бишиносанд ва онро илми ӣқоъ хонанд.

Ва ин рисола ба ҳамин мулоҳаза ба ду қисм инқисом меёбад.

### ФАСЛ [IV]

### ҚИСМИ АВВАЛ

### ДАР ИЛМИ ТАЪЛИФ

Нағма[1] овозеро гӯянд, ки чандон диранг кунад, ки ҳисси замон[2] онро дартавонад ёфт. Ва ин қайд эҳтироз аз овозҳое аст, ки аз нақароти[3] ғайри лаҳния чун дафу каф шунида мешавад, ки онро нағма намегӯянд. Ва мебояд, ки диранг кардани овоз дар он замон бар ҳадде воҳиди[4] муайян бошад аз ҳиддат.[5] Ва сақл, яъне тезию гаронӣ, ки онро зеру бам[6] гӯянд. Ва ин қайди эҳтироз аз мисли абъод[7] ва аҷнос[8] ва ҷамӯъ[9] аст, зеро ки ҳар як аз инҳо овозеанд дирангкунанда, лекин на бар ҳадди воҳид аз ҳиддат ва сақл, балки бар ҳудуди мухталиф. Ва мебояд, ки маҳнун илайҳ бошад табъан, яъне табиати мустамаъ тақозои он кунад, ки нафсро бо он майл афтад ва аз он лаззат ёбад ва исғои он кунад. Ва ин қайд эҳтироз аз овозест, ки чун чӯбе ё сангеро масалан бар замин бикашанд, масмӯъ шавад, зеро ки он овозест, ки диранг мекунад замоне, ки замони кашидан аст бар ҳадде муайян аз ҳиддат ва сақл. Чи шакк нест, ки он овоз ба ҳасби салобат ва раҳовати ҷисми маҷрур ва маҷрур алайҳ салоҳияти ҳиддат ва сақл дорад. Аммо ба иттифоқ инро нағма намегӯянд. Агар касе гӯяд, ки аз ин таърифи нағмаҳои номатбӯъ, ки аз гулӯи бадовозон ва ғайри он аз созҳои номулоим шунида мешавад, хориҷ аст, мегӯем: лонуссалим, маҳнун илайҳи нест, зеро ки он мулоими табъи лофиз ба он ё мустахриҷи[10] он хоҳад буд. Ва агар мулоими табъ набошад, лонуссалим, ки онро нағма гӯянд. Ва агар гӯянд, гӯем: ин таърифи нағмаест, ки мақсуд бо лаззот баёни ҳоли вай аст дар фанн, на мутлақи нағма.

ФАСЛ [V]

Чун нағма аз яке даргузарад, онро бӯъд хонанд ва чун бӯъд аз яке даргузарад, онро ҷинс хонанд ва чун ҷинс аз яке даргузарад, онро ҷамъ гӯянд ва чун ҷамъ дар зимни нағамоти муттафиқа[1] маҳдудатулазминаи[2] мавзунатуладвор[3] вуҷуд гирад, онро лаҳн[4] ном ниҳанд. Ва чун мулоимат ва мунофарати абъод, ки мизон дар шинохтани он қабул ва адами қабули табъҳои салим аст, мабнӣ бар нисбатҳое, ки миёни нағматайн дар бӯъд ҳаст. Ва донистани нисбати миёни нағамот ба донистани нисбати миёни махориҷи[5] он тавонад буд. Ва махраҷи нағма ё ҳалқӣ аст чун ҳулуқи ҳайвонот ва ё саноъӣ аст чун олоти маснуа.

Ва машҳур аз маснуот олоти завотулнафх[6] ва завотулавторанд ва донистани нисбати миёни махориҷи ҳалқии халқӣ ва махориҷи саноъии олоти завотулнафх мутааззир, балки мумтанеъ. Лоҷарам баёни он нисбат дар олоти завотулавтор[7] кардаанд, ки махориҷи он авторанд ва автору аҷзои он мақодири муайянаи маҳдуда. Ва аз нисбати махориҷ нисбати нағамотро донистаанд ва нисбати боқии нағамотро, ки аз хулуқ ва олоти завотулнафх ва ғайри он масмӯъ шавад, қиёс ба он маълум карда.

ФАСЛ [VI]

Асҳоби амал дар ин саноат чун ватареро ба аҷзои вай яке бӯъд аз дигаре истинтоқ кардаанд, пеш аз вусул ба мунтасафи он ватар ҳафтдаҳ нағма ёфтаанд мумтоз аз якдигар ва мутағойир дар масмӯъ, ки ҳеҷ як аз онҳо назири якдигар нестанд ва ба ҷои якдигар наменишинанд ва ҳар лоҳиқе[1] аҳадд аст аз собиқи худ. Ва чун ба мунтасаф расидаанд, нағмаи онро назири мутлақ ёфтаанд, ки ҳар як ба ҷои якдигар менишинанд



ва тафовут миёни эшон ҷуз ба ҳиддат ва сақл нест. Ва аз мунтасафи мутлақ ё мунтасафи нисфи ахир, ки рубъи мутлақ[2] бошад, ҳафтдаҳ нағмаи дигар ёфтаанд назоири ҳафтдаҳ нағмаи собиқ чунон ки нағмаи ҷуз-мунтасаф назири нағмаи мутлақ бошад ва нағмаи ҷузви сонии ин рубъ назири ҷузви сонии нисфи аввал ва нағмаи ҷузви солиси ин назири нағмаи ҷузви солиси он, ҳамчунон то охир. Ва мешояд ки рубъи ахирро низ тансиф кунанд ва нисфи аввали вайро ба ҳамин дастур қисмат кунанд ва нағамоти аҷзои вай назоири нағамоти аҷзои қисмати аввал. Ва бар ин қиёс аст, то он ҷо, ки хоҳанд.

ФАСЛ [VII]

Моҳирон дар ин фанн аз барои тасвири ин қисмати аввал ва бар ин қиёс аст, то он ҷо ки хоҳанд, хатте фарз карданд ба манзалаи ватаре ва онро қисмат кардаанд бар ваҷҳе, ки чун мисли он қисмат дар ватар вокеъ шавад ва махориҷи нағамоти ҳафтдаҳгона ва назоири он мутаайин гардад.

Пас бар аввали он хат, ки дар уд онро ҷониби анф гӯянд, алиф «ا» (А) рақам ниҳодаанд ва бар охири он, ки онро ҷониби мушт гӯянд рақам «م» «мим» (М) бар ин сурат. Пас қисмат кардаанд аввалан хатти алиф — мим (АМ)-ро ба ду қисми мутасовӣ ва бар муқассам рақами «еҳ» (يح) ниҳодаанд. Ва мақсуд аз ин тақсим он аст, ки ҷониби асқал аз аҳадд ҷудо шавад ва мабдори тақсими сонӣ мутаайин гардад ва доираи нағамот, ки онро бӯъди зи-л-кулл[1] хонанд, чунон ки биёяд, тамом шавад.

Ва агар на «еҳ» (يح) махраҷи ҳеҷ як аз нағамоти ҳафтдаҳгонаи асл нест. Пас шонздаҳ тақсими дигар кардаанд, ки аз ҳар тақсиме махраҷи як нағма маълум мешавад ва мутлақи ватар махраҷи як нағмаи дигар аст. Пас маҷмӯъ ҳафтдаҳ бошад. Ва аз ин тақсимоти шонздаҳгона се бар мутлақи ватари «алиф — мим» (АМ) воқеъ мешавад ва боқӣ бар аҷзои вай. Чунон ки «алиф — мим» (АМ)-ро се қисм кардаанд ва бар ниҳояти қисми аввал «е-алиф» (يا) ниҳодаанд. Боз «алиф-мим» (АМ)-ро чаҳор қисм кардаанд ва бар ниҳояти қисми аввал «ҳо» (ح) ниҳодаанд. Боз «алиф-мим» (АМ)-ро нӯҳ қисм кардаанд ва бар ниҳояти қисми аввал «дол» (Д) ниҳодаанд. Пас «дол-мим» (ДМ)-ро се қисм кардаанд ва бар ниҳояти қисми аввал «е — дол» (يد) ниҳодаанд. Пас «е-дол-мим» (يدم) – ро се қисм кардаанд ва дар ниҳояти қисми аввали «алиф-зо» (ز) ниҳодаанд. Боз «ҳо-мим» (حم) – -ро ҳашт қисм кардаанд ва мувозии як қисм аз ҷониби «алиф-ҳо» (АҲ) изофа кардаанд ва бар ниҳояти он «ҳе» (ه) ниҳодаанд. Пас «ҳе-мим» (هم) – -ро ҳашт қисм кардаанд ва аз тарафи асқал мувозии як қисм изофа кардаанд ва бар ниҳояти он «бе» (ب) ниҳода. Пас «бе-мим» (بم) – -ро се қисм кардаанд ва бар ниҳояти қисми аввал «е-бе» (يب) ниҳода. Боз «бе-мим» (بم) – -ро чаҳор қисм кардаанд ва бар ниҳояти қисми аввал «то» (ط) ниҳода. Пас «то-мим» (طم) – -ро чаҳор қисм кардаанд ва бар ниҳояти қисми аввал «е-вов» (يو) – ниҳодаанд. Пас «е-вов-мим» (يوم) – -ро ду қисм кардаанд ва аз тарафи асқал қисми дигар изофа кардаанд. Ва ба ниҳояти он «вов» (و) ниҳода. Пас «вов-мим» (وم) – -ро ҳашт қисм кардаанд ва қисми дигар изофа кардаанд ва бар ниҳояти он «ҷим» (ج) ниҳодаанд. Пас «ҷим-мим» (جم) – -ро қисм кардаанд ва бар ниҳояти қисми аввал «ё» (ى) ниҳода. Боз «вов-мим»- (وم) – ро чаҳор қисм кардаанд ва бар ниҳояти аввал «ё-ҷим» (يج) ниҳода. Пас «ё-мим (يم) – ро чаҳор қисм кардаанд ва бар ниҳояти аввал «ё-зо» (يز) ниҳода. Пас «зо-мим» (زم) – -ро чаҳор кисм кардаанд ва бар ниҳояти аввал «е-дол» (يد) ниҳода. Ин аст махориҷи нағамоти ҳафтдаҳгона.



Баъд аз он қисмат кардаанд нисфи боқии ватари «алиф-мим» (ام) – -ро, ки ҷониби ҳиддати вай аст, ба ду қисм, бар ниҳояти қисми аввал «коф-ҳе» (كه) ниҳода. Пас қисмат кардаанд «ё-ҳо-коф» (يحك) – -ро ба ҳафтдаҳ қисм, чунон ки қисмат карда буданд «алиф-ё-ҳо» (ايح) – -ро. Пас ҳосил кардаанд дар баробари ҳар як аз нағамоти ҳафтдаҳгона ҷониби сақли як нағма аз ҷониби ҳиддат. Пас чунончи «е-ҳо» (يح) – назира бувад «алиф»-(ا) ро ҳамчунин нағмаи ҷузви сонӣ аз нисфи сонӣ назирае аст мар ҷузви сонӣ аз нисфи аввалро ва сонӣ мар сониро ва солис мар солисро то охир.

Ва бибояд донист, ки бинои кор[2] дар ин тақсим бар тавассӯъ ва тақриб аст, на бар таҳқиқ, зеро ки агар ангушти соҳиби амал аз ин махориҷ андаке зеру боло афтад, дар масмӯъ тафовуте намекунад. Пас агар дар ин тақсим андак тафовуте бошад, назар ба он чи таҳқиқ аст, маҳалли таън ва эътироз набошад, бо он

ки умда дар таҳқиқи махориҷи ҳафтдаҳгона завқи марзоти ин фанн аст, зеро ки ба ҷиҳати қусури олот таҳқиқу махориҷи камоянбағӣ наметавон кард, на ба айн тақсим ва на ба тақсимоти дигар, ки аз ин ба таҳқиқ наздиктар донистаанд. Ва аз ин ҷиҳат дар ҳамин иқтисор карда шуд.

## ФАСЛ [VIII]

Ҳар микдореро, ки нисбат ба миқдори дигар кунанд ё мисли вай хоҳад буд, ё аъзам, ё асғар. Ва чун аъзамро бо асғар нисбат диҳанд ё мисл ва ҷузв хоҳад буд ё мисл ва аҷз ва ё зиъф,[1] ё зиъф ва ҷузв ё зиъф ва аҷзо ва ё амсол,[2] ё амсол ва ҷузв ё амсол ва аҷзо ва ё азъоф,[3] ё азъоф ва ҷузв ё азъоф ва аҷзо.

Чун салоса масалан, ки чун арбаъаро ба вай нисбат диҳанд мисл ва ҷузви вай аст $\left[\frac{1}{3}\right]$ ва хамса мисл ва аҷзо ва ситта зиъф ва сабъа зиъф ва ҷузв $\left[\frac{1}{3}\right]$ ва самония зиъф ва аҷзо $\left[\frac{2}{3}\right]$ ва тисъа амсол ва ашара амсол ва ҷузви $\left[\frac{1}{3}\right]$ ва эҳдо ашара — амсол ва аҷзо ва исно ашара — азъоф ва салоса ашара — азъоф ва ҷузв ва арбаъа ашара — азъоф ва аҷзоф. Ва фарқ миёни амсол ва азъоф адади он ва азъоф он аст, ки азъоф ба тансифи марратан баъда ухро.[4]

## ФАСЛ [IX]

Ҳар ду нағма, ки бо ҳам таркиб ёбад ва аз он бӯъде ҳосил шавад, ё муттафиқ[1] хоҳад буд, ё мутанофар[2].



Ва мурод ба муттафиқ он аст, ки табъи салим онро мустаҳсан шуморад ва бар истимои он иқбол намояд. Ва мутанофар он аст, ки табъи салим онро макрӯҳ дорад ва истимоъи он бар вай гарон ояд. Ва муттафиқ ё дар камоли иттифоқ бошад, ки агар ҳар ду нағма бо ҳам шаванд, гумон баранд, ки магар як нағма аст. Ва агар яке баъд аз дигаре шунаванд, мулоим[3] бошад ва ҳар як бадали они дигар тавонад буд [يح] Ва дар таълифи алҳон чун ва аз ин қабил аст, ҳар нағмае бо назираи худаш. Ва инро бӯъди зи-л-кулл гӯянд, ба эътибори шамули вай ҳама нағамотро, зеро ки ҳеҷ нағмае нест, ки дар ин ватар ва чи дар мавозеи дигар, ки вай биайниҳо ё мисли вай, ё назираи вай дар миёни тарафайн вай дохил нест. Ва ҳамчунин муштамил бар кулли абъод аст, усул ва нисбат миёни тарафайни ин бӯъд нисбати зиъф аст, зеро ки миқдори ватар [م ا] зиъфи миқдори ватар аст [م يح] ва ё дар камоли иттифоқ нест, балки ҳар ду бо ҳам мулоиманд. Ва яке баъд аз дигаре низ мулоим аст, валекин ҳеҷ як бадали они дигаре натавонад буд ҳамчун нағматайн [يا ا] Ва нисбати [يا ا] нисбати мисл ва нисф[4] аст, зеро ки ватари нағмаи [م ا] мисл ва нисфи ватари нағмаи $\left[\frac{1}{2}\right]$ аст. Ва инро бӯъди зи-л-хамс[5] хонанд, зеро ки муштамил аст бар панҷ бӯъд. [يا ح ز يج ا].

Ва ҳамчу нағматайн [ح ا] ва нисбати миёни мисл ва $\left[\frac{1}{2}\right]$ сулс аст, зеро ки миқдори ватар [م ا] мисл ва сулс[1] миқдори ватар [م ح] аст. Ва инро бӯъди зи-л-

арбаъ[6] хонанд, зеро ки муштамил аст бар чаҳор бӯъд, аънӣ [ح ز يح ا].

Ва ё худ бо ҳам мулоим нестанд, лекин яке баъд аз дигаре мулоим аст, ҳамчу ду нағма [يح ا]. Ва онро бӯъди taнинӣ[7] хонанд. Ва нисбати миёни тарафайни он мисл ва сумн $\left[\frac{1}{8}\right]$ аст, зеро ки миқдори ватар [م ا] мисл ва сумн $\left[\frac{1}{8}\right]$ миқдори ватар аст [م يج]. Ва нисбати ҳамчу ду нағма [د ا] ва онро бӯъд хонанд. Ва онро номе таъйин накардаанд ва лекин дар тақсими дасотин[8] онро муҷаннаб[9] хонанд. Агар мутлақан онро муҷаннаб ном ниҳанд, дур менамояд. Ва нисбати миёни тарафайни он мисли чун нисбати шонздаҳ бо понздаҳ ва сулс $\left[\frac{1}{3}\right]$ хумс $\left[\frac{1}{5}\right]$ аст тақрибан. Ва ҳамчу ду нағмаи бӯъд [ب ا], ки онро бӯъди бақия [19] ва фазла[11] хонанд. Ва нисбати миёни тарафайни он мисл ва ҷузве аст аз тисъа ашара тақрибан.

Ин абъоди муттафиқаи гузаштаро муттафиқ ба иттифоқи аввал гӯянд, зеро ки иттифоқи эшон лизотиҳост на ба воситаи мушобиҳат ба бӯъди дигар ба хилофи бӯъд [له ا], зеро ки иттифоқи он ба воситаи он аст, ки назира аст. Ва онро бӯъди зи-л-кулли марратайн[12] хонанд, зеро ки муштамил бар ду бӯъди зи-л-кулл яке [يح ا] ва дигаре [له يح]. Ва нисбати миёни [ا] ва [له] азъоф аст, зеро ки миқдори ватар [م ا] зиъфи зиъф миқдори ватар [م له] аст. Ва ба хилофи бӯъди [كج ا] зеро ки иттифоқи он ба воситаи он аст, ки [كح] назира аст [يا]. Ва нисбати миёни та-





*Биё, соқӣ, ки шуд бо майпарастон аҳди гул тоза,*
*Фиғанда овози булбул дар чаман з-ин маънӣ овоза.*

рафайни он амсол аст, зеро ки микдори ватар [ما] салоса амсоли ватар аст. [مكح].

Ва инро бӯъди зи-л-кулл ва-л-хамс[13] хонанд ва ба сабаби иштимоли вай бар як бӯъди зи-л-кулл ва як бӯъди зи-л-хамс. Ва ба хилофи бӯъди (كا) , зеро ки иттифоқи он ба сабаби он аст, ки [كا] назира аст [ح], ва нисбати миёни тарафайни он зиъф ва сулсайн аст $\left[\frac{2}{3}\right]$ Ва онро бӯъди зи-л-кулл ва-л-арбаъа гӯянд ба воситаи иштимоли вай бар як бӯъди зи-л-кулл ва як бӯъди зи-л-арбаъа. Пас ин абъод муттафиқанд ба иттифоқи сонӣ, зеро ки эшон дар мартабаи дуввуманд аз иттифоқ бад-он сабаб ки гуфта шуд. Пас абъод ҳама нӯҳ бошанд: бӯъди зи-л-кулл ва бӯъди зи-л-хамс ва бӯъди зи-л-арбаъа, ки инҳо муттафиқанд ба иттифоқи увло ва бӯъди зи-л-кулли марратайн ва бӯъди зи-л-кулл ва-л-хамс ва бӯъди зи-л-кулл ва-л-арбаъа, ки инҳо муттафиқанд ба иттифоқи сонӣ ва сеи дигар бӯъди танинӣ ва бӯъди муҷаннаб ва бӯъди бақият.

Пас бӯъди зи-л-кулли марратайн тарафайни он муштамил аст бар абъоди тисъа ва бӯъди зи-л-кулл ва-л-хамс ба ҳашт бӯъд ва бӯъди зи-л-кулл ва-л-арбаъа бар ҳафт, бӯъди зи-л-кулл бар шаш, бӯъди зи-л-хамс бар панҷ ва бӯъди зи-л-арбаъа бар чаҳор. Ваҷҳи тасмияи ин ду бӯъд ба зи-л-хамс ва зи-л-арбаъа иштимоли эшон аст бар панҷ бӯъд ва чаҳор бӯъд. Ва бӯъди танинӣ муштамил аст бар се бӯъд. Ва бӯъди муҷаннаб бар ду бӯъд, бақият бар яке ва он асғари абъод аст.

Ашрафи абъоди тисъа бӯъди зи-л-кулл аст, зеро шарафи бӯъд ба эътибори зиёдатии илтизози нафс аст ба он ва нафс аз истимои ҳеҷ бӯъде чунон мултазз нагардад, ки ба бӯъди зи-л-кулл.

Ва ҳукамо сабаб дар ин маъно онро доштанд, ки лаззати нафс дар донистани чизҳост ва ҳар чиз, ки зудтар мадраки нафс гардад ва вайро дар он ҳайрате, фикре пеш наёяд, алазз бошад. Нисбат миёни нағматайн, ки тарафайни бӯъди зи-л-кулл аст, зиъф аст, чун нисбати иснайн ба воҳид. Ва шакк нест, ки чун иснайн ва воҳид нафсро малҳуз гардад, бе собиқаи фикрӣ дарнамеояд, ки иснайн зиъфи воҳид аст, ҳамчунин бӯъди зи-л-кулл бар сомеа ворид шавад, нафс миёни нағматайн, ки тарафайни он бӯъд аст, ҳамин нисбатро дарёбад, бар сабили иҷмол ва завқ. Агарчи таъбир аз он натавон кард, лоҷарам ба он мултазз гардад бар хилофи соири абъод, ки нисбати миёни тарафайни ҳеҷ як ба ин зуҳур нест. Ва баъд аз зи-л-кулл бӯъди зи-л-хамс аст, ки нисбати миёни тарафайни он мисл ва нисф аст. Ва он азҳар аст аз мобақӣ. Ва баъд аз он бӯъди зи-л-арбаъа, ки нисбати миёни мисл ва сулс $\left[\frac{1}{3}\right]$ азҳар аст аз мобақӣ.

Пас бӯъди зи-л-кулли марратайн ва пас зи-л-кулл ва-л-хамс, пас зи-л-кулл ва-л-хамс ва зи-л-арбаъа, пас танинӣ, пас муҷаннаб, пас мобақия. Ва ҳар лаҳне, ки абъоди шарифа дар вай бештар бувад, шарифтар бувад ва илтизоз ва нафс ба он бештар вуҷуд гирад.





Аҷноси мумкинаи[1] мураттаба аз абъоди мултамиса[2] аз нағамоти ҳаштгона, ки зи-л-арбаъа, ки мутазаммини он аст, бар ақсоми бисёр метавонад буд. Аммо мақбули тибои салима ҳафт қисм аст, ки эътибори он дар зи-л-арбаъаи аввал, ки дар ҷониби асқал аст, табақаи увло гӯянд. Ва дар ин ақсом ва ғайри он аз бӯъди танинӣ ба «то» [ط] ва аз бӯъди муҷаннаб ба «ҷим» [ج] ва аз бӯъди бақия ба «бе» (ب) таъбир карда хоҳад шуд.

Қисми аввал — ب ط ط ـ (ТТБ), нағамоташ: ح ز د ا (АДЗҲ)

Қисми дуввум — طب ط ـ (ТБТ), нағамоташ: ح ه د ا (АДҲҲ)

Қисми саввум — ط ط ب ـ (БТТ), нағамоташ: ح ه ب ا (АБҲҲ)

Қисми чаҳорум — د د ط ، (ТДД), нағамоташ: ج و د ا (АДВҶ)

Қисми панҷум — ط د د ، (ДДТ) нағамоташ: ح ه ج ا (АҶҲҲ)

Қисми шашум — د ط د ـ (ДТД) нағамоташ: ح و ج ا (АҶВҲ)

Қисми ҳафтум — ب د د د (ДДДБ) нағамоташ: ح ز ه ج ا (АҶҲЗҲ)

Ва пӯшида намонад, ки нағамоти моадои қисми ахир чаҳор аст. Пас мешояд, ки бӯъди зи-л-арбаъаро зи-л-арбаъа аз барои он гӯянд, ки аксар аҷсоми он муштамил бар чаҳор нағма аст. Ва аҷноси мумкинаи

мураттаба аз абъоди мултамисаи аз нағамоти ёздаҳгонаи бӯъди зи-л-хамсӣ, ки ба инзимоми он бо зи-л-арбаъаи бӯъди зи-л-кулл тамом мешавад, бар ақсоми бисёр бештар аз ақсоми мумкинаи зи-л-арбаъа метавонад буд. Лекин мӯътабар аз он, ба ҳасби қабули табъи салим сездаҳ қисмат, ки онро ба эътибори вуқӯъ дар мартабаи дуввуми табақаи сония гӯянд.

Қисми аввал — ط ب ط ط (ТТБТ) нағамотуҳо:
مح به يد يا ح (ҲЁЕДБҲМ)
Қисми дуввум — ط ط ب ط .. (ТБТТ) нағамотуҳо:
مح يه يب ط ح (ҲТБЕЙҲМ)
Қисми саввум — ط ط ط ب (БТТТ) нағамотуҳо:
يح به يب ط ح (ҲТБЙБҲЕ)
Қисми чаҳорум — ط د د ط (ТДДТ) нағамотуҳо:
مح يه مج يا ح ҲЁҲМЙҲМ)
Қисми панчум — ط ط د د (ДДТТ) нағамотуҳо:
مح يه يب ى ح (ҲЁБЙЕҲМ)
Қисми шашум — ط د ط د (ДТДТ) нағамотуҳо:
مح يه مج ى ح (ҲЁҶМЙҲМ)
Қисми ҳафтум — ط ب د د د (ДДДБТ) нағамотуҳо:
مح به يد يب ى ح (ҲЁБЙДЙБҲМ)
Қисми ҳаштум — ب د د د ط (ТДДДБ) нағамотуҳо:
مح يز يه مج يا ح (ҲЁҶМЙЗҲМ)
Қисми нӯҳум — ب د د ط د (ДТДДБ) нағамотуҳо:
مج يز يه مج ى ح (ҲЁҶМБЙЗҶМ)
Қисми даҳум — د د ط ب د (ДБТДД) нағамотуҳо:
مح يو يد يا ى ح (ҲЕЁДЙЮҲМ)
Қисми ёздаҳум — د ط ب د د (ДДБТД) нағамотуҳо:
مح يو مج يب ى ح (ҲЁБЙМҶМЮҲМ)



Қисми дувоздаҳум — د ط د ط (ТДТД) нағамотуҳо:
مح يو مج يا ح (ҲЁҶМЮҲМ)
Қисми сездаҳум — د د ط ط (ТТДД) нағамотуҳо:
مح يز يد يا ح (ҲЁДЙЙЗҲМ)

Ин аст ҷамеи ақсоми табақатайн. Ва пӯшида намонад, ки нағматайни «алиф-ҳо» /ح ا/ дар ҷамеи ақсоми табақаи увло мавҷуд аст. Ва нағмаи “يه” дар нӯҳ қисм аз ақсоми табақаи сония низ мавҷуд аст. Ва бад-ин сабаб чаҳор нағма: يح يه ح ا (А Ҳ Б Ҳ Й)-ро савобит хонанд аз ҷиҳати субoти эшон дар ҳама ё дар аксар. Ва боқӣ нағамотро мутабаддилот гуфтаанд.

## ФАСЛ [XII]

Ҷамеи ҳосила аз изофати ақсоми табақаи увло он аст, ки тарафи аҳадди ақсоми табақаи увло тарафи асқали ақсоми табақаи сония созанд, то сурати тамоми доира шавад. Ва ҷамеи ҳосилаи аз ин изофотро давоир хонанд. Вайро, ки иқтизои эшон аз «ا» аст ва интиҳои эшон «يه» ва «يح» ки назираи «ا» аст, ки гӯиё айни ӯст. Пас чунон ки нуқтаи охирини доира мунтабиқ аст бар нуқтаи аввалини вай, ин ҷо низ нағмаи аввалин мувофиқ аст бо нағмаи охирин, пас мисли доира бошад. Пас доираи увло ҳосил аст аз изофоти қисми аввал аз табақаи сония бар қисми аввал аз табақаи увло ва доираи сония ҳосил аз изофоти қисми сонӣ аз табақаи сония бар қисми аввал аз табақаи увло ва доираи солиса ҳосил аз изофоти қисми солис аз табақаи солиса бар қисми аввал аз табақаи увло.

Ва бар ин дастур, боқӣ ақсоми сездаҳгона табақаи сонияро ба қисми аввали табақаи увло изофа кунанд, баъд аз он бар қисми солис, то қисми собеъ. Пас маҷмӯи он наваду як доира шавад, ки тафосили он ба тааммул зоҳир мегардад ва эҳтиёҷ ба вазъи ҷадовил ва давоир надорад. Лоҷарам ихтисор карда мешавад бар зикри машҳура ва абъози он аз мақомоти дувоздаҳгона ва овозоти ситта ва шуаботи бистучаҳоргона ва ғайри онҳо аз таркибот.

## ФАСЛ [XIII]

Чунон ки аз таълифи ҳар ду нағма бӯъди мулоим ҳосил намешавад ва аз ҳар ду бӯъд ё бештар ҷинсе[1] мулоим вуҷуд намегирад, ҳамчунин лозим нест, ки ҳар ҷинсро аз ақсоми табақаи сония, ки бар ҷинсе аз ақсоми табақаи увло изофат кунанд, мақбули табъи сalим бошад. Агарчи ҳар як аз он ҷинсайн фӣ нафсиҳу мақбул афтад, зеро ки мешояд, ки аз изофати эшон ҳайате ориз шавад, ки мӯҷиби нафрати табиат гардад ва мешояд, ки мӯҷиби зиёдатии мулоимат шавад, чунончи дар давоири дувоздаҳгонаи машҳура ҳашт, ки онро мақомот гӯянд. Ва чора нест аз ишорат кардан ба ин давоир ва абъод ва нағамоти ҳар як вақъатайни маҳориҷи онҳо аз дасотини олоти заботулавтор, ки комилтарини онҳо уд аст.

## ФАСЛ [XIV]

Ашрафи олоти заботулавтор удро доштаанд ва пеши мутақаддимон автори вай чаҳор будааст: бам ва



маслас[1] ва масно[2] ва зер[3]. Ва Ҳаким Абӯнасри Форобӣ[4] баъд аз зер як ватари дигар бар он афзудааст ва онро ҳодд[5] ном ниҳода. Ва истиҳобб, яъне соз кардани он бар анвоъ метавонад буд. Аммо машҳур он аст, ки мутлақи ҳар ду ватари зеринро مح (ҲМ) мусовии се рубъи ватари билоини ӯ кунанд ва дастонҳо онро бар ватари ام (АМ) ва аз «алиф» то ج вазъ кунанд, «ا» [алифи] бам бувад, ب (Б)-ро зоид[6] гӯянд. Ва ج (Ч)-ро муҷаннаб ва «د» (Д)-ро саббоба[7] ва ه (Х)-ро вустои фурс[8] ва و (В)-ро вустои залзал[9] ва ز (З)-ро бинсир[10] ва ح (Х)-ро ҳинсир[11] бад-ин сурат:

| Мутлақ | Зоид | Муҷаннаб | Саббоба | Вустои фурс | Вустои залзал | Бинсир | Хинсир | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| کط ل | لا | لب | لج | لد | له | لو | | ҲАДД | م |
| کب | کج | کد که | | کو | کز | کح | کط | ЗЕР | م |
| یه | یو | یز | یح | یط | ک | کا | کب | МАСНО | م |
| ح | ط | ی | یا | یب | یج | ید | یه | МАСЛАС | م |
| ا | ب | ج | د | ه | و | ز | ح | БАМ | م |

Ватари مح (ҲМ), ки мутлақи маслас аст, агарчи дар миқдори мусовӣ мутлақи бам аст, аммо дар кайфияти ҳиддат ва сақл мусовии مح бам аст, ки салоса арбоъи[12] ӯст. Ва бо ҳамин дастур ватар مبه (БМ), ки мутлақи масно аст мусовии مبه (БМ) маслас аст,

ки салоса арбоъи ӯст. Ва کب م (МБК) мутлақи ватари зер аст ва мусовии کب م (МБК) аст, ки салоса арбоъи масно аст ва م کط (ТҚМ), ки мутлақи ватари ҳодд аст, мусовии م کط (ТКМ) аст, ки салоса арбоъи зер аст.

## ФАСЛ [XV]

## ДАР БАЁНИ ДАВОИРИ МАШҲУРАИ МАҚОМОТИ ДУВОЗДАҲГОНА ВА ТАФСИЛИ НАҒАМОТ ВА АБЪОД ВА МАХОРИҶИ ОНҲО АЗ ДАСОТИНИ УД

Доираи аввал доираи **Ушшоқ** аст. Ва ин доираи аввал аст аз давоири навадуякгона ва нағамоти вай ҳашт аст: مح يد يا ح ز د ا (АДЗХЁЙДҲМ) ва абъоди вай ҳафт аст: ط ب ط ط ب ط ط (ТТБТТБТ).

Махориҷи ӯ аз дасотини уд бар ин сурат:




Доираи сония — **Наво.** Ва ин доираи чаҳордаҳум аст ва нағамоти вай ҳашт аст: ع يه يب يا ح ه د ا ва



абъоди вай ҳафт: ط ط ب ط ط ب ط Ва махориҷи он аз дасотини он бар ин сурат:




Доираи солиса — **Бӯсалик.** Ва ин доираи бисту ҳафтум аст. Ва нағамоти вай ҳашт аст: يح يه يب ط ح ه ب ا ва абъоди вай ҳафт: ط ط ط ب ط ط ب. . Махориҷи он аз дасотин бар ин сурат




Доираи робиа — **Рост.** Ва он доира чиҳилум аст. Нағамоти он ҳашт: يح يه يج ا ح و د ا ва абъоди он ҳафт: ط د د ط د د ط Махориҷи он бар ин сурат:




Доираи хомиса — **Ҳусайнӣ.** Ва он доираи панҷоҳу саввум аст. Нағамоти вай ҳашт аст: یح یه یب ی ح ه ج ا ва абъоди вай ҳафт: ط ط د د ط د د Ва махориҷи он бар ин сурат:




Доираи содиса — **Ҳиҷоз.** Ва он доираи панҷоҳу чаҳорум аст. Нағамоти вай ҳашт аст: مح یه یح ی ح ه ج ا ва абъоди вай ҳафт аст: ط د ط د ط د د Ва махориҷи он бар ин сурат:






Доираи собиа — **Роҳавӣ.** Ва он доира шасту панҷум аст. Ва нағамоти вай ҳашт аст: مح یه یب ی ح و ج ا ва абъоди вай ҳафт: ط ط د د د ط د Ва махориҷи он бар ин сурат:




Доираи сомина — **Зангӯла.** Ва он доираи чиҳилу дуввум аст. Нағамоти вай ҳашт аст ва баъзе гуфтаанд, нӯҳ аст. Аммо бар қавли аввал нағамоти вай مح به یج ی ح و د ا ва абъоди вай ط د ط د د د ط

Ва бар қавли дуввум миёни یه ва یح ز зиёдат кардаанд. Ва абъоди вай бар ин қавл аст: ب د د ط د د د ط . Ва махориҷи он бар ҳар ду қавл бар ин сурат:




Доираи тосиа — **Ироқ.** Ва он бар ду гуна аст: било бақият ва маъа-л-бақият. Било бақият доираи шасту шашум аст, нағамоти вай ҳашт аст: یج یه یح ی ح و ج ا ва абъодаш ҳафт: ط د ط د د ط د

Ва маъа-л-бақият доираи шасту нӯҳум аст ва нағамоташ нӯҳ аст: یج نر یه یج ی ح و ج ا ва абъодаш ҳашт: ب د د ط د د ط د Ва махориҷи он бар ин сурат аст бар тақдири аввал:



Ва бар ин сурат аст бар тақдири сонӣ:







Доираи ошира — **Исфаҳон.** Ва он бар ду гуна аст; яке васат-ул-бақият, ки бӯъди бақият[1] дар миёни нағамоти یب ва یه воқеъ шудааст. Ва яке аҳадд-ул-бақия,[2] ки бӯъди бақият дар вай охири абъод аст ва аҳадди «ا». Доираи панҷоҳу панҷ аст ва дуввум доира — чиҳилу чаҳорум. Ва нағамоти вай нӯҳ аст. [Дар намуди аввал онҳо ба ин тарзанд]: یح یه ید یب ی ح ه ج ا Ва абъоди вай ҳашт: ط ب د د د ط د د Ва бар ин сурат бар тақдири аввал.

Ва бар ин сурат бар тақдири сонӣ:







Доираи ёздаҳум — **Зерафганд.** Ва ин доира панҷоҳу нӯҳум аст. Ва нағамоташ нӯҳ аст: ا ج ه ح ی یب یج یو یح Ва абъодаш ҳашт: د ط ب د د ط د د Ва махоричи вай бар ин сурат:






Доираи дувоздаҳум — **Бузург.** Ва он доираи ҳафтодум аст. Нағамоти вай нӯҳ аст: ا ج و ج ی یا ید یو یح Ва абъоди вай ҳашт аст: د د ط یب د د ط د Ва махоричи вай бар ин сурат:




## ФАСЛ [XVI].
## ДАР БАЁНИ ОВОЗОТ

Ва он шаш аст: Наврӯзи асл, Салмак, Гардониё, Гувошт, Моя, Шаҳноз. Ва арбоби амал дар талҳин[1] ба инҳо ибтидо аз тарафи аҳадд кунанд.

1. **Наврӯзи асл** ва он бар ду қисм аст: сағир ва кабир. Сағир ду бӯъди (د) аст [муҷаннаб] ва як [бӯъди] taнинӣ, мураккаб аз чаҳор нағма бар ин сурат:



Ва кабир нағамоти он ҳафт аст: ا ج ه ح ی یب یه ва абъоди он шаш: ط د د ط د د Ва махориҷи он бар ин сурат:



Ва арбоби амал истихроҷи Наврӯз ба тариқи аввал кунанд ва бар он се нағмаи дигар, аънӣ: ی یب یه барои тазйини талҳин сайр кунанд ва боз ба нағамоти арбааи увло авд кунанд. Ва махориҷи он аз дасотини уд пеши баъзе бар ин тартиб аст: یا – саббобаи маслас. یج – залзали маслас, یه – мутлақи масно, یح – саббобаи масно, ك – залзали масно, کب – мутлақи зер, که – саббобаи зер. Ва пеши баъзе бар ин тартиб: ا – мутлақи бам, ج – муҷаннаби бам, ه – фурси бам, ح – мутлақи маслас, ی – муҷаннаби маслас, یب – фурси маслас, یه – мутлақи масно.

2. **Салмак.** Ёздаҳ нағма дар ӯ мавҷуд аст. Ва дар тақдим ва таъхир чунин: [ا د و ح ی یا یج یا ط ز د] Истихроҷи он аз дасотини уд миёни асҳоби амал ба ин тартиб аст: د – саббобаи бам, ز – бинсири бам, ط – зоиди маслас, یا – саббобаи маслас, یج – залзали маслас, ی – муҷаннаби маслас, ح – мутлақи маслас, و – залзали бам, د – саббобаи бам, ا – мутлақи бам.



3. **Гардониё.** Нағамоти он ҳашт аст ва абъоди он ҳафт. Бар ин тартиб:



Низ эътибор кунанд ва бар он тақдир нағамоти вай нӯҳ бошад ва абъоди он ҳашт. Ва онро Гардониёи зоид хонанд. Ва дар истихроҷи нағамоти он аз дасотини уд соҳиби «Адвор»[2] Гардониёи зоидро эътибор кардааст бар ин тартиб: ح – мутлақи маслас, یا – саббобаи маслас, یج – залзали маслас, یه – мутлақи масно, یز – муҷаннаби масно, یح – саббобаи масно, کا – бинсири масно, کج – зоиди зер, که – саббобаи зер.

4. **Гувошт.** Нағамоти он нӯҳ аст ва абъоди он ҳашт, бар ин сурат:



Ва истихроҷи он аз дасотини уд бар ин тартиб аст: ح – мутлақи маслас, ی – муҷаннаби маслас, یج – залзали масно, یه – мутлақи масно, یز – муҷаннаби масно, یط – фурси масно, ك – залзали масно, کج – зоиди зер, که – саббобаи зер.

5. **Моя.** Соҳиби «Адвор» гуфтааст, ки он ба панҷ нағма тамом мешавад бар ин сурат:



Ва истихроҷи он аз дасотин бар ин тартиб аст: یا — саббобаи маслас. [به — мутлақи масно], یح — саббобаи масно, کب — мутлақи зер, که — саббобаи зер. Ва аммо он чи арбоби амал дар он тасониф[3] кардаанд ва дар ин замон мустаъмал аст, нағамоташ ин аст ва тариқи истихроҷи он аз дасотини уд бар ин тартиб аст:



ا — мутлақи бам, و — залзали бам, ح — мутлақи маслас, یا — саббобаи маслас.

6. **Шаҳноз.** Шаш нағма аст ва панҷ бӯъд. Абъоди вай: د د ط ب ва нағамоти вай, чунончи соҳиби «Адвор» таайюн кардааст, ин аст: کب — мутлақи зер, کد — муҷаннаби зер, کز — залзали зер, کو — фурси зер, کد — муҷаннаби зер, کب — мутлақи зер. Се нағма: کو کد کب ҳобит аст, яъне аз ҷониби сақл ба ҳиддат меравнд ва се нағма: کز کد کب соида, яъне аз ҳиддат ба сақл меравнд.

ФАСЛ [XVII]

## ДАР БАЁНИ ШУАБОТ

Ва он бисту чаҳор аст.

1. **Дугоҳ.** Ва он ду нағма аст, ки бӯъди танинӣ мустағрақи он аст. Ва аҳли амал, чун ба он талҳин



кунанд, ибтидо аз тарафи асқал кунанд ва истихроҷи он аз дасотини уд чунин аст:



Ва арбоби амал истихроҷи Дугоҳ аз маслас кунанд бар ин сурат:



2. **Сегоҳ.** Ва он се нағма аст: ح یا مح ва ду бӯъд ط د ва ду махориҷи он бар ин сурат:



3. **Чаҳоргоҳ.** Ва он чаҳор нағма бувад ва се бӯъд, бар ин сурат:




4. **Панҷгоҳ.** Ва он бар ду гуна аст: аввал Панҷгоҳи асл ва он панҷ нағма аст ва чаҳор бӯъд, бар ин сурат:




Ва сонӣ Панҷгоҳи зоид ва он чунон бувад, ки нағмаи لو — зоиди маслас, бар он бияфзоянд.

5. **Аширо.** Баъзе гуфтаанд, ки он даҳ нағма аст ва бар ин сурат:




Ва аммо он чи аҳли амал бар он тасониф сохтаанд, шаш аст ва маҳориҷи он аз дасотини уд ин аст:






6. **Наврӯзи араб.** Ва он шаш нағма аст ва панҷ бӯъд бар ин сурат:




Ва аз тарафи асқал дигар нағамот бар он бияфзоянд барои тазйини алҳон, аммо маҳатта ҳама бар нағмаи ح кунанд.

7. **Моҳур.** Баъзе гуфтаанд он ҳашт нағма аст ва маҳориҷи он аз дасотини [уд] бар ин сурат аст:




Ва баъзе гуфтаанд: панҷ нағма аст ва бар ин тартиб:



8. **Наврӯзи хоро.** Ва он шаш нағма аст, бар ин тартиб: بط یز یه یب ی ح Махориҷаш аз дасотин бар ин сурат:




9. **Наврӯзи баётӣ.** Ва он панҷ нағма аст. Нағмаи увло — یح ، сония — یه ، солиса — нағмае, ки аз миёни یب ва یج масмуъ шавад ва робиа — нағмаи ی ва хомиса — нағмаи ح




Ва аз тарафайн изофати нағамот ба он кунанд аз барои тазйини алҳон, аммо маҳатта бар нағмаи ح кунанд.

10. **Ҳисор.** Ва он ҳашт нағма аст бар ин мисол: کج ک یح یو یج یب ی ح Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат:






11. **Нуҳуфт.** Ва он доираи шасту чаҳорум аст, ҳашт нағма бар ин тартиб: یح یه یج یا ح و ج ا Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат аст:




12. **Уззол.** Ва он панҷ нағма: یا ح و ج ا Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат:




13. **Авч.** Ва он доираи ҳафтоду дуввум аст ва нағамоти он ҳашт аст, бар ин тартиб: مح بو بج یا ح و ج ا
Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат:




14. **Найриз.** Ва он бар ду гуна аст. Аввал панҷ нағма аст бар ин тартиб: مح بو مج یا ح Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат:






Ва дуввум ҳашт нағма аст ва он аз наваду як доираи ҳеҷ кадом нест. Ва нағмаи ح дар вай мафқуд аст. Ва нағамоти вай ин аст: مح یو ید یا ط و د ا Ва махориҷи он аз дасотин ин аст:




15. **Мубаркаъ.** Ва асли он ду нағма аст, аъни:



Ва бӯъди «د» мустағрақи он аст ва аз барои таъйини алҳон аз тарафи аҳадд се бӯъд د ط د изофат кунанд ва аз ҷониби асқал се бӯъд. د ط د Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат аст:




16. **Ракаб.** Ва он се нағма аст бар ин тартиб یب ی ح Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат аст:




Ва аз тарафайн барои тазйини алҳон изофот кунанд.

17. **Сабо.** Ва он панҷ нағма аст бар ин тартиб: یو یه یب ی ح Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат аст:






18. **Ҳумоюн.** Ва он ҳафт нағма аст, бар ин тартиб: یه یب ی ح و د ا Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат аст:




19. **Зовулӣ.** Ва он се нағма аст: ع یا ح ба шарти он ки болои مج бӯъд аз مح зиёдат кунанд. Ва он ба миқдори рубъи танинӣ аст ба он тариқа, ки исбаъи байн-ат-тарафайни он мутазалзил ва мутаҳаррик бошад. Чунон ки аз тарафи аҳадд нуқат ба миқдори бӯъд аз مج таҷовуз кунад. Ва боз ба нағмаи مج оянд. Ва аҳли амал онро молиши дастон гӯянд. Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат аст:



20. **Исфаҳонак. Рӯии Ироқ.** Исфаҳонак ҳафт нағма аст, бар ин мисол: یج یب ی ح و ج ا



Ва Рӯии Ироқ панҷ нағма аст бар ин мисол: ىحوجا



Ва чун Рӯии Ироқ мундариҷ аст дар Исфаҳонак, ҳар дуро як шӯъба доштаанд. Ва махориҷи ҳар як аз дасотин зоҳир аст.

21. **Бастанигор.** Ва он чаҳор нағма аст: یج یب ی ح Ва махориҷи он бар ин сурат аст:



22. **Наҳованд.** Ва он ҳафт нағма аст бар ин тартиб: یه ید یا ح و د ا Ва тариқи талҳин дар он ин аст, ки аз нағмаи «ا» ибтидо кунанд ва чун ба нағмаи «یه» расанд, боз авд кунанд ва нағмаи “ح” -ро маҳатта созанд. Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат аст:






23. **Ҷавзӣ.** Ва он шаш нағма аст, бар ин тартиб: مح یه ید یا ح و Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат:




24. **Муҳайяр.** Ва он ҳашт нағма аст бар ин тартиб: مح یه مج یا ح ه ح ا Ва махориҷи он аз дасотин бар ин сурат аст:




Ин буд баёни шуаботи бистучаҳоргона ва моадои ин тартиботанд ҳар навъ, ки хоҳанд таркиб кунанд ва ба ҳар ном, ки хоҳанд, гирд оранд.

ФАСЛ [XVIII]

Мешояд, ки ҳар як аз ин давоири дувоздаҳгонаро ҳамчунон ки аз нағмаи «ا» ибтидо мекунанд, аз нағмаи дигар ибтидо кунанд чун «ب» масалан ва «ح». Дар даври Ушшоқ авло гирифти махраҷи «ب» бояд кард, пас «ه»، пас «ح»، пас «ط»، пас «يب»، пас «يه»، пас «يو»، пас «ط». Ва бар ин қиёс аст соири нағамот. Пас адвори Ушшоқ ба ҳасби нағамоти ҳафтдаҳгона, ҳафтдаҳ бошад, ки аз ҳар кадом хоҳанд, ибтидо кунанд ва инро табақоти даври Ушшоқ хонанд. Ва ҳамин ҳукм дорад соири адвори дувоздаҳгона, балки овозот ва шуаботро низ ҳамин ҳукм аст, ки аз мавозеи мухталифа ибтидои онҳо метавон кард, зеро ки зарурӣ дар адвор ва абъози он риояти абъоди он аст, на хусусиёти нағамоти он.

Ва бар ин хатм карда шуд қисми таълиф. Ва акнун шурӯъ меравад бар қисми йқоъ.

ФАСЛ [XIX]

ҚИСМИ ДУВВУМ

ДАР ИЛМИ ЙҚОЪ

Чун нағма иборат аз овозест, ки замони онро филҷумла имтидоде бошад, ночор онро мабдаъ ва мунтаҳое хоҳад буд. Мабдаи онро нақра хонанд. Ва чун нақарот мутатобеъ гардад, азминаи мутахаллалаи миёни онҳо маҳдуд хоҳад буд. Ва мешояд, ки ҳар ҷамоате аз ин азминаи маҳдударо давре бошад, ки чун ба охир



расад, боз аз сар бояд гирифт. Ва эроди ин ҷамоат нақароти маҳдудатулазмина[1] мунтазаматуладворро йқоъ гӯянд. Ва бояд, ки ин давраҳо бар тартибе бувад, ки табъи салим идроки тасовии азмина ва адвори он тавонад кард, бар мисоли авзони шеър, ки ҷамоате аз ҳуруфи мутаҳаррика[2] ва сокинаро тартибе хос додаанд, ки табъи салим бе тааммул ва тақтеъ идроки ваззни он тавонад кард.

ФАСЛ [XX]

Ҳар замон, ки мутахаллал гардад, миёни ду нақра аст ё аз он қабил хоҳад буд, ки дар миёни эшон гунҷоии нақраи лаҳнияи дигар набошад ва онро замони «ا» хонанд. Ва миқёси соири азмина он аст, ки як имтидоди онҳоро қиёс ба вай тақдир мекунанд. Ва ё зиъфи он хоҳад буд ва онро замони «ب» гӯянд. Ва ё салоса амсоли он ва онро замони «ج» гӯянд. Ва ё азъофи он ва замони онро замони «د» хонанд. Ва ё хамсата амсоли он ва онро замони «ه» гӯянд. Ва замони «ا» танҳо қалилулистеъмол аст, зеро ки ба воситаи қурби нақарот аз эътидол берун аст. Ва ҳамчунин замони «ه» -ро эътибор накардаанд, зеро ки чун замони «ه» миёни ду нақра мутахаллал гардад, имкони он ҳаст, ки наздики истимоъ нағмаи масмӯа аз нақраи сония сурати нағмаи масмӯа аз нақраи увло аз сомиа зоил гардад. Ва таълифи байна-н-нағматайн вуҷуд нагирад. Пас мӯътабар се замон «ب ج د» аст.

## ФАСЛ [XXI]

Ҳар ду ҳарфи мутаҳаррики мутаоқибро сабаби сақил гӯянд, чун «тана» ва як мутаҳаррик ва як сокинро сабаби хафиф, чун «тан» ва ду мутаҳаррик ва як сокинро ватади маҷмӯъ, чун «танан». Ва се мутаҳаррик ва як сокинро фосила, чун «тананан». Ва ҳар ҷамоати нақарот, ки ҳаст ё азминаи мутахаллала миёни онҳо мутасовианд ва онро ӣқоъи мувассал хонанд ва ё мутафозала ва онро ӣқоъи мувассил гӯянд. Аммо мувассал, агар замон ҳама «ا» бошад, чун замонҳое, ки мутахаллал миёни нақароти асбоби сиқол[1] аст онро сареъулҳазаҷ[2] хонанд, чун тан тана тана. Ва агар замон ҳама мадд бошад «ب» чун замонҳои мутахаллал миёни нақароти асбоби хифоф[3] онро хафифулҳазаҷ[4] гӯянд, чун тан тан тан.

Ва агар замон ҳама «ج» бошад, чун замонҳое, ки миёни «то»-оти автод аст, дар масали танан танан танан, онро хафифи сақилулҳазаҷ гӯянд. Ва агар замон ҳама «د» бошад, чун замонҳое ки миёни мабодии фавосил аст, онро сақилулҳазаҷ гӯянд, чун тананан тананан тананан.

Ва аммо муфассал он аст, ки азминаи онҳо мутафовит бошад. Ва он ба ҳасби тааддуди азмина, ки даври он ду-ду бошад, ё се-се, ё чаҳор-чаҳор, ё зиёдат ва ба ҳасби танаввӯъи ихтилофоти он, ки баъзе «ا» бошад ва баъзеи дигар «ب» ё «ج» ، ё, «د» ، ё ғайри ин.





*Ораз зи хат ороста шуд кӯшлабамро,*
*Барҳам зад аз он оразу хат рӯзу шабамро.*

А́з сувари мӯҳтамала ақсоми бисёр метавон бувад, ки тафосили он тӯле дорад ва мутафаттини лабиб ба тааммули содиқ истихроҷи он метавонад кард.

## ФАСЛ [XXII]

Чун аз усули йқоъ бар ваҷҳи куллӣ маълум шуд, акнун дар тафосили баъзе сувари ҷузъияи он, ки пеши ин тоифа, чи дар Араб ва чи дар Аҷам мустаъмал аст, шурӯъ меравад ва он бар ин анвоъ аст.

1. **Сақили аввал.** Замони даври он баробари замоне бувад, ки дар он ба ҳашт сабаби сақил талаффуз тавон кард, муштамил бар шонздаҳ накра ва аркони он ду ватад аст. Ва як фосила ва як сабаби ҳафиф ва боз як фосила, чун танан танан тананан тан тананан, бар вазни мафоилун фаилун муфтаилун. Ва мӯътод он аст, ки соҳиби лаҳн аз ҷиҳати ҳифзи азминаи йқоъӣ ва тасовии адвори он ба даст ё ба олати дигар дар муқобалаи нақароти лаҳния нақароти ғайри лаҳния меорад. Ва ё ба мададгории он бар муҳофазати азминаи йқоъӣ ва адвори он қодир бувад. Ва маъҳуд чунон бувад, ки он нақароти макрун ба нақароти авоили аркон бувад. Ва ин тоифа ба ҳасби маҳорат аксари онҳоро исқот мекунанд ва дар зарби доирае бар ду накра ё бештар иқтисор менамоянд. Ва мебояд ки он нақаротро дар таҳайюли доира ва тасвири он мадхали пеш аз нақароти дигар бошад ва онро зарби асл гӯянд. Ва ба «تاء» (то)-и ҳар як аз автод ва фавосил ва сабаби як накра мақрун мегардонанд. Ва боқиро замон месозанд. Пас нақарот панҷ бошад ва мешояд, ки ба «нун» (ن) -ҳои мутаҳаррики ин алфоз низ нақарот мақрун гардонанд.

Пас ҳуруфи ин доира се навъ бувад: «то»-от ва онро умдаи ҳаракот гӯянд. Ва «нун»-оти сокина ва онро умдаи саканот хонанд ва «нун»-оти мутаҳаррика ва онро мударраҷот хонанд. Агар хоҳанд, нақарот бад-он мақрун гардонанд ва онро дар олоти завотунннағам бошад ва агар хоҳанд, адроҷ кунанд. Ва он дар олоти завотуннақарот бошад, чун даф ва каф ва ғайруҳумо. Ва зарби асл дар он ду нақра доштаанд. Баъзе гӯянд, ки он накра солиса ва хомиса аст аз нақароти хамс. Ва баъзе гӯянд, ки он накраи мақрун ба ҳаракати саввум аст аз фосилаи увло ва накраи мақрун ба ҳаракати увло аз фосилаи увло, дуввум ва мухтор он аст, ки ба аввали ҳар калима аз калимоти хамса накра мақрун гардонанд, то ҳеҷ калима аз он холӣ набошад. Ва дар хаёл давре мавзун мунтабаъ шавад. Ва бар тақдири қавли мухтор миёни накраи увло ва сония ва миёни сония ва солиса замони “ج” бошад ва миёни солиса ва робиа замони «د» ва миёни робиа ва хомиса замони “ب” ва агар давр авд кунанд, миёни хомисаи увло ва замони «ط» ва аҳли Аҷам ин даврро виршон гӯянд:

танан танан тананан тантананан

2. **Сақили сонӣ.** Замони он мусовии замони Сақили аввал аст ва аркони он ду ватад ва сабаби хафиф ва боз ду ватад ва сабаби хафиф чун:

танан танан тан танан танан тан, бар вазни мафоилун фаъ мафоилун фаъ[1]. Ва «то»-и ҳар як аз автод ва асбоб як накра мақрун гардонад ва “ج” миёни нақраи увло ва сония ва миёни сония ва солиса замони “ج” бошад ва миёни солиса ва робиа замони “ب”

ва миёни робиа ва хомиса ва миёни хомиса ва содиса замони «ج» ва миёни содиса ва увло, агар давр авд кунад, замони «ب»
[тананан танан тан танан танан тан][2].

Пас дар ин ду замон «د» мафқуд бувад. Ва баъзе аз аҳли амал як нақра ба ҳаракати увло аз ватади аввал ва як нақра ба ҳаракати сония аз ватади робеъ мақрун гардонанд ва онро зарби асл гӯянд.
танан танан тан танан танан тан

3.**Хафифи сақил.** Даври он низ мусовии даври Сақили аввал бувад ва аркони он ҳашт сабаб аст. Як сабаби хафиф ва як сабаби сақил бар ин тартиб, то ҳашт сабаб тамом шавад ва чун:
тан тана тан тана тан тана тан тана.
бар вазни фоилу фоилу фоилу фоилу.

Ва зарби асл дар ин давр ду нақра аст: як нақраи увло аз сабаби аввал, дуввум нақраи увло аз сабаби собеъ
[тан тана тан тана тан тана тан тана].[3]

Ва равшан аст, ки дар ин ду чаҳор замон «ب» мавҷуд аст ва ҳашт замон «ا» бар тақдири иодаи давр. Ва ду замон«ج د» дар ин ду мафқуданд. Ва баъзе дар ваҷҳи тасмияи адвори сиқол чунин гуфтаанд: чун замони «د» атвали азмина аст ва ба аввал махсус, онро Сақили аввал гуфтаанд ва чун замони «ج» ки аксар аст ва замони «د» ва атвал аз замони «ب» ва «ا» махсус аст ба сонӣ, онро Сақили сонӣ гӯянд.



Ва чун замони «ج د» ҳар ду мафқуданд дар солис, онро Хафифи сақил гӯянд.

4. **Рамал.** Замони он баробари замоне аст, ки дар он ба шаш сабаби сақил талаффуз кунанд, муштамил бар дувоздаҳ нақра ва аркони он чаҳор сабаби хафиф ва як фосила чун:
тан тан тан тан тананан, бар вазни мафъӯлотун фаилун.

Ва нақароти он панҷ бошад ва зарби асл дар он нақраи увло ва нақраи хомиса:
[тан тан тан тан тананан].[4]

5. **Музоафи Рамал.** Замони он зиъфи замони Рамал аст ва нақароти он бисту чаҳор. Пас азмина ва нақароти он мисл ва нисфи азмина ва нақароти Сақили аввал бошад. Ва аркони он ду фосила ва шаш сабаби хафиф ва боз як фосила дар охир чун:
тананан тананан тан тан тан тан тан тан тананан
бар вазни мутафоилатун мафъӯлун мафъӯлун фаилун.
Ва зарби аслаш «то»-и фосилаи увло ва «то»-и сабаби содис бувад:
тананан тананан тан тан тан тан тан тан тананан.
Ва баъзе аз мутааххирин зарби асли ин доираро чаҳор ниҳодаанд. «То»-и сабаби аввал, «то»-и солис ва «то»-и сабаби робеъ ва «то»-и фосилаи охир. Ва инро доираи Чаҳорзарб ном кардаанд.
[тананан тананан тан тан тан тан тан тан тананан][5].
Ва аксари басоит ва амалҳои Аҷам бар ин вазн аст.

6.**Хафифи Рамал.** Мадори он бар даҳ замон аст ва

аркони он як сабаби хафиф ва як ватад ва боз як сабаби хафиф ва як ватад чун:
тан танан тан танан, бар вазни фоилун фоилун ва зарби асли он нақраи увло аст аз сабаби аввал аз нақраи увло аз ватади ахир.
[тан танан тан танан][7]

7. **Ҳазаҷ.** Соҳиби «Адвор» гуфтаанд, ки замони даври он мусовии замони Хафифи Рамал аст ва аркони он: танан тан танан тан, бар вазни фаӯлун фаӯлун. Ва зарби аслаш нақраи увло аст ва нақраи «нун»-и ватади сонӣ: танан тан танан тан.

Ва баъзе гӯянд, ки ҳар ду даври Ҳазаҷ мусовии як давр аз Рамал, ки дувоздаҳ нақра аст, бошад.

Пас ҳар як даври вай шаш нақра бошад, бар ин сурат: тананан тан ва бар вазни фаилотун.

Ва баъзе аҳли амал ин доираро Чанбар гӯянд.

8. **Чаҳорзарб.** Даври он мусовии замони даври Сақили Рамал аст, яъне бисту чаҳор нақра ва аркони он шаш фосила аст, бар ин сурат: тананан тананан тананан тананан тананан тананан, ба вазни мутафоилатун мутафоилатун, мутафоилатун. Ва зуруби он чаҳор аст. Зарби аввал бар «то»-и фосилаи увло воқеъ мешавад ва зарби дуввум бар «то»-и фосилаи чаҳорум ва зарби саввум бар «то»-и фосилаи панҷум ва зарби чаҳорум бар «нун»-и дуввуми фосилаи панҷум:
[тананан тананан тананан тананан тананан тананан][8].
Ва бо тааммул боқӣ ҳаракати фавосилро бознамоянд.

Ва гоҳ бошад, ки онро музоаф созанд, то чиҳилу



ҳашт нақра шавад. Ва гоҳ бошад, ки онро низ музоаф созанд, то наваду шаш шавад. Ва дар ин давр замонҳои миёни нақаротро низ музоаф созанд, то дар инҳо ҳам чаҳор зарб масмӯъ шавад. Ва истихроҷи он муфаввaз ба табъи салим аст.

9. **Фохитӣ.** Ва он бар ду қисмат. Қисми аввал он, ки бар бист замон (нақра) мегардад, мураккаб аз чаҳор фосила ва ду сабаб
[тананан тананан тананан тананан тан тан]. Ва мешояд, ки як сабаби ҳафифро бар фавосил муқаддам доранд ва яке дар миёни эшон бошад чун: тан тананан тананан тан тананан тананан, бар вазни муфтаилун фаилун муфтаилун фаилун. Ва мешояд, ки ҳар сабаберо дар миёни ду фосила ниҳанд, чун:
тананан тан тананан тананан тан тананан, бар вазни фаилотун фаилун фаилотун фаилун.
Ва қисми дуввум (даври Фохитӣ) он, ки бар даҳ замон мегардад, мураккаб аз як сабаби хафиф ва як ватад ва боз як сабаби хафиф ва як ватад, чун: тан танан тан танан, бар вазни фоилун фоилун.

Ва баъзе гуфтаанд: мураккаб аз як сабаби хафиф ва ду фосила, чун: тан тананан тананан, бар вазни муфтаилун фаилун.

10. **Даври Туркӣ.** Ва он бар чаҳор қисмат. Аввал — Туркии асли ҷадид. Ва он бист нақра аст. Ва алфози он чаҳор фосила аст, дар миёни ду сабаби хафиф чун: тан тананан тананан тананан тананан тан, бар вазни муфтаилун мутафоилатун[9] фаилотун.

Дуввум — Туркии асли қадим. Ва он бисту чаҳор накра аст ва алфози он алфози Туркии асли ҷадид аст бо зиёдатии як фосила баъд аз сабаби хафифи ахир, чун: тан тананан тананан тананан тананан тан тананан, бар вазни муфтаилун мутафоилатун фаилотун фаилун.

Саввум — Туркии хафиф. Ва он дувоздаҳ накра аст, бар ин тартиб: тан тан тананан тананан, бар вазни фаълун фаилун фаилун, ба сукуни айн /ع/ дар рукни аввал ва касри он дар ду рукни дигар. Ва зуруби он се аст: бар «то»-и сабаби аввал ва бар «то»-и ҳар як аз фосилатайн.

Чаҳорум — Туркии сареъ. Ва он шаш накра аст, муштамил бар ду ватад, чун: танан танан, бар вазни мафоилун. Ва дар он ду зарб аст, бар «то»-и ин ватадайн.

11. **Мухаммас.** Ва он се қисм аст. Қисми аввал—Мухаммаси кабир.

Ва он шонздаҳ накра аст мунқасим бар чаҳор ватад ва ду сабаби хафиф ба ин тартиб: танан танан тан танан танан тан, бар вазни мафоилун фаъ мафоилун фаъ.

Ва онро се зарб бувад ва бар «то»-и ватади аввал ва ватади солис ва ватади робеъ:

[танан танан тан танан танан тан].[10]

Дуввум — Мухаммаси авсат. Ва он ҳашт накра аст, нисфи Мухаммаси кабир, чун: танан танан тан, бар вазни мафоилун фаъ. Ва зуруби он се аст, бар «то»-оти аркон.



Саввум — Мухаммаси сағир. Ва он чаҳор накра аст. Чун тананан, бар вазни фаилун ва зарби он бар «то»-и фосила аст.

Ин аст давоире, ки машҳур ва мустаъмал миёни арбоби саноат. Ва баъзе мутааххирон давоири дигар вазъ кардаанд. Ва инро ҳеҷ ҳадду ҳасре нест, ҳар кӣ хоҳад, ҳарчанд хоҳад, аз он нақарот, ки хоҳад, йқоъи зарб метавонад кард.

Аммо бояд, ки аз ҳадди эътидол дарнагузарад ва ба ҷое нарасад, ки аз иҳота ба вазни он оҷиз ояд ва забти он тавонад кард.

## ХОТИМА

### ФАСЛ [XXIII]

Бидон, ки ҳар як аз давоири исно ашар ва овозот ва шуаботро таъсири хос ҳаст баъд аз илтизозе, ки аз ҳама ҳосил аст. Чунон ки Ушшоқ ва Наво ва Бӯсалик кувват ва шуҷоат мебахшад ва овозот аз ин навъ таъсир холианд. Аммо аз шуабот Моҳур ва Наҳованд ҳамин навъ таъсир доранд дар нуфус. Ва аммо Рост ва Ироқ ва Исфаҳон муфиди ифроти басту фараҳанд. Ва аз овозот Наврӯз ва Гардониё ва аз шуабот Панҷгоҳ ва Зовулиро ҳамин навъ таъсир аст.

Ва аммо Бузург ва Зерафканд, Роҳавӣ ва Зангӯла мавруси ҳузн ва андӯҳанд. Ва аз овозот Гувошт ва Шаҳнозро ва аз шуабот Ҳисор ва Ҳумоюн ва Мубарқаъ ва Бастанигор ва Сабо ва Наврӯзи араб ва Ракаб ва Исфаҳонак ва Рӯии Ироқро ҳамин навъ таъсир. Ва

аммо Ҳиҷозӣ ва Ҳусайнӣ мавруси завқ ва басте машуб ба ҳузн ва андӯҳанд. Ва аз овозот Моя ва Салмак ва аз шуабот Нуҳуфт ва Наврӯзи баётӣ ва Дугоҳ ва Уззол ва Авҷ ва Ҷавзӣ ва Найриз ҳамин навъ таъсир доранд. Ва соҳиби амал мебояд, ки то ҳар як аз ин маҷмӯъ шеъреро муқорин гардонад, ки муносиби асари он бошад, то таъсири он дар нуфус бештар ва пештар бошад.

Ин аст баёни он чи аз усул ва фурӯи ин фанн муяссар шуд. Валлоҳу субҳонаҳу мулҳим.

# ШАРҲИ РУБОИЁТ



«Шарҳи рубоиёт» аз рисолаҳои ирфонӣ-фалсафист, ки ҳанӯз дар рӯзгори шоир дар байни аҳли илму адаб шӯҳрат пайдо карда буд.

Таърихи таълифи рисола маълум нест. Аз рӯи маълумоти Аълохон Афсаҳзод аксари муҳаққиқон замони таснифи онро соли 1473 донистаанд. (Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ. с. 184).

Нусхаҳои қаламии «Шарҳи рубоиёт»-и Ҷомӣ дар Мовароуннаҳру Эрон ва Ҳиндустону Туркия хеле интишор ёфтааст. Матни интиқодии ин асар аз тарафи донишманди Афғонистон Моили Ҳаравӣ дар санаи 1964 дар Қобул ба табъ расидааст, ки мавриди истифодаи мо қарор гирифт.

«Шарҳи рубоиёт» аз чиҳилу шаш рубоӣ иборат аст, ки Ҷомӣ ба ҳар кадоми он алоҳида шарҳ бастааст. Мавзӯоти асари мазкурро маҳфилҳои маърифати раббонӣ ташкил медиҳад ва он ба мазомину маонии ваҳдати вуҷуд, таназзулот ва сифоти вуҷуди оламу одам ва соири матолибе, ки дар пиромуни ваҳдати вуҷуд бошад, шомил аст. Муаллиф барои тақвият додани фикру мақсади худ аз оёти Қуръон ва гуфтаҳои пешвоён ва соликони тариқати сӯфия Саъдиддини Қошғарӣ, Баҳоваддини Нақшбанд, Муҳйиддини Кубаро ва дигарон иқтибос меорад.

Ҳамон навъе ки аз мавзӯоти «Шарҳи рубоиёт» ва мазомини соири осори Абдураҳмони Ҷомӣ ба назар мерасад, дар ҷаҳонбиниву ақоиди фалсафӣ, ирфонӣ ва пантеистии ӯ мавқеи асосиро ҳамоно масъалаи ваҳдати вуҷуд ишғол мекардааст. «Таълимоти ваҳдати вуҷуд як навъи идеализми объективӣ буда, ягонагии офаранда ва офаридаҳо, холиқу махлуқ, ҳастию зоту сифот, ваҳдати моҳияти тамоми ашё, мавҷудияти ҳақиқати мутлақ ва тазоҳури он будани тамоми мавҷудоти оламро тарғиб мекунад. Ин таълимот инсонро ойинаи нури илоҳӣ ва аҳсани махлуқот мешуморад,— қайд мекунад муҳаққиқ М. Раҷабов». (Ниг. А. Афсаҳзод. Таҳаввули афкори Абдураҳмони Ҷомӣ. с. 32). Муҳаққиқи осори Ҷомӣ А. Афсаҳзод онд ба чи мақом доштани масъалаи ваҳдати вуҷуд дар ин рисола таваққуф намуда, чунин хулоса кардааст: «Абдураҳмони Ҷомӣ идеалисти объективӣ буда, дар «Шарҳи рубоиёт» худро низ тарафдори он мактаби фалсафӣ-ирфонӣ нишон медиҳад, ки ба ақидаи онҳо вуҷуди ҳақиқӣ яке беш нест ва ин айни вуҷуди ҳақ ва ҳастии мутлақ буда, олами мавҷуд ҳама партави ҷамоли ӯ... ин ҳастии мутлақ зоти мутлақи ягона бошад ҳам, сифати гуногун дорад ва маҳз ҳамин сифатҳо боиси он мешаванд, ки ҳақиқати мутлақ дар ҳар сурате аз суратҳои мумкин зоҳир гардад» (Ҳамон ҷо, с. 43).

Чунон ки дида мешавад, масъалаи ваҳдати вуҷуд, ки шарҳи матлабҳои дақиқи ирфониро дар таълимоти ин мактаби фалсафӣ ташкил менамояд, қабл аз Абдураҳмони Ҷомӣ дар силсилаи рубоиёти Шайх Аттор, Ҷалолиддини Румӣ, Авҳадиддини Мароғӣ, Абӯсаиди Абулхайр ва инчунин Абдулҳақи Аҳрорӣ низ мавқеи хосса дорад.

Қариб ҳамаи «Шарҳи рубоиёт»-и Ҷомӣ ҳам асосан аз масоили дар фавқ зикр гардида, яъне ҳақиқати ваҳдати вуҷуд, дарки асрори вуҷуд, маротиби мавҷудот, ваҳдати вуҷуд ва асрори оламу инсон ва ашё ва амсоли он иборат аст.

«Шарҳи рубоиёт» аз рисолаҳои муфассалест дар бораи ваҳдати вуҷуд. Бо таъсири ин асари фалсафӣ минбаъд низ силсилаи рисолаҳо, аз ҷумла «Шарҳи рубоиёт»-и Ҷалолиддини Давонӣ, Муллошоҳи Бадахшонӣ ва ғайраҳо таълиф гардиданд.



Барҳақ, «Шарҳи рубоиёт»-и Ҷомӣ дар таҳқиқи афкори ирфонӣ ва фалсафаи пантеистии форсу тоҷик аҳамияти ниҳоят калон дорад, зеро ин асар дар равшан намудани масъалаҳои асосии тафаккури фалсафии гузаштагон, аз ҷумла масъалаи ваҳдати вуҷуд ҳам мавқеи муайяни маърифатӣ дорад.

Ҳангоми ба расмулхати имрӯза баргардонидани рисолаи «Шарҳи рубоиёт» аз ду нусхаи қаламии «Куллиёт»-и шоир ва матни интиқодии дар фавқ зикр гардида (Шарҳи рубоиёти Ҷомӣ. Ба тасҳеҳи Моили Ҳиравӣ. Қобул, 1964) ба тарзи муқобалаву муқоиса истифода карда шуд.

*Абӯбакр Зуҳуриддинов*

...Ва аммо баъд намуда меояд, ки пеш аз иншои ин номаи номӣ ва ифшои ин саҳифаи киромӣ, рубоие чанд дар исботи ваҳдати вуҷуд ва баёни таназзулоташ ба маротиби шуҳуд бо танбеҳ бар кайфияти дарёфтани он «ало сабили-л-кашфи ва-л-ирфон»[1] ва расидан ба он «би-т-тариқ-уз-завқи ва-л-виҷдон»[2] самти итмом гирифта буд ва сурати интизом пазируфта. Аммо чун тарҷумони забонро ба воситаи риояти қофия майдони иборат танг буд ва раҳнаварди баёнотро ба ҷиҳати муҳофазат бар вазн пои ишорат ланг, мухаддароти маъании он бе ниқоби иҷмол ҷамоле наменамуд ва мастуроти ҳақоиқи он бе ҳиҷоби ишкол чеҳра намекушуд. Лоҷарам дар зайли он рубоиёт аз барои тафсили муҷмалот ва тавзеҳи мушкилот калимаи чанде маншур аз суханони кубарои дин ва урафои аҳли яқин марқум мегардад ва мастур. Умед ба макорими ахлоқи мутолиакунандагони мунсиф он, ки чун ин заиф ба аҷз мӯътариф аст ва ба қусур муттасиф, агар бар мавозеъи халал ва мавоқеи залал мутталеъ шаванд, дар ислоҳи он кӯшанд ва ба зайли афв ва иғмоз бипӯшанд ва аз сурати



айбҷӯӣ ва сирати бадгӯӣ иҷтиноб карда, ҳар чизеро ба масрафе шоиста сарф намоянд ва бар маҳмили боиста ҳамл фармоянд.

Воҷиб, ки вуҷудбахши навву куҳун аст,
Тасвири вуҷуд бахшиши қавли «кун» аст.[3]
Гӯям сухане нағз, ки мағзи сухун аст:
Ҳастист, ки ҳам ҳастию ҳам ҳасткун аст.

Ва айзан минҳо:[4]

Ҳар бесару поро нарасад даст ба ту,
Хуш он ки зи худ бирасту пайваст ба ту.
Ҳастӣ ту ба ҳастӣ, ки ба ҷуз зоти ту ҳаст,
Фонист ба зоти худ, вале ҳаст ба ту.

Дар ин рубоӣ ишорат аст ба иттиҳоди вуҷуди воҷиб, таоло ва тақаддас, бо ҳақиқаташ чунон ки мазҳаби ҳукамо ва сӯфияи муваҳҳида аст ва баёнаш он аст, ки мавҷудотро ба тақсими ақлӣ се мартаба метавонад буд:

Аввал мавҷуде, ки вуҷуди вай муғойири зоти вай бошад ва мустафод аз ғайр, чун мумкиноти мавҷуда.

Дуввум мавҷуде, ки ҳақиқати вай муғойири вуҷуди вай бошад ва муқтазои он бар ваҷҳе ки инфикоки вуҷуд аз вай маҳол бошад, агарчи бинобар тағоюр миёни зот ва вуҷуд тасаввури инфикок мумкин аст, чун воҷибул-вуҷуд бар мазҳаби мутакаллимин.

Саввум мавҷуде, ки вуҷуди ӯ айни зоти ӯ бошад, яъне ба зоти худ мавҷуд бувад, на ба амре муғойири зот ва лошак, чунин мавҷуд воҷиб бувад, зеро ки инфикоки шайъро аз нафси худаш тасаввур наметавон кард.

Факайфа,[5] ки ба ҳасби хориҷ воқеъ тавонад буд. Ва пӯшида намонад, ки акмали маротиби вуҷуд мартабаи саввум аст. Ва фитрати салима ҳозим аст бо он ки

воҷиб таоло ва тақаддас мебояд, ки бар акмали маротиби вуҷуд бошад, пас зоти вай айни вуҷуди вай бошад.

Танбеҳ. Ва аз ин ҷо маълум шуд, ки чун лафзи вуҷуд ва ҳастӣ бар воҷиб таоло итлоқ кунанд, мурод бад он зотест, ки мавҷуд аст ба нафси худ ва мӯҷид аст мар ғайри худро на кавну ҳусул ва таҳаққук, ки маонии масдария ва мафҳумоти эътиборияанд, ки онро таҳаққуқи вуҷуде нест магар дар зеҳн.

Айзан минҳо:

> Ҳар чиз, ки ҷуз вуҷуд дар чашми шуҳуд,
> Дар ҳастии хеш ҳаст мӯҳтоҷи вуҷуд.
> Мӯҳтоҷ чу воҷиб набувад васфи вуҷуб,
> Бошад ба вуҷуд хосу хува-л-мақсуд.

Ин рубоӣ ишорат аст ба далели исботи иттиҳоди вуҷуди воҷиб бо ҳақиқаташ. Ва таҳрираш он аст, ки гӯем ҳар чизе, ки муғойири вуҷуд аст, ба ҳайсияте, ки на айни мафҳуми вуҷуд бошад ва на ҷузъи вай чун инсон, масалан модом ки мунзам нагардад, вуҷуд ба вай муттасиф намегардад ба вуҷуд «фӣ нафси-л-амр»,[6] пас ҳар чизе, ки муғойир аст, мар вуҷудро дар мавҷудият фӣ нафси-л-амр мӯҳтоҷ бошад ба ғайри худ, ки вуҷуд аст ва ҳар чи мӯҳтоҷ аст ба ғайри худ, дар мавҷудият мумкин аст. Зеро ки мумкин иборат аз чизест, ки дар мавҷудияти худ мӯҳтоҷ ба ғайр бошад. Пас ҳар чизе, ки муғойир бошад, мар вуҷудро, воҷиб натавонад буд. Ва ба бароҳини ақлия собит шудааст, ки воҷиб мавҷуд аст, пас воҷиб натавонад, магар вуҷуд. Агар касе гӯяд, мумкин он аст, ки дар мавҷудият худ мӯҳтоҷ бошад ба ғайре, ки мӯҷиди вай бошад, на вуҷуди вай. Ҷавоб гӯем, ки ҳар чи дар мавҷудият мӯҳтоҷ ба ғайр аст, истифодаи вуҷуд аз ғайр мекунад ва ҳар чи истифодаи вуҷуд аз ғайр мекунад, мумкин аст, хоҳ он ғайрро вуҷуд гӯянд, хоҳ мӯҷид.



Ва айзан минҳо:

> Ҳастӣ, ки ба зоти худ хувайдост чу нур,
> Зарроти мукавванот аз ӯ ёфт зуҳур.
> Ҳар чиз, ки аз фурӯғи ӯ афтад дур,
> Дар зулмати нестӣ бимонад мастур.

Айзан минҳо:

> Хуршеди фалак ба нури хеш аст мунир,
> Ҷирми Қамар аз партави ӯ нурпазир.
> Равшан ба худ аст нур, агар ақли хабир
> Афзун ниҳадаш зи меҳру маҳ, хурда магир.

Дар ин ду рубоӣ ишорат ба тамсиле аст, ки аз барои баёни маротиби мавҷудот дар мавҷудият кардаанд ва гуфтаанд, ки ашёи нурониро дар нуроният се мартаба аст:

Аввал он ки нури вай мустафод бошад ба ғайр, чунон ки ҷирми Қамар, ки дар муқобилаи Офтоб равшан гардад ба шуо ва дар ин мартаба се чиз бошад. Яке ҷирми Қамар, дуввум шуо, ки бар вай афтодааст, саввум Офтоб, ки муфиди шуо аст.

Мартабаи дуввум он ки нури вай муқтазои зоти вай бошад чун Офтоб ба ғарази он ки зоти вай мусталзим ва муқтазои нури вай бувад. Дар ин мартаба ду чиз бошад: яке ҷирми Офтоб, дуввум нури вай.

Мартабаи саввум он аст ки ба зоти худ зоҳир ва равшан бошад, на ба нуре, ки зоид бошад бар зоти вай чун нури Офтоб, ки бар ҳеҷ оқил пӯшида намонад, ки нури Офтоб торик нест, балки ба зоти худ зоҳир ва равшан аст, на ба нури дигар, ки ба зоти вай қоим бошад. Ва дар ин мартаба як чиз аст, ки ба худ дар дидаҳои мардум зоҳир аст ва дигар чизҳо ба воситаи вай зоҳир мешаванд ба он миқдор, ки қобилияти зуҳур доранд ва ҳеҷ мартабае дар нуроният болотар аз мартабаи саввум нест. Ва чун ин муқаддамот дар маҳсусот

мутасаввир гашт, маротиби сегонаи мавчудот, ки пеш аз ин мазкур шуд, равшан гашт ва акмалияти мартабаи саввум мубин шуд.

* * *

Айзан минҳо:

Ҳастӣ, ки ҳақиқати ҳақ омад алҳақ,
Бо он ки бувад ба ҳақ музофу мулҳақ.
Қавме ба таайюнаш муқайяд доранд,
Қавме дигар аз қайди таайюн мутлақ.

Қоилон ба иттиҳоди вуҷуди воҷиб таоло бо ҳақиқаташ ду фирқаанд. Фирқаи аввал арбоби фикр ва назар, чун ҳукамо ва эшон мегӯянд нашояд, ки воҷиб-ал-вуҷуд куллӣ бошад, яъне нашояд, ки ӯро куллият ва умум ориз тавонад буд, зеро ки вуҷуди куллӣ дар хориҷ бе таайюн сурат набандад. Пас лозим ояд, ки воҷиб-ал-вуҷуд мураккаб бошад аз он амри куллӣ ва таайюн ва таркиби воҷиб маҳол аст, чунон ки машҳур аст, балки воҷиб бояд, ки «фӣ ҳадди зотуҳи мутааййин»[7] бошад, яъне таайюни вай зоти вай бошад, чунон ки вуҷуди вай айни зоти вай аст, то ба ҳеҷ ваҷҳ дар ӯ таракkуб ва тааддуд сурат набандад ва ҳинаизин мавҷудияти ашё иборат аз он бошад ки эшонро бо ҳазрати вуҷуд тааллуқе хос ва нисбате муайян ҳаст. Ва аз он ҳазрат бар эшон партаве аст, на он ки вуҷуд мар эшонро ориз ё дар эшон ҳосил аст. Ва бар ин тақдир мавҷуди мафҳуме бошад куллӣ маҳмул бар умури мутакассира ва вуҷуди ҷузъии ҳақиқии мумтанеъ-ул-иштироки байн-ал-касирин.[8]

*Савол.* Агар касе гӯяд, ки табодур ба зеҳн ва лафзи вуҷуд мафҳуме аст муштарак, миёни чизҳои бисёре, пас чун ҷузъе ҳақиқӣ бошад?

Ҷавоб гӯем, ки сухан дар ҳақиқати вуҷуд аст, на он



чӣ мутабодир мешавад ба зеҳн лафзи вуҷуд. Пас мешояд, ки ҳақиқати вуҷуд ҷузъе ҳақиқӣ бошад. Ва мафҳуми кулли табодур аз лафз араз нисбат ба он ҳақиқат чун мафҳуми воҷиб, қиёс бо ҳақиқаташ.

Фирқаи дуввуми сӯфия қоилин ба ваҳдати вуҷуд, ки мегӯянд, ӯро тури ақл, турест, ки дар он тур ба тариқи мукошифа ва мушоҳада чизе чанд мункашиф мегардад ,ки ақл аз идроки он оҷиз аст, ҳам чунон ки ҳавос аз идроки маъқулот, ки мудракоти ақл аст. Ва дар он тур муҳаққақ шуда, ки ҳақиқати вуҷуд, ки айни воҷиб-ул-вуҷуд аст, на куллӣ аст, на ҷузъӣ, на хос ва на ом, балки мутлақ аст аз ҳама қуюд, то ҳадде ки аз қайди итлоқ низ муаррост бад-он қиёс, ки арбоби улуми ақлия дар кулли табиӣ гуфтаанд. Ва он ҳақиқат дар ҳама ашё, ки мавсуфанд ба вуҷуд, таҷаллӣ ва зуҳур кардааст ба он маънӣ, ки ҳеҷ чиз аз он ҳақиқат холӣ нест, ки агар аз ҳақиқати вуҷуд ба куллӣ холӣ будӣ, аслан ба вуҷуд муттасиф нагаштӣ.

Айзан минҳо:

Эзид, ки ҳазор дар ба рух бикшудат,
Рохе ба камоли кунҳи худ бинмудат.
То заҳмати беҳуда ба худ раҳ надиҳӣ,
Дар зоти худ аз фикр ҳазар фармудат.

Айзан минҳо:

Нуре, ки бувад ҷаҳон аз ӯ моломол,
Машҳуди дилу дида бувад дар ҳама ҳол.
Таҳсили шуҳуд он чи машҳуд бувад,
Дар қоидаи ақл маҳол аст, маҳол.

Айзан минҳо:

Эй он ки дилат зи ҳаҷр дар навҳа гирист.
То кай хоҳӣ чу Нӯҳ[9] дар навҳа гирист.

Дар айни шуҳуде ғами ҳиҷрон паи чист,
Чашме бикушо, бубин, ки машҳуди ту кист?

Маърифату идроки ҳақ субҳонаҳу бар ду қисм аст: қисми аввал идроки ӯст ба эътибори кунҳи зот ва таҷарруди ӯ аз тааййуноти асмои сифот ва талаббус ба мазоҳири коинот ва ин мумтанеъ аст аз таҷаррул ва асмоъ ва сифотро мар ғайри ҳақро субҳонаҳу, зеро ки аз ин ҳайсият ба ҳиҷоби иззат мӯҳтаҷиб аст ва ба ридои кибриё мухтафӣ, ҳеҷ нисбат миёни ӯ ва миёни мосивои ӯ. Пас шурӯъ дар тариқи маърифати ӯ аз ин изоат бизоати вақт аст. Ва талаби он чи мумкин нест, зафар бар таҳсили ӯ, магар бар ваҷҳе иҷмолӣ, ки надонанд, ки дар ӯ он чи мутааййин шудааст, амрест, ки зуҳури ҳар мутааййин бад-ӯст. Ва ӯ «фӣ ҳадди зотиҳи» аз тааййюн мубарро...

*Савол.* Агар гӯӣ, чун тафаккур дар зот маҳол аст, пас наҳйи мутаваҷҷеҳ чист?

Ҷавоб гӯем: Мутаваҷҷеҳ пиндори зот ва фикр дар он, чунон ки дар «Маснавӣ» гуфтааст:

Он ки дар зоташ тафаккур карда нест,
Дар ҳақиқат он назар дар зот чист?
Ҳаст он пиндори ӯ, зеро ба роҳ
Сад ҳазорон парда омад то илоҳ.

Ва бад-ин қисми маърифат ишорат рафтааст ба рубоии аввал.

Қисми дуввум идроки ӯст, субҳонаҳу ва таоло, ба эътибори тааййюноти нур ва мутанаввиоти зуҳури ӯ дар маротиби таназзулот ва мароии мукавванот. Ва ин идрок низ бар ду гуна аст: аввал, идроки басит. Сонӣ, идроки мураккаб. Ва дар зуҳури вуҷуди ҳақ ба ҳасби идроки басит хафое нест, зеро ки ҳар чи идрок кунӣ, аввал ҳастӣ мудрак шавад, агарчи аз идроки ин идрок ғофил бошӣ ва аз ғояти зуҳур махфӣ монад, чунон ки



идроки алвон ва ашкол ба воситаи идроки зиёийят, ки муҳит аст, ба онҳо ва шарти рӯъятест ва бо вуҷуди ин бинанда дар идроки онҳо аз идроки зиёъ ғофил мешавад ва ба ғайбати зиёъ маълум мешавад, ки мовароп онҳо амре дигар мудрак будааст, ки зиёъ он аст ҳамчунин нури ҳастии ҳақиқӣ, ки муҳит аст ба зиёъ ва алвон ва ашколи бинанда ва ба ҷамеи мавҷудоти зеҳнӣ ва хориҷӣ ва қайюми ҳамаи ӯст ва идроки шайъӣ бе идроки ӯ маҳол аст, агарчи аз идроки ӯ ғофил бошӣ ва он ғафлат ба воситаи давоми зуҳур ва идроки ӯст.

Агарчи зиёи ин нур низ ғоиб шудӣ, зоҳир гаштӣ, ки дар вақти идроки мавҷудот амре дигар, ки нури вуҷуди ҳақ аст субҳонаҳу, мудрак будааст, зеро ки байт:

Зуҳури ҷумлаи ашё ба зид аст,
Вале ҳақро на зид асту на нид аст.
Чу зоти ҳақ надорад нақлу таҳвил,
Наёбад андар ӯ тағйиру табдил.
Агар хуршед бар як ҳол будӣ,
Шуои ӯ ба як минвол будӣ.
Надонистӣ касе, к-ин партави ӯст,
Набудӣ ҳеҷ фарқ аз мағз то пӯст.

Ва назар ба ин идроки басит аст, он ки гуфтаанд:

Бувад дар зоти ҳақ андеша ботил,
Маҳоли маҳз дон таҳсили ҳосил.

Ва бад-ин идрок ишора рафтааст дар рубоии сонӣ. Ва аммо дар идроки сонӣ, ки идроки мураккаб аст, маҳалли фикру хафо ва савобу хато ӯст. Ва ҳукми имон ва куфр роҷеъ ба ӯст. Ва тафозул миёни арбоби маърифат ба тафовути маротиби ӯ ва ишорат ба он аст, қавли Сиддиқи Акбар разӣ аллоҳу таоло анҳу, ки «ал-аҷзу ани-л-идроки адраку».[10]

Назм:

Чи нисбат хокро бо олами пок,
Ки идрок аст аҷз аз дарки идрок.

Ва бад-ин идроки сонӣ ишорат рафтааст ба рубоии солис.

* * *

Айзан минҳо:

Андеша ба асрори илоҳӣ нарасад,
Дар зоту сифоти ҳақ камоҳӣ нарасад.
Илме, ки таноҳӣ санъати зотии ӯст,
Дар зоти мубарро зи таноҳӣ нарасад.

Дар ин рубоӣ ишорат аст ба ваҷҳи имтинои таъаллуқи илм, ба кунҳи зоти ҳақ субҳонаҳу таоло ва тақрираш он аст, ки ғайби ҳувияти зот, ки мутлақ аст, ба итлоқи ҳақиқӣ муқтазо он аст, ки мунзабит ва мутаҳайиз нашавад ва дар тахти инҳисор ва иҳота дарнаёяд. Ва ҳақиқати илм иҳота аст ба маълум ва кашфи ӯ бар сабили тамайюз аз моадо. Пас агар ҳақиқати илмия мутааллиқ шавад, ба вай лозим ояд тахаллуфи муқтазои зот аз вай ё инқилоб ва табдили ҳақиқати илм ва «кило-ҳумо маҳолон».[11]

Пас ҳақиқат сифати илми муҳит натавонад шуд ба зоти ҳақ субҳонаҳу таоло, «мин ҳайси-л-итлоқ-ил-мазкур»[12] Ва нисбати он чи мутааййин мешавад, мар орифонро аз зоти ҳақ субҳонаҳу таоло, ба он чи мутааййин нашудааст, нисбати мутаноҳӣ аст ба ғайри мутаноҳӣ ва нисбати муқайяд аст ба мутлақ ва ҳамчунон ки мутааззир аст иҳотаи илм ба зоти ҳақ субҳонаҳу аз ҳайсияти адами таноҳии умуре, ки мундариҷ ва мундамиҷ аст дар ғайби ҳувияти ӯ ва мумкин нест таайюн ва зуҳури он «дафъатан, бал би-т-тадриҷ».[13]



Айзан минҳо, рубоӣ:

Идроки бутун ҳаққу яктоии ӯ,
Мумкин набувад зи ақлу доноии ӯ.
Он беҳ, ки миръоти маротиб бинӣ,
Тафсили танаввуоти пайдоии ӯ.

Идроки зоти ҳақ субҳонаҳу таоло ба эътибори бутун ва таҷарруд аз маҷоле тааййюноти шуун агарчи мумтанеъ аст, аммо ба эътибори зуҳур дар маротиб мумкин, балки воқеъ аст. Ва тобеъ аст мар ин зуҳурро аҳком ва тафосил ва аҳвол ва осоре, ки маърифати тафсил ба он мутааллиқ аст, ҷустуҷӯи толибон ва мубтадиёни мабнӣ бар ҳусул он аст. Ва гуфтугӯи восилони мунтаҳиён мабнӣ аз вусул бад-он ва баъзе аз маротиби зуҳур ҷузвиётанд ва онро ғоят ва ниҳоят нест ва баъзе куллиётанд ва аз ин куллиёт баъзе ҳамчун маҳалҳоанд мар зуҳури соири ҳақоиқи куллӣ ва ҷузъӣ ва лавозими эшонро, чунон ки ҳар ҳақиқате чанд куллӣ ё ҷузъӣ, ё матбӯъ, ё тобеъ ба яке аз он маҳол мутааллиқ бошад. Ва эшонро аволим ва ҳазарот хонанд ва маротибро «мин ҳайсу ҳия»[14], маротиб вуҷуде нест мутамайиз аз вуҷуди умури мутааййинаи мутараттиба дар эшон, балки мартабаи ҳис ва шаҳодат, масалан мартабаест куллӣ шомил мар ҷамеи маҳсусоти ҷузъияи мутааййинаро аз афлок ва анҷум ва аносир ва мазолия ва вуҷуди он мартабаи куллӣ биайниҳи ба вуҷуди ҳамин ҷузъиёти мутааййина аст, на он ки ҳар як аз куллӣ ва ҷузъии ӯро ҷудогона вуҷуде бошад мумтоз аз якдигар.

* * *

Айзан минҳо:

Воҷиб чу кунад таназзул аз ҳазрати зот,
Панҷ аст таназзулоти ӯро дараҷот:
Ғайб асту шаҳодат ба васат рӯҳу мисол,
Ва-л-хомису ҷамъияту тилка-л-ҳазарот.[15]

Маротиби куллия мунҳасир дар панҷ мартаба аст ва онро ҳазароти хамс хонанд. Ҳазароти аввалро мартабаи ғайб ва маонӣ гӯянд ва он ҳазрати зот аст. Ва дуввумро, ки дар муқобалаи ӯст, мартабаи шаҳодат ва ҳис хонанд. Ва он аз ҳазрати арши раҳмон аст, то ба олами хок. Ва он чи дар ин миён аст аз сувари аҷнос ва ашхоси олам. Ва саввумро, ки талваи мартабаи ғайб аст, мутанозилан мартабаи арвоҳ гӯянд. Ва мартабаи чаҳорумро, ки талваи олами ҳис аст, мутасоидан олами мисолу хаёли мунфасил хонанд. Ва панҷум, ки ҷомеи эшон аст, тафсилан ҳақиқати олам аст ва иҷмоли сурати унсурии инсонӣ... Ва «қола баъзуҳум қаддасаллоҳу асрораҳум».[16]

Маротиби куллия шашанд, зеро ки маротиб маҷолӣ ва мазоҳиранд. Пас холӣ нест аз он ки, он чи зоҳир аст дар эшон зоҳир аст бар ҳақ субҳонаҳу таоло, танҳо на бар ашёи кавния ё ҳам бар ҳақ зоҳир аст ва ҳам бар ашёи кавния.

Қисми аввалро мартабаи ғайб гӯянд, ба сабаби ғоиб будани ашёи кавния дар вай аз нафси худ ва аз ғайри худ. Пас ҳеҷ чизеро зуҳур нест, магар ба ҳақ субҳонаҳу таоло ва тақаддас. Ва ин қисм мунқасим мешавад ба ду мартаба, зеро ки адами зуҳури чизе бар ашёи кавния ё ба сабаби интифои аъёни эшон аст «билкуллия илман ва айнан».[17] Ва ин мартабаро таайюни аввал ва мартабаи увло аз ғайб хонанд ё ба сабаби интифои сифати зуҳур бар аъёни эшон. Ва агарчи эшон мутаҳаққиқ ва собит ва мутамайиз бошанд дар илми азалӣ ва зоҳир бошанд бар ҳақ субҳонаҳу ва таоло на бар худ ва амсоли худ... Ва ин мартабаро таайюни сонӣ ва олами маонӣ ва мартабаи сония аз ғайб хонанд.

Ва аммо қисми сонӣ аз маротиб, ки он чи зоҳир аст дар вай ҳам бар ҳақ зоҳир аст ва ҳам бар ашё.

Кавния мунқасим мегардад ба се мартаба, мартабаи



аввал арвоҳ ва он мартабаи зуҳури ҳақоиқи кавнияи муҷаррадаи басит аст мар нафси худро ва мисли худро, чунон ки арвоҳ дар ин мартаба мудраки аъёни худанд ва амсоли худ.

Мартабаи дуввум, мартабаи олами мисол аст. Ва ин мартабаи вуҷуд аст мар ашёи кавнияи мураккабаи латифаро, ки қобили таҷзия ва табъиз ва харқ ва илтиём набошад.

Мартабаи саввум олами аҷсом аст ва ин мартабаи вуҷуди ашёи мураккабаи касифа аст, ки қобили таҷзия ва табъизанд. Ва ин мартабаро мартабаи ҳис ва олами шаҳодат ном кардаанд.

Пас маҷмӯъи ин маротиб панҷ мартаба бошад ва мартабаи содиса мартабаи ҷомеъият аст мар ҷамеи маротибро ва он ҳақиқати инсони комил аст, зеро ки ӯ ҷомеи ҷамеъ аст ба ҳукми барзахияте, ки дорад.

* * *

Айзан минҳо:

Дар рутбаи аввал, ки сифоти ҷабарут
Аз зот ҷудо набуду малак аз малакут.
Аъёни вуҷуди ӯ падидор набуд,
Дар айни зуҳур, балки дар илми субут.

Дар мартабаи нахустин, ки таайюни аввал аст, малак аз малакут, ки мартабаи арвоҳ аст ва малакут аз ҷабарут, ки мартабаи сифот аст ва ҷабарут аз лоҳут, ки мартабаи зот аст, мумтоз нест, балки ваҳдатест сирф ва қобилияте аст маҳз. Ва ин маротиб ҳама давре мундариҷ ва мундамиҷ мин ғайри имтиёз.

Ва хусусиёти ин эътиборотро ба эътибори индироҷ ва индимоҷ дар ин мартаба бе имтиёзи эшон аз якдигар ва агарчи он имтиёз ба ҳасби илм бошад ба шуунoти зотия ва ҳуруфи олиёт ва ҳуруфи улвия ва ҳуруфи аслия мехонанд. Ва баъд аз имтиёзи эшон аз якдигар

дар мартабаи сония ба сабаби нурнияти илми сувари шууни мазкураанд ва мусаммо ба аъёни собита ва моҳиёт.

* * *

Айзан минҳо:

Дар олами маънӣ, ки набошад ашё,
Аз зоти худу ғайри худ огаҳ асло.
Ҳастанд ҳама зи рӯи ҳастӣ якто,
Нурияти илмашон зи ҳам кард ҷудо.

Дар мартабаи дуввум, яъне таайюни сонӣ, ки мусаммӣ мегардад ба эътибори таҳаққуқ ва тамайюзи ҷамеи маонии куллия ва ҷузъия дар вай ба олами маонӣ, ашёи кавнияро ба зоти худ ва завоти амсоли худ ас-лан шуур нест, балки таҳаққуқ ва субути эшон дар ин мартаба муқтазои изофати вуҷуд нест бад-эшон ба ҳайсияте, ки эшон муттасиф шаванд ба мавҷудият. Ба вуҷуд ба сабаби изофат ва нисбат бад-эшон мутааддид ва мутакассир гардад. Ва чун ба вуҷуд муттасиф нашаванд, ба тариқи авло лозим меояд, ки муттасиф набошад ба камолоте, ки тобеъ аст мар вуҷудро чун шуур ба худ ва ба мисли худ.

Пас эшон дар ин мартаба мутааддид ва мутамайиз набошанд ба таaддуд ва тамайюзи вуҷуде, балки тааддуд ва тамайюзи эшон ба эътибори илми ҳақ бошад ба хилофи мартаба, вале ки дар он мартабаи тамайюз ва тааддуди илмӣ низ малҳуз нест. Ва мисоли ин биайниҳи донаест, ки асли шаҷара аст. Вақте ки вайро дона фарз кунем, пас таайюн ва таҷаллии дона бар худаш бе он ки тафосили хусусиёти беху соқ ва шоху барг ва шукуфаву мева, ки дар вай мундариҷ ва мундамиҷанд, малҳузи вай бошад, ба масобаи таайюни аввал аст, ки ашёро дар вай на тааддуди вуҷуде аст ва на тамайюзи илмӣ. Ва таайюну таҷаллии дона бар худаш ба сувари



тафосили ин хусусиёт, ки бар худ ба сурати беху шох ва баргу шукуфа ва мева ҷилва намояд ва ин муфассалро дар муҷмал мушоҳида кунад, ба манзалаи таайюни сонист, ки ашёро дар вай агарчи тааддуди вуҷуде нест, аммо тамайюзи илмӣ ҳаст. Ва ин хусусиёти мазкура ба эътибори индироҷу индимоҷ дар мартабаи увло бе тааддуди вуҷудӣ ва тамайюзи илмӣ намудори шууноти зотия аст. Ва сувари маълумияи онҳо дар мартабаи сония мисоли ҳақоиқи мавҷудот, ки мусаммост ба аъёни собита дар урфи сӯфия ва ба моҳиёт наздики ҳукамо, чунон ки гузашт.

* * *

Айзан минҳо:

Аъён, ки муҳаддароти сарқадаманд,
Дар мулки бақо пардагиёни ҳараманд.
Ҳастанд ҳама мазоҳири нури вуҷуд,
Бо он ки муқими зулумоти адаманд.

Ин рубоӣ ишорат ба он маънӣ аст, ки соҳиби «Фусус» разӣ аллоҳу анҳу дар фасли Идрис мефармояд: «Аъёни собита, ки сурати илмияанд бар адамияти аслии худанд ва бӯе аз вуҷуди хориҷе ба машоми эшон нарасидаast». Ва маънии ин сухан он аст, ки аъёни собита наздн ифозаи вуҷуд бар эшон собит ва мустақиранд бар бутуни худ ва бе ҳеҷ ваҷҳ зоҳир нахоҳанд шуд, зеро ки бутун ва хафо зотии эшон аст. Ва зотӣ чизе аз он ҷудо намешавад. Пас он чи зоҳир мешавад аз ин аъён, аҳком ва осори ин аъён аст, ки ба вуҷуд ё дар вуҷуди ҳақ зоҳир мешавад, на зоти ин аъён.

* * *

Айзан минҳо:

Аъён ҳама оинаву ҳақ ҷилвагар аст
Ё нури ҳақ оинаву аъён сувар аст.

Дар чашми муҳаққиқ, ки ҳадид-ал-басар аст,[18]
Ҳар як зи ин ду оина они дигар аст.

Аъёнро, ки ҳақоиқи мавҷудот аст, ду эътибор аст: Аввал он ки аъёни мароё вуҷуди ҳақ ва асмоъ ва сифоти ӯст субҳонаҳу. Ва эътибори дуввум он ки вуҷуди ҳақ миръоти он аъён аст. Пас ба эътибори аввал зоҳир намешавад дар хориҷ, магар вуҷуде, ки мутааййин аст дар мароёи аъён ва мутааддид аст ба тааддуди аҳком ва осори эшон. Пас бар муқтазои ин эътибор ғайр аз вуҷуди ҳақ дар хориҷ ҳеҷ машҳуд нест ва ин баёни ҳоли муваҳҳадест, ки шуҳуди ҳақ бар вай ғолиб аст.

Ва ба эътибори дуввум дар вуҷуди ғайр аз аъён ҳеҷ шуҳудият ва вуҷуди ҳақ, ки миръоти аъён аст, дар ғайб аст ва мутаҷаллӣ ва зоҳир нест, магар «аз варои тутуқи ғайб».[19] Ва ин баёни ҳоли касе аст, ки шуҳуди халқ бар вай ғолиб аст.

Аммо муҳаққиқ ҳамеша мушоҳидаи ҳар ду миръот мекунад, яъне миръоти ҳақ ва миръоти аъён. Ва мушоҳидаи суваре, ки дар ҳар ду миръот аст, бе инфикок ва имтиёзи илмийят ва дараҷоту қобилиятҳо.

* * *

Айзан минҳо:

Ҳастӣ бе шарти ваҳдаташ номзад аст
В-ар з-он ки ба шарти лост, нақши аҳад аст.
Малҳуз ба шарти шайъ, ки бошад воҳид,
Майдонгаҳи зуҳураш зи азал то ба абад аст.

Аввал таайюне, ки толиъи ғайби хувият ва мартабаи лотаайюн аст, ваҳдатест, ки асли ҷамеи қобилиёт аст ва ӯро зуҳур ва бутун мусовӣ аст. Ва машрут ва муқайяд ба ҳеҷ як аз интифои иборот ва исботи он нест, балки ӯ айни қобилияти зот аст, мар бутун ва зуҳур



ва азалият ва абадият ва интифои эътиборот ва исботи онро. Ва мар ин ваҳдатро ду эътибор аст: аввал эътибори ӯст ба шарти адами эътиборот ва сукути он бил-куллия ва ин эътибори аҳадият аст ва зотро ба ин эътибор аҳад хонанд ва мутааллиқи ин эътибор бутуни зот аст ва азалияти ӯ.

Ва дуввум эътибори ӯст ба шарти субути эътибороти ғайри мутаноҳия мар ӯро ва ин эътибор воҳидият аст ва зотро ба ин эътибор воҳид мегӯянд ва мутааллиқи ин эътибор зуҳури зот аст ва абадияти ӯ. Пас аз аҳадияти мақом инқитоъ ва истеҳлоки касрати нисбияту вуҷудия аст дар аҳадияти зот. Ва воҳидият агарчи касрати вуҷудия мунтафӣ аст аз вай, касрати нисбия мутааллиқ-ул-таҳаққуқ аст дар вай ҳамчун нисфият ва сулсият ва рубъият дар воҳиди ададе, ки интишои ҳама аъдод аз ӯст. Ва ҷамеи таайюноти вуҷудия ғайри мутаноҳия мазоҳири ин нисбати мутааллиқа дар мартабаи воҳидият аст.

* * *

Айзан минҳо:

Ҳастӣ ба маротиб чу таназзул фармуд,
Дар пардаи бозпасин, к-инсон буд.
Ҳар ҷо зи рухшон дигар парда кушуд,
Ҳар як зи шуун ба васфи маҷмӯъ намуд.

Эҷод иборат аст аз иститори вуҷуди ҳақ субҳонаҳу таоло, ба сурати аъёни собита ва моҳиёт ва инсибоғи ӯ ба аҳком ва осори эшон. Ва ғоят ва самараи иститори вуҷуди ҳақ ба сурати ҳар айн собитаи зуҳури ӯст субҳонаҳу ба ҳасби шаъне, ки ин айни собита мазҳари ӯст бар худаш субҳонаҳу ё бар ҳамин шаън, ё бар мисоли ӯ «ҷамъан ва фуродан»[20] ё худ зуҳури он шаън аст бар ҳақ субҳонаҳу ё бар худаш, ё бар амсоли худаш казо-

лика ҷамъан ва фуродан ё худ ҷамъи байна-з-зуҳурайн. Ва ҳар шаъне, ки зоҳир мешавад, ҳақ субҳонаҳу ба ҳасби вай ё шаънест куллӣ, ҷомеъ мар ҷамеи афроди шуунро ё шаъне аст, ки баъзе аст аз афроди ин шуун ва зуҳури ӯ субҳонаҳу ба аҳадияти ҷамъи худаш мутаҳаққиқ намешавад, магар нисбат ба ин шаъни куллии ҷомеъ, ки ҳақиқати инсони комил аст. Пас ҳақ субҳонаҳу дар миръоти инсони комил бар худаш аз ҳайсияти шаъни куллӣ ҷомеъ ба куллият ва аҳадияти ҷамъия зоҳир бошад.

Пас иктисоб кунанд ҳар шаъне ҳукми ҷамеи шуунро ва ҳар яке ба ранги ҳама бароянд ва ҳар фарде ба васфи маҷмӯъ бинамояд. Зеро ки ҳамчунон ки дар мартабаи аҳадият ҷамъи ҳар шаъне бар ҷамеи шуун муштамил аст, ҳамчунин дар мартабаи инсони комил, ки он шаъни кулли ҷомеъ аст, ҳар як аз он шуун бар ҳама муштамил аст ва ғояти ғоёт аз зуҳури вуҷуди ҳақ субҳонаҳу ба ҳасби ҳар шаъне ин иктисоб мазкур аст, на он ки зоҳир шавад фақат ё зоҳир шавад ҳақ субҳонаҳу ба ҳасби он шаън.

Тамсил—ҳақиқати навъи инсониро санъати китобат ва шеър ва илму фазл ва ғайруҳо би-л-қувва ҳосил аст ва ин авсоф дар вай мундариҷ «мин ғайри имтиёз баъзиҳо ан баъзӣ». Ва чун ин ҳақиқат дар ҳар яке аз афроди худ ба яке аз ин авсоф зуҳур кунад, масалан, дар Зайд ба шеър, дар Умар ба китобат ва дар Бакр ба илм ва дар Холид ба фазл. Ин авсоф бар якдигар мақул нашаванд ва ба аҳкоми якдигар мунсабеғ нагарданд, натавон гуфт, ки котиб шоир аст ва олим ва фозил ё шоир котиб аст ва олим ва фозил аст ва алоҳоза-л-қиёс. Аммо агар ин авсоф дар зоти воҳид, ки башар аст, масалан ҷамъ шаванд, ҳароина ҳар як аз ин авсоф ба моадои худ мавсуф гардад.

Пас тавон гуфт, ки котиб шоир аст ва олим ва фозил



ва шоир котиб аст ва олим ва фозил, ғайри золика. Ҳамчунин ҳар як аз ин авсоф музоф гардад, он шаъни куллӣ ҳақиқати инсониро, ки қобили авсофи мазкур аст, дар иттисоф ба ҳама ва адами хусусият ба васфе «дунавасфӣ».[21] Пас ҳақиқати навъи инсонӣ «валаҳу-л-масалу-л-аъло»[22] ба манзалаи ҳазрати аҳадият ҷамъи илоҳӣ аст ва сифати китобат ва шеър ва ғайруҳумо ба масобаи шууни илоҳӣ ва Зайд ва Умар ва Бакр ва Холид намудори мазоҳири тафсилии фурқонӣ, ки олам асту башар мисоли мазҳари аҳаде ҷамъе инсонӣ, ки дар вай ҳар як аз афроди шуун ба ранги ҳама баромадааст ва музоҳии шаъни куллӣ, ки мифтоҳи мафотеҳи ғайб аст, гашта.

* * *

Айзан минҳо:

Гар ҳомили шар буваду гар омили хайр,
Гар соҳиби хонақаҳу гар роҳиби дайр.
Аз рӯи таайюн ҳама ғайранд, на айн
В-аз рӯи ҳақиқат ҳама айнанд на ғайр.

Пештар гузашт, ки ҳақоиқи ашё иборат аст аз таайюноти ӯ дар мартабаи айн. Пас ҳақоиқи ашё ва вуҷудоти эшон аз ҳайсияти маҳз ҳақиқати вуҷуди айни якдигар аз айни вуҷуди мутлақ бошанд ва тамоиз ва тағойир би-л-куллия муртафеъ бошад. Ва аммо аз ҳайси таайюн муғойири якдигар ва муғойири вуҷуди мутлақ низ бошанд. Аммо муғойирати эшон мар якдигарро ба эътибори хусусиёте аст, ки «мо биҳи-л-имтиёзи»[23] эшон аст аз якдигар. Ва аммо муғойирати эшон мар вуҷуди мутлақро ба сабаби он аст, ки ҳар як аз эшонро таайюн аст махсус мар вуҷуди воҳидро, ки муғойир аст мар сойри таайюнотро ва вуҷуди мутлақ муғойир нест марказро на мар баъзеро, балки дар кулли айн аст ва

дар баъз айни баъз ва мунҳасир нест дар кулл ва баъз. Пас ғайрияти ӯ ба эътибори итлоқ бошад аз куллият ва баъзият ва аз итлоқ низ.

* * *

Айзан минҳо:

Эй он ки ба фаҳми мушкилотӣ мансуб
В-аз нисбати имкону вуҷуби маҳҷуб.
Имкони сифат зоҳири илм аст фа ҳасб,
Махсус ба зоҳири вуҷуд аст вуҷуб.

Гоҳе зоҳири вуҷуд гӯянд дар муқобили ботини вуҷуд, ки мартабаи лотаайюн ва таҷарруд аз мазоҳир аст ва ҳинаизин мурод ба зоҳири вуҷуди маротиби таайюноти куллия ва ҷузъияи вуҷубия ва имкония аст. Ва гоҳе зоҳири вуҷуд мегӯянд дар баробари ботини вуҷуд, ки сувари илмия ва аъёни собита аст ва ҳинаизин мурод ба вай ҳайсияти олимияти ҳазрати вуҷуд аст, зеро ки чун ҳазрати вуҷуд бар худ таҷаллӣ кунад ба зоти худ ва шууну эътибороти зоти худ, лошак ӯро ду ҳайсият пайдо мешавад: ҳайсияти олимият ва ҳайсияти маълумият. Ва ҳайсияти маълумият, ки сувари илмия ва аъёни собита аст, ботин ва пӯшида аст дар зоти олим ва зоти олим нисбат ба он зоҳир, чунон ки ин маъниро дар худ ва амсоли худ бозмеёбем.

Пас зоҳир аст, ки ҳар як аз ҳайсиятайни мазкуратайнро, агарчи тамоюз байна-л-олим ва-л-маълум ба маҳзи эътибор бошад, иқтизое чанд хос ҳаст: чун ваҳдату вуҷуб ва иҳотаи таъсири олимиятро ва муқобилоти ин умур, аънӣ касрат ва имкон ва муҳотият ва таассур маълумиятро. Пас вақте ки гӯянд, ки вуҷуб сифати зоҳири вуҷуд аст, мурод ба он зоҳири вуҷуд бошад ба маънии сонӣ, на ба маънии аввал, чи зоҳири вуҷуд ба маънии аввал шомил аст мар ҳама таайюноти вуҷубия ва имконияро, чунон ки гузашт.



Пас сифати вуҷуб шомили ҷамеи таайюноти зоҳири вуҷудро ба маънии аввал набошад ва мутабодир аз нисбати вуҷуб ба вай шумул аст «камо ло яхфӣ».[24] Ва мурод ба зоҳири илми сувари илмия ва аъёни собита аст, ки аз лавозими эшон аст, сифати имкон, ки иборат аст аз тасовии нисбати эшон ба зуҳур ва бутун, ки маъбар мешаванд, ба вуҷуд ва адами хориҷӣ ва ботин ва зоҳири илми айни вуҷуд аст, ки шомили шуун ва эътиборот аст ва «мин ҳайси зоҳириҳумо тамоюзи нисбате воқеъ».[25]

* * *

Айзан минҳо:

Ҳақ олиму аъён халоиқ маълум,
Маълум бувад ҳокиму олим маҳкум.
Бар мӯҷиби ҳукми ту кунад бар ту амал
В-ар ту ба масал муаззабӣ дар марҳум.

Айзан:

Ҳукми қадару қазо бувад бе монеъ,
Бар мӯҷиби илми лоязолӣ воқеъ.
Тобеъ бошад илми азал аъёнро,
Аъён ҳама мар шууни ҳақро тобеъ.

Қазо иборат аст аз ҳукми илоҳии куллӣ бар аъёни мавҷудот бо аҳволи ҷория ва аҳкоми тория бар эшон «мина-л-азали ила-л-абад».[26]

Ва қадар иборат аст аз тафсили ин ҳукми куллӣ бо он, ки тахсис карда шавад эҷоди аъён ба авқот ва азмоне ки истеъдодоти эшон иқтизои вуқӯъ мекунад ва дар он таълиқ кардаояд, ҳар ҳоле аз аҳволи эшон ба замони муайян ва сабабе махсус. Ва сирри қадар, ки мумкин нест мар ҳеҷ айнеро аз аъёни собита, ки зоҳир шавад дар вуҷуд зотан ва сифатан ва феълан, магар ба қадри хусусияти қобилияти аслӣ ва истеъдоди зотии

хеш ва сирри қадар он аст, ки аъёни собита умури хориҷия нестанд аз зоти ҳақ субҳонаҳу таоло, ки маълумшуда бошанд азалан ва абадан ва мутааййин гашта дар илми вай ало моҳия илайҳи,[27] балки нисабу шууни зотияи ҳаканд. Пас мумкин нест, ки мутағайир гарданд аз ҳақоиқи худ, зеро ки зотиёти ҳақ субҳонаҳу таоло муназзаҳанд ва мубарро аз қабули ҷаъл ва тағйир ва табдил ва мазид ва нуқсон. Ва чун ин умур дониста шуд, бидон, ки ҳукми ҳақ субҳонаҳу таоло бар мавҷудот тобеи илми вай аст ба аъёни собитаи эшон ва илми вай субҳонаҳу ба аъён тобеи аъён аст ба он маънӣ, ки мар илми азалиро ҳеҷ асаре нест дар маълум ба исботи амре ӯро, ки собит набуда бошад ё нафйи амре, ки собит буда бошад, балки таалluқи илми вай ба улум бар он ваҷҳ аст, ки он маълум фӣ ҳадди зотиҳи бар он аст ва илмро дар вай ҳеҷ гуна таъсире ва сирояте нест ва аъёни собитаи сувари нисабу шууни зотияи ҳазрати ҳақанд субҳонаҳу таоло. Ва нисабу шууни зотияи ҳазрати ҳақ муқаддас ва муназзаҳ аз тағайюр ва табаддул азалан ва абадан. Пас аъён низ мумтанеъ-ут-тағайюр бошанд аз он чи бар онанд «фӣ ҳадди анфусиҳо» ва ҳукми ҳақ бар эшон ба муқтазои қобилиёт ва ба мӯҷиби истеъдодоти эшон бошад, ҳар чи ба лисони истеъдод аз ҳазрати ҳақ вуҷуди мутлақ «азза шаънаҳу»[28] талаб доранд, чунон ки бояд ва чандон ки шояд ато намояд ва инъом фармояд бе нуқсон ва зиёдат, хоҳ аз даракоти шақоват ва хоҳ аз дараҷоти саодат.

Айзан минҳо:

Аъён, к-омад зи макмани ғайб падид
В-аз ҳазрати ҳақ хилъати ҳастӣ пӯшид.
Бар мӯҷиби ҳукми «ва ҳува ябдӣ юид»[29],
Дар ҳар оташи халъе либсест ҷадид.



Айзан минҳо:

Чизе, ки намоишаш ба як минвол аст
В-андар сифати вуҷуд бар як ҳол аст.
Дар бадви назар гарчи бақое дорад,
Он нест бақо, таҷаддуди амсол аст.

Ҳақиқати одамӣ, бал ҳар зарра аз зарроти олам «би-н-нисаба ило зотиҳи ва ҳақиқатиҳи ло ило илми муҷидиҳи таоло биҳо»[30] нестӣ аст, ки ба робитаи вуҷуде илмӣ, ки сурати маълумияти ӯро дар илми қадими ҳақ таоло буда, аз файзи вуҷуди ҳақ таоло вуҷуд бар вай ба ҳасби қобилияташ ориз ва торӣ мешавад.

Ва баъд аз ёфтани ин ҳастӣ, ки ӯро ориз аст бар мӯҷиби «куллу шайъин ярҷау ало аслиҳи»[31] ҳар дам ӯро ба асли худаш, ки нестӣ аст, би-з-зот майл ҳосил мешавад ё худ гӯем, ки аз нафози фармони қаҳрамони ваҳдати ҳақиқӣ дар маҳалли зуҳури осори исми бузургвор аз зоҳир ҳеҷ чизро баҳра аз суботу қарор аслан нест, ҳатто замони мутаорифи мавҳум-ул-иттисолро, ки маънии бақои мулоҳизаи он тасаввур наметавон кард. Ё худ гӯем, ки зоти илоҳӣ аз он ҷо ки асмоъ ва сифоти ӯст, ҳамеша бар аъёни олам мутаҷаллӣ аст ва чунон ки баъзе аз асмоъ иқтизои вуҷуди ашё мекунад, ҳамчунон баъзе аз асмоъ иқтизои адами ашё мекунад мисли «мӯъиду мумит ва қаҳҳор»[32] ва ғайраҳо. Пас ҳақ субҳонаҳу гоҳе таҷаллӣ мекунад ба асмое, ки муқтазои вуҷуди ашёст ва гоҳе таҷаллӣ ба асмое, ки муқтазои адами ашёст, балки дар замоне, ло, балки дар ҳар оне ба ҳар як аз ин ду навъ исм мутаҷаллӣ аст.

Пас бинобар ин умур ашё дар ҳар оне ба адами аслӣ ва фанои зотии худ роҷеъ мешаванд ва аз либоси оризӣ ва хилъати ориятии вуҷуд мутахаллеъ мегарданд, валекин ба сабаби мададе, ки дам ба дам аз сифати бақои ҳақ таоло бад-эшон мепайвандад ва дар ҳамон он

ба вуҷуде дигар муталаббис мегарданд. Ва ин халъу либс доиман воқеъ аст, ҳеҷ вақте асари мӯҷидӣ ва холиқи ҳақ таоло аз эшон мунқатеъ нест, ҳарчанд эшонро аз вусули ин асар огоҳӣ нест.

Ва баъзе умур, ки барои рӯъят боқӣ намонад ва намоишаш бар як ва тира муддатҳо монад, он намояндагӣ ва пояндагиро аз таҷаддуди таайюноти мутамосилаи мутавофиқа бояд шинохт ва худро ба ғалат набояд андохт, чи фано ва бақо ду амри эътиборанд, ки аз таҷаддуди таайюноти мутабоина мутавофиқа намуда мешаванд (бақои ҳақиқӣ лозими зоти вуҷуд бувад ва маҷорӣ ба ҳасби имтидоди музоҳараи мутавофиқа). Ва фано исми иртифои таайюн аст махсус ва ин лозими зоти таайюн аст... ки зоҳир шудааст дар миръоти вуҷуди ҳақ ё худ таайюноти вуҷуди ҳақ ва танаввуоти ҳастии ҳаққи мутлақ аст, ки зоҳир шуда дар сувари ҳақоиқи олам ва аъёни собита ва вуҷуди мутлақи «доим-ул-фаязон ва-с-сараён аст»[33] аъён. Пас он чи қобил аст аз вуҷуди ҳақ мар сурати айнеро аз аъён бар ваҷҳи аввал ё он чи мутаайин аст аз вуҷуди ҳақ дар сурати айне аз аъён бар ваҷҳи сонӣ мултабас мешавад ба сурати он айн наздики мулобасати вуҷуд ва муҳозоти ӯ мар он айнро ва ба сабаби иттисоли файзи вуҷуде, ки тобеъ аст мар файзи аввалро, мутахаллеъ мешавад он файзи аввал аз сурати он ва муталаббис мегардад ба сурати дигар, ки мар он айнро дар мавотини дигар ҳаст, то зоҳир шавад вуҷуд ба сурати ин айн дар ҷамеи маротиб ва мавотини вуҷуд. Ва дар ҳамин он низ муталаббис мегардад вуҷуди мутаайини сонӣ, ки тобеъ аст мар аввалро ба сурати он айн чун вуҷуди мутаайин аввалан ва «ҳоказо-ул-амру доиман абадан»[34] ва мисоли ин биайниҳи оби ҷорист, ки чун аз вай маҷорӣ шавад, мавзеъеро аз наҳр ба шакли он мавзеъ барояд ва ба сурати он намояд. Аммо дар он мавзеъ набояд, балки



ҳамон дам бигузорад ва мавзеъи худро ба ҷузъи дигар супурад. Ва ин ҷузъи сонӣ низ ба шакли он муташаккил гардад ва филҳол ба ҷузъи солис мутабаддил шавад ва ҳоказо... Лекин ҳис ба воситаи ташобуҳи аҷзои моия ва ташаккули эшон ба шакли воҳид миёни эшон тамайюз натавонад ва ҷузъи сониро масалан биайниҳи ҳамон ҷузъи аввал донад, агарчи ҳукми ақли саҳеҳ ва кашфи сареҳ ба хилофи он аст.

* * *

Айзан минҳо:

Дар кавну макон нест аён ҷуз як нур,
Зоҳир шуда он нур ба анвори зуҳур.
Ҳақ нуру танаввуи зуҳураш олам,
Тавҳид ҳамин аст, дигар ваҳму ғурур.

Нури ҳақиқӣ яке беш нест ва он нури худоист. Ва нури худой мунбаситу номаҳдуд ва номутаноҳӣ аст. Ва олами таҷаллӣ нури худоист, ки ба чандин ҳазор сифат таҷаллӣ кардааст ва ба ин суратҳо худро зоҳир гардонидааст.

Бидон «ваффақакаллоҳу таоло ва ийёно би фаҳм-л-ҳақоиқ»,[35] ки таайюноти ҳақ ва тамайюзоти вуҷуди мутлақ ба ҳасби хусусиёти эътиборот ва шууне, ки мустаҷан аст дар ғайби зот, холӣ аз он нест, ки дар мартабаи илм аст ё дар мартабаи айн. Агар дар мартабаи илм аст, ҳақоиқ ва моҳиёти ашёст, ки мусаммо аст дар истилоҳи ин тоифа ба аъёни собита. Ва агар дар мартабаи айн аст, вуҷудоти ашёст. Пас ҳақоиқи ашё иборат бошад аз таайюноти вуҷуди ҳақ дар мартабаи илм ба эътибори хусусиёт ва эътиборот ва шууни мустаҷанна дар ғайби зот. Ҳар гоҳ, ки вуҷуд таҷаллӣ кунад бар худ муталаббис ба шаъне аз шуун, таҷаллии илмии айни ҳақиқате бошад аз ҳақоиқи мавҷудот. Ва чун таҷаллӣ кунад

мутлаббис ба шаъни дигар, ҳақиқате дигар бошад аз ҳақоиқ ва ало ҳозо-ал-қиёс. Ва вуҷудоти ашё иборат бошад аз таайюнот ва тамайюзоти вуҷуди ҳақ дар мартабаи айн ба эътибори аҳком ва осори ин ҳақоиқ ва моҳиёт ба он тариқа, ки ҳақоиқ ва моҳиёт ҳамеша дар ботини вуҷуд, яъне мартабаи илм собит бошад. Ва осор ва аҳкоми шаън, ки зилолу укусанд, мар эшонро дар зоҳири вуҷуд, ки муҷалло ва оина аст, мар ботинашро пайдо ва ҳувайдост. Ҳар вақт ки зоҳири вуҷуд мутааййин гардад, ба сабаби инсибоғ ба осор ва аҳкоми ҳақиқате аз ҳақоиқи мавҷуде бошад аз мавҷудоти айнии хориҷӣ. Ва чун мунсабағ гардад ба аҳкоми ҳақиқате дигар, мавҷуде дигар бошад аз мавҷудот ва ҳоказо. Пас ин мавҷудоти мутакассираи мутааддида, ки мусаммост ба олам, набошад, магар таайюноти нур ва танаввуоти зуҳури вуҷуди ҳақ субҳонаҳу, ки зоҳир ба ҳасби мадорик ва машоире, ки аз аҳком ва осори он ҳақоиқ аст, мутааддид ва мутакассир менамояд ва ҳақиқатуҳу бар ҳамон ваҳдати ҳақиқии худ аст, ки манбаъ аст мар ҳар касрату ваҳдат ва бисотату таркиб ва зуҳуру бутунро. Ва пӯшида намонад, ки таайюн сифати мутааййин аст ва сифати айн мавсуф аст мин ҳайси-л-вуҷуд, агарчи ғайри ӯст мин ҳайси-л-мафҳум ва казо.

# НОМАҲО



Номанависӣ ва ё интиқоли хаттии беҳин андешаву эҳсосоти инсонӣ аз гаронмоятарин дастовардҳои тамаддуни башарият дониста мешавад. Номаву номанигорӣ дар забони форсии дарӣ низ аз ин қоида мустасно нест ва соҳиби таърихи ғановатманди тӯлоние буда, аз замони пайдоиши хатту алифбоҳои гуногуни мардуми форсинажод ибтидо мегирад. Тибқи маълумоти дастрас, иншонависии расмии форсӣ (тоҷикӣ) ҳанӯз дар овони ҳукуматдории Сосониён (226—651) ба ҷараён даромада, дафтари алоҳидаи девони давлатӣ ба иншонигорӣ тахсис ёфта будааст. Баъдан як рукни муҳимми девони давлати Сомониён (875—999)-ро ҳам дафтар (шӯъба)-и иншонависӣ ташкил дода, котибону мирзоёни хушнависи бисёре машғули кор буданд. Ва маҳз аз ҳамин давраи оғози таҷаддуди тамаддуни форсӣ номанависии расмиву хусусӣ доманаи васеъ густарида, ба як шохаи назарраси фарҳанги мардум табдил ёфтааст.

Дар ҷодаи ташаккулу таҳаввули номанигории форсу тоҷик суханварону донишмандони мутааддидае ҳиссагузориву ҳунарнамоӣ кардаанд. Ва то ҷое, ки иттилоъ дорем, аввалин номаҳои дастраси форсӣ ба қалами нобиғагони фан ва сухан Абӯалии Сино (980—1037) ва Абӯрайҳони Берунӣ (973—1048) таъаллуқ доранд, ки

ба унвони ҳамдигар ирсол доштаанду дар сутури онҳо басо мушкилаву муаммоҳои илмиву фалсафӣ ҳаллу фасл ёфтаанд. Дар «Маҷмӯъа» ном дастнависи Донишгоҳи Қазон (№ 1124—1136, вар. 327 а—334 а), ки тақрибан дар асри XIV китобат шуда, як мактуби шоири мутасаввиф Абӯсаид Абулхайр (968—1049) ба Абӯалии Сино ва ҷавоби он оварда мешавад, ки мубоҳасаи илмии ононро фаро гирифта. Бар замми ин, аҳли дониш аз номаи ба «фахрулвузаро» Низомулмулки Тӯсӣ (с. в. 1092) ирсолдоштаи суханвари сӯфия Абдуллоҳи Ансорӣ (1006—1088) хабар доранд, ки андешаҳои ахлоқии мусаннифашро таҷассум намудааст (Е. Э. Бертельс. Суфизм и суфийская литература. М., 1965, с. 300—309). Тавассути сарчашмаҳои мухталифаи қаламӣ аз Абӯҳомиди Ғаззолӣ (1058), Абулмаҷди Саноӣ (1070—такр. 1140), Рашиди Ватвот (соли фавташ 1177), Хоқонии Шервонӣ (1126—1198), Ҷалолиддини Румӣ (1207—1283) ва дигарон номаҳои гаронбаҳое мерос мондаанд, ки ганҷури афкори бикрашон мебошад.

Гузашта аз ин, дар таърихи адаби форсӣ бахшида ба назариязу амалия ва сабку усули номанигорӣ асарҳои мукаммале рӯи кор омада, бобҳои алоҳидаи кулли осори таълимиву ахлоқӣ ба зикри муфассали ойини дабириву котибӣ ихтисос ёфтаанд. Чунончи, фасли сиву нӯҳуми «Насиҳатнома»-и маъруфи Унсурулмаолӣ Кайковус (1020—1099) «Андар ойини котибу шарти котибӣ» (Унсурулмаолӣ Кайковус. Насиҳатнома, Д., 1968, с. 115—121) ном дошта, мақолаи якуми «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (а. XII) «Дар моҳияти дабирӣ ва кайфияти дабири комил ва он чи тааллуқ дорад бар ин» (Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола, Д., 1986, с. 31—49) баҳс мекунад ва «рисола»-ҳои якум то панҷуми «Эъҷози Хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253—1325) ба таъйини қонуну қоидаҳои иншонависӣ ва намудҳои хатти арабии алифбои форсӣ тахсис дода шудааст. (З. Хасанова. Эпистолярные традиции в таджикской литературе. — «Известия ООН АН Таджикской ССР» Д., 1971, № 2(64), с. 75—76).

Назарияву амалияи иншонигории форсӣ дар давраҳои минбаъда ҳам ривоҷ ёфта, ба хусус дар асри понздаҳи милодӣ нуқтаи волои инкишофро дармеёбад. Маҳз дар ҳамин асри заррин ойини ҷамъоварии мактуботу руқаъот ва нишону фармонҳо ройиҷ гардида, ҳамагӣ дар қолаби «мураққаъ» (альбом) бароиояндагон меросгузор мешуданд. Аз ҷумла, дар хазинаи Матенадарани Арманистон таҳти рақами 231 дастнависе нигаҳдорӣ мешавад, ки зери номи «Фармонҳо» забт гашта, соли 1457 мураттаб шудааст ва фармонҳои Хотунхон ва Яъқубхон ибни Ҳасан Баҳодурро фароҳам меорад. Дар он фармонҳо дар хусуси тороҷ накардани молу мулки арманиҳо ва зараре нарасонидан ба амволи калисои онҳо супориш дода мешавад. «Аз китобҳои назарӣ, дастурӣ ва амалии фанни иншо ва номанигорӣ (дар садаи понздаҳум — А. Р.) «Махзан-ул-иншо»-и Кошифӣ,· «Хамсини Имодӣ»-и Юсуфи Аҳл, «Тарассул»-и Абдуллоҳи Марворид, «Маншаъ-ул-иншо»-и Абдулвосеъи Низомӣ, «Руқаъот ва муншаот»-и Ҳақирӣ, «Тарассул»-и Хоҷа Бурҳон, «Манозир-ул-иншо», «Риёз-ул-иншо» ва «Қавоид-ул-иншо»-и Маҳмуди Қовонро метавон ном бурд, ки ҳарчанд дар маҳалҳои гуногун тасниф шудаанд, аз ҷиҳати услуб ба ҳам қаробат дошта, оид ба қоидаҳои ин фан баҳс пайваста, асосан намунаҳои муросилоти шахсӣ, пурсишу посухҳои илмӣ, номаҳои давлатӣ, мактубҳои дипломатӣ ва амсоли инҳоро дар бар мегиранд. Ҷомӣ ва Навоӣ низ маҷмӯаҳои руқаоти худро тартиб дода, онҳоро чун асари алоҳида дар куллиётҳояшон ҷой додаанд» (А. Афсаҳзод. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуввуми асри XV. Китоби аввал, Д., 1987, с. 58).

Барҳақ, аз шоири шаҳир ва донишманди беназир Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ (1414—1492) номаҳои зиёде ёдгорӣ мондаанд, ки алҳол анқарибн чаҳорсаду ситои онҳо дастрасу маълуманд. Қисмате аз ин миқдори номаҳо дар таркиби «Рисолаи муншаот» ба «Куллиёт»-и осори Ҷомӣ ворид омада, борҳо ба дасти табъу нашр расидааст. Қисмати дигари мактуботи ӯро номаҳои дастнавис (автограф) ташкил медиҳанд, ки шумораи онҳо ба 336 мерасад. Дар вақташ дӯст ва шогирди вафодори Ҷомӣ, поягузори адабиёти классикии ӯзбак Алишери Навоӣ (1441—1502) номаҳои мазкураро ҷамъ оварда, ҳамроҳи мактуботи чанд тан ашхоси дигари

таърихӣ дар «Маҷмӯъаи муросалот» ҷой додааст. Маҷмӯъаи мав-
суф имрӯз дар ганҷинаи дастхатҳои Институти ховаршиносии Ака-
демияи улуми Ӯзбакистон дилсӯзона нигаҳдорӣ шуда, дар ҳалқаи
донишмандон зери унвони «Альбоми Навоӣ» иштиҳор ёфтааст.

Номаҳои дастнависи Ҷомӣ, ки барои Алишери Навоӣ нигошта
шудаанд, як навъ ҳуҷҷати нодири таъриханд, ки дар авроқашон
аҳволи аҳли замон, рухдодҳои сиёсиву адабӣ, вазъи боҷу хироҷ-
ситонӣ, тарзи давлатдориву хукуматронӣ, ҳолати ободонии шаҳру
деҳот, низоми кори идораҳои давлатӣ, оқибати ғоратгариву лаш-
каркашиҳо, симои аҳли рикобу ҳунару адаб ва паҳлуҳои дигари
ҳаёту иҷтимоиёт аз забони шоҳиди зинда басо муддалалу мӯъта-
мад ба қалам омадаанд.

Номаҳои дастнависи Ҷомӣ кӯтоҳу мӯъҷазу фаҳмо ва дур аз
такаллуфоту худнамоиҳо буда, аз шаҳру кишварҳои гуногун дар
ҳини сафару гузарҳояш иншо ёфта, дар ҳамаи онҳо аз ибтидо то
интиҳо эҳтироми тарафи дигар ба куллӣ риоят мешавад, ки мак-
туби зерин далели даъво буда метавонист: «Баъд аз рафъи ниёз
маъруз он, ки дар **понздаҳуми моҳи рабеъулохир** ба ҷиҳати ис-
тидъои ҳазрати Хоҷа ба **ҷониби Тошканд таваҷҷӯҳ воқеъ шуд**. Ҳа-
маи ёрон дар замони сиҳҳату саломатанд. Умед аст, ки анқариб
мурочаъат воқеъ шавад. Маъзур доранд, ки **ин китобат бар пушти
асп воқеъ шудааст**. Тавфиқ рафиқ бод, вассалом. **Ал-фақир-Абду-
раҳмон ал-Ҷомӣ».**

Адиби инсонпарвар дар номаҳои дилпазираш аз тамоми тои-
фаҳои аҳолӣ, ки ба онҳо зулму таъаддиву беадолатие рафта-
аст — қассобон, тоҷирон, фақирон, солеҳон, котибон, толибилмон,
девониён, ҷилдсозон, саййидон, ходимон, хоҷагон, махдумон, си-
поҳиён, миршабон, мусофирон, ҳофизон, маризон, заъифагон, маҳ-
бусон, калонтарон, мехтарон, даллолон, барзгарон, шоирон, оли-
мон, посбонон ва ғайруҳум пуштибониву ҷонибдорӣ карда, ба кӯ-
маки вазири доно «Мир Алишери олигуҳар» (таъбири худи Ҷомӣ —
*А. Р.)* ҳақро ба ҳақдорон мерасонад. Чунончи, дар мактубе ме-
нависад, ки «заъифаи доранда» [-и нома]-ро дар вақти ғорати Ба-
дахшон лашкариёни Амир Музайяд асир карда будаанду ҳоло



ҳалос ёфтааст, аммо фарзанди вай ҳамчунон гирифтор аст. Илти-
мос, иноят намуда, ваҷҳе шавад, ки фарзанди вай низ халос ша-
вад». Ва ё дар мавриди дигар менависад, ки «дорандаи барзгар
шайхи мазори Абулвалид будаву карамеро, ки ӯ барзгар буда,
фурӯхтаанду дар ҳиссаи ӯ таъаллул мекунанд ва баъзеро аз он
ҳавола ба касе кардаанд, ки намедиҳад. Илтимос он, ки иноят
намуда, чунон кунанд, ки ҳаққи ӯ бад-ӯ расад». Ӯ махсусан нис-
бат ба донишҷӯёни камбағали мадрасаҳо раҳму шафқати зиёде
раво дошта, аз Алишери Навоӣ борҳо тақозо мекунад, ки барои
чунинҳо аз авқоф — хазинаи давлат ҳаққи маъош, яъне кӯмакхар-
ҷие ҷудо бикунад: «Мавлоно Бурҳониддин ва Мавлоно Ҷалолиддин
Маҳмуд мардуми фақиру ғарибу солеҳанд ва ба таҳсил машғул.
Агар чунончи иноят намуда ваҷҳе шавад, ки мояҳтоҷи зарурии
эшонро аз авқоф ба эшон бирасонанд, аз қоъидаи шафқату мар-
ҳамат дур наменамояд».

Дар иддае аз навиштаҳояш ӯ пеши роҳи ҷангу хунрезиҳоро
гирифтанӣ шуда, Навоиро ба дастгирии чунин амри хайр мехонад
ва менависад, ки «мактуби шариф мабнӣ аз сиҳҳату саломату офи-
ят расид ва анвоъи беҳҷату сурур расонид ва қазияи сулҳ, ки
навишта шуда буд, умед аст, ки анқариб ба вуқӯъ пайвандад».
Ва гоҳо дар ғазаб афтода менависад, ки «ҳеҷ касро фикри ҳоли
мусулмонон нест ва ҳама дар мақоми таҳсили ҳоли хешанд!», ки
беҳин ойинаи ҳолнамои он рӯзгор аст. Ва ё дар номаи зерин аҳ-
воли бади мардум аз сабаби хироҷситониҳои пайваста рӯи коғаз
омада, нигоранда ҷиддан пешгирии онро тақозо мекунад: «Ҳоли
раъоёи шаҳру булукот ба воситаи ҳаволот (пардохти маблағ, як
навъ хироҷе — *А. Р.*), ки нисбат ба эшон воқеъ мешавад, ба ма-
қоми изтирор расидаасту наздик аст, ки силсилаи зироъату сойири
аҳволи эшон аз интизом биёфтад... Аз урду (дарбор) ҳаволоти
бисёр воқеъ асту пеши раъоё чизе боқӣ нест. Ҳар чӣ буда, ба
азъоф гирифтаанд. Илтимос он, ки иноят намуда, эҳтимом фар-
моянд, ки дар ҳаволот тахфифе воқеъ шавад, ки агарчи баъзи
онҳоро зарурӣ эътиқод доранд, **тарки таъаддӣ бар мусулмонон аз
он заруритар аст».**

Дастаи дигари номаҳои Ҷомӣ ба ҳифзи табиати кишвару ободонии диёр бахшида шуда, вазифаи суннатии аҳли адабу ҳунар будани ҳаллу фасли ин масоилро бори дигар гӯшзад менамояд. Аз ҷумла, дар номае маслаҳат медиҳад, ки «Ҷӯйи Мазорро ба ҷиҳати девори доруннаъими Неъматобод... миқдоре болотар мебойист бурд» ва ҷои дигар ба самъи зимомдори оқилу одил мерасонад, ки «музориъоти Басокӯҳ тазаллум менамоянд, ки корезҳои эшон хушк шудаасту дар маҳсулоти эшон нуқсони бисёр воқеъ шудааст. Илтимос он, ки инояти илтифоти хотири шариф аз ҳоли эшон дареғ надоранд ва тафаҳҳус фармуда нагзоранд, ки бар эшон ҳайфе равад». Ва дар чанд номаи дигараш аз ободониву таъмири обидаҳо ва пешгирии хушкидани боғу дарахтон изҳори ташвиш намуда, қотеъона василаи беҳбуди корро мегӯяду меҷӯяд. Ана ин аст намунаи аълои фаъолиятмандии иҷтимоии шахсияти таърихӣ, ин аст мисоли равшани ҷонфарсоӣ барои халқу мамлакат!

Гурӯҳи дигари номаҳо ба рухдодҳои рӯзгори шахсиву муҳити адабӣ пайвастагӣ дошта, аз онҳо таърихи мусофаратҳои Ҷомиву Навоиву Алӣ Қушчӣ ва дигарон, санаи офариниши ин ё он асари манзуму мансури замон («Зафарнома», «Нафаҳот-ал-унс», шарҳҳои «Қасидаи бурда» ва ғайраҳо), ҳатто воқиъаи гирифтори дарди по шудани устоду шогирд ва манзараи ҳаёти як идда ҳунарварони ҳамаҳди онҳоро метавон дарёфт. Барои мисол, ӯ дар ҷое ба Навоӣ менависад, ки «аз ҷумлаи китоби «Нафаҳот-ал-унс мин ҳазарот-ал-қудс» ҷузве чанд, ки навишта шуда буду муқобала ёфта, сурати ирсол ёфт ва тамомӣ ҳиммат маъруф ба он аст, ки он чӣ боқӣ монда, анқариб ба он самт интизому интиқол ёбад». Ва ин ҳама гувоҳи дӯстию ҳамкории беғаразонаи эҷодии миёни ду шахсияти беназири таърихӣ ва ҷиддияту хоксории онҳо низ буда метавонад.

Хулласи калом, номаҳои меросии Ҷомӣ ба кулли соҳаҳои ҳаёти мардуму ҷомиъаи онрӯза дахл карда, дар ягонтои онҳо манфиати шахсии мусаннифашон пеш гузошта намешавад. Байту рубоиву қитъаҳои дар мактубот омада ҳам барои «зебу оро» набуда, ҳа-



магӣ бори маъниву мақсади муайянеро бар дӯш доранд. Ҳамчунин, номаҳо гувоҳи онанд, ки Ҷомӣ донандаи беназири забони пурғанои форсии дарӣ буда, дар ифодаи фикру андешаҳо чирадастиву абарқудратӣ нишон додааст, ки аз ин ҷиҳат низ намунаи ибрати хомакашони муосири форсигӯй бояд бошад. Ниҳоят, номаҳои нодири Ҷомӣ далолат бар он медиҳанд, ки дар миёни шахсияти адибу навиштаҷоти ӯ пайванди қавии ботинӣ ҷой дошта, гуфтораш мутобиқу мушобеҳи рафтораш будааст.

Мутаассифона, то кунун ин дурдонаҳои макнун аз доираи таҳқиқу баррасии саррофони сухани Тоҷикистон берун мондаанд. Танҳо ба саъю эҳтимоми ховаршиноси маъруфи ӯзбак Асомиддин Ӯрунбоев соли 1982 дар Тошканд китоби гаронбори «Письма-автографы Абдуррахмана Джами из «Альбома Навои» ба табъ расид, ки дорои муқаддимаву тавзеҳоти муфассали илмӣ ва тарҷумаи русии номаҳо буда, нахустин иқдоме дар ин самти ҷомишиносӣ ба ҳисоб меравад. Баъдан, соли 1984 Ӯрунбоев дар ин мавзӯъ рисолаи докторӣ дифоъ намуда, соли 1987 дар Қобул китоби «Номаҳои дастнависи Ҷомӣ»-ро дастраси умум гардонд, ки дебочаи он ба қалами шоир ва донишманди номӣ Мойили Ҳаравӣ тааллуқ дорад.

Шумораи мактуботи Ҷомӣ, ки баъдҳо худи ӯ ба «Рисолаи муншаот»-аш ворид овардааст, ба 91-то мерасад. Қисмате аз ин номаҳо ба «дарвешони махдумии иршодмаобӣ», яъне Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор, дастае ба «мулозимони ҳазрати салтанатшиъории хилофатпаноҳӣ», яъне султон Ҳусайни Бойқаро, иддае ба «аркони давлат», яъне Алишери Навоӣ ва дигар дарбориёни соҳибмансаби онрӯза нигошта шудаанд. Мактуботи мазкура ҳам аз ҷиҳати забону тарзи баён ва ҳам аз лиҳози ҳаҷму мазмун аз номаҳои дастнависи Ҷомӣ фарқи куллӣ доранд. Агар номаҳои дастнавис мухтасару мӯъҷазу фаҳмо бошанд, мактуботи соннӣ дарозу муғлақ ва гоҳо аз афкори мушаххасу муайяне орӣ ҳам мебошанд. Онҳо дар услуби расмии дабирӣ ва ҳамчун намунаи муншаоти маъмулӣ навишта шуда, ғолибан тавассути шеъру фикраҳои арабӣ «зинат» ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, дар ин тоифаи номаҳо низ хеле аз андешаҳои му-

фиди ахлоқиву иҷтимоии муаллиф изҳор ёфтаанд, ки дар шинохти афкору ангори шахсӣ ва омӯзиши муҳити иҷтимоиву сиёсию симои ҳамзамонони соҳибкудрати ӯ манфиати бебадал хоҳанд дошт.

Дар мунтахабе, ки ҳоло пешкаши хонандаи гиромӣ мегардад, 162 номаи аввал аз «Маҷмӯъаи муросалот» ва номаҳои боқимонда аз «Рисолаи муншаот» баргузида шудаанд.

*Асрор Раҳмонов*

1

Аз нури азал дилат мунаввар бодо!
Асрори абад дар ӯ мусаввар бодо!
Бе он ки инони азм тобӣ сӯе,
Мулки ҳама оламат мусаххар бодо!

Бар замири мунири давлатхоҳони он ҳазрат, ки ойинаи савобнамои масолеҳи диниву дунявӣ ва миръоти сураткушои мақосиди суриву маънавист, рӯшан хоҳад буд, ки чун ҳазрати зулҷалол валикром аз оғоз то анҷом аксари матолиби эшонро, бе он ки таҳияи асбоби зоҳириву ботиниро дар он мадхале тамом буда бошад, муяссар сохтаасту ба воситаи ҳусни нийяту сафои тавийят, ки нисбат бо умуми раъоёву кофаи бароё доранд, басе халоиқи аз атрофу акнофро мусаххар гардонида. Умедворӣ чунон аст, ки бе он ки вуҷуди эшон дар миён бошаду саъйи эшон ҳиҷоби фазлу итминон гардад, ба муқтазои қазияи

Лақад аҳсана аллоҳу фиймо маза,
Қазолик юҳсанӣ фӣ мобакӣ[1],

ҳамеша дар мусоъиди ҷоҳу ҳашмат мутасоъид бошаду дар мароқии фатҳу нусрат муртақӣ. Сабр дар умури мутийя зафар асту истеъҷол дар он музаннаи хатар. Лоязол асокири нусратасар бо зафар ҳаминон боду дар сафару ҳазар аз хатову хатар дар амон!

Вассалом валикром.[2]

2

Эй мусаллам туро мусалмонӣ,
Қоми исломиён саломати туст.
Суят аркони хамсаи ислом[3]
Мефиристам, ба ғайри рукни нахуст.
Қ-он на бо ҷонам онҷунон омехт,
Ки ҷудоӣ аз он тавонам ҷуст.

Баъдаҳу маъруз он, ки аз ҷумлаи китоби «Нафаҳот ал-унс мин ҳазарот ал-қудс» ҷузве чанд, ки навишта шуда буду муқобала ёфта, сурати ирсол ёфт ва тамомӣ ҳиммат маъруф ба он аст, ки он чи боқӣ монда, анқариб ба он самт интизому интиқол ёбад. Лоязол машоми завқашон аз равоеҳи нафаҳоти унс мутанассим боду лаби инбисот аз бавориқи ҳазароти қудс мутабассим.

Вассалом валикром.

3

Бино мезад: зиҳӣ, маншури шоҳӣ,
Ба эродаш дуъоғуён мубоҳӣ.
Ба номи бандаи дар қайди ғам банд
Хати озодӣ омад аз худованд.

Иноятномаи ҳумоюни ба анвоъи иноёти машҳун дар ашрафи соъоту атйаби авқот хоксорони водии вифоқу бодпаймоёни баводии иштиёқро

Сари зиллат ба авҷи иззат афрошт,
Ба дасти марҳамат аз хок бардошт.



Боястӣ, ки ин ҳақири фақир ба худ чун хома қадам аз сар сохта, ҷавобнома будӣ, балки бехуд қадам аз сар бознашнохта, тариқи мулозамат паймудӣ. Аммо ба воситаи аҳзу беихтиёрӣ ва беқадриву беэътиборӣ худро дар маъразн ин мақсади баланду матлаби арҷманд намедорад ва илло ғалаботи шавқу низоъ ва ҷазаботи таъаттушу илтиёъ ба заминбӯсии атабаи сипеҳрмартаба на бар мартабаест, ки ба ҳуруфи мураккабаву иборoти мураттаба шарҳ тавон дод. Раҷо восиқ аст, ки анқариб қариби муҷиб, изза шонаху, латифаи мутазаммини ин амният муфзӣ ба фароғату амният аз ҳуҷуми шадоиди эҳзон ва ҳумум аз макмани бутун ба зуҳур орад ва муштоқони орзумандро беш аз ин дар мазиқи дуриву тангнои маҳҷурӣ нагзорад.

Ҳақ субҳонаҳу қалъу қамъи асҳоби шақоқу нифоқро ало аҳсанулвуҷӯҳ муяссар гардонод!

Вассалом валикром.

4

Бар варақ аз килки ту як-ду-се қатра чакид,
Сунбули сероб руст, сабзаи мушкин дамид.

Тавотири ахбори мақдами шарифи эшон ба рӯҳи фақирону дарвешон чандон лаззату ҳузур ва беҳҷату сурур расонида, ки гунҷойии шадойиди фироқу маҷоли басти навоири ашвоқ намондааст.

Умедворӣ чунон аст, ки анқариб ба таҳқиқу таҳаққуқ пайванд бод!

Биннабӣ валмухтори ва олиҳи валахёр.[4]

Вассалом валикром.

5

Ло зола фӣ ҳулуди давлатуҳу ва шумули неъматуҳу ъавпалислома валмуслимин ва ъавн аласҳобиссидқи ва арбобиляқин.[5]

Гуфтам, ки кунам пас аз дуъо ҳарфе чанд
Бар одати аҳли расм бо ҳам пайванд.
Дил гуфт, ки аз такаллуфи одату расм
Бигзар, ки ҳамин дуъо басанда-ст, басанд!

Баъдаҳу фазле чанд навишта мешавад, агар маслаҳату вақт бошад, ба арзи ҳумоюн бирасонанд; шояд, ки фикри ҳоли мусулмонон бикунанд. Аввал ҷамоъати рунуду авбош аз пиёдараву ятим ва ғайруҳум истилои тамом ёфтаанду дар ин муддат хунҳои мутаъаддид воқеъ шудаасту ҳеҷ кас напурсидааст ва дар шабе, ки рӯзаш ин арзадошт навишта шуд, ҷамъе аз ин тоифа ба сари мазоре, ки фақирон мебошанд, даромадаанду яке аз фақиронро ба шамшер захмҳои бисёр задаанд ва бар бистари ҳалок афтода, то ҳол чӣ шавад. Дигар он ки овоза ба атроф рафтааст, ки касе минбаъд мутаъарризи ҳоли туҷҷор намешавад; баъзе аз эшон ҷуста-ҷуста бад-ин ҷониб мутаваҷҷеҳ мешаванд, аммо баъзе аз аввонону золимон ба васотати баъзе аз даллолон, ки пештар маҳҷур мебудаанд, ба ҳар навъ ки метавонанд, варои тамъо чизе меситонанду туҷҷорро аз омадан пушаймон месозанд. Дигар он ки тахсису тавҷеҳ бар қоъидаи дудӣ[6] аз ҳад гузаштаасту ҳеҷ навъ зобита дар он маръӣ нест; ба андак баҳонае чизи бисёр мегиранду мулозимони ҳазрати хилофатпаноҳиро, идомуллоҳа таъоло адлаҳу ва эҳсонаҳу, аз он ҷуз бадномӣ ҳосиле на. Алқисса, ҳеҷ касро фикри ҳоли мусулмонон нест ва ҳама дар мақоми таҳсили ҳоли хешанд!

Вассалом.

6

Бар канори Даҷла дур аз ёру маҳҷур аз диёр,
Дорам аз ашки ҷигаргун даҷлаи хун дар канор.
Чун саводи дидаам дарё кунад Бағдодро,
Сели чашми даҷлаборам гар шавад бо Даҷла ёр.



Дуъое ба иззи иҷобат қарин аз Машҳади муқаддаси
айиммаи муҳаййидин ва масъалате ба шарафи истиҷо-
бат ҳамроҳ аз мазороти мутабаррикаи авлиёуллоҳ тӯҳ-
фаи маҷлиси шарифу ҳадяи мавқифи маниф мегардад
ва шавқу низоъу таҳсину илтиёъ ба дарёфти саъодати
мулоқот, ки ағарри матолибу аҷалли муродот аст, беш
аз он аст, ки ба имдоди хомаи забоновару аъдоди но-
маи сухангустар аз ӯҳдаи адои он тафзӣ тавон намуд.
Лоҷарам инони баён аз он савб маътуф дошта, маъруз
мегардад, ки ба авни инояти беғояти ҳазрати иззат ил-
лату иззату аҳволи фуқарое, ки руфақои сафару ҷу-
ласои бадару ҳазаранд, бар наҳҷи саломату манҳаҷи
истиқомат гузарон асту аз ҳар дағдағаву нигаронӣ, ки
мӯҷиби тафрақа бошаду парешонӣ, бар карон. Иншоол-
лоҳалазиз, ки муҷовирии аҳволи давлатхоҳони он ҳаз-
рат низ бар савби аҷмалу маънии акмал воқеъ бошад.
Ин рукъаи тазаррӯъу ибтиҳол мунтасифи шавволу дар
ҳини иртиҳол аз Бағдод ба ҷониби ҳарамайни шари-
файн, зодуҳумуллоҳ шарафайн таҳрир ёфт.

Вассалом.

7

Ҳумоюн номае чун ёр дилбар,
Ба рӯй аз анбари тар баста зевар.
Хати мушкину назми ҷонфазояш
Чу гесӯи мурассаъ дар қафояш,

дар атяби авқоту ашрафи соъот мӯниси хилвати маҳ-
ҷурону ҷалиси сӯҳбати ранҷурон гашт.

Гаҳе парда зи рӯи ӯ кушоданд,
Зи шавқаш бӯсаҳо бар рӯй доданд.
Гаҳе сӯи қафояш даст бурданд,
Зи нақди гесӯяш гавҳар шумурданд.

Дар мушоҳадаи ҳар карашмаи он шоҳиди ғайбӣ, ки бар минассаи покиву беъайбӣ ҷилваи зуҳур намуд, анвоъи таъаллуқу дилбастагӣ ва ниёзмандиву шикастагӣ ба мавқифи арз расонида мешавад. Ва таҳомиян ъан алатолаталмафзията илалмалолата бад-ин ду байт иқтисор карда меояд:

Бувад восиқ раҷои ман, ки воҳиб
Зи маҳзи ваҳб дар боғи макосиб.
Чунонаш дар бар орад шохи уммед,
Ки бошад меваашш иқболи ҷовид.

Вассалом валикром.

8

Мурғи ҷон кардӣ ҳавои донаҳои холи ӯ,
Гар набастӣ риштаи лоғартани ман боли ӯ.
Гар ба қасди ҷон фиристад қосид он мақсуди дил,
Дил кунад фарсангҳо ҷон бар каф истиқболи ӯ.
Баски бар дил хома бори ғам ниҳод, аз шарҳи ҳаҷр
Ҳамчу «нун» дар нома хам шуд пушти «лом»-у «дол»-и ӯ.
Хун кунам дилрову молам дар рикоби ӯ зи чашм,
То чу пой андар рикоб орад, шавад помоли ӯ.
Рӯяш ар бинад фаришта, гар кушад сад бегуноҳ,
Як гуноҳ нанвисад андар номаи аъмоли ӯ.
Сӯфии дил ҳолҳо кардаст дӯш аз зикри дӯст,
Сикаам чун хирқа пок, инак гувоҳи ҳоли ӯ.
Ёрҷӯён Ҷомиву таъни рафиқон аз қафо,
Дарбадар дарвешу ғавғои сагон дунболи ӯ!

9

Саҳифаи аз фатҳаи «сод» содиқонро гулҳои фатҳ кушода ва аз касраи «ҳо» ҳосидонро хорҳои каср ниҳода, баъд аз тамодии айёми интизору таволии оломи истибор аз ҷониби ҷаноби Амир Алишери олигуҳар,



Лоязол фӣ равията масолеҳуддорайн,
К-исмаҳушшариф алмафтӯҳулъайн,[7]

ки номи шарифаш ба сурате латиф нигоштаи қалами таҳриру тақрир гашт, симати вуруд ёфт. Мунтазирони зовияи ихлосу умедворони кошонаи ихтисосро муравваҳи рӯҳу муфаттеҳи абвоби футӯҳ омад ва дар муқобалаи он таҳийёти ҳаётанҷому таслимоти муфтатеҳ тасаллии тамом муттаҳифу муҳаддӣ ва мусаллиғу мувададдӣ мегардад ва шарҳи таъаттуш ба рашҳи зулолу висол ҳадди забони лоли мақолу ҳол нест. Лоҷарам аз он тақоъуд намуда, бар дуъои мутазаммин бар мутаманнное иқтисор меравад.

Зи теғи фатҳ шоҳи сафшиканро
Ақолими ҷаҳон бодо мусаллам!
Паи ҳар фатҳ оламро сукуне
Муяссар бод ҳамчун лафзи «олам»!
Ҳамеша дар дили ҳассоди мулкаш
Чу «син» нуки синонҳо бод мудғам!

Вассалом.

10

Ҳастам зи сафои хотиру бекинӣ
Ман ойинаи ту, эй нигори чинӣ!
Рӯзе, ки ба ман рӯй ба рӯ биншинӣ,
Дар ман ҳама акси хубии худ бинӣ.

* * *

Ҳар дам зи раҳи дида дилам хун резад,
То бу, ки қазо латифае ангезад.
В-ин номаву қосид аз миён бархезад,
Бевосита дар домани васл овезад.

Агар на номаи номиву саҳифаи гиромӣ, ки масабби рашаҳоти қаламу маҳабби нафаҳоти карами он қиблаи иқболу Каъбаи амониву амон бошад, дар ҳар чанд рӯзе аз айёми дуриву авқоти маҳҷурӣ гулбуни умеди дуронро ба рашҳае тоза гардонад ва ғунчаи мақсуди маҳҷуронро ба нафҳае бишкуфонад.

Як гулбуни уммед ба сад фасл нарӯяд,
Як ғунчаи мақсуд ба сад сол нахандад.

Не таййи номаро гунҷоиши адои шукри ин макрамат асту не забони хомаро тавоноии анҳои узри ин мавҳабат, лоҷарам дар адои он шурӯъ нанамуда, бар дуъое иқтисор меравад. Лоязол равзаи ҷоҳу ҷалоли давлатхоҳон ба рашаҳоти илоҳӣ тоза бод ва дараҷоти тараққиёти он тозагӣ ба нафаҳоти файзи номутаноҳӣ беандоза. Вассалом.

* * *

Хидмати шайхулисломӣ дар тамсийяти умури шаръӣ ва масолеҳи урфӣ ҳасбалмакдур масоъии ҷамила мабзул медорад. Агар дар он боб истеҳсобе воқеъ шавад, юмкин, ки сабаби мазиди он гардад.

11

Руқъаи муштамил бар қитъаи ба мизони латофат санҷида, балки коғази қитъаи ҷавҳари сероб дар ӯ печида ба муфлисони уру наздикони дур самти вусул ёфт:

Аз ғояти таъзим нишонданд онро
Бар ҳалқаи чашм чун нигин дар хотам.

Ҷавоби он ба килки ихлос бар лавҳи ихтисос марқум гашт ва ба дуъои ҳусни оқибату хубии хотимат махтум омад, қарини иҷобат бод.

Биннабӣ ва олиҳиламҷод.



* * *

Он чи ҳамроҳи руқъа номзади он толибилми ғариб карда буданд, бисёр дармаҳал воқеъ шуд. Умед аст, ки василаи наҷоту зариъаи рафъи дараҷот бошад.

12

Дуъоҳое, ки бар лаб норасида,
Навиди фастаҷабноҳо шунида.
Таҳийёте, ки бо он ҳаст рӯшан,
Хуруҷ аз ӯҳдаи ҳайво биаҳсан,

ба шарафи арз расонида мешавад. Шавку орзумандӣ ба мулоқоти шариф беш аз он аст, ки ба таҳрири банону тақрири забон шарҳи он тавон. Таваққӯъ чунон мебуд, ки мухлисонро пайваста ба навиштае ёд фармоянд, иншоаллоҳ, ки монеъи фаромӯшӣ буда бошад. Агар минбаъд буғзи он қоъида кунанд, ҳокиманд.

Давлату саъодат мустадом, вассалом.

* * *

Илтимос он, ки хотири шариф ба муҳимми хидмати Хоҷа Атоуллоҳ масруф доранд, шояд, ки саранҷоме ёбад.

13

Дуъое, ки бадояти он мазмум маъашшавқи валғиром ва ниҳояти он мамдудилявмилқиём валъайни байнаҳумо мафтӯҳата илалиҷобата мин алмаликилаъалом аст,[8] ба сурати ниёз бисоти ҷуръату инбисот мегардад, майлу шаъаф ба найли шарафи мулоқот беш аз он аст, ки ба сарфи ашийёту ъазавот дар аъмоли адавоти қаламу давот адои шаммае аз он тавон кард. Лоҷарам иноии қасду нийят аз савби он амният маътуф дошта, ба ин ду байт масруф мегардад:

Зирак он кас, ки дар харобаи даҳр
Дари ганҷинаҳои роз занад.
Ҷоҳи кӯтоҳ зери пой ниҳад,
Даст бар давлати дароз занад.

Лоязол ниҳоли равзаи умед барӯманд боду шохи давҳаи саъодат ҷовидон пайванд!
Вассалом валикром.

* * *

Хидмати Хоҷа Султонбек марде нек аст, мултамас он, ки ба назари иноят малхуз гардаду аз ҳусни риъоят маҳзуз.

14

Найи килки ту тифли маънира
Ба наботи ҳасан бипарварда.
Ғурраи субҳро зи турраи шом
Рашки рухсори навхатон карда.
Қисса кӯтаҳ, шаби дарози маро
Пора-пора ба рӯз оварда.

Саҳифаи шарифи машҳун ба маънӣ ва иборотӣ латифа наздикони дуру дурони наздик ба ҳузурро мушарраф сохт. Дар сурати ҳар хатте ҳаззе рӯй намуд ва аз акси ҳар ҳарфе фараҳе партав андохт, аз шавқи шикоят ғунчаҳои шукру сано дамонид ва аз хори гила гулҳои маҳмадату дуъо шукуфонид. Оре,

Гар х(в)айии ту бигзарад ба хористонҳо,
Хористонҳо шавад баҳористонҳо.

Ҳикояти гилаву шикоят бинобар он воқеъ шуд, ки эшон аз руқъаи ин фақир тасаввур кардаанду дар таҳти таҳриру тақрир оварда ва илло,



Н-ояд аз ту чунон муъомилае,
Ки касеро расад дар он гилае.
Нест аз ту ба ҷуз гила гиламанд,
З-он ки лутфи туаш зи бех биканд.

Ҳазрати ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ҳамвора дар назари рофати худашон дород ва ба офати назар ба худашон магзород.
Вассалом валикром.

15

Чунин ки ёри маро хӯи хубу рӯи накӯст,
Аҷаб мадор, ки гарданд душманон ҳама дӯст.
Зи чашму ғамзаву абрӯ чи ҳоҷаташ ба сипоҳ,
Чу кишвари дилу иқлими ҷон мусаххари ӯст?!

Номаи мухбир аз мусолаҳаи мутазаммини масолеҳи ҷамҳури аному саҳифаи мушаъарр ба мувофиқат мувофиқи марофиқи кофаи хосу ом аз соҳати мухайями ҷоҳу ҷалол ва муъаскари давлату иқболи ҳазрати хилофатпаноҳии сулаймондастгоҳӣ ба хокнишинони остони ниёзу ифтиқор, ки фӣ аноуллайли ва атрофиннаҳори ба дуъогӯйии давоми давлату хайрхоҳии аркони мулку миллат мегузаронанд, расид ва кулоҳгӯшаи қадру манзалаташон ба авҷи иззату каромат расонид. Ҳама якдилу якзабон ба вазоифи шукргузорӣ қиём намуда ва қавоиди миннату сипосдорӣ кор фармуда мегӯянд:

Хусраво, қоъидаи адл фузун кун, ки зи адл
Арсаи мулки ту ҳар рӯз фузун хоҳад шуд.
Фатҳу нусрат зи худо хоҳ, ки бе миннати ҳақ
Муддаъӣ, гар ҳама шер аст, забун хоҳад шуд.

Лоязол давлати мувофиқон дар маърази издиёд боду гардани мухолифон дар рибқаи инқиёд!

16

Зиҳӣ, карда аз шавқи шаҳбози табъат
Ҳумоёни қудсӣ ҳавон тазарвӣ!
Зи Марвам фиристодай матлаъе хуш,
Қ-аз аҳли сухан мисли он нест марвӣ!

Алҳақ, матлаъест анвори лутфи зако аз маъонии он толеъу осори ҳусни адо аз ибороти он ломеъ. Агар дар баъзи авқот ба итмоми он пардозанду партави андеша бар такмили он андозанд, шак нест, ки байтулқасидаи назми айёму воситатуликди шуҳури ъавом хоҳад буд.

Ҳақ субҳонаҳу аз ҳар чи набояд, масъун дорад ва аз ҳар чи нашояд, маъмун!

Вассалом валикром.

17

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлоно Ҷалолиддин Сайид Маҳмудро ба қасди зиёрати модару бародар азимати Самарқанд шудааст. Илтимоси он дорaнд, ки иноят намуда илтифот фармоянд ва иҷозати ин сафар аз мулозимони он ҳазрат ҳосил кунанд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

18

Бо килки ту гуфт нома, к-эй гоҳи хиром
Сад тӯҳфаи хуш ба Рум оварда зи Шом!
Гар пои ту дар миён набошад, нарасад
Маҳҷуронро зи ҷониби дӯст паём.

Чун руқъаи шариф ба хатту ибораги латиф мутазаммини рубоъӣ,

Чунон дар ҷавдату ҳусни баён фард,
Қ-аз он хуштар тасаввур кам тавон кард,



ба мутолаъаи ин заъиф расид, аз ҳар мисраъ бар дили маҳзуну синаи маҷрӯҳ дари тафрақае масдуд гашт ва боби ҷамъийяте мафтӯҳ. Ноираи шавқи висол иштиғол ёфту доъияи сафар мафзӣ ба давлати иттисол истикмол пазируфт. Хотир чунон мехост, ки анқариб имзои ин миннату таҳқиқи ин амният карда ояд, аммо ба воситаи тамодии айёми рӯзаву тазоъифи заъфи ҳаррӯза муваъъади ин мурод баъид афтод.

Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ҳамгинонро тавфиқи масолеҳи диниву дунявӣ рафиқ гардонод!

Вассалом валикром.

19

Баъд аз арзи ниёзмандӣ маъруз он, ки мактуби шариф мабнӣ аз сиҳҳату саломату офият расид ва анвоъи беҳҷату сурур расонид ва қазияи сулҳ, ки навишта шуда буд, умед аст, ки анқариб ба вуқӯъ пайвандад, ки маслаҳати ҷамеъи мусулмонон аз ҳар ду ҷониб дар он асту фақирони инҷойиро тамомӣ ҳиммату наҳмат мутаваҷҷеҳи он аст, ки он зудтар воқеъ шавад. Шак нест, ки хотири шарифи эшон низ бар он хоҳад буд ва ҳасбулмақдур дар он боб эҳтимом хоҳанд намуд.

Мақосид бар ваҷҳи акмал муҳассал бод!
Вассалом валикром.

20

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки дорандагон мардуми ғарибу толибилму фақиранд. Агар чунончи иноят намуда нисбат ба эшон навъи эҳсоне воқеъ шавад, бисёр дармаҳал менамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

21

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати саёдатмаобӣ мардуми азизанду чанд гоҳ аст, ки ба ҷиҳати имзои нишоне[9] ташриф овардаанду он ба имзо нарасидаасту бисёр музтар гаштаанд. Агар чунончи иноят намуда илтифот намояндy имдод фармоянд, ки муҳимми эшон ба кифоят анҷомад, бисёр дармаҳал менамояд.

Тавфиқ рафиқ бод!

22

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки дорандаи барзгар шайхи Мазори Абулвалид будаву карамеро, ки ӯ барзгар буда, фурӯхтаанду дар ҳиссаи ӯ таъаллул мекунанд ва баъзеро аз он ҳавола ба касе кардаанд, ки намедиҳад. Илтимос он, ки иноят намуда, чунон кунанд, ки ҳаққи ӯ бад-ӯ расад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

23

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки бисёре аз табаррукони Қавсавия илтимоси он медоранд, ки Сайид Мирон дар миёни эшон калонтар[10] бошад ва қатъи муҳиммоту дафъи музиррот бикунад. Агар чунончи иноят намуда, мултамаси эшонро мабзул доранд, дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод!

24

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлоно Ҷалолиддин Боязид мулке[11] ба меъоди муъайян ба шахсе фурӯхтаасту аз меъод гузаштааст ва ваҷҳи онро адо намекунад. Илтимос он, ки иноят намуда ишорат равад, ки он ваҷҳро адо кунаду таъаллул накунад.

Тавфиқ рафиқ бод!



25

Саломе, ки чун ба лисони рамз аз усулу мабонии он нуктае гӯям, ҷуз валои азалӣ дарсам несту чун ба машоми завқ аз вусул ба маъонии он шаммае бӯям, аз хумуми абадӣ тарсам не, бо фотиҳаи ихлосе мақрун ба ғояти тазаллулу ибтиҳол ва ниҳояти таваҷҷӯҳ ба давлати иттисол тӯҳфаи мавқифи шариф ва ҳадяи маҷлиси маниф мегардад ва доғи дили сӯхта аз фироқ дар асnои алам̄и оташи иштиёқ рӯшантар аз он аст, ки дар шарҳу баёни он ба қоғази дурӯю хомаи дузабон эҳтиёҷ афтад. Лоҷарам таййи он бисот намудаву забони инбисот кушуда, инҳо меравад, ки дар ин вало вароқе, балки аҳли муҳаббату валоро сабақе, машҳун ба нуктае чанд, ки дар аснои мутолаъаи шарҳҳои охирини «Қасидаи бурда», ки бешак, гӯйи сабқ аз шарҳҳои аввалин бурда, рӯй намуда буд ва мамлув ба латоифи арҷманд, ки бар он китоби латофатинтисоб.

Чун қатраи шабнам, ки чакад бар гули сероб.

ба тозагӣ афзуда, матраҳи партави андеша гашту машраҳи ақли фикратпеша омад. Алҳақ, ҳар маънии дақиқ, ки ба тадқиқи назари мӯйшикоф шикофта буданду ба қуввати муносабат чун мӯй дарҳам бофта, ақли борикбинро миёни ону мӯй фарқ ниҳод ва ҳар ибороти пок, ки ба фаҳми даррок аз баҳри заххори хотири гавҳарбор гавҳарвор истихроҷ карда буданд ва ба алмоси тафаккур суфтаву дар силки интизом оварда, аз он бо ҷавоҳири обдору лаолии шоҳвор тафовуте чандон надид, лоҷарам онро зеби вушохи ҷону зинати ҳамоили ҷинон гардонид. Таваҷҷӯҳи хотири шариф ба истинботи ин навъ ғароибу бадоеъ, бо вуҷуди касрати шавоғилу мавонеъ, аломати он аст, ки хидмати эшонро тафрақаи зоҳир аз ҷамъийяти ботин монеъ намеояд ва

аз ин маънӣ умедвор гашта, масъалат меравад, ки ҳазрати ҳақ субҳонаҳу ва таъоло, ҷамъийяте кароматфармояд, ки ин ҷамъийят дар ҷанби он маҳзи тафрақа намояд.

Вассалом валикром.

Чунин истимоъ афтод, ки нисбат ба хидмати Хоҷа Саъдиддин Масъуд, ки дар ин диёр, балки дар ин рӯзгор ғариб афтода, анвоъи алтофу ғарибнавозӣ ба вуқӯъ пайваста. Алҳамду лиллоҳи таъоло, ки он чи фақиронро аз ахлоқи каримонаи мулозимон дар хотир мегашт, ба зуҳур омадааст у умед аст, ки рӯз ба рӯз дар тараққиву издиёд бошад. Боқӣ аҷзои 16 шарҳи қасида масҳуби мактуб фиристода шуд, дар маҳалли қабул бод!

Саломуллоҳ алайкум.

26

Сабо аз Марв меояд, фидояш бод ҷони ман,
Ки мегӯяд ҳадисе марвӣ аз ҷону ҷаҳони ман!
Зи ҷонон номае, бал к-аз Масеҳо нусхае дорад
Паи дарди дили бемору ҷони нотавони ман!

Номае, ки аз унвони он нафаҳоти субҳи саъодат фоеҳу саҳифае, ки аз мазмуни он ламаъоти офтоби иноят лоеҳ, мабнӣ бар интизоми силки ҷамъийяти заминбӯсони соҳати маҷлиси ҳумоюн ва мушъир ба издиёди маводи ҳашмати борёфтагони боргоҳи давлати рӯзафзун машоми умеди маҳрумони кулбаи фирокро муъаттар сохту дидаи интизори маҳбусони зовияи иштиёкро мунаввар гардонид.

Миннат эзидро, ки аз назҳатгаҳи лутфу ҷамол
Хотири ғамдидаро сармояи шодӣ расид!
Аз саробӯстони шоҳи кишвари ҷоҳу ҷалол
Тӯҳфаи зиндониён маншури озодӣ расид!

Азъофи музоъафаи он муъотафаву мулотафа, ки аз фаҳвои он мутолаъа афтод, аҷзу шикастагӣ ва шавқу



дилбастагӣ ба мавқифи арз расонида мешавад, тахфиф тасдеъро бар ин ду байт иқтисор карда меояд:

Умедвор чунонам, ки файзи фазли азал
Ҳамеша комдеҳи шоҳи комрон бошад.
Ба қадди давлати ӯ хилъате биёрояд,
Ки атфи домани он мулки ҷовидон бошад!

Вассалом валикром.

27

Ҳаббат рийҳу ҳайяабат ишвоқӣ,
Аҷрат дамма муқлатӣ мин аъмоқӣ.[12]
Аз ранҷи фироқу меҳнати муштоқӣ
Ҳарфе гуфтам, фиқас алайҳилбоқӣ.

Ҳар гоҳ ки қалам метарошам, то дар ҷавоби номаи шарифа вараке бихарошам, ҳеҷ наёбам, ки борҳо нагуфта бошаму нанавишта бошам; аз малолати хотири шариф андеша кунаму иқтисорро ба риъояти ихтисор пеша созам.

Ҳар гаҳ бари ман зи ҳаҷрат ояд дарде,
Таҳрири рубоие кунам ё фарде.
З-он метарсам, к-аз дами чун ман сарде
Бар хотири отират нишинад гарде.

Навишта шуда буд, ки дар Қибларӯяи Ҳирот таъаддиҳо вокеъ аст, тахсисро ҷиҳате нест, дар ҷамеъи ҷиҳот ин казия шоеъ аст.

Дар навбати ҳусни он маҳи авҷи ҷамол
Аз дасти рақибони нақӯҳидахисол.
Чи шарқу чи ҷанубу чӣ шимол
Аз ҷавр пур асту аз ҷафо моломол.

Ва аммо казияи дуъову истидъо, ки ишорате ба он рафта буд, дуъоро навҳе мебояд, ки «рабба ло тазар

алалараз миналкофарин диёран»[13] гӯён дар ҳеҷ диёр аз ин тоифаи дайёр нагузораду истидъоро соҳибфутӯҳе, ки ҳуқуқи мустадъиёнро гузорида, димор аз рӯзгори муддаъиён барорад ва дар ин рӯзгор ин ҳар ду мафкуд асту аз ҷумлаи муҳолот маъдуд. Зилли отифат мабсут боду сояи шафқату марҳамат мамдуд!

Вассалом.

28

Омад мурғе барги гуле дар минқор,
Бар вай хате аз сунбули тар карда нигор.
Мазмуни хат он, ки «эй хазондида гиёҳ,
Хуш бош, ки аз ту ёд кард абри баҳор!»

Рашаҳоти ақломи дабирони олимақоми суддаи судраоин, лозола мулассаман ли шифоҳалмулуки вассалотин,[14] ки сарчашмаи ҳаёти лабташнагони водии ҳирмону сармояи оби ҳаёти саргаштагони баводии бӯъду ҳиҷрон аст, фӣ аймани явму асъади соъат ба ин фақири ҳақири қалилулбизоъат расид. Равзаи ҷонро ҳузрате тозаву ҳадиқаи ҷинонро нузрате беандоза бахшид. Бар ҳусули ин давлату вусули ин саъодат вазойифи шукргузориву маросими миннату сипосдорӣ ба ҷой оварда шуд ва «таҳзифан лилиброми ва таҳошиян ъан итолатул-икроми»[15] бар дуъо иқтисор карда омад:

Бар тоҷварон шоҳи ҷаҳон сар бодо!
Бар фарқи замона соягустар бодо!
Овозаи бандагиву шоҳӣ то ҳаст,
Мо бандаву шоҳ бандапарвар бодо!

Вассалом валикром.

29

Ин нома чи нома-ст, ки чун турраи ҷонон
Сад ҷилваи хубист зи ҳар печу хами ӯ!



В-ин тозарақам аз қалами кист, ки бодо
Сад ҷони гаронмоя нисори қалами ӯ!

Чун рашҳаи хомаи мискиннавоз, ки бар сафҳаи номаи мушкинтароз мурғони улоаҷнаҳаро дом ниҳодааст, силсилаи шавқи муштоқони дуру маҳрумони маҳҷурро дар ҷунбиш овард. Инони орзумандӣ ба рикоббӯсии ҳазрати худовандӣ на чунон аз даст рафт, ки бозуи тоқату тавоноӣ ва неруи мусобарату шикебоӣ имсоки он тавон кард.

Омад насими силсилаи мушкбӯи дӯст,
Занҷир медарад дили девона сӯи дӯст.

Лоҷарам густохӣ намуда, таслияи хотири муштоқу таскини ҳарорати иштиёқро ҳарфе чанд мабнӣ аз тарфе аз ону сатре чанд мушъир ба шатре аз он нигоштаи хомаи ниёзу ихлос ва рақамзадаи қалами ифтиқору ихтисос мегардад.

Шавқ чун ғолиб шавад, гирам зи мардум гӯшае,
Хома аз мижгон, давот аз дидаи пурхун кунам.
Ҳасби ҳоли худ нависам бар баёзи рӯи зард,
То бад-ин сурат ғами ҳиҷрон зи дил берун кунам.

Эзид таъоло давлатиёни муҳайями ҷалолу саъодатмандони муъаскари иқболи он ҳазратро ҳарҷи зудтар ба мақарри давлату мустақарри ҷоҳу ҳашмат бирасонад ва дидаи рамаддидаи мунтазиронро ба зурваи ғубори мавкаби нусратшиъор рӯшан гардонод.

Вассалом.

30

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлонозода, ки рофеъи руқъаи ихлосанд, изҳори фақру эҳтиёҷи бисёр мекунанд ва собиқан нишоне доштаанд, ки аз

авқоф[16] муҳаққаре дар ваҷҳи маъоши эшон медодаанд ва ҳоло онро бозбастаанд. Илтимос он, ки иноят намуда илтифоти хотири шариф ба ҳоли эшон доранд, то он муҳаққар[17] ба дастури собиқ, ки мувофиқи шариъати мутаҳҳара буда бошад, бад-эшон бирасад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

31

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки чун мувассили рукъаи шариф азимати муроҷаъат намуд, ин фақир хост, ки дар ҷавоби он калимае чанд бинависад. Ҳарчанд гарди хотири нуфур аз русум орӣ ва такаллуфот расмӣ гашт, аз маъонии фикриву самоъӣ чизе ҷуз ин рубоъӣ ба хотир нагузашт:

Қай бошаду кай, ки аз ҷудой бираҳем
В-аз тафрақаи маниву мой бираҳем?!
Дар баҳри фанову нестӣ ғарқа шавем
В-аз худбиниву худнамой бираҳем?!

Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло тавфиқи кароматн харки одати муфзӣ ба ҳар давлату саъодат рафиқ гардонод!

Вассалом.

* * *

Мир Халилуллоҳ азизе, ки дар силки мулозимони салтанатшиъорӣ мунхарит аст ва ба хидмати Мавлоно Қамолиддин Ҳусайни Хоразмӣ нисбате дорад, изҳори эҳтиёҷу изтирор карда ва истидъои супорише намуда. Агар чунончи илтифот ба ҳоли вай намоянд, дур наменамоянд.

32

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда Хоҷа Аҳмадро ба эҳтимоми мулозимони эшон аз амалҳои девонӣ[18] муъоф дошта будаанду аз он ҳашт сол гузаштаасту дар ин вало вайро дар ҷамъи амала дохил доштаанду музоҳамат менамоянд. Агар чунончи иноят намуда, илтифот фармоянд, ки вайро истихлосе тамом ҳосил шавад, дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом валикром.

33

Баъд аз рафъи ниёз марфӯъ он, ки чун аз сафари муборак ба Ҳирот расида шуд ва ба хидмати соҳиби аъзам Хоҷа Сайфиддин Музаффар иттифоқи мулоқот афтод, осори хайру салоҳ аз эшон мушоҳида шуд ва чунин истимоъ афтод, ки тағйири авзоъу атвори пешина кардаанд ва ҳоло ба мӯҷиби фармони ҷаҳонматоъ мутаваҷҷеҳи урдуи ҳумоюн шудаанд. Илтимос он, ки иноят намуда, илтифоти хотири шариф аз ҳоли эшон дареғ надоранд ва дар имдоду иъонати эшон масоъии ҷамила мабзул гардонанд, ки чунин маълум шуд, ки дар ин муддат аз эшон ҳеҷ навъ баднафсӣ нисбат ба ҳеҷ кас воқеъ нашудааст ва умед аст, ки минбаъд низ воқеъ нашавад ва маъоши эшон бо мусулмонон беҳтар аз пештар бошад.

Тавфиқ рафиқ бод!

Вассалом валикром.

34

Баъд аз арзи ихлос ба лисони муҳаббату ихтисос маъруз он, ки қурби султони соҳибқудрат ва маҷоли қабули сухан дар он ҳазрат неъмате бузург асту шукри он неъмат сарфи анфосу авқот аст ба масолеҳи мусулмонону дафъи мафосиди золимону аввонон ва агар ногоҳ аз мамарри ин шуғл, аёзанбиллоҳ, табъи латифро гароние ҳосил ояду хотири шарифро парешоние рӯй на-

мояд, тахаммули он гарониро дар каффаи ҳасанот вазне азим хоҳад буд ва мусобарат бар он парешониро дар ҷамъийяти асбоби саъодот дахле тамом.

Роҳату ранҷ чун бувад гузарон,
Ранҷ каш баҳри роҳати дигарон...
3-он ки бошад ба мазраъи уммед
Ранҷи ту тухми роҳати ҷовид.

Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло тавфиқи дастгирии азпойафтодагон ва поймардии иноназдастдодагон рафиқ гардонод!

Вассалом валикром.

35

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки маходими узом, ки худдоми ҳарами шарифи ҳазрати рисолатанд, салаллоҳи алайҳ ва ало олиҳи ва саллам, ба ҷиҳати забти ҳосили мавқуфоти он ва ахзу ирсоли он ба мустаҳақон ба ин диёр ташриф овардаанду санадҳо ҳамроҳ доранд ва шавоҳиду осори сидқ бар эшон зоҳир аст. Чунончи ин фақирро дар он ҳеҷ иштибоҳе намондаасту хидмати паҳлавон Шайх Боязидро, ҳамоно ки бар ин маънӣ вуқуф аст, умед аст, ки анқариб бирасад. Илтимос он, ки ҳасбулмақдур дар имдоду тақвияти эшон масоъии ҷамила мабзул доранд, ки бешубҳа, он василаи имдодоти суриву маънавӣ аз рӯҳонияти он ҳазрат ва ҳумами олияи муҷовирон хоҳад буд. Чун маълум аст, ки ҳиммати шариф сарфи ин маънӣ хоҳад намуд, зиёдат муболаға намеравад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

36

Баъд аз арзи ниёз арзадошт он, ки ба воситаи хусни маъоши хидмати Хоҷа Сайфиддин Музаффар раъоёро умедвории тамом ҳосил шуда, дар зироъату иморат кӯ-



шиш намуданд ва биҳамдуллоҳи таъоло, бисёре аз мавозеъ маъмуру мазруъ гашта. Аҷазаву раъоё аз сари фароғи хотир ба дуъогӯйии давоми давлати бандагони ҳазрат иштиғол доранду мардуми азиз мегӯянд, ки дар ин муддат кас ин навъ ғамхорагии раъийят накардаву дар ободонӣ кӯшиш нанамуда. Муносиби давлати адабпайванд чунон менамояд, ки мӯҷиби мазиди умедвории раъоё ва сабаби некмаъошии амсоли эшон шаваду фарқе миёни некмаъошу бадмаъош зоҳир гардад.

Зилли рофату сояи отифат абадулобод мамдуд бод!

37

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлоно Ҳабибуллоҳ мутаваҷҷеҳи урдуи ҳумоюн шуданд ва эътимоди куллӣ бар илтифоту эҳтимоми хидмати шумо медоранд. Илтимос он, ки зиёдат аз он чи мутаваққеъу мултамаси эшон аст, инояту риъоят нисбат ба эшон ба маҳсул анҷомад, зеро ки аҳлияту истеҳқоқи эшон зоҳир аст.

Тавфиқ рафиқ бод!

38

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки дорандаи руқъаи ихлос Хоҷа Тоҷиддин Аҳмадро ба урдуи ҳумоюн[19] овардаанд. Ба ҷиҳати амре, ки ба арзи шариф хоҳад расонид, илтимоси он медорад, ки иноят намуда, илтифоти хотир ба ҷониби ӯ доранд, ки бар вай ба хилофи шариъати мутаҳҳара таъаддие наравад.

Тавфиқ рафиқ бод!

39

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки саводи нишони суюрғоли[20] махдумзодагони ин фақир фиристода шуд.

Илтимос он, ки иноят намуда, илтифот фармоянд, то мӯҳр карда шавад, ки девониён музоиқа мекунанду ин ҷо тадоруки он наметавон кард.
Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

40

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҳоли раъоёи шаҳру булукот ба воситаи ҳаволоте, ки нисбат ба эшон воқеъ мешавад, ба мақоми истизрор расидаасту наздик аст, ки силсилаи зироъату сойири аҳволи эшон аз интизом бияфтад ва ин қисса ба хидмати соҳиби аъзам Хоҷа Муъиниддин гуфта шуд. Эшон аз он ҷо, ки мақоми инсофу некхоҳии эшон аст, нисбат бо мусулмонон бисёр изҳори аҷзу дармондагӣ карданд ва гуфтанд, ки музтару ҳайрон мондаам. Аз урду ҳаволоти бисёр воқеъ асту пеши раъоё чизе боқӣ нест. Ҳар чи буда, ба азъоф гирифтаанд. Илтимос он, ки иноят намуда, эҳтимом фармоянд, ки дар ҳаволот тахфифе воқеъ шавад, ки агарчи баъзи онҳоро зарурӣ эътиқод доранд, тарки таъаддӣ бар мусулмонон аз он заруритар аст.
Ҳазрати ҳақ субҳонаҳу тавфиқи он чи маслаҳати дунёву охират дар он бошад, рафиқ гардонод! Биминнаҳу вуҷудаҳу, вассалом.

41

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки чунон ки маълуми ин фақир шудааст, хидмати саёдатинтисобро дар бораи фуқарои талабаи илм ва расонидани вазойифи эшон саъю эҳтимоми бисёр аст. Ба урдуи ҳумоюн ташриф намудаанд, шак нест, ки ба назари иноят малхуз хоҳанд шуд.
Тавфиқ рафиқ бод!



42

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлоно Амиралӣ фақиру аёлманданд ва ба таҳсили улум машғул. Агар чунончи иноят намуда, ваҷҳе шавад, ки ба фароғи болу ҷамъияти хотир ба таҳсил машғул тавонанд буд, умед аст, ки мӯҷиби издиёди давлату саодати дуҷаҳонӣ гардад.
Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

43

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҷаноби ақзавии аъзамиро муҳиммот аст, ки ба арзи шариф хоҳанд расонид. Илтимос он, ки иноят намуда, чунончи муқтазои макорими ахлоқу маросими ишфоқи он ҳазрат аст, эҳтимом фармоянд, ки ба кифоят анҷомад.
Тавфиқ рафиқ бод!

44

Аз лутфи ту то воситии сурхқабо
Шуд қатразан аз се румии моҳкафо.
Овард гуҳарҳои гаронмоя ба мо
Аз луҷҷаи баҳри луҷҷии ҷуду ато.

* * *

**Файёзи карам зи фазли беандоза**
Андохт зи мақдамат ба шаҳр овоза.
Шуд боғи муроди номуродон хуррам,
Шуд шохи умеди ноумедон тоза.

Чун қосиди хабар мустағнӣ аз алқоби маънӣ буд, аз тасдеъи итноб дар маъразаи ҷавоб бар ин чанд калима иқтисор афтод. Омолу амонии дуҷаҳонӣ муяссар бод!
Вассалом валикром.

45

Эй лутфи ту шодии дили ғамзадагон,
Ҷамъийяти вақти вақтбарҳамзадагон,
Мотамзадагони ин диёрему накард
Ғайр аз ту касе пурсиши мотамзадагон.

Ҳарчанд воқиъаи ҳазрати Хоҷа мусибатест оми мутасовиуннисба ба кофаи аном, шак нест, ки тафаккуди фақироне, ки ба дурӯғ ёр аст, дами ихлосе мезадаанду даъвии ихтисосе мекарда, аз муқаввалаи макорими ахлоқу тариқаи маросими ишфоқ хоҳад буд. Аҷаб ҳоле, ки то омадани ҳомили рукъа ҳеҷ офарида дар ин маънӣ лаби тафаққуде наҷунбонида ва қадами тараддуде наранҷонида, ҳақ субҳонаҳу ва таъоло мулозимони эшонро рӯз ба рӯз тавфиқи иқомати қавоъиди муруввват ва ишоъати авоъиди футувват зиёдат гардонод.

Вассалом валикром.

46

Баъд аз арзи ниёз марфӯъ он, ки хидмати Сайид Қутбиддин ба воситаи тақсире, ки дар муддати сафар дар мулозамат воқеъ шудааст, изҳори ташвиру шармандагӣ мекунанд. Илтимос он, ки иноят намуда, назари лутф аз ҳоли эшон дареғ надоранд ва ба тариқи маъҳуд ба ҳусни илтифот маҳзуз гардонанд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

47

Баъд аз рафъи ниёз марфӯъ он, ки оризае, ки дар руқъаи шариф навишта буданд, бад-он имтидоду иштидод маълуми фақирони инҷоӣ нашуда буд. Биҳамдуллаҳ, ки ба хидмат пайвастаасту ҳеҷ парешонӣ намондааст. Аҳволи инҷоӣ ба хайр гузарон асту ҳеҷ тафрақае ҷуз воқиъаи фарзанди хидмати Мавлоно Фақеҳ воқеъ нест. Бар вай зулме рафт, ки дар ин муддат бар ҳеҷ кас нарафтааст. Шояд, ки ҳомили рукъа вукуф дошта бошад, ба арз бирасонад.

Давлату саъодати дуҷаҳонӣ муяссар бод, вассалом.

48

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Сайид Халилуллоҳ ба ҷиҳати муҳимме бад-он ҷониб ташрифи ҳузур арзонӣ доштаанд. Илтимоси он медоранд, ки нисбат ба эшон ва сойири қаробатону хешон амре, ки мухолифи шариъати мутаҳҳара бошад, воқеъ нашавад.

Тавфиқ рафиқ боду саъодат зиёдат! Вассалом валикром.

49

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки маблағи бист ҳазор динори кабакӣ[21] дар ҳамин сол ба хидмати Хоҷа Нуриддин Акрам ҳавола дошта, гирифта будаанду ҷиҳоти вай ба он масруф шуда ва ҳоло маблағе дигар, ки адои он макдури вай нест, аз вай мутолаба менамоянд ва ташаддуд мекунанд ва бар хотири эшон пӯшида нахоҳад буд, ки аз сойири ин тоифа ба ахлоқи ҳамидаву афъоли писандида мумтоз аст. Агар чунончи иноят намуда, илтифот намоянд, ки вайро аз ин варта наҷоте ҳосил ояд, аз макорими ахлоқи эшон дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод!

50

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Ҳофиз Шамсиддин, ки камоли эшон дар ҳифзи Қуръон ва қироъату таҷвиди он аз он зоҳиртар аст, ки ба шарҳ эҳтиёҷ афтад, дар гунбади мақбараи Мадрасаи Бегим

мусаддари ҳиффозанд,[22] аммо дар он боб нишони ҳумоюн ҳосил накардаанд. Илтимос он, ки иноят намуда, эҳтимом фармоянд, ки парвонаи ҳумоюн содир шавад, то ҳеҷ касро музояқа намонад.

Тавфиқ рафиқ бод!

51

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Сайид Хованшоҳ парвонаи ҳумоюн ҳосил кардаанд, ки фарзанди эшонро аз Балх бад-ин ҷониб равона гардонанд ва мутаъаллиқони эшонро аслан таъарруз накунанд ва ҳамон ҷо ба зироъати худ машғул бошанд. Ва ҳоло илтимоси он доранд, ки ин парвона низ ҳосил шавад, ки ҳар чи ба новаҷҳ аз фарзанди эшон гирифтаанд, баргардонанд. Тавақкуъ он ки, агар ин парвона ҳосилшуданист, дар он боб эҳтимом намоянд ва илло эълом фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод!

52

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки фақирро бо хидмати Устод Салом ошноийи дерина аст. Ба ҷиҳати ҳазрати хилофатпаноҳӣ пӯстине дӯхтаанд, мехоҳанд, ки бигзаронанд. Илтимос он, ки иноят намуда, эҳтимом фармоянд, шояд, ки дар маҳалли қабул воқеъ шавад.

Тавфиқ рафиқ бод!

53

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлавӣ нишоне доштааст, аммо гум карда, аммо нақли дафтар[23] дорад. Илтимос он, ки иноят намуда, ишорат равад, ки имзои нишони ӯ бикунанд, ки марде фақиру оҷиз асту дер гоҳ аст, ки дар ин вилоят саргардон аст, то ба ви-



лояти худ руҷӯъ намуда, ба дуъои давлат машғул бошад.

Тавфиқ рафиқ бод!

54

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлоно Ҷалолиддин Юсуф маҳзаре мухаббар аз истеъдоду истеҳқоқ ва салоҳийяту аҳлийяти эшон, ки ба хутути акобир мувашшаъ аст, ба даст доранд ва изҳори фақру эҳтиёҷ мекунанд. Агар чунончи иноят намуда, ваҷҳе шавад, ки фориғулбол ба таҳсили улуми нофеъа машғул бошанд, муносиб ва лойиқ менамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

55

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҷаноби Мавлавӣ Мавлоно Саъид, ки дар лангари ҳазрати Амир Ғиёс мебошанд, мардуми донишманду солеҳанд. Аз маносиби шариъа ҳар чи бад-эшон муфаввaз гардад, аз ӯҳдаи он камоянбағӣ берун метавонанд омад. Ҳар имдоде, ки дар он боб воқеъ шавад, дармаҳал хоҳад буд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

56

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки Ҳамза ном шахсе бо завҷаи худ ва шахсе дигар, ки завҷаи худро ба ӯ муттаҳам доштааст, зулме бағоят шанеъ ба тақдим расондааст, чунон ки маҳзаре, ки ба дасти доранда аст, ба он гӯёст. Ва мардуми бисёр ба он чи дар он мазҳар навиштаанд, ихбор мекунанд, чунон ки дар он боб шубҳае намондааст. Агар чунончи иноят намуда, ба ғаври он

бирасанд, аз тариқи шафқат бар мусулмонон дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

57

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлоно Раъисиддин, ки фазойилу камолоти эшон чунон зоҳир аст, ки аз шарҳ мустағнист, ба он ҷониб таваҷҷӯҳ намудаанд. Шак нест, ки илтифоту эҳтимом нисбат ба эшон дар он мартаба хоҳад буд, ки бе он ки фузуливу густохии ин фақирро мадхале бошад, ба назари иноят риъоят малҳуз шаванд. Лоҷарам дар он боб итноб намеравад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом валикром.

58

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки Мавлоно Латифӣ, ки авлоди хидмати Мавлоно Лутфист, ба ҷиҳати муҳимме ба урдуи ҳумоюн ташриф хоҳад овард. Агар чунончи иноят намуда, дар кифояти муҳимми вай эҳтимом фармоянд, аз макорими ахлоқи мулозимон дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

59

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда мазлум менамояд ва тазаллуме дорад. Агар чунончи иноят намуда, исъо фармоянду ба ғаври ҳоли ӯ бирасанд, шак нест, ки сабаби мазиди давлату саъодати дуҷаҳонӣ хоҳад буд.

Тавфиқ рафиқ бод!

60

Баъд аз арзи ниёзмандиву шикастагӣ арзадошт он, ки дер гоҳ аст, ки хидмати Амир Ҳайдар ба ҷиҳати баъзе густохиҳо, ки ба воситаи ҳамсӯҳбатони бад аз вай содир



шуда буд, ба мӯҷиби фармони ҳумоюн дар ҳабс мондаасту ҳоло чунон маълум мешавад, ки ба сабаби ин риёзати изтирорӣ вақти вай софӣ гаштаву аз он кирдорҳо пушаймон шудаву аз ҳамсӯҳбатони бад нуфур ва дар садади он аст, ки чун вайро сурати истихлосе ҳосил ояд, истирзои хусум бикунад ва минбаъд дар банди хусумати ҳеҷ мусулмон набошад. Ва умедворӣ ба инояти беиллати ҳазрати парвардигорӣ чунон аст, ки вайро бар ин нияту азимат мустақим дорад ва ҳамоно, ки хидмати аморатмаобӣ низ ба ин маънӣ мулҳим шудаанд, зеро ки баъзе аз хавоси эшон аз Астаробод руқъаи мабнӣ аз майли эшон ба истихлоси вай навиштаанд. Агар чунончи иноят намуда, ишорат равад, ки вайро аз ҳабс берун оранд ва дар силки сойири бандагон инхирот ёбад, аз муқтазои авотифи подшоҳона дур наменамояд.

Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло зилли рофату сояи отифати он ҳазратро бар мафориқи оламиён поянда дорад. Би миннаҳу вуҷудаҳу, вассалом валикром.

61

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки Амир Алии Сипоҳиро гирифта, дар зиндон кардаанд ва ҷамъе мардуми мӯътамад пойбарҷой замону кафили вай мешаванд. Илтимоси он менамоянд, ки ба арзи ҳумоюн расонида, навъе созанд, ки истихлос ёбанд. Агар чунончи дар он боб саъйе ҷамил мабзул доранд, шак нест, ки масобу маъҷур бошанд.

Тавфиқ рафиқ бод!

62

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки мегӯянд қариб ба бист сол аст, ки дорандагонро ба он муттаҳам медоранд, ки дар мавзеъе чизе ёфтаанду борҳо тафаҳҳус карда-

анд, ҳеч зоҳир нашудааст. Ва ҳоло боз эшонро ба он ҷиҳат гирифтаанду музоҳамат менамоянд. Илтимос он, ки иноят намуда илтифот фармоянд, ки бар эшон ҳайфе наравад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

63

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда мегӯяд, ки писари қозии Хавоф бар вай даъво дорад. Илтимоси он медорад, ки муъомалаи эшонро қозии дигар пурсад, на падари вай. Агар чунончи илтимоси ӯро мабзул доранд, чун маҳалли тӯҳмат аст, ҳоиманд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

64

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки Мавлоно Шайх Муҳаммад ном азизест, ки дар вилояти Ғарҷистон мебошад ва мардум вайро ба салоҳу тақво таъриф мекунанду ба мутолаъаи улум машғул мебошад. Ба ҷиҳати маъунати маъош як ҷуфти гови дайма[24] зироат мекунад. Илтимоси он менамояд, ки иноят намуда ишорат равад, ки чунончи муқтазои шариъати мутаҳҳара аст, мол аз вай ба ҷинс гиранд, ки дар таҳсили зар ба вай тафрақа мерасад. Агар чунончи ишорат равад, ки мултамаси вайро мабзул доранд, шак нест, ки сармояи саъодати дунявию ухравӣ хоҳад буд.

Тавфиқ рафиқ бод!

65

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки шаби панҷшанбеи шашуми зулҳиҷҷа хидмати Шотир руқъаи шариф расониданд ва бар мазмуни вай иттилоъ афтод. Шукри бисёр ба ҷой оварда шуд, ки иттифоқи сафар наяфтода буд, ва гар на азимат баъди қазоуллоҳ оң буд, ки пеш аз моҳи зулҳиҷҷа бар ҳар ҳол, ки бошад, берун омада шавад. Аммо ба ҳасби иттифоқ чанд кас дар ҳаволӣ, ки фақирон мебошанд, мариз шуданд, чунончи аз баъзе умед мунқатеъ шуда буд, аммо, биҳамдуллоҳ, ки аксарро мараз ба сиҳҳат бадал шуду баъзе дигарро ҷонибӣ сиҳҳат ғолиб аст ва дар хотир чунон мебуд, ки баъд аз ид муяссар шавад, аммо он низ дар нофӣ шуд. Аҷзоъи «Нафаҳот» чанде навишта шуда буд, аммо муқобала наёфта буду доранда мустаъҷил буд. Умед чунон аст, ки баъд аз ин ҳақ субҳонаҳу ва таъоло тавфиқ диҳад, ки ҳарчи зудтар саранҷом ёбад..

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом валикром.

66

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки Мавлоно Алоуддини асас бар афъоли гузашта изҳори надомат мекунанд ва мегӯянд «азимати он дорам, ки дар оянда ба амсоли он қиём нанамоям» ва онро таъкид ба аймани муғаллаза мекунад. Илтимоси он медорад, ки ӯро минбаъд ба он кор таклиф накунанд ва муъоф доранд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом. .

* * *

Дигар илтимос дорам, ки баъд аз тавба аз ҷурму адои ҷурмона аз ҷаримаи ӯ даргузаранд.

67

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки Шоҳхоҷа ва Қайхусрав Мирохур ба сиёсати султонӣ расидаанд, понздаҳ фарзанд мондааст, ки аксар сағиранду мегӯянд аз асбоби маъош он чӣ будааст, баъзеро ба мӯҷиби ҳукми ҳумоюн ва баъзеро бе ҳукм гирифтаанду муҳаққар

девонӣ шавад. Илтимос он, ки чун ҷамъе сиғор дар миёнанд, иноят намудаву давлатхоҳии ҳазрати хилофатпаноҳӣ карда, эҳтимом фармоянд, ки ҳаққи эшон зоеъ нашавад ва илтифот фармоянд, ки нишони ҳумоюн ҳосил шавад, ки он мулкро ҳеҷ кас мутасарриф нашавад ва ба эшон бозгардонад, то ба маъоши худ сарф кунанд ва ба дуъои давлат машғул бошанд.

Тавфиқ рафиқ бод ва саъодат зиёдат, вассалом.

68

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки бисёр мардуми азизнакӯйии хидмати Аҳмади Дафтардор мегӯянд ва фармони ҳумоюн содир шудааст, ки ӯро банд карда ба урду баранду ҷиҳати он маълум нест. Илтимос он, ки хотири шариф ба ҷониби ӯ доранду нагзоранд, ки бе мӯҷибе тафрақае ба аҳволи ӯ роҳ ёбад. Ва чун эътимоди тамом бар макорими ахлоқи эшон ҳаст, муболаға намеравад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

69

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки баъзи шуракои карияи Қавсавия иттифоқнома навиштаанду илтимоси он медоранд, ки иноят намуда ишорат равад, ки хидмати Сайид Амирон дар он қария калонтар бошаду нагзорад, ки дар миёни шурако зулму таъаддӣ равад ва агар аз золимону аввонон ҳайфе мутаваҷҷеҳ шавад, дафъ кунад.

Тавфиқ рафиқ бод!

70

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҳусни маъоши Хоҷа Маҷдиддин Муҳаммад нисбат ба раъоё бар хидмати Шумо зоҳир хоҳад буд ва чунин истимоъ афтод, ки дар ҳини вахшате, ки мардуми шаҳрро бо девониён бинобар



таклифоте, ки мутаҳаммил набудааст, воқеъ шуда, баъзе мардум шукргузории ӯ мекардаанд. Агар чунончи иноят фармуда, навъе созанд, ки ӯро дар умури девонӣ филҷумла мадхале бошад, ки аз мазлуме дафъи зулме тавонад кард, аз макорими ахлоқи эшон дур наменамояд..

Тавфиқ рафиқ бод!

71

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки Қанбаралӣ ном шахсест дар байни даллолон, ки бисёре аз тоҷирони мақбулулқавл ба шарорату баднафсии ӯ ихбор кардаанду ин фақир низ аз баъзе тӯҳматҳо, ки дар ҳаққи мусулмонон кардааст, вуқуф дорад. Ва ба таҷдид аз вай дар ҳаққи доранда, чунон ки ба арз хоҳад расид, мегӯянд амре воқеъ шудааст, ки муштамил аст бар анвоъи ношойист. Илтимос он, ки холисан ли ваҷҳиллоҳи ва истидомати ли давлати-л-ҳазрати-с-султоният, аъзаллоҳу таъоло,[25] навъе созанд, ки дасти вай аз мусулмонон кӯтоҳ шаваду аз шарри вай эмин шаванд.

Тавфиқ рафиқ бод ва саъодат зиёдат!

72

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлоно Бурҳониддин ва Мавлоно Ҷалолиддин Маҳмуд мардуми фақиру ғарибу солеҳанд ва ба таҳсил машғул. Агар чунончи иноят намуда ваҷҳе шавад, ки мояҳтоҷи зарурии эшонро аз авқоф ба эшон бирасонанд, аз қоъидаи шафқату марҳамат дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом валикром.

73

Баъд аз рафъи ниёз маъруз он, ки дар понздаҳуми моҳи рабеъулохир ба ҷиҳати истидъои ҳазрати Хоҷа ба ҷониби Тошканд таваҷҷӯҳ воқеъ шуд. Ҳамаи ёрон

дар замони сиҳҳату саломатанд, умед аст, ки анқариб мурочаъат воқеъ шавад. Маъзур доранд, ки ин китобат бар пушти асп воқеъ шудааст.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом, ал-фақир Абдурраҳмон ал-Ҷомӣ.

74

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда, ки марде фақир менамояд, маслаҳате ба самъи шариф хоҳад расонид. Агар чунончи илтифот намуда, имдод фармоянд, аз макорими ахлоқи эшон дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

75

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда тазаллуме дорад. Илтимос он, ки иноят намуда, илтифот намоянд ва ба ғаври ҳоли ӯ бирасанд ва эҳтимом фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

76

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки Дарвешмуҳаммади Қафшдӯзро ба қаллобӣ гирифта, муддатест, ки ҳабс кардаанд. Заъифае дораду тифле сағир ва дойиман дар мақоми тазарруъу тазаллуманд. Агар иноят намуда, ваҷҳе шавад, ки ӯро аз он кор тавба диҳанду ба он тифли сағир бахшида озод кунанд, умедворӣ чунин аст, ки сабаби издиёди давлату саъодати дуҷаҳонӣ бошад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

77

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҷаноби аморатмаоб Амир Музаффар бар хидмати Мирақӣ ғазабе фармудаанду вай маҳзаре, ки далолат бар ҳусни муъомалаву маъ-



оши ӯ мекунад ва хутути бисёре аз мардуми Куҳистон бар ин ҷониб фиристода. Мултамас он, ки иноят фармуда, ваҷҳе шавад, ки бе ваҷҳ бар вай ҳайфу таъаддӣ наравад.

Тавфиқ рафиқ бод!

78

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки музореъони Басокӯҳ тазаллум менамоянд, ки корезҳои эшон хушк шудаасту дар маҳсулоти эшон нуқсони бисёр воқеъ шудааст. Илтимос он, ки инояти илтифоти хотири шариф аз ҳоли эшон дареғ надоранд ва тафаҳҳус фармуда, нагзоранд, ки бар эшон ҳайфе равад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

79

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки заъифае чанд дарди дилу тазаллум мекунанд, ки хотуни Амир Халили Ҷорчиро нӯкарони хидмати Амир Музаффар гирифтаанд. Илтимос он, ки чун Амир Халил ба даст аст, иноят намуда ваҷҳе созанд, ки он заъифа халос шавад, ки гирифтану нигоҳ доштани ӯ муносиб наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод!

80

Баъд аз арзи ниёзу ифтиқор маъруз он, ки хидмати Девонаи Ҳушёр ва Устоди Бекалла илтимоси он доранд, ки эшонро ба калонтарони он қасаба, ки ҳаллу ақди умур ба дасти эшон аст ва дар қиёмат аз ростиву ҷоростӣ дар он машғул хоҳанд шуд, суфориш равад, ки бо эшон ба муҷиби ростӣ амал намоянд ва бар эшон таъаддӣ наравад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

* * *

Агар чунончи иноят намуда, хидмати Мавлоно Ҷамолиддин, заяда тавфиқаҳу, дар ин маънӣ эҳтимом фармоянд, аз макорими ахлоқи эшон дур наменамояд.

81

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки дар ин муддат, ки хидмати Хоҷа Қамолиддин Музаффар ва Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад ба девон нишастаанд, аз мардуми бисёр шукргузории эшон истимоъ афтодааст ва дар ҷониби риъояти ҷониби раъоё будаанд. Илтимос он, ки иноят фармуда, ҷониби эшонро риъоят намоянд. Ва агар хилофи воқеъӣ ба арзи ҳумоюн расонида бошанд, тадорук фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод!

82

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҳоли маходими вилояти Ҷом ба камоли ихтилол расидааст. Чунон ки маълуми эшон низ хоҳад буд ва ҳамоно, ки дар ин вало расад, лашкар ба он вилоят расонидаанду эшонро қатъан иститоъати он нест ва порина ҳамин сурат воқеъ буда, ба арзи ҳумоюн расонида будаанду эшонро муъоф доштa. Имсол низ умедвории тамом доранд. Илтимос он, ки иноят намуда, дар он боб илтифот намоянд ва эҳтимом фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом валикром.

83

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки аз мардуми азиз чунин истимоъ афтодааст, ки хидмати Амир Алоуддин Алии Ғурӣ ба ахлоқи ҳамида мавсуфанду ба авсофи



писандида маъруф ва лутфу инъоми эшон бо ояндаву равандаи вилояти Ғарҷистон ом. Илтимос он, ки чун ба дастбӯси шариф мушарраф шаванд, инояту илтифот аз ҳоли эшон дареғ надоранд. Ва агар соҳибғаразе нисбат ба эшон сухане гуфта бошад ё гӯяд, тариқи эҳтиётро маръӣ доранд, ки бе мӯҷибе беъирзӣ бо эшон лоҳиқ нашавад, ки амсоли ин мардум дар ин рӯзгор нодир мебошад ва риъояти ҷониби эшон мӯҷиби маъмурии вилоятӣ мегардад.

Давлату саъодат зиёдат ва инояту тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

84

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлоно Дарвешалиро дар Шибирғон волидаву хешон ҳастанд. Ба нияти силлаи раҳм азимати он ҷониб карда, ба шарафи мулозимат хоҳад расид. Илтимос он, ки дар маслаҳате, ки ба мулозимон руҷӯъ намояд, илтифот намояндy эҳтимом фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

85

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки дар он рӯз, ки фармони ҳумоюн ба номи Миракии Самарқандӣ расид, тафаҳҳус карда шуд. Понздаҳ рӯз буд, ки вай аз шаҳр сафар карда буд ва чунин гуфтанд, ки волида ҳамроҳ доштаву ба ҷониби қибла мутаваҷҷеҳ буда ва ин фақир азимати Самарқанд ҷазм кардаву таваққуф ба он ҷиҳат воқеъ аст, ки як-ду уштур аз касе гирифта шудаасту вай ба талаби шутур рафтаву ҳанӯз наёмада. Иншоаллоҳи таъоло, чун биёяд, таваққуфе воқеъ нахоҳад шуд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

86

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҷамоъати қассобон тазаллуме доранд, ки ба самъи шариф хоҳанд расонид. Агар чунончи иноят намуда, бағаври ҳоли эшон бирасанд ва нагзоранд, ки бар эшон тағаллубе равад, шак нест, ки сабаби мазиди давлату саъодати дуъҷаҳонӣ хоҳад буд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

87

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки азизе дигар Мавлоно Шаҳобиддин Исмоъил ном аз ҷониби Табрез ташриф овардаанд ба азимати таҳсил. Мехостанд, ки ба ҷиҳати вазифае, ки аз авқоф муқаррар шавад, ба он ҷониб бирасанд, аммо заъфе доштанд. Агар чунончи иноят намуда, ба ҷиҳати вай низ чизе таъйин фармоянд, дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

88

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлавӣ фақиру ғариб аст ва ба таҳсил машғул. Агар чунончи аз авқоф муҳаққар вазифае, ки маъош тавонад гузаронид, таъйин ёбад, дармаҳал менамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

89

Маъруз он, ки Ҷӯйи Мазорро ба ҷиҳати devори доруннаъими Неъматобод,[26] ло зола маъмуран ило явмиттанод, микдоре болотар мебойист бурд. Хидмати Хоҷа Қутбиддин Товус карам намуда, эҳтимоми бисёр фармуданд ва ҷӯйро аз болои Боғи Назаргоҳ гузаронидаанд,



бар ваҷҳе ки об бисёр хуб, балки бисёру хуб меояд ва фақирони мазор бисёр аз он миннатдор шуданд ва ҳоло муддатест, ки ба ҷӯе, ки мавъуд буд, ба ҷидду ҷаҳди тамом машғуланд ва як бор ба баъзе мамарҳои он ҷӯй расида шуд. Осори чаҳор ҷӯй, ки дар айёми собиқ мекандаанд, зоҳир аст, аммо ҳеҷ як ба ниҳоят нарасида ва ҷӯе, ки ҳоло канда мешавад, агарчи аз ҳама болотар асту мушкилтар менамояд, аммо умед чунон аст, ки ба ҳусни эҳтимоми хоҷаи мушорилайҳ, балки ба юмни илтифоти аркони давлат анқариб бар мӯҷиби дилхоҳ ҷорӣ гардад. Ҳосил он, ки дар кандани Ҷӯйи Мазор эҳтимоми тамом намуданд ва фуқарои мазорро дастраси шукргузории он нест. Онро билкуллия ба лутфу инояти мулозимон бозмегузоранд.

Чун ато аз туст, шукраш ҳам ту гӯйӣ.

Вассалом.

90

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки осеёби қарияи Ғашша, он чи мулки шуракои он буда, аксари он таъаллуқ ба фуқарои Сари Мазор гирифта. Илтимос он, ки он чи расади он осиёб мешавад аз лашкар ва ғайра, ба он ҷамоъат ҳавола надоранд ва бори фақиронро бар гардани эшон наниҳанд ва агар чизе зарурат афтад ҳам, ба ин фақирон руҷӯъ кунанд. Умед аст, ки ҳазрати ҳақ субҳонаҳу ва таъоло саҳл гардонад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

91

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки заъифаи дорандаро дар вақти ғорати Бадахшон лашкариёни Амир Музайяд асир карда бурдаанду ҳоло халос ёфтааст, аммо фарзанди вай ҳамчунон гирифтор аст. Илтимос, иноят намуда, ваҷҳе шавад, ки фарзанди вай низ ҳалос шавад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

92

Бисоти заркаши шоҳӣ чи нақшҳо дорад,
Тани бараҳнаи мо нақши бӯре дорад.
Бикаш зи натъи амал по, к-аз ин амал Исо
Зи гирдболиши хуршед муттако дорад.
Ба дасти роҳати иқболи даҳр ғарра машав,
Қи захми силии ӯ бор дар қафо дорад.
Касе, ки бар маҳаки ҳимматаш бувад зару мис
Ба як нӣр, чӣ ҳоҷат ба кимиё дорад?!
Ба санг сар неҳу осуда зӣ зи дарди саре,
Ки баҳри тоҷгарон санг подшо дорад.
Ҳузури дил, ки шаҳ аз мулку мол ҷусту наёфт,
Ба кунҷи мастаба бе ҷустуҷӯ гадо дорад.
Ба мушти по зада Ҷомӣ ду кавнрову ҳанӯз
Зи фақр чашми хиҷолат ба пушти по дорад.

93

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки мегӯянд Бадриддинро ба иллати самарқандигарӣ гирифтаанду ҷамоъате муътамади замони вай мешаванд. Аз хидмати шумо илтимоси он медоранд, ки иноят намуда, дар истихлоси вай эҳтимом фармоянд ва илтифот дареғ надоранд.

Тавфиқ рафиқ бод!

94

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда Паҳлавон Шамс пештар асас мебудаву ҳоло қабоҳати он шуғл бар вай зоҳир шуда, тарки он карда. Илтимос он, ки иноят намуда, ишорат равад, ки ҳеҷ кас ӯро ба он таклиф накунад, то ба фароғи бол ба касбе ҳалол, ки маъоши ӯ ба он гузарад, машғул бошад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.



95

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки Мавлоно Ҳусайни Нишопуриро бо вуҷуди фақру эҳтиёҷи тамом маразе воқеъ будааст. Чунин мегӯянд, ки ваъда рафта будааст, ки ӯро аз хонақоҳи Мирзо маблағи ду ашрафӣ бидиҳанд. Агар чунончи фақру эҳтиёҷи ӯро мулоҳаза фармуда, ваъда вафо шавад, дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод!

96

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Биккабегим аз вилояти Фароҳ руқъае навишта буданду аз хидмати шумо илтимоси иноят ва риъоят карда. Агар чунончи мултамаси эшонро мабзул доранд, аз умуми лутфу рафъат ва камоли шавқату отифат дур наменамоянд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом валикром.

97

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда бар он шахс, ки муттаҳам аст, ки домоди ӯро куштааст, як гувоҳ гузаронидаасту ҳоло мехоҳад, ки гувоҳи дигар гузаронад. Мегӯяд, ки ҷамъе ба ҳимояти он шахс ба дорулқазо ҳозир мешаванду гувоҳонро таҳдид медиҳанд. Илтимос он, ки иноят намуда, нагзоранд, ки касе ҳимоят кунад, то муъомалаи эшон ба мӯҷиби шариъат ба қатъ расад.

Тавфиқ рафиқ бод!

98

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки чунин истимоъ афтод, ки баъзе мардум нисбат ба хидмати Мавлоно Сонеъӣ суханон мегӯянд. Илтимос он, ки хотири шариф

ба ҷониби ӯ доранду агар сабабе муҷаддад воқеъ нашуда бошад, аҳволи гузаштаро сабаб насозанд, ки он амре буд ому хусусият ба ҳеҷ кас надошт.
Тавфиқ рафиқ бод!

99

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлоно Шайх Муҳаммад ва Мавлоно Саъид мардуми фақиру ғарибанд ва ба нияти таҳсил омадаанду аз ҷиҳати маъош эҳтиёҷи тамом доранд. Агар чунончи иноят намуда, ваҷҳе шавад, ки эшонро садди ҷӯъӣ аз авқоф муяссар гардад, бисёр дармаҳал менамояд.
Тавфиқ рафиқ бод!

100

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлоно Шайх Абӯсаъиди Муҷаллад ҷилде «Зафарнома» сохта будаанду аз он чи муқаррар шуда буда, чизе боқӣ мондааст. Илтимоси он медоранд, ки иноят намуда, илтифот фармоянд, ки он бақийя восил шавад, ки эҳтиёҷи тамом доранд.
Вассалом.

101

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда марде фақир асту аз меҳтар Аҳмади Рикобдор ҳаммоме ба иҷорат гирифта будааст яксола ва бадали иҷорат расонида ва ҳоло аз муддати иҷорати вай як моҳ гузаштаву доранда мегӯяд, ки бад-он маблағ, ки ба иҷорат гирифта будам, зиён мекунад. Меҳтари мазкур на аз бадали иҷорат чизе кам мекунаду на ҳаммомро аз ӯ мегирад ва вайро таклиф мекунад, ки бадали иҷоратро ба ҳамон маблағ ҷавоб гӯй. Илтимос он, ки иноят намуда илти-



фот фармоянд, ки ин фақир аз тағаллуби вай халос ёбад.
Тавфиқ рафиқ бод!

102

Баъд аз рафъи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлоно Қосим ва Мавлоно Нуруллоҳ мардуми фақиру солеҳу ғарибанд ва аз навоҳии Ҳамадон ба қасди таҳсил ба ин ҷониб омада. Агар чунончи иноят намуда, ваҷҳе шавад ки аз авқоф он чӣ мояҳтоҷи зарурии эшон бошад, ба эшон бирасад ва ба фароғи бол ба таҳсил машғул бошанд, бисёр дармаҳал менамояд.
Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

103

Баъд аз рафъи ниёз марфӯъ он, ки хабар чунон расид, ки хидмати эшонро филҷумла дарди пое будааст, аммо, биҳамдуллаҳ, ки дар ақаби он муждаи сиҳҳат низ доданд. Ин фақирро низ бо эшон дар ин маънӣ мувофақате воқеъ аст.

Ваҳ, ки боз аз дарди зону монд барҷо пои ман,
То чӣ хоҳад кард бо ман дарди побарҷои ман?!

Сиҳҳату саломат мустадом бод!
Вассалом валикром.

104

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки дорандаи руқъаи ихлос пеш аз ин дар бозор асп харидуфурӯхт мекард ва бад-он сабаб тафрақаҳо кашидаву мекашад. Ва ҳоло мегӯяд «тарки ин кор кардаам». Илтимос он, ки бо вуҷуди он ки дар ин кор маҳзуре шаръӣ нест, ки бад-он муаххаз бояд шуд, тарки он гуфтааст, илтифоти хотири

шариф бад-он масруф гардонанд, ки минбаъд бад-он сабаб музоҳими ӯ нашаванд.
Тавфиқ рафиқ бод!

105

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки заъифаи доранда арзадоште дорад; мехоҳад, ки ба арзи шариф бирасонад. Агар чунончи иноят намуда, исғо фармоянд ва ба ғаври он бирасанд, аз макорими ахлоқи эшон дур наменамояд.
Тавфиқ рафиқ бод!
Вассалом валикром.

106

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки Бобоҳоҷии Идгоҳӣ мегӯяд, ки оби Идгоҳ ба дастури собиқ намедиҳанд. Илтимоси он медорад, ки ишорат равад, ки бар дарахтони Идгоҳ ҳайфе наравад.
Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

107

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Махдумӣ Мавлоно мардуми донишманду азизанд. Қазияе доранд, ки ба самъи шариф хоҳанд расонид. Илтимос он, ки ба ғаври ҳоли эшон расида, навъе созанд, ки бар эшон ҳайфе наравад.
Тавфиқ рафиқ бод!

108

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлонозодаи Шаҳрисабзӣ ва Мавлоно Абӯюсуф мардуми донишманду азиз ва пиру фақиранд ва аз ҳеҷ ҷо мадхале надоранду ба андак чизе қонеъанд. Агар чунончи ино-





*Саҳаргоҳон, ки аз боди сабо бӯи баҳорон зад,*
*Ба гулгашти чаман булбул салои майгусорон зад.*

ят фармуда, эҳтимом фармоянд, ки аз авқоф муҳаққар чизе барои эшон таъйин ёбад, аз макорими ахлоқи эшон дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод!

109

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҳамоно доранда Амир Муҳаммади Борак, ки дар силки мулозимон инхирот дошта, бе иҷозат ба ин ҷониб омада буда ва нисбат ба вай ҳукми сиёсате воқеъ шуда буда, аз ин фақир истидъои шафоъате намуд. Ин фақир ӯро аз хидмати Хоҷа Сайид Аҳмад шафоъат карда, нагузошт, ки ӯро ба сиёсат расонад ва ҳоло ӯро ба он ҷониб равон гардонида, илтимос меравад, ки ӯро ба дастури собиқ дар силки мулозимон роҳ диҳанд ва ҷаримае, ки содир шуда, афв фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

110

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки дорандаро фарзанде будаву ба шахсе никоҳ карда, аммо ҳанӯз дар хонаи падар буда. Шахсе дигар, ки ба шарорат мавсуф аст, даъво карда, ки **«фарзанди туро ман никоҳ кардаам»** ва гувоҳон гузаронида, аммо замони никоҳи ӯ мутааххир аст. Фатвои аимаи ислом ҳосил кардааст, ки никоҳи шахси дуввум эътибор надорад. Аммо мегӯяд, ки ӯ бағоят сафеҳ аст ва таҳдид медиҳаду изо мекунад. Илтимос он, ки иноят намуда, ваҷҳе созанд, ки шарри ӯ аз сари ин мусулмон ва фарзанди вай дафъ шавад.

Тавфиқ рафиқ бод!

111

Хоҷаи куммал Убайдуллаҳ, ки нафси поки ӯ
Чун хитоби арҷаъӣ аз мавтини аслӣ шунид.

Дар шаби салхи маҳи фавти набӣ ҳамчун набӣ
Назди шоҳи муқтадир дар мақъади сидқ орамид.
Чун шаҳиди ишқу мақтули фанофиллоҳ буд,
Ёфт сарф соли таърихаш зи «мақтули шаҳид».

112

Саломе карда аз «син» тез дандон,
Кушода уқдаҳо аз риштаи ҷон.
Саломе аз каманди турраи «лом»
Дили соҳибдилон оварда дар дом.
Саломе хуштар аз фирдавси аъло,
«Алиф» дар вай кашида қад чу тӯбо.
Ба зери он «алиф» аз чашмаи «мим»
Аён дар пойи тӯбо айни тасним.

тӯҳфаи суҳбати шариф ва ҳадяи маҷлиси маниф гашта, маъруз он, ки чун хидмати Атоуллоҳро шавқи рикоббӯсӣ инонгир шуда буд, худро бар фитроки ӯ бастан воҷиб намуд. Лоҷарам, ин руқъаи масҳуби рисолае, ки ба таҷдид ба таҳрир пайваста буд, ба ҳузур фиристода шуд. Агар маслаҳат донанд, ба арзи ҳумоюн бирасонанд ва илло,

Ҳар чи на макбули дили поки туст,
Боядаш аз лавҳи баён пок шуст!

Давлати ъоҷил мафзӣ ба саъодати оҷил бар ваҷҳи акмал муяссар боду муҳассал!
Вассалом.

113

Дӣ пайки хуҷастапай аз он мояи ноз
Овард ба сӯйи ман яке номаи роз.
Ҳарчанд расонамаш ба поён з-оғоз,
Азбаски хуш оядам, зи сар гирам боз.



Номаи мушкинтароз, ки аз рашҳаи хомаи мискиннавоз бар маҳҷурони ҷароҳатрасида коғазе буд дар ӯ марҳами роҳат печида, дар аъзи авқот чун алзи аҳвот ба қаҳтиёни хушксоли фироқ ва безодони бодияи иштиёқ расид.

Дил аз ӯ кому бадан қуввату ҷон қут гирифт.

Изъофи алтофу аътофе, ки аз мазмуни он мафҳум гашт, ниёзмандиву шикастагӣ ва шавқу дилбастагӣ марфӯъ мегардад, тафрақае ҷуз дурии суриву муфорақати зарурӣ воқеъ нест. Умедворӣ чунон аст, ки он низ ба зудӣ муртафеъ шавад.

Айёму соъот ба иктисоби саъодот масруф бод ва айни оҳоту офот аз соҳати муродот макфуф!

Вассалом.

114

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҷамоъати ғарибзодагон тазаллуме доранд, ки бар эшон таъаддӣ меравад. Илтимос он, ки иноят намуда, ба ғаври эшон бирасанд ва нагзоранд, ки бар эшон таъаддӣ равад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

115

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати дарвешон, ки аз фарқ то қадами эшон осори фақр зоҳир аст, ба хидмат хоҳанд расид. Илтимос он, ки назари иноят ба ҷониби эшон доранд ва дар маслаҳате, ки руҷӯъ кунанд, эҳтимом фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

116

Чи нома-ст ин, ки гӯӣ «мим»-и ӯ «фо»-ст,
Яқин, к-аз хилъат ӯро ҳаззи авфост!

Ба нофи нофа з-он рӯ мушк бошад,
Ки рӯзе чанд бо ӯ мушк бошад.

Лиллаҳулҳамд валминнаҳу,[27] ки ароҷифе, ки бо ҳавои мухолифон мувофиқ бувад, муртафеъ шуда, акозибе, ки бо муроди мувофиқон мухолиф менамуд, мундафеъ гашт. Лоязол аҳволи эшон аз мӯҷиботи тафрақа масъун боду авқот ба асбоби ҷамъийят макрун!
Вассалом валикром.

117

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда заъифаест фақира, аз дасти шахсе шикояте дорад ва чунон ки худ мегӯяд, ҳақ ба ҷониби ӯ менамояд. Илтимос он, ки иноят намуда, ишорат фармоянд, ки муъомалаи эшон бар ваҷҳе, ки ҳайфе воқеъ нашавад, пурсида гардад.
Тавфиқ рафиқ бод!

118

Бинмуд абре зи ҷониби дашту бирафт,
Бар ташналабон зи дур бигзашту бирафт.
Баргашт умеди мо, ҷигарсӯхтагон,
Норехта нам зи роҳ баргашту бирафт.

Ҳарчанд умеди ноумедон ба ҳусул нарасиду муроди номуродон ба вусул наянҷомид, умед ҳаст, ки ҳар чи маслаҳати диниву дунявии ходимони он остона ба он манут бошад ва саъодати суриву маънавии мулозимони он давлатхона бад-он марбут, бар ваҷҳи аҷмалу тариқи акмал муяссар гардад.
Вассалом валикром.

119

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки дар сафари муборак аз хидмати Хоҷа Шамсиддин Алӣ ахлоқи ҳамида мушоҳада афтод. Ба ҷиҳати ҷузве муҳимме, ки зоҳиран маслаҳати мусулмонон дар он менамояд, ба саъодати заминбӯсӣ мушарраф хоҳад шуд. Илтимос он, ки дар кифояти он муҳим илтифот намоянду эҳтимом фармоянд.
Тавфиқ рафиқ бод, вассалом валикром.

120

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки Дарвеш Абдулкарим, ки ходиму ходимзодаи мазори мутабаррики ҳазрати Хоҷа аст, қаддаса сирруҳу ва салоҳияти тамом дораду ба таҳсили улум машғул аст, назре, ки дар поёни пои марқади мутаҳҳари он ҳазрат медодаанд, ба тариқи ирс таъаллуқ ба эшон медорад ва дар он боб навиштаи мулозимон низ дорад ва дар ин вало шахсе музоҳим мешавад. Илтимос он, ки иноят намуда, дафъи музоҳамати он шахс бикунанд, то ба фароғи хотир ба таҳсилу дуъогӯйӣ машғул тавонанд буд.
Тавфиқ рафиқ бод!

121

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҷаноби саёдатмаобии ниқобатинтисобӣ ба урдуи ҳумоюн ташриф оварда, ба шарафи мулоқот мушарраф хоҳанд шуд. Шак нест, ки нисбат ба эшон чандон илтифоту эҳтимом хоҳад буд, ки эҳтиёҷ ба фузулии ин фақир набошад. Аммо бинобар фармудаи эшон илтимос меравад, ки ба арз расонанд, эҳтимом намоянд.
Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

122

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Хоҷа Ғиёсиддин азимати урдуи ҳумоюн карда, ба шарафи мулозамат мушарраф хоҳанд шуд. Илтимос он, ки илтифоти

хотири хатир аз ҷониби ӯ дареғ надоранд ва дар маслаҳате, ки руҷӯъ ба мулозимон намояд, эҳтимом фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

123

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати соҳиои аъзам Хоҷа Шамсиддин Муҳаммади Гаршосф ба ҷиҳати нишони салотини Гелон, ки мавҷуд будааст, интизори бисёр бурданду мебаранд. Ва чун истимолати он хонаводаи қадим бисёр муносиб менамояд, агар чунончи иноят намуда, эҳтимом фармоянд, ки он ваъда ба вафо анҷомаду хоҷаи мушорилайҳ зудтар ба он ҷониб мутаваҷҷеҳ шаванд, аз маросими ишфоқу макорими ахлоқ мустабъид наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

124

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати сайидзода нишони салотини собиқ дорад, ки обову аҷдоди эшон аз мосивои молу лашкар муъоф мебудаанд. Илтимос он, ки иноят намуда ваҷҳе шавад, ки он нишон ба имзо расад, то ба фароғи бол ба вазифаи дуъогӯйиву хайрхоҳӣ қиём тавонад намуд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

125

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҷаноби мавлавии аъзамӣ, идомуллоҳа таъоло фазоилуху,[28] ба ҷиҳати маслаҳате, ки ба самъи шариф хоҳанд расонид, ба урдуи ҳумоюн таваҷҷӯҳ намудаанд. Илтимос он, ки иноят намуда, ба ҳар ваҷҳ, ки маслаҳат донанд, дар имдоду



иъонати эшон эҳтимом фармоянд ва таҷвизи он накунанд, ки нисбат ба эшон амре, ки хилофи шариъати мутаҳҳара бошад, воқеъ шавад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

126

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Ширинбек ва Шайх Дарвеш, ки дорандагони рукъаи ихлосанд, аз махсусони хидмати Мавлоноанд ва ҳамроҳи эшон бо кӯч ба ҳам азимати сафари муборак доштаанду ҳоло ба ҷиҳати адами иститоъат дар Хуросон мондаанд. На иститоъати он сафар доранду на қуввати мурољаъат. Илтимос он, ки иноят намуда, илтифоти хотири шариф аз ҳоли эшон дареғ нафармоянд; бошад, ки ба ватан мурољиъат тавонанд намуд.

Тавфиқ рафиқ бод!

127

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати мавлазода, ки ба анвоъи фазойилу камолот оростаанд, дер гоҳест, ки эшонро ба ин фақир илтифоти хотире ҳаст. Ҳоло азимати урдуи ҳумоюн карда, ба шарафи мулозамат хоҳанд расид. Илтимос он, ки иноят намуда, назари лутфу риъоят аз ҳоли эшон дареғ надоранд ва дар маслаҳате, ки руҷӯъ ба мулозимон намоянд, эҳтимом фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

128

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати мавлоновии аъзамӣ Мавлоно Нурбахшӣ, ки бар аҳлийяту истеҳқоқи худ мансаби эҳтисоби вилояти Тунро маҳзаре

тавилулзайл, ки ба алқобу асомии акобиру асоғири он вилоят мувашшаҳ аст, ба даст доранду руқъаи қозии он ҷо низ дар он боб ҳосил кардаанд. Ба урдуи ҳумоюн таваҷҷӯҳ намуда, ба шарафи дастбӯс мушарраф хоҳанд шуд. Илтимос он, ки иноят намуда, илтифоти шариф аз ҳоли эшон дареғ надоранд ва чун дар он муҳимм ба мулозимон руҷӯъ намояд, эҳтимоми тамом мабзул фармоянд.

Тавфиқ рафиқ боду саъодат зиёдат!

Вассалом.

129

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки муддати ҳабсу қайди хидмати Сайид Насруллоҳи Қасканӣ имтидоди тамом ёфт. Ҳарчанд ҷаримаи эшон азим буда бошад, агар ҷунончи иноят намуда, шарафи насаби эшонро мулоҳаза фармоянду хотири шариф ба он маънӣ гуморанд, ки эшонро сурати истихлосе ҳосил шавад, аз макорими ахлоқу маросими ишфоқ мустабъид наменамояд.

Тавфиқ рафиқ боду саъодат зиёдат!

Вассалом.

130

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати мавлонозода, ки рофеъи руқъаи ихлосанд, аз авқоф муҳаққар вазифае доштаву ҳоло онро барбастаанд ва мегӯянд, ки моро аз ҳеҷ ҷиҳат мадхале, ки маош гузарад, нест. Илтимос он, ки иноят намуда, илтифот аз ҳоли эшон дареғ надоранд ва дар муҳимме, ки руҷӯъ намоянд, чун ба вафқи маслаҳат бошад, эҳтимом фармоянд.

Тавфиқ рафиқ боду саъодат зиёдат!

Вассалом.



131

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати мавлавӣ мардуми азизанду истеҳқоқи тамом доранд. Ҷаноби садоратмаобӣ эшонро бар авқоф муҳаққар вазифае навиштааст. Илтимос он, ки иноят намуда, эҳтимом фармоянд, ки он муҳаққар ба эшон бирасад, ки бисёр дармаҳал хоҳад буд.

Тавфиқ рафиқ бод!

132

Баъд аз рафъи ниёз маъруз он, ки чун руқъаи шариф мабнӣ аз расидани маходим дар кунфи сиҳҳату саломат ба мақоми маълум расид, мӯҷиби беҳҷату сурури факирон гашт. Умед аст, ки бар ваҷҳи аҳсану тариқи айман муроҷаъат низ, ки аҳамми матолибу атамми маориб аст, муяссар гардад ва он беҳҷату сурур музоъиф шавад, би миннаҳу вуҷудаҳу. Давлати диниву дунявӣ ва саъодати суриву маънавӣ муҳассал бод!

Вассалом валикром.

133

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Шайх Хатиб ба он ҷониб мутаваҷҷеҳ буданд, ба ин чанд калима густохӣ карда шуд ва чун муҳимми эшон маълуми мулозимон аст, дар он шурӯъ намеравад.

Тавфиқ рафиқ бод!

Вассалом валикром.

134

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати махдумии аъзамӣ, идомуллоҳи фазоилуҳу само Муҳаммадан, чун аз сафари маълум расидаанд, ҳеҷ чиз ҳамроҳ надошта-

анд, ҳама талаф шудааст. Чунон ки маълуми эшон хоҳад буд, илтимос он, ки ба арзи ҳазрати хилофатпаноҳӣ, идомуллоҳу таъоло зулола ҷалолаҳу,[29] расонида, навъе созанд, ки эшонро дар хидмату тарбияти махдумзодаи оламиён, анбатуллоҳу наботан ҳасанан,[30] бигзоранду аз сафари маъҳуд муъоф доранд, то ба дуъои давлат фориғулбол машғул бошанд.

Давлату саъодати мустадом.

Вассалом валикром.

135

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки мусҳафи шариф, ки ҳазрати салтанатшиъории хилофатпаноҳӣ тӯҳфаи равзаи шарифаи ҳазрати расолат, салаллоҳи алайҳу ва саллам, сохта, фиристода буданд, аз дасти Худойқулӣ дар навоҳии турбати муқаддасаи Ҷом расид ва фараҳу сурури тамом ба хотири фақирон расонид.

Ҳазрати ҳақ субҳонаҳу он ҳазратро аз ҳар чи набояд, нигоҳ дорад ва аз ҳар чи нашояд, дар паноҳ.

Вассалом.

136

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Хоҷа Абдураҳмон, ки ба шарафи мулоқот мушарраф хоҳанд шуд, мардуми солеҳ ба салоҳи нафсу ҳусни маъоши эшон гувоҳӣ медиҳанд. Илтимос он, ки иноят намуда, илтифот аз ҳоли эшон дареғ надоранд ва дар маслаҳате, ки ба мулозимон руҷӯъ намоянд, эҳтимом фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

137

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки Хоҷа Фахриддин мегӯяд, ки падари ӯро ба мадади номбардор[31] навиштаанду ӯ муддати ду моҳест, ки ба сафар рафтааст, бо



он ки истеъдоду иститоъати он ҳам надорад. Илтимос он, ки тафаҳҳус фармуда, навъе шавад, ки бар вай ҳайфе наравад.

Тавфиқ рафиқ бод!

138

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Амир Вайсро ба ҷиҳати он, ки ба ҷаримае муттаҳам шуда, маҳбус доштаанд. Чанд рӯз аст, ки мутаъаллиқони ӯ тазаллум мекунанд, ки ҳоли ӯ ба изтирор анҷомидааст. Агар чунончи медонанд, ки ҷаримаи ӯ қобили афв аст, иноят намуда, илтифот фармоянд, ки ӯро сурати истихлосе ҳосил шавад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

139

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати сайидзода, ки рофеъи руқъаи ихлосанд, ба таҳсил машғул мебошанду бисёр мустаҳаққу мӯҳтоҷанд ва аз авқоф муҳаққар вазифае медоштаанду аз тағаллуби мубоширони авқоф намерасад. Илтимос он, ки нисбати саёдату эҳтиёҷу истеҳқоқи эшонро мулоҳаза фармуда, навъе созанд, ки муфзиюлватар аз ин сафар муроҷаъат намоянду ба дуъои давлат ба фароғи бол иштиғол фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод!

140

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки махдумзодагонро доъия чунон аст, ки баъд аз ид муроҷаъат намоянд. Илтимос он, ки иноят намуда илтифот фармоянду иҷозати рафтани эшон ҳосил кунанд.

Тавфиқ рафиқ бод!

141

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати саёдатмаобӣ нишоне ҳосил карда будаанд, ки мояҳтоҷи эшонро аз авқофи Мадрасаи Тумон-оғо, ки дар қасабаи Қавсавия аст, бидиҳанд. Он нишон ғойиб шудаасту мутаваллиён дар он боб таъаллул менамоянд. Илтимоси он медоранд, ки иноят намуда эҳтимом воқеъ шавад, ки онро бадале ҳосил шавад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

142

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки содоти уззом хидмати Сайид Шарафуддин ва Сайид Қутбиддин ба ҷиҳати баъзе муҳиммот ба урдуи ҳумоюн ташриф хоҳанд дод. Илтимос он, ки иноят намуда илтифоти хотири хатир аз ҷаноби эшон дареғ надоранд ва масоъии ҷамила мабзул дошта, ваҷҳе созанд, ки муфзиюлмарому мукфиюлмуҳом зудтар муроҷаъат намоянд.

Тавфиқ рафиқ боду саъодат зиёдат, вассалом.

143

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҳамгинонро умедворӣ буд, ки чун хидмати Хоҷа Сайфиддин Музаффар бар ваҷҳе маъош карда, ки сабаби маъмурии мавозеъу бар ваҷҳе маъош карда, ки сабаби маъмурии мавозеъу рафоҳияти аҷзаву раъоё буда ва камтасарруфии ӯ зорафоҳияти аҷзаву раъоё буда ва камтасарруфии ӯ зоҳир аст, инояту марҳамати бандагони ҳазрат нисбат ба ӯ зоҳир гардад ва акнун таҳмиле воқеъ шудааст, ки мардуми азиз мегӯянд адои он макдури ӯ несту агар тахфифе воқеъ нашавад, мунҷарабаи беъирзӣ хоҳад шуду сабаби навмедӣ хоҳад гашт. Мултамас он, ки иноят намуда эҳтимом ба навъе фармоянд, ки натиҷаи он ба зуҳур расад, ки яқин мӯҷиби издиёди маводи давлати бандагони ҳазрат хоҳад буд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.





Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Сайид Муҳаммади Маҷзубро дар роҳ бо он фақир мулоқот воқеъ шуд. Ба сафари муборак изҳори рағбат карданду фармуданд, ки аз хидмати эшон илтимос кун, ки муҳиммоти маро сохта, зуд равона кунанд, ки мехоҳам зуд сохтагӣ кунам ва ба қофила мулҳақ шавам. Сурати ҳол ин буд, ки навишта шуд. Агар иноят намуда, ҳар чи салоҳ бошад, ба тақдим расонанд, ҳокиманд.

Тавфиқ рафиқ бод!
Вассалом.

145

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки нишоне, ки мазмуни он он аст, ки муҳаққар моле аз авқофи Хонақоҳи Шоҳ Абулғайс, қаддаса сирруҳу, муъоф медоштаанд, ҳамроҳи хидмати устод Ҳоҷии Абаркӯҳӣ ба хидмат фиристода шуд. Илтимоси иноят намуда, илтифот фармоянд, ки имзо карда шавад, ки он таъаллуқ ба бандагии махдумӣ Шайх Абулхайр медорад ва ин фақирро нисбат ба хидмати эшон ихлосу ихтисоси бисёр аст ва шак нест, ки ҳиммати шарифи эшонро дар масолеҳи диниву дунявӣ асарҳо хоҳад буд.

Тавфиқ рафиқ бод!

146

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Мавлоно Ҷалолиддин Маҳмуд, ки рофеъи руқъаи ихлосанд, мардуми солеҳу толибилму фақиру ғарибанд ва аз авқоф муҳаққар вазифае доштаанд, ки маъош бад-он мегузаронидаанд ва ҳоло онро бозгирифтаанду эшон музтар мондаанд. Илтимос он, ки иноят намуда, эҳтимом фармоянд, ки фақироне, ки фақру истеҳқоқи эшон бисёр

зоҳир аст, балки тавон гуфт, ки аз эшон ҳеҷ кас мустаҳақтар нест, маҳрум намонанд ва ҳосили авқоф ба ғайри эшон масруф нагардад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

147

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад аз қасабаи Фӯшанҷ ба шарафи дастбӯс мушарраф хоҳанд шуд. Илтимос он, ки иноят намуда, тазаллуме, ки ба самъи шариф расонанд, ба ғаври он бирасанд, ки харобии бисёр ба аҳволи эшон роҳ ёфтааст ва дар он боб маҳзаре ба даст доранд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

148

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҷаноби саёдатмаобии саъодатиктисобӣ ба шарафи мулоқот мушарраф хоҳанд шуд ва баъзи муҳиммот ба арзи шариф хоҳанд расонид. Илтимос он, ки ҳасбалмакдур дар кифояти он саъйи ҷамил мабзул доранд, ки бешак василаи наҷоту рафъи дараҷот хоҳад буд.

Тавфиқ рафиқ бод!

149

Баъд аз рафъи саломҳу савқи калом дар баёни камоли шавқу ғаром марфӯъ он, ки эътиқод он аст, ки эътинову эҳтимоми хидмати шумо ба ҷониби саёдатмаобӣ аз он бештар хоҳад буд, ки ба фузулии ин фақир эҳтиёҷ афтад. Аммо бинобар фармудаи эшон илтимос меравад, ки илтифот аз ҳоли эшон дареғ нафармоянду дар риъояти эшон эҳтимом намоянд.

Тавфиқ рафиқ бод!



150

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки мардуми солеҳ ба салоҳи хидмати Мавлоно Алоуддин, ки ҳомили руқъаи ихлос аст, гувоҳӣ медиҳанд. Ҳамоно, ки шахсе вайро ба он, ки дар саройи ӯ чизе ёфтааст, муттаҳам медорад. Илтимос он, ки иноят намуда, илтифот фармоянд, ки нишони ҳумоюн ҳосил шавад, ки бо вай ба мӯҷиби шариъати мутаҳҳара амал намоянду таъаддӣ накунанд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

151

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҷамъе касир аз фуқарои талабаи илм ба овозаи он ки асбоби таҳсил дар ин диёр муҳайёст, аз атрофу ҷавониб саргардон шудаанду ба фикри маъош дармонда ва хидмати Мавлоно Зайниддин Алӣ ва Мавлоно Низомиддин аз он ҷамоъатанд. Агар чунончи иноят намуда, ваҷҳе шавад, ки муҳаққаре, ки ба он маъош тавонанд гузаронид, аз авқоф таъйин ёбад, аз тариқаи шафқату мурувват дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод!

Вассалом.

152

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҳофиз Садриддин Муҳаммад, ки рофеъи руқъаи ихлос аст, марде солеҳ аст; арзадоште дорад. Илтимос он, ки иноят намуда, онро исғо фармоянд ва ба ғаври ӯ бирасанду ваҷҳе созанд, ки бар вай ҳайфу таъаддӣ наравад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

153

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки чунин мегўянд, ки Хоҷа Шаҳобиддини бародари Мавлоно Алии Сонеъиро ҳаргиз дар умуре, ки таъаллуқ ба бародари вай медошта, мадхале намебуда, балки дар умури девонӣ мутлақо мадхал нанамудаву чанд гоҳ аст, ки дар зумраи мухлисону муридони хидмати Мавлоно. Шамсиддин Муҳаммади Табодконӣ, мадда зиллаҳу, даромадаасту ба он тоифа муҳаббати тамом дорад. Агар чунончи иноят намуда, илтифоти хотири шариф ба ҷониби вай доранд, то бар вай зулму таъаддӣ наравад, дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

154

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Амир Қосим, ки аҳолии мадрасаи эшон ба салоҳи нафсу ҳусни маъоши эшон гувоҳӣ медиҳанд, ба арз мерасонанд, ки эшонро истеъдоди он, ки яроқи сафар ба қадри зарурат тавонанд кард, боқӣ намондааст. Илтимоси он медоранд, ки иноят намуда, ваҷҳе шавад, ки марсуми эшон ба қадри кифоф ҳосил гардад ё иҷозат диҳанд, то ба фароғи бол ба дуъогўйӣ машғул бошанд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

155

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати ҳофиз Ҷамолиддин мардуми азизанд. Арзадоште доранд, мехоҳанд, ки ба самъи ҳумоюн бирасонанд. Илтимос он, ки иноят намуда, илтифот аз ҳоли эшон дареғ надоранд ва дар маслаҳате, ки руҷўъ намоянд, эҳтимом фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод!



156

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Амирхон Аҳмад аз ҳар номулойимӣ, ки дар гузашта аз эшон воқеъ шуда, изҳори надомату тавба мекунанд ва мегўянд минбаъд амсоли он воқеъ нахоҳад шуд. Илтимоси он медорад, ки иноят намуда, илтифоти хотири шариф аз ҳоли ў дареғ надоранд ва дар маслаҳате, ки руҷўъ ба мулозимон намоянд, эҳтимом фармоянд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

157

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки хидмати Амир Баҳлул илтимоси он медорад, ки илтифоти хотири шариф шомили ҳоли ў доранд ва чун дар маслаҳате руҷўъ ба мулозимон намоянд, эҳтимом фармоянд. Агар чунончи мултамаси ўро мабзул доранд, ҳокиманд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

158

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки ҳазрати хилофатпаноҳӣ, халадта давлатуҳу,[32] дорандаро маблағи понсад динор иноят фармудаанду ҳамроҳони ў мустаъҷиланд. Илтимос он, ки карам намуда, ваҷҳе созанд, ки он зудтар ба вай бирасад, то аз ҳамроҳон бознамонад.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

159

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда тазаллуме дорад. Илтимос он, ки гўш фаросухани ў дошта, ба ғаври ҳоли ў бирасанд, ки изҳори аҷзу дармондагии бисёр мекунад.

Тавфиқ рафиқ бод!

160

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда марде фақир аст аз вилояти Ҷом. Мегӯяд, ки он ҷо бар вай ҳайфу таъаддӣ рафтааст. Илтимос он, ки иноят намуда, ба ғаври ӯ бирасанду ишорат нофиз гардонанд, ки агар касе бар вай тазаллуме карда бошад, талофӣ намоянд.

Тавфиқ рафиқ бод!

161

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда Шайх Аҳмадро номбардор навиштаанду мардуми солеҳ гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯро иститоъати он нест. Илтимос он, ки иноят намуда, тафаҳҳус фармоянд, ки бар вай ҳайфу таъаддӣ наравад.

Тавфиқ рафиқ бод!

162

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки доранда Мавлоно Маҳмуд толибилми солеҳи фақир аст. Агар иноят намуда, ӯро аз авқоф маҳзуз гардонанд, аз тариқаи шафқату марҳамат дур наменамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом.

## Руқъаҳое, ки ба дарвешони махдумии иршодмаобӣ Хоҷа Убайдуллоҳ маддалоҳу таъоло зулола иршодиҳи[33] навишта шуда[34]

163

Ҳарчанд роҳи заррае бе роҳу руи нест,
К-ӯ хешро вучуд ниҳад пеши офтоб.



То дар ҳавои ӯ накунад арзи ҳоли хеш,
Аз файзи оми ӯ набарад рӯшаниву тоб.

Вазойифи ниёзу шикастагӣ ва саҳойифи шавқу дилбастагӣ ба заминбӯсии ходимони он даргоҳ ва мулозимони он остон, ки паноҳи содиқону манзилгоҳи ростон аст, ба мавқифи арз расонида мешавад ва илтимоси илтифоти хотири файёз, ки воситаи давлати диниву дунявӣ ва робитаи саъодати сувиву маънавӣ аст, мерад. Чи зоҳир аст, ки ин ниёзмандии махласро ба ҷуз зилли отифати каримонаи мӯътакифони он остона паноҳе нест ва ба ҷуз сояи марҳамати борёфтагони он давлатхона оромгоҳе на.

Эй хоки дарат Каъбаи арбоби иродат,
Гар рӯй ба сӯйи ту наёрам, ба кӣ орам?

Итноб мӯҷиби саломат асту ибром мусмири ғиромат, саломуллоҳу ва таҳиййётаҳу ва раҳматуҳу ва баракотаҳу алайкум аввалан ва охиран.[35]

164

Сақиян лиайёми мазат ва маъа ҷириҳи,
Қонат лаёлин биҳим афроҳан.
Аҳо ало зоказзамон ва таййибиҳи,
Айёмун куниту мин ал-луғуби мароҳан[36].

* * *

Ёди он рӯзе, ки дар майхона манзил доштам,
Ҷоми май бар дасту ҷонон дар муқобил доштам.
Қисса кӯтаҳ, аз шумули файзи пири майфурӯш
Буд ҳосил ҳар таманное, ки дар дил доштам.

Ниёзу ифтиқор ва аҷзу инкисор ба мавқифи арз расонида мешавад. Мултамас он, ки дурмондагони дармон-

даро билкуллия фаромӯш нагардонанд ва гоҳ-гоҳе дар авқоти ҳузур дар маҷлиси шариф ба гӯшаи хотири маниф бигзаронанд.

Эй ба базми васл ҳозир, ғойибонро даст гир,
З-он ки дасти ҳозирон аз ғойибон кӯтоҳ нест.

Зиёдат ибром шарти адаб нест, саломуллоҳу ва раҳматуҳу ва баракотаҳу алайкум аввалан ва охиран.

165

Саломун ало оқифӣ манзилин,
Биҳи ҳаллун минӣ фақати куллаланоми.
Саломун ало тоифӣ Қаъбатин,
Битавофиҳо сумма ҳаҷҷулкироми.[37]

Чун такаллуф дар иблоғи саломи тасаллуф дар изҳори шавқу ғаром шеваи аҳли номус ва шимаи арбоби ном аст, лоҷарам хотири фотир дар иқдом бар ин маром рухсат надод. Мисраъ:

Девона чӣ донад равиши ақлу садод?!

Таваққуъ он ки гоҳ-гоҳе аз ҳини заминбӯсӣ, атия ало автонаҳо тӯҳфатулислом ва-т-таҳийята,[38] ҳаққи ниёзмандӣ гузоранд ва дурмондагони дармондаро аз гӯшаи хотир фурӯ нагузоранд.

Эй мурғи шохсори иноят, ки дам ба дам
Аз гулшани вафо расадат наҳҳати висол.
Хуш мепарӣ баланд, фаромӯшият мабод
Аҳволи мо, ки бастапарему шикастабол!

Муродот ҳосил ва саъодот мутавосил бод!
Вассалом валкалом.



166

Абқокумуллоҳу таъоло ило явмиддин ва лоинсокум иҳлосалмуҳиббин алмуштокина,[39] чун қалам бардоштам ва андеша гумоштам, ки ҳарфе чанд аз мақулаи мукотаботе, ки ёрон ба ёрон нависанду дӯстдорон ба дӯстдорон фиристанд, бинвисам, ҳикоят чуз шикояти фарӯмӯшии хидматаш дар дил нагашт ва қисса чуз ғуссаи беулфатии вай бар хотир нагузашт. На ҳарғиз ба номае фаромӯшони гумномро ном мебаранду на ба рашҳаи хомае хомтамаъони бесаранҷомро пайғом мефиристанд. Намедонам, ки мӯҷиби чандин таҷоҳул аз муқтазиёни тариқаи муҳаббату видод аст ё таҳошӣ аз изоъати бизоъати коғазу мидод?

Қай доштам он гумон, ки шодам накунӣ,
Коре чу замона бар муродам накунӣ?!
Бо он ки ба ёдат гузаронам ҳама умр,
Умри гузаронӣ ту, ки ёдам накунӣ!

Мазо мо мазо, илтимос он, ки бар хилофи гузашта пайваста ба навиштае ин каминаро мушарраф доранд ва аз аҳволи мулозимони атийяи алийяи ҳазрати маҳдумии иршодмаобии вилоятинтисобӣ малозии авомуллоҳи таъоло, зилола иршодаҳу ало муфориқ алмуҳиббин валмуриддин,[40] он чи дар вақт гунҷад, эълом фармоянд, бошад, ки хотири шикастаро ба он тасаллӣ ҳосилояд.

Не давлати он, ки дида рӯяш нигарад,
Не қуввати по, ки раҳ ба кӯяш сипарад.
Эй кош, расонад сухане қосид аз ӯ,
То як-ду нафас ба гуфтугӯяш гузарад!

Вассалом.

167

Саломуллоҳу ва раҳматуҳу ва баракотаҳу алайкум таҳийётун муборакотун ва даъавотун таййиботун[41] мунбаъис аз камоли ихлосу ғояти эхтисос мутолаъа намуда ва шавку ғаром ба тақбили аномили шарифа, ки ашрафи матолиб аст, тасаввур фармуда, ниёзмандии ин каминаро ба сойири азизон ба тахсиси фалон-фалон бирасонанд. Ва чун ин фақир аз он ҳақиртар аст, ки номаш дар он ҳазрат бурда ояд ё аз силки мулозимон шумурда шавад

Нагӯямат, ки саломам ба он ҷаноб расон,
Ниези зарраи мискин ба офтоб расон.
Вале дуруди ду чашми рамадрасидаи ман
Ба хоки мақдами он шоҳи комёб расон.

Давлати дуҷаҳонӣ ва саъодати ҷовидонӣ муҳассал бод!

168

Аҷабту ли ман яхвока кайфа истибораху
Ва ман шоқаҳу зикрока кайфа қарораҳу[42].

* * *

Ҳар дида, ки рӯзе ба ҷамолат нигарист,
Чун аз ту ҷудо монд, чаро хун нагирист?
Ҳарчанд ки бе ту зистам, ҳайронам
З-он кас, ки рухи ту диду дур аз ту бизист.

Аз он вақт боз, ки ин бедастуроро давлати побӯси шариф даст дода ва баъдаҳу ба дастбурди фироқ аз пой дарафтода, ҳамагӣ ҳиммат мутаваҷҷеҳи он аст, ки ба ҳар ваҷҳе, ки тавон субҳан алалваҷҳи ло машийян аларраъси,[43] рӯйи ифтиқор ба хоки он остон сояд ва сари ифтихор бар осмон фарсояд, аммо на он кимиёест, ки дар ваҷҳи ҳар рӯйандуде нишинад ва на тӯтиёе, ки чашми ҳар хоболуде бинад.



Он хоки дар, ки сурмаи аҳли басират аст,
Ҳошо, ки кӯҳли дидаи ҳар бебасар шавад.

Ва маъа хазо, раҷо ба шумули карами беинтиҳо, ман ябтадо бинниъам қабла истеҳқоқаҳо,[44] он аст, ки шоҳиди ин амният анқариб рӯ аз каноъу итноъ бикушояд ва аз варои тутуқи ғайб алалаҳсаналвуҷӯҳ ҷамол намояд.

Гар шохи сабурӣ ба бар ояд, чи аҷаб
В-ар меҳнату дурӣ ба сар ояд, чи аҷаб!
Чун дил, ки хулосаи вуҷуд аст, он ҷост,
Тан низ, агар бар асар ояд, чи аҷаб!

Ахазтум фуодӣ ва ҳува баъзи фа мо аллазӣ юзарру кум лав кона индакумалкулли,[45] итноб аз ҳад мегузарад, зилли олӣ бар мафорики авонӣ ва аъолӣ абадулобод мамдуд бод!

169

Би исмиҳи субҳонаҳу.

Изҳори шавку ғаром ба тақбили тураби иқдоми худдоми суддаи судрамақоми қудваи аном ва малҷаи хосу ом, маддаллоҳу таъоло зулолаҳу ҷалолаҳу ило явмилқиёми,[46] на ҳадди ин фақири мустаҳом аст, лоҷарам таййи он мақол кардаву рӯй ба қиблаи тазаррӯъу ибтиҳол оварда, мегӯяд:

Номаи шавқам дар он ҳазрат махон, номам мабар,
З-он ки метарсам бар он самъи шариф ояд гарон.

Чун шавӣ сероби фавҷи мавҷи он баҳри ҳаёт,
Ташнагони тири ҳирмонро ба хотир бигзарон!

170

Баъд аз арзи ниёзмандиву шикастагӣ ва шарҳи таъаллуқу дилбастагӣ ба заминбӯсии атибаи маҷлиси шариф ва мавқифи манифи ходимони он остона ва мулозимони он давлатхона арзадошт он, ки ҷаноби махдумӣ тарки муҷоварати Каъбаи ҷону дил карданду рӯи мусофарат дар қиблаи обу гил оварда, чун қадри неъмати қурбатро баъд аз завол донистаанду кимати давлати сӯҳбатро баъд аз иртиҳол шинохта, мазмуни ин рубоъиро, ки

Умре ба шикеб месутудам худро,
Дар шеваи сабр менамудам худро.
Чун ҳаҷр омад, кадом сабру чӣ шикеб?!
Алминнати лиллаҳ, озмудам худро!

вирди забон сохта, майли муроҷаъат намуданд ва ба савби инхирот дар силки сойири азизон азамати муъовадат фармуданд. Шак нест, ки гарди ин ташвирро ба остини карам аз чеҳраи ҳоли эшон хоҳанд афшонд ва занги ин хиҷолатро ба сайқали иноят аз ойинаи замири эшон хоҳанд зудуд. Ин густохӣ бинобар фармудаи эшон воқеъ шуд ва илло,

Чӣ ёро Суҳоро, ки рахшанда Маҳро
Суфориш ба Хуршеди анвар нависад?!
Ҳамин рафъату қадри ӯ бас, ки худро
Дар он ҳазрат аз зарра камтар нависад!

Ҳақ субҳонаҳу наздиконро аз бебахрагии даврон маҳфуз дораду давронро аз баҳрамандии наздикон маҳзуз.

Вассалом валикром.



171

Ниёзу дилхастагӣ ва аҷзу шикастагӣ ба мавқифи арз расонида мешавад, ки шавқу ғаром ба побӯсии маходими киром зиёдат аз он аст, ки ба тақрири забону таҳрири банон баён тавон кард. Муҷмали аҳволи инҷоӣ он, ки киштии Хуросон дар гирдобу асҳоби киштӣ дар ғояти изтироб.

Гар шуртаи ҳиммати азизон бивазад,
Юмкин, ки ба соҳили наҷоте бирасад.

Зилли макориму маъолӣ бар мафорики акориму аъолӣ мамдуд бод!

172

Баъд аз арзи ниёз ба лисони ихтисору эҷоз маърузи ходимони он остона ва мулозимони он давлатхона он, ки хидмати Мавлавӣ карам намуда буданд ва ташрифи қудуми шариф арзонӣ фармуда. Ба охир чунон маълум шуд, ки сафари эшон ба иҷозат набуд ва аз он ҳаракат бисёр пушаймону шармандаву парешону пароканда-анд. Ҳоло азми муроҷаъат ҷазм карда ва рӯи таваҷҷӯҳ бад-он ҷиҳат оварда, аз ин маҳҷури мустаҳом ба муболағаи тамом таваққӯъи эътизореву таманнову истиғфоре медоранд.

Карда дар гардан ба сад хиҷлат радо,
Узр мехоҳам зи ҷурми ӯ вало.
Пеши фазли оми он шоҳи киром
Узри мо бошад фузулӣ, вассалом.

173

Овард сабо номаи мушкинрақамат,
Шуд равзаи ҷон тоза зи рашҳи қаламат.

Ман марди ҷавоби он наям, лек маро
Андохт дар ин варта камоли карамат.

Баъд аз арзи ниёз арзадошт он, ки доъиро доъия он буд, ки анқариб дар силки заминбӯсони он остони вилоятнишон, ло золат қиблата ли тавҷеҳоти арбобиттолаби валирфон,[47] интизом ёбад, аммо ба воситаи бурудати ҳавову шиддати сармо дар тавaққуф афтод. Умедворӣ ба иноятй ҳазрати борӣ, изза шонаҳу, он аст, ки дар авоили баҳор ин сабзаи умед дамидан гирад ва ин шукуфаи мурод шукуфтан пазирад. Зиёдат ибром шарти адаб нест, муродоти дуҷаҳонӣ ҳосилу саъодоти ҷовидонӣ мутавосил бод!

Вассалом валикром.

## Руқъаҳое, ки ба мулозимони ҳазрати салтанатшиъори хилофатпаноҳӣ, халлада мулкаҳу,[48] навишта шуда

174

Ҳақ субҳонаҳу таъоло зилли рофату сояи отифати ҳазрати салтанатшиъори хилофатпаноҳиро бар мафорики оламиён мамдуд дорад ва аркони давлатро дар мустақарри иззат тавфиқи раъийятпарвариву марҳаматгустарӣ рафиқ гардонод. Баъдаҳу, чун мулаффазаи шарифа муштамил бар навозиши раъоёву истимолати авому бароё мунтавӣ бар тадоруку талофии мокон ва қамъу қалъи бебокон ба самъи ҷамъи фақирону шикастагон расид, ҳама якдилу якзабон дасти тазаррӯъу ибтиҳол бардошта, ба давоми давлат иштиғол намуданду менамоянд. Раҷо восиқ асту умед содиқ, ки ба юмни



ин нийяту баракати ин азимат рӯз ба рӯз фатҳҳои тозаву нусратҳои беандоза муяссар гардад ва муродоти диниву ҳоҷоти ухравӣ ба ҳусул анҷомад.

Ҳақ зи шоҳон ба ғайри адл нахост,
Осмону Замин ба адл бапост.
Салтанат хаймаест бас мавзун,
Қ-аш бувад ростиву адл сутун.
Гар набошад сутуни хайма ба ҷой,
Чун бувад хайма бе сутун бар пой?
Ё раб, ин хаймаи саъодатманд
З-ин сутун то ба ҳашр бод баланд!

Зиёдат ибром шарти адаб нест, тавфиқ рафиқу саъодат зиёдат бод!

Вассалом валикром.

175

Би исмиҳи субҳонаҳу.

Санои шоҳи ҷаҳон фикри шабнишинон бод,
Дуъон давлати ӯ вирди субҳхезон бод!
Ба ҳар тараф, ки кашад теғ яксавор чу меҳр,
Сипоҳи хасм чу анҷум зи ҳам гурезон бод!

Чун навозишномае, ки аз фатҳи он насими зафар мевазиду аз нашри он шамими нусрат медамид, афтодагони кӯи ниёзро аз хоки мазаллат бардоштаву кулоҳгӯшаи қадру манзалаташон ба авҷи иззату зурваи каромат барафрохт, рӯи тазаррӯъу ибтиҳол ба саҷадоти шукргузорӣ ниҳоданд ва забони ҳолу лисони мақол ба вазойифи миннату сипосдорӣ кушоданд.

Шукри худо, ки шоми умеди замонаро
Субҳи тараб зи матлаъи иззу шараф дамид.
Ҳар новаки дуъо, ки кушоданд аҳли роз,
Аз бозуи ниёзи ҳама бар ҳадаф расид.

Раҷо ба нафаҳоти лутфи илоҳӣ ва рашаҳоти фазои номутаноҳӣ он аст, ки давлатхоҳони он ҳазратро ҳар рӯз аз шохсори фатҳ ғунчаи муроди дигар чеҳра кушояд ва аз ҷӯйбори зафар ниҳоли мақсуди дигар сарсабзӣ намояд.

Ҳар тараф ҳиммати ӯ рои сафар хоҳад кард,
Насру таъйид рафиқи сафараш хоҳад буд.
Ҳар куҷо оавлати ӯ кӯси дағо хоҳад кӯфт,
Фатҳ бар фатҳу зафар бар зафараш хоҳад буд.

Зилли рофату сояи отифат абадулобод мамдуд бод!

176

Би исмиҳи субҳонаҳу.

Нома, к-аз ҷонон расад, маншури иқболи ман аст,
Мӯҳри ӯ бар нома нақши лавҳи омоли ман аст.
Заррасон ҷонам ҳаводорест он хуршедро,
Як ба як зарроти олам шоҳиди ҳоли ман аст.

Чун иноятномаи ҳумоюн мабнӣ аз издиёди давлати рӯзафзун буд, хокнишинони остони аҷзу ниёзро сарфароз гардонид ва кулоҳгӯшаи қадру манзалаташон ба авҷи иззату зурваи каромат расонид. Ҳама якдилу якзабон «рӯи ниёз бар замин, дасти дуъо бар осмон» ба вазойифи дуъогӯйиву маросими ризоҷӯйӣ қиём намуданд. Раҷо ба карами илоҳӣ восиқ асту умед ба шароифи номутаноҳӣ содиқ, ки анқариб фатҳҳои тозаву нусратҳои беандоза даст дода, инони азимат ба мустақарри давлат маътуф гардад.

Умедвор чунонам, ки мунъатиф гардад
Инони азм ба зудӣ ба мустақарри ҷалол.
Расад шикоркунон шоҳбози давлати шоҳ
Тазарви нусрату теҳуи фатҳ дар чангол.



Вассалом валикром.

177

Би исмиҳи субҳонаҳу.

Боз субҳи тараб аз матлаъи уммед дамид,
Нафаҳоти зафар аз гулшани иқбол вазид.
Номаи бастасар омад зи муроди дили ман,
Ҳосили нома муроде, ки дилам металабид.
Фатҳ нокарда чу нофа сари он нома ҳанӯз,
Ба машоми дилу ҷон роиҳаи фатҳ расид.
Ҳар киро буд пур аз гавҳари ихлос дарун,
Чун садаф шуд ҳама тан гӯш, чу он мужда шунид.

Чун мулаттафаи шарифа мабнӣ аз фатҳи қарибу нусрати ҷадид ба хокнишинони шоҳроҳи интизор расид, муждаи он фатҳро сармояи ҳар футӯҳ сохтаву марҳами хотири маҷрӯҳ шинохта, забони ҳолу лисони мақол ба шукргузории муҳаймани мутаъол кушоданд.

Лиллаҳулҳамд, ҳар он нақш, ки хотир мехост,
Омад охир зи паси пардаи тақдир падид.
Хори ҳар қайд, ки бадхоҳ ба роҳи ту ниҳод,
Ханҷаре гашт, ки ҷуз дар ҷигари ӯ нахалид.

Ҳосили дуъои мухлисони давлатхоҳу хулосаи муддаъои доъиёни биҳиштибоҳ он аст, ки ҳар рӯз фатҳе нав бо касри мухолифон зам рӯй намояд ва нусрате тоза бо фитрати муъонидон мунзам чеҳра.

Дам ба дам Ҷомӣ аз ихлос кунад ҳамраҳи бод
Сӯи ту фотиҳаи фотеҳи абвоби мазид.

Зилли рофату сояи отифат абадулобод мамдуд бод!

178

Би исмиҳи субҳонаҳу.

Чанд бӯсам дасту по пайки диёри ёрро,
Фаррух он соъат, ки ёбам давлати дидорро!
Ёр гар таъни фаромушкориям зад, дур нест,
З-он ки бо ёдаш фаромуш кардаам аѓёрро.
Хондамӣ тӯмори ғам бе ӯ, вале чун шуд маро
Номааш таъвизи ҷон, тай кардам он тӯморро.

Азъофи музоъафаи он мулотафаву муъотафа, ки аз фаҳвои номаи иноятомез ва мазмуни саҳифаи муҳаббатангез ба ҷозибаи шавқу зойиқаи завқ кашидаву чашида, ниёзу ифтиқор ва аҷзу инкисор ба мавқифи арз расонида мешавад ва шавқу орзумандӣ ба давлати дастбӯси худовандӣ зиёдат аз он аст, ки ба тақрири забону таҳрири банон баён тавон кард.

Дидаам озор з-он рух, дур мехоҳад дилам,
То диҳам берун ба шарҳи дурӣ он озорро.
Лек нозук бошад он хотир, надонам, чун кунам
Дарҷ дар гуфтори кам дарди дили бисёрро?!

Эзид таъоло ба маҳзи фазлу итминон он ҳазратро ҳасбалимкон аз макореҳ масъуну аз макойид маъмун дар мақарри давлату мустақарри ҷоҳу ҳашмат бидорад.

Банда Ҷомиву дуъои ӯ, ки барнояд зи даст
Хидмате з-ин беҳ дуъогӯёни хидматгорро.
Чун муроди номуродон омаду ҳамвора бод
Бар муроди ӯ мадор ин гунбади давворро!

Вассалом валикром.



179

Би исмиҳи субҳонаҳу.

Эй бод, достоне аз он дилситон биёр,
Ҷонро навиди дилхушии ҷовидон биёр!
Чун кардааст иқомат он шоҳи ҷон ба Марв,
Марвӣ ҳадис аз лаби он шоҳи ҷон биёр!

Инони шавқу орзумандӣ ба рикоббӯсии ҳазрати худовандӣ, ки ҳамвора фатҳу фирӯзӣ дар рикоби ҷоҳу ҷалол бод ва инони саъодату беҳрӯзӣ дар кафи дарёнаволи ӯ, на чунон аз даст рафта, ки ба бозуи тоқату тавоної ва неруи мусобарату шикебоӣ имсоки он тавон кард. Лоҷарам густохӣ намуда, тасаллии хотири муштоқу таскини ҳарорати иштиёқро ҳарфе чанд мабнӣ аз тарфе аз он ва сатре чанд мушъир ба шарте аз он нигошта, хомаи ниёзу ихлос рақамзадаи қаламӣ ифтиқору ихтисос мегардад.

Чу лаббастае нест ҳамчун давот,
Ки чун хома бо ӯ кушоям забон,
Кунам номаро маҳрами рози хеш,
Ниҳам рози дил бо вай андар миён.

Ҳаррӯза дарюзаи дарвешони дилрешу ҳамеша андешаи давлатхоҳони некандеш аз даргоҳи воҳиб алалитлоқ ва мубтадӣ биннииъам қабла-л-истеҳқоқи[49] он аст, ки лоязол давлатиёни мухайями ҷоҳу иқболи он ҳазратро аз таворики ҳадсон масъун ва аз бавориқи балвон маъмун, дар сояи рояти нусрат сарфароз дорад ва аз овози кӯси зафаросор гӯши ҷаҳон пуровоз.

Би миннаҳу вуҷудаҳу, вассалом валикром.

180

Би исмиҳи субҳонаҳу.

Қосид зи Марв қиссаи он дилситон расонд,
Марвӣ ҳадисе аз лаби он шоҳи ҷон расонд.

Дилро умеди хуррамии пойдор дод,
Ҷонро навиди беғамии ҷовидон расонд.

Иноятҳои тозаву навозишҳои беандоза, ки аз мулозимони ҳазрати хилофатпаноҳӣ, ки мазҳари авсофи илоҳӣ ва масдари алтофи номутаноҳианд, нисбат ба ин дуъогӯву дуъогӯёни якдилу якрӯй ба зуҳур мепайванданд ва ҳаройина робитаи имтидоди давлату воситаи издиёди ҷоҳу ҳашмат хоҳанд буд.

Чу шоҳон хотири дарвеш ҷӯянд,
Мазиди қадру ҷоҳи хеш ҷӯянд.
Фурӯғи тоҷи шоҳи маъдалаткеш
Бувад аз гавҳари ихлоси дарвеш.
Зи дарвешон чу ҳарфе мегузорам,
Напиндорӣ, ки қасди хеш дорам.
Ману лофи чунин, ҳайҳот, ҳайҳот,
Қавӣ шармандаам з-ин нафъю исбот!
Бас аст ин ҷоҳам аз даргоҳи эшон,
Ки бошам хокбӯси роҳи эшон.

Ҳақ субҳонаҳу таъоло авлиёи он ҳазратро рӯз ба рӯз фатҳҳову нусратҳои гуногун рӯзӣ кунод ва соъат ба соъат ба давлатҳову саъодатҳои рӯзафзун бирасонод! Би Муҳаммади ва олиҳилкироми алайҳумуссалоту[50] вассалом.

181

Би исмиҳи субҳонаҳу.

Мулаттафаи пурмалотафа мабнӣ аз интизоми умури мулку миллат ва илтиёми масолеҳи корҳои дину давлат ба дуъогӯёни мухлису давлатхоҳони мутаҳассис расид. Забон ба санову даст ба дуъо кушода, гавҳари шукргузорӣ суфтанду ба лисони хайрхоҳӣ гуфтанд:





*Ба остонаи майхона кай тавон зад даст,
Ба зери пой накарда сипеҳри аълоро.*

Шукр худоро, ки ба авни азал
Шуд ба сафо ҷангу хусумат бадал.
Мабнии иқбол дар ин кӯҳнадайр
Ғулғула андохт, ки ассулху хайр!
Он ки задӣ дам зи шақову шиқоқ,
Месипарад роҳи вафову виқоқ.
Ин ҳама хосийяти адл асту дод
В-ин ҳама фарзанди нав аз адл зод.
Маъдалати шоҳ гар ин сон бувад,
Фатҳи мамолик ҳама осон бувад.
Бод бақо шоҳи ҷаҳонро ба ком,
То бувад имкони бақо, вассалом.

## 182

Би исмиҳи субҳонаҳу.

Иноятномаи мӯҷиби сарбаландиву мусмири саъодатмандӣ мабнӣ аз таваҷҷӯҳи ливои нусратшиъор ба ҷониби он диёр ба мухлисони дуъогӯю дуъогӯёни якдилу якрӯй расид. Хилватсарои дилро рӯфтурӯбе додаву дидаи умед бар шоҳроҳи интизор ниҳода, нағмаи ғамхонаи фироқу таронаи вайронаи иштиёқи эшон ин аст:

Муборак соъате, к-он маҳ кунад бар шаҳри мо манзил,
Зи васлаш сар фарозад ҷон, ба иқболаш бинозад дил.
Чи ҳоҷат ихтиёри соъати саъд аз барои ӯ,
Ки соъатро саъодатҳо бувад аз мақдамаш ҳосил.

Дар ин матовии иноятномаи истифсор аз он маънӣ, ки чаҳоршанбаи охири моҳи сафар ба он иштиҳор ёфтааст, рафта буд, ҳамоно онро маншаъи ҳумоюн тавонад буд, ки баъзе аз муфассирони ояи «явми наҳсу мустамир»-ро, ки дар Каломи Маҷид воқеъ шудааст, ба чаҳоршанбаи охири сафар фуруд овардаанд ва пӯшида намонад, ки нуҳусати он рӯз нисбат ба асҳоби шақову

шикоқ аст, ки кофарону бадкешонанд, зеро ки накбату накол ва ҳалоку истисоли эшон дар он рӯз будааст. Аммо нисбат ба арбоби вафову вифоқ, ки анбиёву мутобеъони эшонанд, дар ғояти муборакиву фархундагист, чи камоли қуввату ғалабаи нусрати эшон дар он рӯз будааст:

Бар дӯст муборак асту бар душман шум!

Чаҳоршанбаи сафари имсолин бародари сешанбаи порин аст. Раҷо восиқ, ки ҳамчунон сешанбаи порина духул дар ин шаҳру вилоят бар мулозимони он ҳазрат мубораку маймун омад, дар ин чаҳоршанба низ мубораку фархундаву ҳумоюн ояд.

Бибанд гӯш зи бедонишон, ки қадри туро
Фароғат аст зи ҳукме, ки ҳар фузул кунад.
Ба ихтиёри мунаҷҷим чӣ ҳоҷат аст он ҷо,
Ки офтоб ба бурҷи шараф нузул кунад?

Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло давлате аз ҳадди идрок афзуну саъодате аз иҳотаи анҷуму афлок берун рӯзӣ кунод!

Вассалом валикром.

183

Доданд нишон касон, ки он ҷони ҷаҳон
Шуд чораи дарди ошкорову ниҳон.
Ҷонҳо ба нисори пои он муждадеҳон,
Ҳар ҷо, ки кушоянд ба ин мужда даҳон.

Лоязол хотири давлатхоҳон ба ниятҳои хайр машҳун боду ниятҳои эшон бо амалҳои солеҳ макрун ва амалҳои эшон аз муҳитоти сумъаву риё масъуну маъмун. Дар ин вило саҳифаи ҳумоюнрақами фазл бар унвону румузи лутф дар мазмун ба дуъогӯёни давлати рӯзафзун расид. Ҳусни адаб ба изои он чуз ба адои



вазифаи дуъо рухсат надод, лоҷарам бад-ин чанд калима ихтисор афтод.

Вассалом валикром.

184

Баъд аз таҷдиди вазоифи маҳмадат ва тамҳиди қавоъиди маъзарат хомаи абирафшони дабирони азимулқадри кабирушшон, ки аномили шарифа ба таҳрики оҷ ранҷа фармудаанду фаромӯшони зовияи хумулро ба рашҳаи қалам ёд оварда,

Дуъое, ки набвад ба доъӣ музоф
Зи уҷбу риё, бал к-аз ихлоси соф.
Чу фонӣ бувад бандае дар дуъо,
На ихлос гунҷад дар ӯ, не риё.
Бувад хоҳише аз шавоиб салим,
Дар ӯ тофта аз қадиру алим,

нисори мухайями ҷоҳу ҷалол ва муаскари иззу иқбол мегардад ва ҳамвора аз ҳазрати воҳибулатое ба ҳукми «асраъуддуъои иҷобат ғоиб лиғоиб»[51] бо дили ҳозир майли хотири аркони давлат ба риъояти раъоё ва бароати соҳати ҳиммат аз зулмати зулм бар бароё, ки саъодати диниву дунявӣ ба икмоли он манут аст ва ҷамъиияти суриву маънавӣ ба адами ихлол ба он машрут масъалат меравад, ба самъи иҷобат масмӯъ боду ба ғайри истиҷобат машфӯъ.

Вассалом валикром.

185

Чун шоҳ тафаққуд ба гадое бикунад
В-аз лутф назар ба бенавое бикунад,
Аз дасти гадон бенаво н-ояд ҳеҷ,
Ҷуз он ки ба сидқи дил дуъое бикунад.

Ҳақ субҳонаҳу таъоло хотири давлатхоҳони он ҳазратро ба риъояти раъоё ва шафқат ба оммаи бароё зиёдат гардонод ва онро дар ин ҷаҳон сабаби имтидоди давлату дар он ҷаҳон ҷиҳати издиёди саъодат дород, вассалом валикром.

186

Би исмиҳи субҳонаҳу.

Осеби сарсари аҷал аз ногаҳон расид
Бар норасида мевае аз шохсори мулк.
Ё раб, мабод сояи сарви ҷалолу ҷоҳ
То нафхи сур мунқатеъ аз ҷӯйбори мулк!

Аҷру масубати арбоби мусибат ҷуз ба қадри шиддату саъубат наметавонад буд ва ашадди масоибу асъаби навоиби муфорақати авлод аст, ки қурратулъайну сумратулфаводанд. Раҷо ба шумули карами илоҳӣ ва умуми ниъами номутаноҳӣ он аст, ки аҷру масубати он ҳазратро дар ин мусибат имтидоди давлати ҷаҳонӣ бошаду издиёди саъодати ҷовидонӣ!

Вассалом валикром.

187

Омад аз раҳ қосиде, бо ӯ навозишномае
Сӯи дарвешон зи шоҳи комбахшу комёб.
Чун расад маншури иззат з-осмони қадру ҷоҳ,
Хокиёнро ҷуз дуъогӯйӣ чӣ ёрои ҷавоб?
Ҳар куҷо ронад сипаҳ, бошад алорағми ҳасуд
Фатҳу нусрат ҳамъинон, иқболу давлат ҳамрикоб!

* * *

Зи боргоҳи халофатпаноҳи шоҳ расид
Навозише, ки шудам оҷиз аз адои ҷавоб.



Чӣ ҳадди ман, ки нигорам ба лавҳи андеша
Ба ҷуз вазифаи рафъи дуъо ба ҷои ҷавоб?!

Лоязоли зулҷалол валафзол ҳумами хотири авлиёи он ҳазратро аз навозили даҳр масъуну аз залозили қаҳр маъмун дар мақарри шавкату ҷоҳ мустақарри давлати таяққузу интибоҳ ба тақвияти қавоъиди раъиятпарварӣ ва тамшияти маъдалатгустарӣ масруфу машғуф дород!

Биннабӣ ва олиҳиламҷод, вассалом.

188

Би исмиҳи субҳонаҳу.

Шарафномае з-офтоби баланд
Суви зарраи бесарупо расид.
Зи ташрифи он макрамат зарраро
Сари фахр бар чархи воло расид.

Чун иноятномаи ҳумоюн мабнӣ аз издиёди давлати рӯзафзун хокнишинони остони аҷзу ниёзро сарфароз гардонид ва кулоҳгӯшаи қадру манзалаташон ба авҷи иззату зурваи каромат расонид, ҳамгинон якдилу якзабон рӯи ниёз бар замину дасти дуъо бар осмон ба вазойифи дуъогӯйиву маросими ризоҷӯйӣ қиём менамуданду менамоянд. Ҳазрати муҳаймани маннон ба маҳзи фазлу итминон авлиёи он ҳазратро ҳасбулимкон аз макореҳ масъуну аз макойид маъмун дар мақарри давлату мустақарри ҷоҳу ҳашмат бидород!

Биннабӣ ва олиҳиламҷод, вассалом валикром.

189

## Ба ҷониби салтанатинтисобӣ дар ҳини ҳабс навишта шуда

Хирадманд, агар ҷо ба зиндон кунад,
Зи табъи хуш онро гулистон кунад.

Чу дар фусҳати баст раҳ ёфт дил,
Чӣ ғам дорад аз қабзи ин мушти гил?!

Бар ройи чаҳонорой ва замири мушкилкушой пӯшида нахоҳад буд, ки чун неъмати олам ба табдили ҳарфе ниқмат мешавад ва муҳаббати он ба тағйири лафзе меҳнат мегардад, озодаву ҳушмандеро ба иқболи он дил хуш менашояд кард ва ба идбори он хотир мушавваш набояд дошт.

Ба иқболи чархам аз он кор нест,
Ки иқболи ӯ ғайри идбор нест.
Чу иқболи ӯ ранги идбор ёфт,
Хуш он кас, к-аз иқболи ӯ рӯй тофт!

Дарвешони дилреш ва давлатхоҳони некандеш ҳамвора дасти ниёз ба дуъо бардоштаанду тамомӣ ҳиммату наҳмат бар он гумошта, ки анқариб ба умуми иноят бе иллати муқаллабулқулуб ҳама кудуратҳо мафзӣ ба сидқу сафо шавад ва ба касри макрамат барои аз қалби муфарраҳулкуруб ҳама хусуматҳо мунқазӣ ба муҳаббату вало гардад.

Хуш он дам ки ин чангу ин доварӣ
Шавад сарбасар ёриву ёварӣ!
Куҳан дӯстонро ба иқболу ком
Шавад тоза аҳду вафо, вассалом!

Баъд аз арзи ниёз ба лисони ихтисору эҷоз маъруз он, ки ин фақир мехоҳад худро пайваста ба навиштае бар хотири хатир бигзаронад ва ҳамвора дар коғазпорае чавоҳири ихлосро ба назари кимиёасар бирасонад. Аммо чун ҳар қосиде роҳ бад-ин мақсуд наметавонад барад ва ҳар толибе тариқи ин матлуб наметавонад сипарад, ин маънии хайр гоҳ-гоҳ сурат намебандад ва аз сирри ғайб дер-дер ба зуҳур мепайвандад.



Тарки ирсоли қосиду нома
Шеваи ҳушманди огаҳ нест.
Лек сӯи ҳарими ҳурмати ту
Бодро ҷою мурғро раҳ нест.

Умедворӣ чунон аст, ки анқариби қариби муҷиб, изза шонаҳу, латифае ангезад, ки ҳиҷоби қосиду нома аз миён бархезад ва давлати идроки мулоқоти шарифу истимоъи мақолоти латиф ало аймани қолу аҳсани ҳол мегардад.

Вақти он омад, к-аз ин нилӣ ҳисор
Рӯй бинмой аён хуршедвор.
Дидаи уммедро рӯшан кунӣ,
Тангнои айшро гулшан кунӣ.
Мухлисону дӯстдорон шодком
Даст бӯсандат ба хидмат, вассалом.

## Руқъаҳое, ки ба арбоби давлат навишта шуда

### 191

Баъд аз арзи ниёз маъруз он, ки чунин истимоъ афтод, ки дар урдуи ҳумоюн маблағе ба исми хидмати Хоҷа Қамолиддин Музаффар рақам задаанд, ки ба расми пешкаш бидиҳанд. Дар ин муддат маълум нашудааст, ки эшон аз касе чизе гирифта бошанду аз бисёрии мардум шунида шудааст: эшон чизе намегиранд. Илтимос он, ки чун ҳол бар ин мӯҷиб бошад, иноят намуда, дафъи он бикунанд ва гар на аз ин қисса таваҳҳуми он мешавад, ки эшон таҷвизи он мекунанд, ки чизе бигиранд.

Тавфиқ рафиқ боду саъодат зиёдат! Вассалом.

192

Тахийёте, ки чун аз дил барояд,
Ҳама рӯҳониёнро ҷон фазояд.
Шамими он дар ин фирӯза манзар
Димоғи кудсиён дорад муъаттар.

Ҳар сабоҳу масо бо саҳоифи дуъову сано мунбаъис аз камоли муҳаббату вало масҳуби шамолу сабо марфӯъ мегардад ва чун такаллуф дар шарҳи шавқу ихлос аз таваҳҳуми сумъаву риё орӣ нест ва муболаға дар изҳори ниёзмандиву илтимос ҷуз бар қоъидаи зоҳирбинони худнамой ҷорӣ не, лоҷарам аз самти он баргаштаву ба бисоти он дарнаваашта мегӯяд:

Ҷуз ин корат мабодо гоҳу бегоҳ,
Ки дар зилли залили давлати шоҳ
Хати ҳаззи худ аз дил бартарошӣ,
Барои ҳақ паноҳи халқ бошӣ!

Вассалом валикром.

193

Шуд найи хома диламро тарҷумон,
«Бишнав аз най, чун ҳикоят мекунад»,
Бо забони тезу чашми ашкрез
«Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад».

Ҳикояти тамодии айёми фироқу шикояти таволии оломи иштиёқ беш аз он аст, ки ба мададгории давоти даҳонбаста ва дастёрии хомаи забоншикаста дар тӯли ин нома арзи он мақдур бошад ва дар таййи ин саҳифа нашри он майсур, лоҷарам садди он боб карда, илтимос меравад, ки



Дар он соъат, ки бе ташвиши ағёр
Дар он фархунда маҷлис бошадат ёр.
Замин бӯсӣ ба таъзиме, ки донӣ,
Заминбӯси дуъогӯён расонӣ!

Давлате аз интиҳой масъуну саъодате аз инқитоъ маъмун муяссар бод! Биннабӣ ва олиҳиламҷод.

194

Баъд аз рафъи саҳифаи ихлос ба лисони ифтиқору ихтисос марфӯъ он, ки дар ин чанд рӯз аз натоиҷи фикри сеҳрандӯз ғазале ҷадид ба мухлисони қадим расид. Нуктадонони суханвару ширинзабонони назмгустар иқди ҷавоҳири манзуми онро гӯшвораи самъи қабулу таслим, балки ҳамоили гардани ҳузӯъу таъзим сохта, тариқи татаббӯъи он бардоштанд ва маъонии бадеъ бар лавҳи баён нигоштанд. Доъӣ низ дафъи гумони такосилу рафъи тӯҳмати тасоҳилро бад-он, ки

Зи пирон дар қиёси хурдадонон,
Наёяд ҷиддати табъи ҷавонон,

гавҳаре чанд аз х(в)аййи хиҷолат гирд карда, дар садафи сидқи иродат парварда ва ба риштаи дақиқи муҳаббат фароҳам оварда ва тӯҳфаи силки сӯҳбату ҳадяи назми ҷамъийят мегардонад.

Риштаи он назм, ки гавҳарнамост,
Нест гуҳар, балки садафпораҳост!
Зевари афсар насазад шоҳро,
Бод камар бандаи даргоҳро!

Ҳамеша риёзи сухан аз рашаҳоти табъи гавҳаррезашон тоза бод ва фазои ҷаҳон аз нағамоти назми дилонавозашон пуровоза!
Вассалом валикром.

195

## Муъаммо саломун ъалайкум

Лофи шавқи туст дарсам, лек дар умри дароз,
Гарчи фарсояд забон, як шамма натвон гуфт боз.

Баъд аз таблиғи салом ба лисони таъмияву ибҳом маъруз он, ки чун иноятномаи муштамил бар муъаммоҳои номдор, ки номзади ин гумноми зовияи фақру инкисор шуда буд, расид, дидаро нуру синаро сурур бахшид. Алҳақ, ҳар яке дар баҳо равнақи ғунча ёфт, ки аз шукуфтани он боғи табъ хандон шаваду нофа донист, ки аз шикофтани он димоғи хирад атрафшон гардад. Не, не,

Дурҷе дидам латифу мавзун,
Аз дурҷи гуҳар ба қимат афзун.
Макнун дар вай дуре носуфта,
Дарбаста, калиди он нуҳуфта.
Дилҳо шуда хун зи фикри пайваст,
Ноёфта бар кушоданаш даст.

Ба изои он ҷавоҳири хазафӣ, аммо шомили гавҳари обдор ва дар муқобили он лаолии садафӣ, лекин ҳомил ба лӯълӯи шоҳвор дар силки ниёзу шикастагӣ ва риштаи таъаллуқу дилбастагӣ интизом дода, ба мавқифи ҳузур фиристода ва он ин аст:

Қарда зулфат саркашӣ бо рӯи хуби ишвагар,
Офтобе ҷилвадеҳ ҳар сӯ ба қонуни дигар.

* * *

Эй зери сари зулфи каҷат моҳи тамом,
Қавси қузаҳат бар авҷи хур карда мақом.



Дил дар хами гесӯи ту саргашта муқим,
Гул пеши маҳи рӯи ту ошуфта мудом.

Умедвор чунон аст, ки агар зевари ҳусну ҷамолро нашояд, ғӯраи айнулкамолро дархур бувад.

Ҳарчанд садаф шикаставу хор бувад,
Ин бас, ки мақарри дури шаҳвор бувад.

Мушкили ҳар муъаммо ба илтифоти табъи латифашон ҳал бод ва муъаммои ҳар мушкил ба эҳтимоми хотири шарифашон мунҳал!

Вассалом валикром..

196

Баъд аз адои вазойифи дуъо макрун ба иҷобат, самъуллоҳи биман дуъоан,[52] марфӯъ он, ки ба тозагӣ қосиде расиду қасидае тоза расонид:

Чу ҳарфе чанд хондам з-он қасида,
Дили хосонаш андар қайд дидам.
Дар он асно чу шуд чашми басират
Кушода, ҷумла дилҳо сайд дидам.

Ҳарчанд аз матлаъ то мақтаъ дар ҳар байту ҳар мисраъ

Басуръат хотирам нофиз мубоҳӣ,
Ба ҳар ҳарфе фурӯ шуд чун сиёҳӣ,

ҳеҷ нуқсон, ҷуз он ки дафъи айнулкамолро дар ҳусни каломи лутфи мақол кӯшида буданду аз ҳеҷ чизе сохта, ин ноқисро либоси авсофи камолпӯшида ба назари андеша дарнаёмад. Оре,

Машшота чу чеҳраи бутон орояд,
Аз нил хате кашад паи дафъи газанд.

Аз фаҳвои он чунон маълум шуд, ки хидмати эшонро иродати иқбол ба қиблаи мақсуду эъроз аз намудҳои бебуд мутааккид шудааст, алҳамду лиллоҳ алалоя, аммо агар чунончи тағйири умури сурӣ ва тарки ашғоли ғайризарурӣ чун мулойимии мизоҷи шарифи азизон нест, муболаға наравад, дур наменамояд. Ҳеҷ ҷое нест, ки мақсуд зоҳир нест ва ҷамоли туҳурашро чуз камоли зуҳур сотир не.

Гар на ҳар ҷое ҷамоли худ намуд,
«Ваҳва маъкум иннамо кунтум»[53] чӣ буд?!
Моҳӣ андар оби ҷӯй аст обҷӯй,
Мезанад бар чашму гӯшаш оби ҷӯй.
Гар шавад аз об огаҳ ҳам, ба об
Вораҳад ҷонаш зи банди эҳтиҷоб.

Ҳақ субҳонаҳу ва таоло ҳамгинонро аз ҳақиқат пай бурдан ба мақсуд огоҳ гардонод ва дасти ҳиммат аз намудҳои бебуд кӯтоҳ, вассалом валикром.

197

Баъд аз рафъиссалом илалмаҷлисилаъолӣ валмавқифилмаҳфуф билмакорим валмаъолӣ маъруз он, ки ҳарчанд ин шикаста ҳанӯз аз маломату ғаромати қасидаи пешин нараста, аммо чун нафси шуми аз саъодати тарки одат маҳрум ба сабоҳати баҳри шеъру саёҳати киёфии қавофӣ мӯътод гашту тариқи ғазал, ки бе таваҷҷӯҳи ҳасбо ба баъзи аз мазоҳири сурӣ чошнӣ намедиҳад, билкуллия инсидод ёфта, гоҳ-гоҳе тасҷиди хотирро, балки танбеҳи ғавоибу ҳозирро ба татаббӯъи баъзи қасоиди омулфавоид, ки бар сунани каломи илоҳӣ ва



ҳадиси набавӣ муштамил бар насоеҳу кашфи фазоеҳи фурӯрафтагон дар қозуроти дунявӣ ва бозмондагон аз лаззоти камолоти маънавист, иштиғол намуда меояд. Ҷамоъате, ки аз он намад кулоҳеву дар он нақоиз аз худ бар худ гувоҳе доранд, тасаввури он мекунанд, ки ғараз аз он таъбиру ташнеъ ва тавниҷу тақреъи эшон аст, ҳошо ва сумма ҳошо![54]

Хор ё вушнае, ки хунрез аст,
Чун дар авсофи худ забонтез аст,
Нест ҳоҷат, ки дар ҳарими чаман,
Ба ҳиҷояш забон кашад савсан.

Фақире, ки худро ба ҳазор ҷарри сақил аз мулоқоти сурии ҳар карон бар карон кашидаву бо буду нобуд худро дар зовияи хумулу ҳирмон орамида, қиблаи талаби вай нестист, ки ҳаргиз рӯи ҳастӣ набинад ва ваҷҳаи қасди вай нобудӣ, ки ҳаргиз гарди вуҷуд бар вай нанишинад; вайро чӣ тоқати он ки дар гӯшае нишаставу абвоби духулу хуруҷ бар худ баста, тасвири сувари хаёлии ҷамъе парешон ва эҳзори ашбоҳи мисолии эшон кунад ва аз он нишонаи хайру шар барсозаду достони маҳмадату мазаммат пардозад?! Ҳайҳот, ҳайҳот,

Онро, ки дил аз сулҳи касон танг бувад,
Бо ҳеҷкасон кучо сари ҷанг бувад?
В-онро, ки зи фахри ин ҷаҳон нанг бувад,
Бо нанги ҷаҳониён чӣ оҳанг бувад?

Маъа ҳазо, дар ин вало ба вазну қофияи қасида, ки ба ҷавдати фикри афзалулмутақаддимин Хоқонии Шервонӣ сурати ихтироъ ёфта ва амлаҳулмутааххирин Хусрави Деҳлавӣ, ҳазвуннаъли биннаъл,[55] дар тариқи иттибоъи он шитофта, байте чанд гуфта шуда буд, ба хидмат фиристода шуд. Умед аст, ки ба чашми ризо мал-

хуз гардаду аз ҳусни сафо малҳуз ваддуъо би зуҳурил ғайб акраб илаличобата билорайб.[56]

Вассалом валикром.

198

Баъд аз рафъи ниёз марфӯъ он ки чун аз рашаҳоти саҳоби фазлу афзоли он ҷаноби содот шодоб гашта, асҳоби нишонгумшуда ба лисони таъаттушу ташаввуқ

Чу ташнае, ки кунад об дар биёбон гум,
Нишони гумшудаи хештан ҳамеҷӯянд.

Агар маросими ишфоқу макорими ахлоқ кор фармудаву дар он боб эҳтимом фармоянд, ҳокиманд. Лоязол маҷлиси шариф маҷмаъи руфақову марҷаъи фуқаро бод!

Вассалом.

199

## Мавлоно Ҷомӣ ба Бадеъуззамон Мирзо навишта

Баъд аз арзи ниёз ба лисони ихтисору эҷоз маъруз он ки ин фақир мехоҳад, ки пайваста ба навиштае худро бар хотири хатир бигзаронад ва ҳамвора дар коғазпорае ҷавоҳири ихлосро ба назари кимиёасар бирасонад. Аммо чун ҳар қосиде роҳ бад-ин мақсуд наметавонад бараду ҳар толибе тариқи ин матлуб наметавонад сипарад, ин маънии хайр гоҳ-гоҳ сурат намебандаду аз сирри ғайб дер-дер ба зуҳур мепайвандад.

Тарки ирсоли қосиду нома
Шеваи ҳушманди огаҳ нест,



Лек сӯи ҳарими иззати ту
Бодро ҷою мурғро раҳ нест.

Умедворӣ чунон аст, ки анқариби қурби муҷиб, изза шонаҳу, латифае ангезад, ки ҳиҷоби қосиду нома аз миён бархезад ва давлати идроки мулоқоти шарифу истимоъи мақолоти латиф ало аймани фолу аҳсани ҳол мегардад.

Вақти он омад, к-аз ин нилӣ ҳисор
Рӯй бинмой аён хуршедвор.
Дидаи уммедро рӯшан кунӣ,
Тангнои айшро гулшан кунӣ.
Мухлисону дӯстдорон шодком
Даст бӯсандат ба хидмат, вассалом.

200

## Мавлоно Ҷомӣ ба Амир Алишер навишта

З-он дам ки фитод иттифоқи сафарат,
То бу, ки кунам гаҳе ба хотир гузарат?
Гар мурғ парад сӯи ту ё бод вазад,
Хоҳам, ки диҳам ба номае дарди сарат!

Чун қалам бардоштаму андеша гумоштам, ҷуз эътизори рукъаҳои мутатобеъ, ки дар ин чанд рӯз воқеъ шуда, маъние дар дил нагашту сурате ба хотир нагузашт, агарчи ин низ холӣ аз дағдағаи тасдеъе несту авқоти шарифро бе шойибаи тазйеъе не.

Гар бинолам пеши ту, он нола дарди сар бувад,
В-ар бихоҳам узр, он дарди сари дигар бувад.

Муродоти дунявиву саъодоти ухравӣ муҳассал бод! Вассалом.

201

## Руқъаи манзума

Тӯҳфаи маҷлиси шарифи рафеъ
Мефиристам салом, балки се «лом».
Гашта бо ҳам ду «лом»-и нахуст,
Монда боқӣ саюм се ҳарфи тамом.
Бар ҳамин нукта руқъаро кардам
Мухтасар, вассалом валикром!

202

Қилкат, ки ба коми дӯстон ком ниҳод,
Бар ғурраи субҳ турраи шом ниҳод
Не, не, ки зи чаъди ҳур бар сафҳаи нур
Мурғони улоаҷнаҳаро дом ниҳод.

Мактуби марғуби мабнӣ бар қавоъиди ихлосу муҳаббат ва мубаннӣ аз шавоҳиди ихтисосу муваддат фӣ аймани ҳолу аксари соъат бад-ин залили қалилулбизоъат расид. Ҳар сатре ба шатре аз мавоҷиби ҳурмату таъзим ва ҳар ҳарфе ба тарфе аз маросими убудийяту таслим муқобил гашт ва чун пораи такаллуф дар муросалот даъби муншиёну дабирон аст, на шеваи шикастагону фақирон, аз он эъроз намуда мегӯяд:

Худо ёр бодат, ки то метавонӣ,
Ба неку бади халқ некӣ расонӣ!

Вассалом.

203

Ло зола маҷдалкубарои ва маҷдан фӣ иъонатилфуқарои.[57] Баъд аз рафъи таҳийяту таслим маъруз ба лавозими тавқиру таъзим марфӯъ он, ки масмӯъ афтод,



ки андак ориза ба бадани шариф ориз гаштаву биҳамдуллоҳи субҳонаҳу, бахайр гузашта. Мебояд, ки шукронаи онро аксари авқот бе шоибаи аразу бе мутоябаи аваз ба корсозии мазлумону муҳимпардозии маҳмумон гузаронанду онро василаи ҳусули наҷоти диниву дунявӣ ва воситаи улувви дараҷоти сувриву маънавӣ донанд. Шеър:

Дар мазраъи умр тухми некӯӣ кор,
То ном бароядат ба некӯнкор!

Вассалом.

204

Насимун ҳабта мин акнофи Наҷдин
Ва авқад филҳашо найрона ваҷдин.
Ва каррамно бианн аҳдӣ алайно
Қитобан мин зарӣ азза ва маҷдин.[58]

Азъофи алтофе, ки фаромӯшонро ёд кардаанду азҷорафтагонро ба хотир оварда, вазойифи дуъогӯйиву маросими ризоҷӯйӣ муваддӣ мегардад ва таҳошиян ҷанилатноби филкаломилмуфзӣ илаламлоки валиброми[59] бар дуъо иқтисор менамояд. Ҳақ субҳонаҳу ҳамгинонро аз ҳар чи набояд нигоҳ дораду аз ҳар чи нашояд дар паноҳ.

Вассалом.

205

Ухӣ ванҳӣ қиссатул баъдуннабавӣ
Илалмаҷлис илҳуфуфи билмаҷди валъолӣ.[60]

Истимоъ чунон афтод, ки ҷузъӣ маразе воқеъ будаву ба зудӣ сиҳҳати куллӣ рӯ намуда. Алминнаталлоҳи валиюлэҳсон,

Хабари заъфу муждаи сиҳҳат
Гар на масҳуби якдигар будӣ,
Бехабармондагони ҳиҷронро
З-он хабар ҷону дил бифарсудӣ.

Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ҳамгинонро аз оризаи амрози суриву маънавӣ масъун дораду аз ғоилаи офоти диниву дунявӣ маъмун!

Вассалом валикром.

206

Ло золаталафлоку ҳавла маркази иродати доирати в-ан нуҷуми фӣ асобати саҳми саъодати ҷонрати.

Гуфтам, ки ҷавоби номаи ҷонпайванд
Бар лавҳи баён рақам занам ҳарфе чанд.
Дил гуфт, ки аз такаллуфи одату расм
Бигзар, ки ҳамин дуъо басанда-ст, басанд!

207

Хотири шариф аз тақайюд ба матлуботи маҷозӣ мутлақ боду авқоти азиз ба истиғроқ дар мақсуди ҳақиқӣ мустағрақ.

Чун ёфт ба ҷони зор килкат пайванд,
З-он хатти мусалсал хирад афтод ба банд.
Гуфтам, ки ҷавоби он нависам, дил гуфт:
«Бас кун, ки ҳамин дуъо басанда-ст, басанд!»

Саломуллоҳи таъоло ва раҳматуҳу ва баракотаҳу ъалайкум.

208

Офтоб аз торами иззат чу созад зарраро
Пояи қадру шараф олӣ ба ташрифи хитоб.



Дар ҷавоби он хитоб аз зарра ақли хурдабин
Ҳеҷ нашморад савоб илло тақоъуд аз ҷавоб.

Асбоби давлати инҷаҳонӣ макрун ба мӯҷиботи саъодоти ҷовидонӣ муяссар бод!

Биннабӣ ва олиҳиламҷод.

209

Ба олиҷаноби нақобатқибоби нёлатоёб махдумии аъзамии акмалии акрамиюллазӣ аяқсарулбаён мин инна таҳийяталкобо бал алиттиқоба матруҳата дун садди боби маддуллоҳи таъоло зилола афзола ғиёсан лиддунё ваддин муғаййисилислом валмуслимин.

Дуъоҳое, ки бар лаб норасида,
Навиди фастаҷабноҳо шунида,
Таҳийёте, ки бо он нест рӯшан
Хуруҷ аз ӯҳдаи ҳайво биаҳсан.

мубаллиғу мувалдӣ мегардад. Баъдаҳу маъруз он ки чун маҷории аҳволи инҷой биҳамдуллоҳил-л-муфаззалилҷавод мустадъии иқомати маросими шукру муставҷиби идомати вазойифи эҳмод аст, аъёни мулку миллат ва аркони дину давлат аладдавом валистимрор дар мақоми тарассуду интизоранд,

Қ-аз авҷи чоҳу давлат чун хуросо рӯй бинмой,
Ба фарри талъати фаррух Хуросонро биёрой!

Раҷо ба маросими ишфоқу макорими ахлоқ восиқ аст, ки ба исъофи ин мақсаду инҷоҳи ин мурод бар аҳолии ин билод тафаззул хоҳанд намуду миннат хоҳанд ниҳод ва зилли олӣ мадиюлайём валлаёлӣ бар мафорики акориму аъолӣ мамдуд бод!

210

## Ҷавоби мактуби салтанатшиъорӣ Ҳасанбек

Лақад ҳабатат варқоъу зота
Ило фақри аҳлилфақри мин қасри қайсар.
Саҳифата наҷаҳ алақат бичинохиҳо
Би фазли муваффӣ в-эътинои мувақкар.

Рашаҳоти ақломи дабирони олимақоми суддаи сидраойину атийяи сипеҳртамкини подшоҳи ҷаҳонпаноҳу шаҳриёри маъдалатшиъор султонилғаззот валмуҷоҳидин қаҳрамонуттуғот валмуъониддин ло золат роёту нусратиҳи мансубати фавқассамоъ ва оёту давлатиҳи мактубатун алаллавҳилбақоиҳи.

Муъиззиддин Ҳасан ибни Алӣ ибни Усмон,
Қ-аз ӯст мунтазам имрӯз амри ҳаҷҷу ғазо.
Чу гашт бодия обод аз ӯ, ба ҷои самум
Вазад зи реги биёбон насими рӯҳафзо.
Даме ки пой дарорад паи ғазо ба рикоб,
Бар аҳли куфр шавад сурати ғарош ғазо.
Зи тавқи тоъати ӯ ҳеч соҳиби афсар
Натофт сар, ки надодаш ба теғи тез сазо.
Ҷаҳон зи ҳодиса, гӯ, бош дар амон, ки зи ҳирм
Бибаст роҳи ситам бар сипеҳри ҳодисазо.
Ба аҳди маъдалаташ нест зулмкешонро
Ҷуз оҳу нола, ҷазоҳаллоҳа хайра ҷазо.

Мушъир ба истихлоси эҳромиёни Байтуллоҳ аз тавахҳуми дароздастии ҳаромиёни дур аз роҳу мабнӣ аз таваҷҷӯҳу асокири оламгири ҷаҳонситон ба азимати ғазои куффори навоҳии Ғарҷистон равзаи ҷони лабташнагони бодияи шавқ ба ҷамоли Қаъбаи муродро ҳузрате тоза дораду ҳадиқаи ҷинони ҷигарсӯхтагони маъракаи ҳиҷоду иҷтиҳодро нузрате беандоза бахшид. Ҳамгинони ҳамдилу ҳамзабон рӯи ниёз бар замину дасти дуъо бар осмон вазойифи дуъогӯйӣ адо карданду маросими шукргузорӣ ба ҷо оваранд. Лоязол баракоту ақдоми тоифон ҳавла байтуллоҳилҳаром ва маёмини иқдоми ғазоти нусратанҷом бар қалъу қамъи адоти миллати ислом мамадди ҳолу маъадди анҷоҳи омоли мулозимони мухайями ҷоҳу ҷалол ва муаскари иззу иқбол бод!

Биннабӣ ва олиҳиламҷод.



211

## Ҷавоби мактуби дигар

Чун тахаллуф аз муқтазои ано ва итқиёи баро минаттакаллуфи шимаи муқтабисони анвори набавӣ ва шеваи муқтазиёни осори мустафавӣ нест, лоҷарам таҳийяте бе даъвии суханварӣ ва убудийяте бе руъунати мадҳгустарӣ, лобал,

Дуъое, ки набвад ба доъӣ музоф
Зи учбу риё, бал к-аз ихлоси соф.
Чу фонӣ бувад бандае дар дуъо,
На ихлос гунҷад дар ӯ, не риё.
Бувад хоҳише аз шавоиб салим,
Дар ӯ тофта аз қадиру алим.

Нисори соҳати ҷоҳу ҷалол ва арсаи иззату иқболи давлатмандӣ, ки ҳар чӣ ақли дурандеш аз шамоили сариву маънавӣ ва фазоили диниву дунявӣ, ки биноп санои мидҳатгузорон ва асоси сипоси маҳмадатшиъорон бар он аст, андеша мегуморад, ба масоъии ҷамилаву аворифи ҷазилаи он ҳазрат изъофи музоъифаи он дар атрофу акнофи ҷаҳон сурати интишор ёфтаасту самти иштиҳор гирифта. Лоҷарам онро аз қабили тавзеҳ во-

зеҳот доштаву аз мақулаи табиийиин мабниёт ангошта, ба лисони эътизору забони аҷзу инкисор мегӯяд:

Чӣ гӯям дар авсофи соҳибдиле,
Ки мадҳаш бувад нуқли ҳар маҳфиле?
Ба ҳар васфи лоиқ, ки рӯй оварам,
Ки роҳи мадеҳаш ба он биспарам.

Ба он васф машҳур бошад чунон,
Ки донанд хурду бузурги ҷаҳон.

Кунам сарф аз исботи он васфи рӯй,
Ки бесарфа бошад дар он гуфтугӯй.
Зи бедонишӣ ояд андар ҳисоб,
Ки гӯяд касе: «Рӯшан аст офтоб».
Нагӯяд забоновари ҳушманд,
Ки гардун рафеъ асту кайвон баланд.
Ва ин кона яшшуду бобассано,
Фало буддун ман фатаҳа бобаддуъо.
Ва қоҳуллазӣ мулкуҳу ло ябур,
Мадо умруҳу мин суруфид-дуҳур.
Ва абқоҳу биттӯли валимтинон,
Ало маснадилъиззи тӯлуззамон.
Ва рақоҳу марқад азизулманнон,
Биҳи сора мағбуту аҳлилкамол.

212

Мароии машоъири ҳасбии ҷисмонӣ ва маҷолии мадорики ақлию рӯҳонӣ чунон аз фурӯғи таволеъи анвори ҷамолу акси лавомеъи асрори камоли он ҳазрат моломол аст, ки наздик аст, ки таваҳҳуми дуиву такаллуфи маниву туӣ аз миён бархезад. Лоҷарам изҳори шавқу ғаром ва таъаттушу ҳавомро, ки манофии айнияту муқтазии аснийят аст, аз савби савоб дур медорад ва аз тариқи таҳқиқ баъид мешуморад.



Зи бас сурати он ҷамолу камол
Кунам гоҳу бегоҳ бо худ хаёл.
Дилу дида з-он пурбар омад чунон,
Ки бархост ваҳми дуӣ аз миён.
Рамидам зи номи висолу фироқ,
Раҳидам зи шарҳи ғами иштиёқ.
Нагӯяд хирадманд бо хештан,
Ки месӯзам, эй ман, ман аз шавқи ман!

Ва маъа ҳазо, чун дурии сурӣ воқеъ асту он камоли иттисолу иттиҳодро монеъ, аладдавом ҳамагӣ ҳиммату тамомӣ хотир ба он машъуф, ки ҳазрати ҳақ субҳонаҳу ва таъоло аз макмани ғайб латифае ба зуҳур расонад, ки суратро ба он маъ-ни мутобиқ шуморад ва зоҳирро бо ботин мувофиқ гардонад, то чунон ки дили маҳзун махзани ҷавоҳири асрори камоли ӯст, дида матраҳи лавомеъи анвори ӯ шавад ва чунон ки забон мазҳари сунуфи маноқибу суфуфи маосири ӯст, гӯш ҳам мустақарри румузи ғаройибу нукоти наводири ӯ гардад.

Хуш он дам, ки бо маънии ҷону дил,
Шавад муттаҳид сурати обу гил.
Ба ранги басират барояд басар,
Зи дидори ҷонон шавад баҳравар.
Чу бошад забон тӯтии шаккараш,
Шавад гӯш ҳам хуққаи гавҳараш.

Ва чун дар ин вало хоҷаи фақирпарварда, ки аз ҷавонмардӣ ба пирӣ ном бароварда, ливои валои он ҳазрат бар дӯшу ҳамойили шарҳи шамойили он ҷаноб дар ољӯш бо мактуби марғуби мутазаммини ҳар мақсуду матлуб хуршедвор партави иқбол бар вайронаи мискинон андохт ва ба нури ҳузури худ кошонаи торикнишинонро мунаввар сохт, он дағдаға мутааккид шуду он доъия мутааййид гашт, муносиб, балки воҷиб чунон ме-

намуд, ки ба ҳар чи ишорати олия нафоз ёфта буд, бе чуръату густохӣ ва таанниву тарохӣ камари мутоваъат бар миёну борагии мусораъат зери рон карда, тариқи инқиёд сипардӣ ва тариқаи ҳусни эътиқод пеш бурдӣ. Аммо чун боли ҳиммат ба риштаи алоиқ баста буду пои азимат дар санглохи авоиқ шикаста, он нийят дар ҳаййизи тавқиф монду он амнийят дар маърази таълилу тасвиф афтонд.

Дареғо, ки дар дасти ман нест кор,
Ки орам ба каф ҳалқаи зулфи ёр.
Муқаддар, ки пардохт кори ҷаҳон,
Зи ман дошт сирри қазоро ниҳон.
Чу гирам пайи кохи давлат каманд,
Қазо афканад з-он камандам ба банд.
Чу бар шох санг афканам меваҷӯй,
На бар мева, бал-к оядам бар сабӯй.

Мултамас он, ки чун хоҷаи мушорилайҳ ба шарафи побӯсӣ мушарраф шаваду муҳиммоти онҷоӣ ба ҳусни эҳтимоми мулозимон кифоят намояд, ишорат равад, ки зудтар муроҷаъат фармоянд. Бошад, ки ба авни инояту фазли беғояти ҳазрати ҳақ субҳонаҳу дар мурофақату мувофақати эшон сафари муборак муяссар гардад. Ҳазрати муҳаймани маннон ба маҳзи фазлу итминон авлиёи он ҳазратро ҳасбулимкон аз макореҳ масъуну аз макойид маъмун дар мақарри давлату мустақарри ҷоҳу ҳашмат бидород!

Биннабӣ ва олиҳиламҷод.

## Бар унвон навишта шуда буд

Эй баста лаб аз шарҳи ғами танҳоӣ,
Бар худ шуда печон зи дили савдоӣ.
Хуш он, ки расӣ ба ёру лаб бикшоӣ,
Сирри дили хеш якбаяк бинмоӣ.





## Ҷавоби мактуби дигар

Ин хумоюн нома омад тоза аз боғи биҳишт,
Дар вай аз кофур руста сабзаи анбарсиришт.
Ё худ аз навбар баёзи сафҳаи нури вуҷуд,
Чанд ҳарфе килки сунъ аз зулмати ҳиҷрон навишт.

Рашаҳоти саҳоби бирру навол ва қатароти ғамоми фазлу афзол аз ноираи килки мушкбору қалами гавҳарнисор файзон карда буданд, мазраъи раҷои лабташнагони водии фироқу киштзори умеди ҷигархастагони бavодии иштиёқро тозаву тар сохт ва нафаҳоти басотини нутқу баён ва футӯҳоти илму ирфон аз маҳабби сутури анбарнасиму хутути абҳаршамим вазидан гирифт ва боғи ҷони наздикони дуру машоми ҷинони восилони маҳҷурро муъаттар гардонид.

Рашҳи қалами ту чашмаи оби бақост
В-анфоси хуши ту нафхаи боғи вафост
Ин рашҳаву нафҳаро зи ман бозмагир,
Зеро ки дилам зинда ба ин обу ҳавост.

Ба имдоди он рашаҳоту аъдоди он нафаҳот найи абрсон, балки абри найсони хома маводи ҷавоҳири таҳийяту дуъо ва лаолии маҳмадату сано нисори баҳри макрамату дарёи ҷуду мавҳабат мегардонад. Умед аст, ки садафи самъи қабул ба он мунфатеҳ гашта, ҳар якеро қадри дурри сомиву қимати гавҳари гиромӣ арзонӣ дорад.

Суханам қатра бувад, самъи шарифи ту садаф,
Қатраро давлати дурдона шудан аз садаф аст.

Дили мустаҳому хотири беором мехост, ки файзхонаи мухаббираро дар кушудаву аз моида мидоди истимдод намуда, ҳарфе чанд дар шарҳи шӯълаҳои ҳирқати фи-

роқ хомаро бар забон диҳаду сатре чанд дар баёни гармиҳои меҳнати иштиёқ бо нома дар миён ниҳад. Аммо хома ба он тезрафторӣ аз икдом бар он сурат сар кашидаву нома бо ин тангрӯӣ аз қабули ин маънӣ бар худ печида. Оре, оре,

Най нест марди оташу коғаз харифи об!

Аладдавом хотири фотир ба воситаи собиқаи таъоруфи рӯҳониву орзуманди робитаи тааллуфи ҷисмонӣ мебошад. Аммо чун ҳар амре дар ин нишемани ҳикмат манут ба вуҷуди асбоб асту марбут ба таҳқиқи шароит аз ҳар боб ва он ҳанӯз дар макмани кут орамидаасту ба зуҳур дар муваттини феъл наянҷомида, лоҷарам ҷамоли он матлуб ба ҳиҷоби иззат мӯҳтаҷиб менамояд ва чеҳраи он мақсуд ба ниқоби имтиноъ мунтақиб.

Ёр рухсор нуҳуфтаст паси пардаи ноз,
Оҳ, гар боди сабо пардакушоӣ бикунад!

Қофиласолор ҳиммати шадоид ба водии кӯшиш гузаронида, вуҷудро ба соҳили дарёи кашиш расонида, мехост, ки дар киштии беихтиёрӣ лангар андозад ва бодбони фурӯтаниву афтодагиро барафрозад ва дар асраъи муддатеву ақраби фурсате матоъи фақру фано ва колои муҳаббату валоро, ки раҳравони шавореъи ниёзу ифтиқор ва соликони қавореъи аҷзу инкисор аз он сармояе азизтар надидаанду аз он армуғоне нафистар нашунида, ба он атабаи рафеъмартаба, ки масаббӣ янобеъи фазилату камол ва мақарри сафойини амониву омол аст, бирасонад. Аммо чӣ суд, чун маллоҳи тақдир мусоъадат нанамуду шуртаи тавфиқ мувофақат нафармуд?

Фақири мумтаҳан аз бар ба роҳи баҳр шитофт,
Ки бар висоли ту бе ранҷи пой ёбад даст.



Матоъи худ ба лаби баҳр нокашида ҳанӯз
Шикаст киштиву маллоҳ мурду бод нишаст.

Сухан дароз кашиду ибром аз ҳадди эҷоз даргузашт, лоязол маҷории аҳвол бар наҳҷи истиқомат вокеъ боду издирори иззу иқбол аз матлаъи саъодату каромат ломеъ!

Вассалом.

## Бар унвон навишта шуда буд

Эй нома, ки хома рози ин дилхаста
Гуфтаст фурӯ ба гӯши ту оҳаста.
Зинҳор, чу бар диёри ҷонон гузарӣ,
Онро бирасон ба сӯи ӯ барбаста!

214

Саломун қавлаан мин раббирраҳим
Ва таҳийятун фазлан мин баррин карим.
Ало муфаззалин қад шоқанӣ бивисолиҳи
Ва ин лам афзутилло битайфи хаёлиҳи.
Ашақту ва мо басара ғайру иннанӣ
Самиъту мин хокин васфа ҷамолиҳи.

* * *

То гуҳари васфи туро шуд садаф,
Сомиъа бар босира дорад шараф.
Дида фишонад зи ҳасад хун, ки чанд
Аз хабарат гӯш бувад баҳраманд?
Кай бувад оё, ки бувад баҳравар
Дида зи дидор, чу гӯш аз хабар?

Шавку орзумандӣ ба шарафи дастбӯси ҳазрати худовандӣ, ки ғояти ҳиммати давлатмандону ниҳояти дав-

лати ҳимматбаландон беш аз он аст, ки ба мададгории давоти даҳонбаста ва дастёрии қалами забоншикаста дар таййи саҳоиф нашри он мақдур бошад ва дар тӯли тавомир арзи он майсур! Аммо чун дар ин вило ҷаноби зубдатулуламо ва умдатулфузало, кошифи ҳақоиқулулум ва муваззеҳи тароиқулфуҳум, зулмалакатилқудсийя валкамолотилунсийя, алмавлоилакрамиламҷад нурулмиллата ваддина Муҳаммада, ки аз он вақт боз, ки мутаваттини ин диёранд, ба таваддуду тафаққуди ин фақир эҳтимоми тамом доранд, азимати он ҷониб карда буданд ва рӯи таваҷҷӯҳ ба он ҷиҳат оварда. Ин руқъаи масҳуби вараҷе чанд дар шарҳи «Қасидаи мимияи форизия» ала нозимуҳурризвон ва таҳийята изҳоралхулус-илэътиқод ва таъкидан арравобит-алмуҳибба валвидод марқуми рақами ихлос гашта, тӯҳфаи маҷлиси шарифу ҳадяи мавқифи маниф мегардад.

Зиҳӣ, саъодату давлат, агар қабул афтад!

Ва чун шавоҳиди фазлу камол ва истеҳқоқу истеҳмоли мушорилайҳ аз он аҷлӣ аст, ки ба тавсифу таъриф эҳтиёҷ афтаду бавоъиси икрому афзоли худдоми суддаи судрамисол аз он ақвӣ, ки ба таҳрису таҳриз муфтақар бошад, дар он боб шурӯъ намеравад.

Шоҳ шиносад гуҳари шоҳвор,
Санъати даллол наёяд ба кор.

Хидмати хоҷаи дарвешмашраби дар ҷавонӣ ба пирӣ мулаққаб мақдами шариф арзонӣ дошта, ҳамвора ба зикри макорими ахлоқу нашри мароҳими ишфоқи ходимони он остона ва мулозимони он давлатхона забон тар доранд ва машоми ҷони муштоқон муъаттар, оре,

Бод, ки ҳамсӯҳбатии гул кунад,
Ғолия дар домани сунбул кунад.



Нофа чу бо мушк шавад роздор,
Ҷайби сабо гардад аз ӯ мушкбор.

Зиёда ибром шарти адаб нест, тавфиқ рафиқ бод! Биҳурматиннабӣ ва олиҳиламҷод.

215

Баъд аз рафъи ихлос ба лисони ифтиқору ихтисос марфӯъ он, ки хидмати ахавӣ ва ҷаноби Мавлавиро, аҳсануллоҳу оқибатаҳу ва идома офиятаҳу, ки азимати он Каъбаи омол кардаву рӯи таваҷҷӯҳ бар он қиблаи иқбол оварда, аз борёфтагони он остон, ки сарманзили ростон аст, илтимос тафаққудеву истидъо таваддуде мебошад, аммо

Чӣ ҳоҷат, ки гӯянд бо офтоб,
Қи бар фарқ наздик ё дур тоб?
Чу хуршеди тобон диҳад файзи нур,
На наздик маҳрум монад, на дур!

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом валикром.

216

## Ило баъзаласдиқо

Саҳифаи шарифаи мунтавӣ бар иборату ишороти латифа дар атяби авқот расиду қаҳтрасидагони хушксоли ҳиҷронро тиби ақвот расонид, ҷонро хурсандиву танро нерумандӣ дод. Шеър:

Иттақаво биҳи калғадо ил-лазӣ,
Татақавво биҳи миҳҷат ал-муфтазӣ.

Дар он ҷо аз куллиёти умури ин фақир истиҷор намуда буданду аз ҷузъиёти аҳвол истифсор фармуда.

Вақти ҳозир дар чараёни умур бар наҳчи собиқ аст ва замони ҳол дар тақаввули аҳволи мозӣ мувофиқ. Ва чун он солҳо мушоҳид буда, бар замири мунир рӯшан хоҳад буду бар хотири отир мубайян.

Эй карда ҳадиси ошиқон дерпазир,
Бар пурсиши ҳоли бедилон гашта далер.
Бар ошиқи аз ҷону ҷаҳон омада сер,
Имрӯз бувад чу диву дӣ ҳамчу парер.

Ҳақ субҳонаҳу ҳамгинонро аз гирифторӣ ба худ биреҳонад ва ба гирифторӣ ба худ гирифтор нагардонад! Биминнаҳу вуҷудаҳу.

## 217

## Ило баъзалуҳиббо ил-мутаваттин ба Ҷарун, аънӣ Ҳурмуз

Шамсун танавварат ва изоъат биҳо Ҷарун,
Мо асъад ал-лаз ина илайҳо йуҳо Ҷарун.

* * *

З-ин сон ки зи абри дида дарё борам,
Рӯзе фиканад ба мавҷи дарёборам.
Чун ёр гирифта ҷо ба дарёбор аст,
Хоҳам барад ин сел ба дарёборам.

Марфӯъ он, ки аҳволи инҷой ба мӯҷиби дилхоҳ аст ва дидаи интизор ба муқтазои ваъдаи хидматаш бар роҳи давлату саъодат мустадом, вассалом.



## 218

## Ба қозӣ Маҷдиддин Ҳасани Яздӣ навишта шуда

Вараддат ало саҳифати мин фозили,
Филфазли фоқа афозилалофоқ.
Ло зола маҷдан лил-иноми муҷаддан,
Ҳусну шамоилин таййибулахлоқ.

* * *

Наи килкаш баноти фикратро
Ба наботи ҳасан бипарварда.
Ғурраи субҳро зи турраи шом
Рашки рухсори навхатон карда.
Қисса кӯтаҳ, шаби дарози маро
Пора-пора ба рӯз оварда.

Номаи чун ғунчаи навшукуфта тӯбартӯй мушкбезу анбарбӯй, ки дар баҳори ҳадди эътидол аз шохсори лутфу ҷамол дамида ва аз ҳар мӯи он насими вафову шамими муваддату ахо ба машоми ҷону димоғи ҷинон расида. Дар атяби авқоту радияталфутуҳот, инна ли-рабрбикум фӣ айёми даҳрикум нафаҳот аз риёзи фазлу камол ва ҳадоиқи икрому афзол хидмати мавлавии ақзавии аъламии акрамии афзалӣ назҳатбахши вайронаи ранҷурони фироқ ва атрафшони кошонаи маҳҷурони муштоқ гашт.

Ғунчаи уммед бишкуфт аз насими лутфи ӯ,
Боғи дил з-он ғунчаи хандон чу гулшан тоза шуд.

Изъофи музоъафаи он муътафаву муъотафа, ки аз фаҳвои он мутолаъа афтод, аҷзу шикастагӣ ва таъаллуку дилбастагӣ ба мавкифи арз расонида мешавад ва

чун такаллуф дар шарҳи орзумандиву иштиёқ мувахҳам аст, ба муболағаву иғроқ ва он даъби муншиёну дабирон аст, на шеваи шикастагону фақирон, аз он эъроз намуда, бар дуъо иқтисор меравад ва лоязол зилли фазоил бар мафориқи афозил мамдуд бод, вассалом.

219

## Мактуб ба баъзе аз машоихи Меҳна, ки бар канори мактуби дигаре шикоятгуна навишта шуда

Маро чӣ заҳра, ки ин орзу ба дил гузаронам,
Ки баҳри ман самар аз нахли килки хеш афшонӣ?
Бас ин карам, ки зи коғаз чу бар табақ кунӣ онро,
Туфайлии дигаронам бар он канора нишонӣ!

Шукри хомаи латоифнигор, ки бар ҳавошии номаи номдор ин маҳҷури баркаронмонда аз маҷлиси ҳузурро орзуи дил дар канор ниҳода ва ин ранҷури нотавон афтода бар бистари аҷзу қусурро нусхаи шифои оҷил фиристода, ба забони шикаста адо натавон карду ба сухонони барҳамбаста истиқзо натавон намуд. Лоҷарам тайййи бисоти шукр кардаву рӯй бар басити узр оварда мегӯяд:

Гар зи ҳар барги гиёҳе диҳадам даҳр забон,
Шарҳи як рашҳа зи абри карамат натвонам.
В-ар зи ҳар шохи дарахте кунадам чарх қалам,
Шукри як нуқта зи нӯки қаламат натвонам.

Илтифоти хотири хатир, ки ҳолиё ин фақир аз муъотабаи дилпазир тақсири таваҷҷӯҳ аз навоҳии Марву Мохон ба мавоқеъи ишроқи он офтоби Ховарон дармеёбад, агар он замон дарёфтӣ, ҳаройина аз сар қадам



сохтаву онро сари ҳама саъодатҳо шинохта, ба хидмат шитофтӣ. Аммо чӣ суд, чун офтоби ин иноят он рӯз партав наяндохт ва сари муфохарати ниёзмандонро ба авҷи иззату зурваи каромат наяфрохт.

Якчанд ба хоки Марвам афтод нузул,
Марвӣ хабаре зи ту наёвард расул.
То ёфтаме аз он хабар бӯи қабул,
Бардоштаме ба сӯи ту роҳи вусул.

Маъа ҳазо ин ҳикоят на изҳори хотирмондагисту шикоят, балки такаллуфест дар узри тақсиру тамаҳҳуле дар дафъи ҳиҷолату ташвир ва илло зарраи ҳақирро ба офтоби ховарӣ чӣ маҷоли ин навъ забоновариву ёрои ин гуна ҳуҷҷату доварӣ?!

Эй рӯи ту з-офтоби Ховар анвар,
Хоре ба масал, к-аз ту дамад дар бистар.
Он хорам агар зи гул наёяд хуштар,
Хоки хама дашти Ховаронам бар сар.

Сухан дароз гашту густохӣ аз ҳадди имтиёз гузашт. Зилли оливу сояи макорими маъолӣ бар мафориқи адониву аъолӣ маддиюлайём валлаёлӣ мамдуд бод!

Биннабӣ ва олиҳиламҷод ва алайҳу алайҳум аттаҳийята, вассалом.

220

## Дар ҷавоби мактуби баъзе аз судур, ки истидъои ҷавоб карда буданд

Варадту ало саҳифати мин мафзал,
Хатталаноми бифазлиҳи ва наволиҳи.
Мамадда ало куллилваро,
Фӣ маснадиликболи зиллу ҷалолиҳи.

* * *

Ба номи раҳӣ номае номзад шуд
Зи олиҷаноби садоратпаноҳӣ.
Магӯ нома, маншури лутфе, ки бошам
Ба ташрифи он то қиёмат мубоҳӣ!

Шукри номаи мушкинтарозу узри хомаи мискиннавози мулозимони остони рафеъ, лозола малозаналкулли шарифин ва вазеъ, майсури қалами максуруллисон ва макдури забони қосирулбаён набвад. Лоҷарам такоъуд аз адои он воҷиб намуд.

Агар аҳдҳо узри ин лутф хоҳам,
Бурун н-оям аз ӯҳдан он камоҳӣ.
Ҳамон беҳ, ки аз маъзарат лаб бибандам,
Қи ҳам лутфаш аз худ кунад узрхоҳӣ.

Ва чун шарҳи маъонии ниёзмандиву ихлос аз таваҳҳуми такаллуфу риё орӣ нест ва изҳори сурати иҷтисор ҷуз бар қоъидаи зоҳирбинони худнамо ҷорӣ не, садди он боб низ карда шуд.

Зи шавқи ниҳонӣ иборат чӣ ҳоҷат,
Чу бар сирри дил медиҳад дил гувоҳӣ?!

Доъии каминаро ҷуръати ин калому густохии ин ибром набуд, аммо ба ҳукми алмаъмуру маъзур мусаддеъ гашт.

Зи дарвеши содиқ дар ин раҳ чӣ лойиқ
Дуъои шабу ҳиммати субҳгоҳӣ?
Ба он сон, ки хоҳӣ, насиби ту бодо
Бақои масъун з-эҳтимоли таноҳӣ!

Эзид таъоло зоти малакисифотро дар мақарри иззату мустақарри давлат бидород!
Вассалом.



221

## Ҷавоби мактуби Шайх Сайид Муъиниддин Муҳаммад валади Шайх Сафиюддини Амчӣ

Рихуссабо аҳдат ило наъимо,
Мин балдатин фиҳалчайбу муқимо.
Иннӣ азанну насимаҳо мин таййибати
Ва хубубуҳо мин индаҳи насимо.

* * *

Субҳидам накҳати гесӯи ту овард насим,
Тоза шуд бо дили ман ишқи туро аҳди қадим.

Рашҳаи хомаи мискиннавоз, ки бар саҳфаи номаи мушкинтароз мурғони улоачнаҳаро дом ниҳод, чун саводи дидаи арбоби биниш ҳама нуру чун сари синаи асҳоби дониш саросар сурур фӣ аймани вақту акрами соъат бад-ин қалилулбизоъат расид.

Қад карранӣ аҳдалакамми мо наситух
Ва ҳеҷ эҳзоналфуод ва шавқан.
Алам биқалби минҳу шавкун мубарриҳ
Ва аҳрам филэхшоъи норан фаафлақо.

Аз ҳар ҳарфе фараҳе рӯй доду дар ҳар лафзе лутфе мушоҳада афтод.

222

Бақиту бақоъан лоюзолу фаннамо
Бақоун ҳасануззамони ва тиб.
Вало кона лилмакруҳи нахвак мазҳаб
Вало ассуруфуддаҳри фика насиб.

* * *

Шуд найи хома диламро тарҷумон,
«Бишнав аз най, чун ҳикоят мекунад».
Бо забони тезу чашми ашкрез
«Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад».

Меҳнати тамодии айёми фироқу шиддати таволии оломи иштиёқ зиёдат аз он аст, ки ба имдоди коғазу мидод ва аъмоли адавоти қаламу давоти таъаддиву тафаззӣ ӯҳдаи адои он тавон намуд.

Ба сад тӯмору сад дафтар нашояд шарҳи муштоқӣ!

Аммо чун хидмати бародари ҳақиқӣ ва дӯсти таҳқиқӣ, вафқатуллоҳ лимо яҳба ва ярзоҳ, ба баҳонаи обу гил рӯй дар Каъбаи арбоби дил карда, мутаваҷҷеҳи он савб буд, худро бар гӯшаи хотири муҷовирони он остон, ки қиблагоҳи ростон аст, гузаронид ва бар фитроки мулозимони он даргоҳ, ки паноҳи ҳушмандони огоҳ аст, баст.

Нагӯям нисбате дорам ба наздикони даргоҳат,
Ки худро бар ту мебандам ба солусиву зарроқӣ.

Ҳарчанд саломи қатра ба дарё аҷаб асту пайғоми зарра ба хуршеди воло хилофи адаб, аммо чӣ тавон кард.

Набзи ошиқ беадаб бармеҷаҳад,
Хешро дар каффаи шаҳ мениҳад.

Хайрулкаломи мо ҳалла ва дилла, агарчи ин калимоти парешон аз далолат орист.

Биҳамдуллаҳ, ки қиллат ихтиёрист!

Сояи олӣ бар мафориқи авониву аъолӣ мадиюлайём валлаёлӣ мамдуд бод!

Биннабӣ ва олиҳиламҷод, вассалом валикром.



223

Эй мурғ, агар шавӣ сӯи Табрез, тез пар,
Аз ҳоли мо бибар бари табрезиён хабар.
Қ-имшаб шудаст хирқаи арбоби фақрро
Домону ҷайбу хиштаку тирез низ тар.

Маъруз он, ки ҷамъе фуқарову масокини адаму арбайнилмоъи ваттин дар қарияи Неъматобод, ки аз заволи неъмат эмин бод, даст аз худ шустаанду машғул ба дуъогӯйиву хайрхоҳӣ ва интизори навиштаи шоҳӣ нишаста.

Чи хуш бошад, ки аз фазли илоҳӣ
Гадоёнро расад маншури шоҳӣ!

Давлати дуҷаҳониву саъодати ҷовидонӣ муҳассал бод! Вассалом валикром.

224

Ҳувалҳайю инnode олиллоҳ ва инноилайҳи роҷиъун.[61]

Қадом давҳаи иқбол сар ба чарх кашид,
Ки сарсари аҷалаш оқибат зи бех наканд?!
Кӣ рехт тухми амонӣ ба киштзори ҷаҳон,
Ки барқи ҳодиса оташ ба хирманаш нафиганд?!

Чӣ гӯям аз ахбори воқиъаи душвори падари бузургвор, ҳашаруллоҳулмаликулғаффор фӣ зумратал-аброр валахёр,[62] бад-ин ҷигархастагони дилафгор чӣ расиду чӣ нависам, ки аз кашидани бори мусибати мушкилу ҳодисаи ҳоили он қудваи амосил тағмадаҳа аллоҳу яфзалалкомил ва ғуввaҳалшомил[63] бар ин аздастрафтагони пойдаргилмондагон чӣ афтод?

Ҳазо ғамму амми тафозилулаҷзо
Ва алам лам битабоъизилаъзо?[64]

Ҷон решу ҷигар пораву дил пурхун аст,
Аз дидаи ғамдида чӣ гӯям, чун аст?

Аммо чӣ тавон кард? Ҳеҷ падар ба дари вуҷуд дарнаёмад, ки рахт ба дарвозаи адам накашид ва ҳеҷ пинаёмад, ки рахт ба дарвозаи адам накашид ва ҳеҷ пинасар ба сари хони ҳаёт нанишаст, ки шарбати мамот начашид.

Гаҳе Яъқуб з-осеби ғами Юсуф ҳамемирад,
Гаҳе Юсуф ба доғи фурқати Яъқуб месӯзад.

225

## Суфоришнома ли баъзиилаадиқо

Баъди рафъи салому савқи калом дар баёни камоли шавқу ғаром маърузи акобири узом ва мафохири киром он ки хоҷаи дарвешмашраби дар ҷавонӣ ба пирӣ мулаққаб, ки гумони ин фақир он аст, ки мақсуди вай аз муҳоҷарати автону муфорақати ихвон зиёрати дарвешону тақарруб ба мулозамати эшон аст, на ҳусули омолу амонӣ ва вусул ба музахрафоти фонӣ, ки бар ҳеҷ оқил пӯшида намонад.

Ки коми ин ҷаҳон чандон наярзад,
Ки гоме бахри ӯ бардорӣ аз ҷой.

Мутаваққеъ аз макорими ахлоқу маросими ишфоқи эшон он, ки мақдами шарифи ӯро муғтанам шумурдаву шароити икрому эҳтироми ӯ ба ҷой оварда, дар ҳар муҳимме, ки руҷӯъ кунад, эҳтимом намоянд ва дар маслаҳате, ки ба арз расонад, илтифот фармоянд, ки бешак имдоди ҳар кӣ аз ин тойифа дам задааст иъонати ҳар кӣ дар ин тариқа қадам ниҳода, василаи наҷоту воситаи рафъи дараҷот хоҳад буд.

Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ҳамгинонро тавфиқи сафари аз худ бар худ, ки сармояи давлати абаду саъодати сармад аст, рафиқ гардонод!

Вассалом.

226

Хидмати фазойилмаоби латойификтисоб Мавлоно Сайфӣ, ки дар лутфи ғазалу ҳусни мақол адимулмисоланду дар ҳиддати зеҳну диққати хаёл мушарраф ба мартабаи Камол ва дар саноъати таъмийя номдоронро номгум кардаанду дар ҳалли муъаммиёт ба мушкилкушойӣ ном бароварда, майдони қофиясанҷон дар мақоми муқовалаи эшон танг асту мизони арӯзиён дар маъразн муъоразаи эшон бесанг, муддате мадид партави илтифот бар кулбаи торикнишинон андохтаанд ва машоми завқашон ба равоеҳи анфоси худ муъаттар сохта. Маъмул аз макорими ахлоқи эшон он, ки дар ғайбату ҳузур риъояти ҳуқуқи суҳбату шаройити муҳаббат лозим доранд ва дар сафару ҳазари иқомат вазойифи дуъои хайр воҷиб шуморанд.

Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ҳамгинонро аз зулмати гирифторӣ ба худ бираҳонод ва бар ошноӣ ба худ бирасонод!

Биннабӣ ва олиҳилкиром алайҳу ва алайҳум ассалавота, вассалом.

227

## Суфоришномаи дигар

Соҳиби фазли ҷалӣ Мавлоно Дарвешалӣ, ки дар санъати китобат ангуштнамосту дар саноъати назми ғазал фарду беҳамто, миёни асҳоби қалам ба хушнависӣ машҳур асту ба забони арбоби баён ба Вайсӣ мазкур.

Он ки поку латиф мегӯяд,
Гар қасида ва гар ғазал, Вайсист.
Дар ҳисоби ҳунар, агар дигарон
Бист бошанд, филмасал вай сист!

Дер гоҳ аст, ки гӯшаи хотире ба ҷониби ин фақир медораду аз зумраи муҳиббону мухлисон мешуморад. Мултамас аз макорими ахлоқу маросими ишфоқи маходим он, ки ҳар ҷо ташрифи ҳузур арзонӣ фармоянд, макдами шарифи ӯро муғтанам шуморанд ва шаройити таъзиму такриму тавқир ба тақдим расонанд. Ҳарчанд бо зуҳури фазойилу шамойили ӯ машғулӣ ба ин суфобо зуҳури фазойилу шамойили ӯ машғулӣ ба ин суфориш фузулӣ менамояд, чун он бинобар илҳоқу ифтироҳи ӯ буда бошад, ҳар кӣ донад, бешубҳа маъзур фармояд. Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ҳамгинонро аз худ раҳоиву бо худ ошноӣ каромат кунод! Биннабӣ ва олиҳиламҷод.

228

## Руқъаи мушъир ба вусули он чи подшоҳи Рум фиристода буд

Орифае, ки мулозимони ҳазрати подшоҳи динпаноҳу шаҳриёри маъдалатшиъор бе василаи сабабеву воситаи талабе аз билоди Рум номзади фуқарои аз шарафи хидмати мулоқот маҳрум ба Хуросон фиристода буданд, расиду аз он ҳазрати башоратиқбол бар дарвешон ва қабули тариқати эшон расонид.

Атоҳое, ки шоҳи маъдалаткеш
Фиристад сӯи дарвешони дилреш,
Далели рағбату эҳсони шоҳанд,
Бар иқболу қабули ӯ гувоҳанд.
Хусусан, ин гувоҳоне, ки пайдост
Фурӯғи сидқ аз эшон бекаму кост.



Дурахшон рӯяшон чун барқи ломеъ,
Зи Қуръон васфашон сафрои фокеъ.
Сурурангез дилҳои парешон,
Тасарраннозирин дар шаъни эшон.
Фарангиасл, лекин шоҳи диндор,
Раҳонидасташон аз қайди куффор.
Гирифта пеш ҳамроҳи каримон
Саёҳат дар диёри аҳли имон.
Зи касрат гарчи берун аз шуморанд,
Чу бахшишҳои шаҳ ҳадде надоранд.
Чу гирӣ аз шумор оғозу анҷом,
Расад ҳолӣ шумори он ба итмом.
Ало, то офтоби оламафрӯз
Зар афшонад зи ҷайби субҳ ҳар рӯз.
Кафи шаҳ ҳамчу хуршеди дурахшон
Ба фарқи хокиён бодо зарафшон!

Зулоли олии мадиюлайёмуллаёлӣ мухаллад бод!

229

## Муъаммо ба исми Усмони Чалабӣ, ки ҳам аз назму ҳам аз наср бармеояд

Оварда ба айни Қаъба дил ҳаҷҷи дуруст,
Лекин чу ҳисоб кард аз он рукни нахуст.
Лаббайк зад аз ҳад бадару рӯй ниҳод
Дар Қаъбаи омол, ки хоки дари туст.

Ин муъаммои номдор садафест шомили дурри шоҳвор, аънӣ номи хуҷастафарҷоми дарёкаффе, ки як гавҳар аз осори ҷуди ӯ аз ҳар чи дар Уммон аст, бар сар омада ва ҷайби омолу амонӣ бо самти бепоён аз мабодии лутфу бари ӯ барбаромада.

Ишқ ба зӯру зар нест, ба зорист,
Ҳар кӣ бе зорист, дар худбезорист!
Чеҳраи зард бояд, на бадраи зар,
Тариқат ҳамин аст, аз ин магзар!
Мо на сими сара, на зар дорем,
З-он лаби хушку рӯи зар дорем.
Ошиқонро куҷо диҳад зар даст?
Ваҷҳи эшон ҳамин рухи зард аст!
Қарда аз ашк остин пурсим,
Қимати дурри васл мепурсем.

* * *

Дар ин роҳ номи нек мӯҷиби нанг аст,
Номус ба як тараф неҳ, ки вақт танг аст!
Вароқи варъу зӯҳд дарпеч,
Ҷарида рав, ки роҳест печдарпеч!

* * *

Дар хароботи ошиқон, зинҳор,
Аз сари иффату вараъ н-ойӣ!
З-он ки бо якдигар наёяд рост
Даъвии ошиқиву раънойӣ!

230

## Ба султон Ҷаҳоншоҳ, ки Ҳақиқӣ тахаллус мекарду девони худ фиристода буд, навишта шуда

Бидеҳ, соқӣ, он ҷоми гетинамой,
Ки ҳастирабой асту мастифазой.
Ба мастӣ зи ҳастӣ раҳоем деҳ,



Ба мастони ишқ ошноем деҳ!
Бизан, мутриб, он нағмаи дилнавоз,
Ки дар пардаи дил бувад пардасоз!
Ба шукрона, к-аз пардаи гуфтугӯй
Арӯсони маънӣ намуданд рӯй!
Зи гулзори фирдавс омад гуле
Ба сарманзили бенаво булбуле.
Зи борони ҷуду саҳоби карам
Зулоли бақо ёфт хоки дарам.
Зи дарёи асрор файзи ҷадид
Ба лабташнагони савоҳил расид.
Сухан кӯтаҳ, аз зодаи табъи шоҳ,
Ки донишмаоб асту ирфонпаноҳ,
Ҳумоюн китобе чу дурҷе зи дур,
Расид аз гуҳархои таҳқиқ пур.
Дар ӯ ҳам ғазал дарҷу ҳам маснавӣ,
Ҳам асрори суриву ҳам маънавӣ
Шуда толеъ аз матлаъи ҳар ғазал
Фурӯғи табошири субҳи азал.
Зи мақтаъ чи гӯям, ки ҳар мақтаъе,
Ки файзи абадро бувад манбаъе.
Ба суратпарастони кӯи маҷоз
Зи шоҳи ҳақиқӣ нишон дода боз.
Чу дар маснавӣ дода доди сухан,
Навӣ ёфта розҳои куҳан.
Дар идроки асрори уммулкитоб
Зи ҳар мисраъаш ақлро фатҳи боб.
Зиҳӣ, номаи дилкашу дилкушой,
Ки шуд ҷони Аттор аз ӯ атрсой!
Бувад маснавӣ, лек он маснавӣ,
Ки шуд фойиз аз хотири Мавлавӣ.
Зи бас гул, ки аз роз дар вай шукуфт,
Ҳаме шоядаш гулшани роз гуфт.
Бувад пояи он сухан бас баланд,

Кай он ҷо расад васфи моро каманд?
Суханҳои шаҳ, к-аз дили пок хост,
Ба покон, ки шоҳи суханҳои мост.
Бар ин нукта бошад далеле тамом:
«Қаломалмулуки мулукалкалом».
Ман аз васфи гуфтори шаҳ қосирам,
Ба мадҳаш чӣ сон раҳ барад хотирам?
Чу хаффошро нест нури басар,
Ки бинад ба рӯи замин акси х(в)ар.
Куҷо оварад ҳаргизаш дида тоб,
Ки бинад бар авҷи фалак офтоб?
Фурӯ банд, Ҷомӣ, забони макол,
Ки танг аст ин ҷо суханро маҷол!
Чу расмест дар ин ки хатми суҳун
Бувад бар дуъо, бар дуъо хатм кун!
Ало, то қавобил зи файёзи ҷуд
Пазиранд ҳамвора файзи вуҷуд.
Дили поки шаҳ қобили роз бод,
Дари файз бар хотираш боз бод!
Сипеҳраш ба фармон, ҷаҳонаш ба ком,
Дуъогӯйи ӯ инсу ҷон, вассалом!

231

## Мавлоно Ҷомӣ ба султон Ҳусайн Мирзо навишта[65]

Файёзи карам зи файзи беандоза
Андохт зи мақдамат ба шаҳр овоза.
Шуд боғи умеди номуродон хуррам,
Шуд шохи умеди ноумедон тоза.

Муродоти суриву маънавӣ мутазаммини саъодоти диниву дунявӣ муяссар бод!



232

## Мавлоно Ҷомӣ дар ҷавоби мактуби қозӣ Исои Ироқӣ навишта

Килкат, ки ба коми дӯстон ком ниҳод,
Бар ғурраи субҳ турраи шом ниҳод.

233

## Мавлоно Ҷомӣ ба яке аз дӯстон навишта

Рафтиву баҳона он, ки бозоям зуд,
Шуд зуди ту деру дер ҳам рӯ нанамуд.

Мунтазиронро дида бар роҳ буду шикастахотиронро сина пурох, аммо чӣ тавон карду ғуссаи ин қисса бо кӣ тавон х(в)ард? Байт:

Ҳаҷре, ки бувад маро зи дилбар,
Аз васл ҳазор бор хуштар!

Муродот муҳассал боду тафрақаҳо ба ҷамъийят мубаддал! Вассалом.

234

## Ба Амир Алишери Навоӣ дар суфориши Хоҷа Маҳмуди Тойибодӣ

Маҳмуд, ки судааст умре чу Аёз
Бар хоки дарат ба бандагӣ рӯи ниёз.
Рафта зи дарат зи бераҳӣ роҳи дароз,
З-он бераҳӣ акнун паи узр омада боз.

Илтимоси он дорад, ки маъзарати вай қабул намудаву ҷурми вай афв фармуда, ба назари иноят малҳуз гардад ва аз ҳусни риъоят маҳзуз.

Давлати мустадому саъодати аладдавом!

235

## Мавлоно Ҷомӣ ба яке аз ёрон навишта

Дар дида зи ту абри баҳоре дорам,
Бар чеҳра шукуфта лолазоре дорам.
Лутфе бинамову бурқаъ аз талъати хеш
Бикшо, ки азим интизорӣ дорам!

Муддати дурӣ дер кашиду меҳнати маҳҷурӣ ба ниҳоят нарасид. Беш аз ин фақиронро таҳаммули интизор несту зиёда аз ин маҳҷуронро сабру қарор на!

Эй хонда ба азми рафтан афсуни ҳама,
Бигрифт ғамат даруну беруни ҳама!
Мо зинда ба онем, ки бозой зуд,
Гар дер ой, ба гарданат хуни ҳама!

Асбоби табдили айнийят ба ҳузур муҳайёву майсур бод! Биннабӣ ва олиҳи.

# ТАВЗЕҲОТ

## Нафаҳот ал-унс

1. *«Табақот ус-сӯфия»*-и Абдуллоҳи Ансорӣ. (Муроҷиат кунед ба нашри қобулии он: Абдуллоҳи Ансорӣ. Табақот ус-сӯфия. Ба тасҳеҳу таълиқ ва таҳшияи Абдулҳай Ҳабибӣ. Кобул, 1341/1962, муқаддимаи ношир, с. 4—35).

2. *«Табақот ус-сӯфия»*-и Абдураҳмони Суламӣ асарест, ки дар он бузургони сӯфия (аз Фузайли Аёз то Муҳаммад ибни Абдулхолиқи Диноварӣ) ба 5 табақа ҷудо карда шудаанд. Муаллиф дар 4 табақаи аввал 20 нафар ва дар табақаи 5-ум 23 нафарро ҷой дода, доир ба ҳар кадоме бист ҳикоя овардааст. (Суламӣ. Табақот ус-сӯфия. Табъи Нуриддин Шариба, Қоҳира, 1953).

3. Ба монанди «Китоб аз-зӯҳд»-и Саҳл ибни Осим, «Китоб аз-зӯҳд»-и имом Аҳмад ибни Муҳаммади Ҳанбал (с. в. 241/855), «Эътиқод»-и Иброҳими Хавос (с. в. 291/904), «Асмои машоихи форс»-и Абӯабдуллоҳи Хафиф ва ғайра.

4. *«Кашф ул-маҳҷуб ли арбоб ил-қулуб»* («Кушоиши нидоҳо барои аҳли дил») — асари илмиву фалсафии Ҷуллобии Ҳаҷвирӣ ва аввалин асари таълифӣ ба забони форсӣ-тоҷикист, ки таърихи таҳаввул ва моҳияти тасаввуфро муфассалан баён менамоянд. Китоб аз муқаддима (14 фасл) ва матни асосӣ (11 фасл) иборат

буда, дар он мақсад, маъно ва моҳияти сайру сулук, каромот ва таълимоти аҳли тасаввуф баён шудааст.

5. *Мавлоно Абдураҳмон ибни Аҳмади Ҷомӣ.* Нафаҳот ул-унс. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Маҳдии Тавҳидипур, Теҳрон, 1337 ҳ. қ.

6. *Шайхулислом* — лақабест, ки аз ҷониби давлат ба пири тариқати ислом дода мешуд. Ҳамчунон, лақаби машҳури Абдуллоҳи Ансорӣ аст.

7. Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот ал-унс» санаҳоро ба ҳуруфу забони арабӣ овардааст. Барои он ки ба хонандагон фаҳмотар бошад, мо санаҳоро дар қавсайн бо рақамҳо (ҳам санаи ҳиҷрӣ ва ҳам санаи милодиашонро) тафсир додаем. (Соли 1476 соли оғози навишта шудани «Нафаҳот ал-унс» мебошад).

8. *«Сияр ус-салаф»* — рисолае дар сирати орифону машоихи гузашта буда, муаллифу таърихи таълифаш алҳол номаълум аст.

9. *Шунайзия* — номи яке аз масҷидҳои машҳури Бағдод.

10. *Сақалайн* — инс ва ҷинс: олами инсон ва олами ҷинс.

11. *Абдол* — наздиконп худо; хосони худо, ки шумораи онҳо гӯё 70 нафар будааст.

12. *«Ман-язид»* — ибораи арабӣ буда, маънии «кӣ зиёд мекунад»-ро ифода менамояд ва дар муомилоти тиҷоратӣ (дар вақти фурӯш) барои баланд бардоштани баҳои молу матоъ истифода бурда мешавад.

13. *Хубайра* — шаҳрест воқеъ дар Миср.

14. *Ладуннӣ* — он чи ғайри иштироки табиату зеҳн ва ғайри кӯшиш гӯё аз тарафи худо ато шудааст; худодод.

15. Инро гӯш кун.

16. *Аҷамӣ* — мардумони ғайри арабро гӯянд; қавмҳои форсу тоҷикзабон.

17. *Усул* — қавоъиди асосии ҳар илм, асосҳои ҳар илм, қисматҳои муҳимтарини илм; номи илми дини ислом, ки дар он аз ҳар чаҳор усули фиқҳ баҳс мешавад: якум — китоб (Қуръон); дуввум — суннат (ҳадис); саввум — иҷмои уммат (иттифоқи саҳоба ё муҷтаҳиддин); чаҳорум — қиёс (ҳукм баровардан дар бораи ҳалоливу ҳаромии кору амале аз ҷиҳати зарари сиҳҳӣ ва ё ахлоқӣ ба воситаи ташбеҳ кардани чизе ба чизе).



18. *Шайхулмашоих* — муршиду пешвои рӯҳониён.

19. *Шофеъимазҳаб* — пайванди яке аз чаҳор мазҳаби ислом, ки асосгузори он имом Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Шофеъии Идрис будааст.

20. *Таҷҳизу такфин* — омодаву тайёр намудани асбоби зарурати мурда ва кафан кардан.

21. *Мустаҷобуддаъва* — касе, ки дуъоҳои вай посух дода мешавад ва аз тарафи мардум пазируфта мегардад.

22. *Ханбалимазҳаб* — касе, ки пайравии имом Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳанбалро кунад.

23. Фақир азиз аст.

24. Фахру зинати фақирон.

25. *Сайидултоифа* — тоифаи сайидҳо; сайид — лақаби авлоди Муҳаммад пайғамбар аст.

26. *Айнулқуззоти Ҳамадонӣ* — Абулмаолӣ ибни Абдуллоҳ ибни Алии Миёнҷии Ҳамадонӣ (1099/1131 дар Ҳамадон) олиму нависандаи мутасаввифи форс-тоҷик буда, дар илмҳои фалсафа, мантиқ, калом, ҳадис, ҳисоб, адаб, сарфу наҳви форсиву арабӣ шӯҳрати зиёде доштааст. Ӯ яке аз назариячиёни тасаввуф буда, бештари таълифоташ дар ин соҳа аст. Айнулқуззотро дар аҳдаш бо таъбирҳои «пешвои орифони замон» ва «саромади асри худ» тавсиф кардаанд. Муаллифи як силсила асарҳои илмӣ ба забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ: «Зубдат ул-ҳақоиқ», «Яздоншинохт», «Тамҳидот», «Мактубот», «Тафсири ҳақоиқи Қуръон» ва ғайра мебошад. Айнулқуззот ба воситаи таълифоти худ афкори оппозиционии аҳли тасаввуфро нисбат ба исломӣ хеле инкишоф додааст. Як силсила рубоиёт низ дорад, ки аслан андешаҳои тасаввуфии ӯро таҷассум намудаанд.

27. Азизу тавоно.

28. Ба номи худои бахшояндаву меҳрубон.

29. *Самоъ* — ҳолати шавқу завқ, ваҷд ва ҷазбаи дарвешон ҳангоми хондани зикр.

30. Турбаташ муқаддас бод!
31. *«Оят ал-курсӣ»* — номи ояте аз Қуръон аст.
32. *Сулук* — дар тасаввуф роҳу тариқа ва зиндагонии аҳли тасаввуф, зиндагонии дарвешона ва пархезгоронаи сӯфиён бошад.
33. Дар таҳқиқ.
34. Он дар «Ал-китоб» (яъне Қуръон) сабт шуда.
35. Бигӯ, эй қофирон!
36. Аз байни одамон ту ба ман шабеҳтаринӣ.
37. Сӯфӣ бо ҷандаҳои худ ва ятим бо ғазаби худ авлост.
38. Шаби шанбеи 10-уми моҳи раҷаби соли 712 ҳ. фавт кардааст, турбаташ муқаддас бод!
39. *Амиралмӯъминин* — сарвари мусулмонон, лақаби халифаҳои араб аст.
40. *Шатҳ* — дар тасаввуф суханони мухолифи зоҳири шаръ гуфтан ва калимоти мухолифи шариат ба забон овардан аст.
41. *Машшоия* — машҳуртарин ҷараёни озодандешии фалсафаи асрҳои миёнаи мардумони Шарқи Наздику Миёна буда, дар қарни IX пайдо шудааст. Асосгузори вай файласуфи араб Киндӣ ба шумор меравад. Манбаъҳои назариявии он мероси фалсафии Афлотуну Арасту аст. Машшоиён гурӯҳе аз файласуфони Юнони Қадим буданд, ки масоили мураккаби фалсафиро бо роҳи музокираву мубоҳиса, дар пайравии Арасту ҳал мекарданд. Машшоиёни Шарқ Киндӣ, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ ва ғайра онҳоро пайгирӣ намуда, дар таълифоти худ мулоҳизоти озодандешонаашонро баён доштаанд, ки Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ аз зумраи онҳост. Ҳамчунон: ишроқиён — пайравони фалсафаи ишроқ; саромади ишроқиёни Ғарб Афлотун аст. Дар Шарқ бошад саромади ин гурӯҳ Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ маъруф ба Шайхи Мақтул мебошад, ки дар авохири асри XII ва авоили асри XIII зиндагӣ ва эҷод кардааст.
42. Ва мо аз раги гардани худ дида ба ӯ наздикем.
43. *Султон Маҳмуди Сабуктегин* — дар байни солҳои 998—1030 ҳукмронӣ кардааст.
44. Ва аз офаридаҳои он марди турбаташ муқаддас аст.



45. Ва ҳамчунон аз он.
46. *Савмаъа* — ибодатгоҳ.
47. *Зуннор* — риштае, ки дарвешону зардуштиён ва кашишони насронӣ ба миён мебастанд.
48. Раво ва нораво.
49. Олимони пайрави ман баробари пайғамбарони банӣ Исроиланд.
50. Аз барои худо чизе садақа кун.
51. Худованди бузург аз нафаси шарифи ӯ ба толибони муштоқ беҳтарин мукофоти мукофотҳоро ато фармояд.
52. *Ҳарамайн (ҳарамайни шарифайн)* — ба маънии Маккаи мукаррама ва Мадинаи мунаввара меояд.
53. *Маликалумаро* — сарвару роҳбари амиронро гӯянд.
54. *Лайлатулқадр* — шаби муайяншавии тақдир, ғолибан шаби 27-уми моҳи рамазон, ки беҳтарин шаб барои ибодат медонанд. Гӯё он шаб дуову ибодат зуд иҷобат меёбад.
55. *Тай* — номи яке аз қабилаҳои араб мебошад, ки онро Той ҳам мегӯянд ва Ҳотами Той аз ин қабила будааст.
56. *«Таърихи Ҳинд»* — ин ҷо «Таърихи Фирӯзшоҳӣ»-и Зиёиддини Баранӣ (с. тавл. 1356 м.) дар назар дошта шудааст.
57. *Арбаъин* — дар ин ҷо ба маънии «чилла» омадааст; яъне муддати чил рӯзе, ки сӯфиён дар гӯшае ба танҳоӣ нишаста риёзату ибодат мекунанд.
58. Эй худо, чи гуна ифлосанд авлиёени ту ва дар байни онҳо покизае нест.
59. Чи ваҳшиянду ифлосанд авлиёҳои ту!
60. *Духтари Каъб* — ин ҷо сухан дар бораи Робиъаи Балхӣ (шоираи асри X) меравад.
61. Ба чашм!
62. Соли 883 ҳиҷрӣ баробар аст ба соли 1478 милодӣ, ки дар ин сол Абдураҳмони Ҷомӣ китоби «Нафаҳот ал-унс»-ро анҷом додааст.

*Алӣ Муҳаммадиев*

## РИСОЛАИ ҚОФИЯ
## МУҚАДДИМА

1. Ҷомӣ мувофиқи анъана маънохои қофияро дода, монанди Шамси Қайс ба таърифи он гузаштааст. Муаллиф ин таърифро нисбат ба Шамси Қайси Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ равшантар баён кардааст, ки ба шарҳу эзоҳ эҳтиёҷ надорад. Мушкилии таъриф танҳо дар он мебошад, ки таъриф дар асоси истилоҳоти забоншиносии арабӣ асос ёфтааст.

Баҳром Сирус тамоми таърифҳои қофияро, ки дар рисолаҳои форсӣ-тоҷикӣ зикр ёфтаанд, овардааст. (Қофия. с. 16—18).

2. *Мурдаф* — номи ин ё он навъи қофия, ки аз рӯи иштироки ин ё он унсури қофия ташкил меёбад. Дар назмшиносии имрӯзаи тоҷик ду мафҳум: қофияи ридфнок ва қофияи радифнок дар як калимаи мураддаф омехта шудааст. Ҳарчанд ки аз калимаи «радиф» мураддаф сохта намешавад, барои фарқ кардан қофияи ридфнокро мурдаф ва қофияи радифнокро мураддаф номидан саҳеҳтар аст.

Фасл [I]

1. *Равӣ* — ҳарфи асосии қофия аст. Ин ҳарф таърифҳои зиёд дорад: «Ҳарфи охирини калимаи қофият, чун аз нафси калима бошад, равӣ хонанд». («Ал-Муъҷам...» с. 204). «Ҳарфи охирини решагии калима — қофия». (Б. Сирус. Қофия. с. 22).

Дар байти овардашуда дар калимаҳои «дил» ва «гил» «л» равӣ аст.

2. *Ридф* — яке аз садонокҳои дароз — мамдуд, ки бевосита пеш аз равӣ меояд. Ин унсур дар зимни қофияи шеъри тоҷикӣ қондаҳои ба худ хос дорад. Таъсис, дахил ва ридф се унсуранд, ки дар қофия пеш аз ҳарфи равӣ меоянд. Ридф ду навъ бошад: ридфи муфрад (аслӣ) ва ридфи зоид (Ниг. Б. Сирус. Қофия. с. 28).

3. Ниг. Муқаддима, эзоҳи 2.

4. Ҳарфи ҳамсадое, ки дар байни равӣ ва ридфи муфрад воқеъ гардида бошад, ридфи зоид ном дорад. Шамси Қайс ва Ҷомӣ



ҳарфҳои ридфи зоидро шашто номбар кардаанд: Х, Р, С, Ш, Ф, Н. Дар байти зайл дар калимаҳои «гудохт» ва «шинохт» ва «сохт» ва «сӯхт», «рехт», «корд», «кост», «зист» ва «дошт», «гӯшт», «ёфт», «кӯфт», «фирефт», «монд», «донд» ҳарфҳои: Х, Р, С, Ш, Ф, Н ридфи зоид мебошанд.

5. *Ишбоъ* — истилоҳи фонетикӣ аст, ки бо он яке аз унсурҳои қофияро номидаанд, яъне ишбои ҳаракат — пурраву том талаффуз кардани садонокҳо (ҳаракатҳо)-и «а», «и», «у» то дараҷае, ки ба садонокҳои дарози «о», «ӣ» ва «ӯ» табдил ёбанд.

6. *Манзури назари муаллиф* — дар калимаҳои «нур» ва «пир» овозҳои «ӯ» ва «ё» мебошанд, ки аз «у» ва «ӣ»-и дароз дар талаффуз фарқ доранд.

7. Муаллиф «у»-и дароз ва «ӯ», «и»-и дароз ва «ё»-ро дар назар дорад.

8. *Имола* — дар фонетика овозҳои «о» ва «а»-ро монанди «и», ё «е» талаффуз кардан аст. Чунончи китоб — китеб, ҳисоб — ҳисеб, катеба — китеба.

9. Яъне ҳарфи ҳамсадои пеш аз равӣ омадаро, ки пас аз он ҳарфи садоноки дароз воқеъ шудааст, қайд номанд. Дар мисоли зайл дар калимаҳои «чанг» ва «оҳанг» ҳарфи «н» қайд аст.

10. Ҷомӣ низ мисли Қайси Розӣ ҳарфҳои қайдро даҳто ҳисоб кардаанд: Б, Х, Р, З, С, Ш, Ғ, Ф, Н, Х.

11. Дар калимаҳои ҳамқофияи «абр» ва «сабр», «тахт» ва «бахт», «мард» ва «дард», «базм» ва «разм», «маст» ва «даст», «гашт» ва «дашт», «мағз» ва «нағз», «суфт» ва «гуфт», «панд» ва «банд», «чеҳр» ва «меҳр» ҳарфҳои Б, Х, Р, С, Ш, Ғ, Н, Ҳ қайд мебошанд.

12. *Таъсис* — унсури қофия буда бештар бо номи «алиф»-и таъсис маълум аст. Чунки он ба ғайр аз «алиф» чизи дигар шуда наметавонад, яъне «о». Таърифи ҳамин унсури қофия дар тамоми рисолаҳо як хел аст. «Дар шеъри тоҷикӣ шарт нест, ки тамоми қофияҳои як шеър «алиф» дошта бошад». (Қофия. с. 34). Вале дар шеъри арабӣ, чи навъе ки Ҷомӣ дар фавқ қайд намуданд, акси ҳол аст; масалан, агар қофияи якум бо ин ҳарф бошад, пас бу-

дани он дар қофияҳои дигари ҳамон шеър шарт аст.

13. *Дахил* — ин унсури қофия ҳам дар аксари рисолаҳо як навъ маънидод карда мешавад ва хулосаи таъриф ин аст: ҳарфе, ки байни равӣ ва «о»-и пешистода меояд... Дар шеъри тоҷикӣ риояи ин унсур шарт намебошад. (Қофия. с. 34)

14. *Васл* — унсури қофия аст, ки баъди равӣ меояд, ба шарти ин ки равӣ ҳаракат (садонок) дошта бошад. Дар хусуси ин унсур Б. Сирус шарҳи муфассал додааст. (Қофия. с. 35—40).

15. *Хуруҷ* — унсури қофия мебошад, ки баъди васл меояд. Б. Сирус ҳамаи таърифҳои рисолаҳои дигарро хулоса намудааст, яъне «ҳарфҳои ҳамсадои баъд аз васл омадагӣ». (Қофия. с. 40).

16. *Мазид* — унсури қофия аст, ки ҳарфҳои ҳамсадо ва садоноки дарози баъд аз хуруҷ омадаро гӯянд, чунон ки дар байти овардашуда калимаҳои «сиёҳасташ», «нигоҳасташ» «ш» мазид аст.

17. *Ноира* — унсури қофия аст, ки баъд аз ҳарфи мазид меояд ба истиснои садонокҳои кӯтоҳи «а», «и» ва «у», ки дар забоншиносӣ онҳоро ҳаракат мономанд, дар алифбо шакл надоранд. Барои ифодаи садонокҳо аломатҳоро истифода мебаранд, ки дар боло ё зери ҳарф гузошта мешавад. Дар байти овардашуда, дар калимаҳои «дидастемаш» ва «гузидастемаш» ҳарфи «ш» ноира аст.

Фасл [II]

1. *Ҳаракоти қофия* — ҳаракот ва ҳуруф; дар забони арабӣ садонокҳои кӯтоҳи «а», «и» ва «у»-ро ҳаракат мономанд ва онҳо дар алифбо шакл надоранд. Барои ифодаи ин садонокҳо аломатҳоро истифода мебаранд, ки дар боло ё зери ҳарф гузошта мешавад. Аммо ҳуруф (ҳарфҳо) дар ин мафҳуми истилоҳии имрӯза ҳам ҳарф ва ҳам овозро ифода мекунанд.

2. *Расс* — унсури қофия аст. Аз ин унсур сар карда муаллиф ба шарҳу эзоҳи ҳаракатҳо (садонокҳо) мепардозад, ки ба қофия тааллуқ доранд. Ин унсурҳоро Б. Сирус дар асари худ (Қофия, с. 42—47) батафсил шарҳ додааст. «Ин унсурҳоро бо истилоҳот ва алифбои имрӯзаи тоҷикӣ шарҳ додан ғайри имкон аст. Масалан, расс — фатҳае (а), ки пеш аз «о» (таъсис) ба назар дошта мешавад». (Қофия, с. 42). Аммо «о»-и таъсис «алиф»-и мад аст ва он ҷо ки «алиф»-и мад аст, ҳамеша пеш аз он фатҳа ҳаст, аз ин рӯ, дар баъзе рисолаҳо зарурат надоштани чунин истилоҳро таъкид кардаанд.

3. *Ишбоъ* — (ниг. Фасл [I], эзоҳи 5). Ин ҳаракати дахил буда, риояти он дар шеър, бар хилофи худи ҳарфи дахил, зарур аст.

4. *Ҳазв* — низ яке аз унсурҳои қофия, ҳаракате, ки бевосита пеш аз ридф меояд. Дар навишт ва маънои истилоҳии арабӣ, ки унсур мафҳум аст, лекин дар тоҷикӣ азбаски ридф ба навъҳо тақсим мешавад, шарҳи он ба мушкилӣ дучор меояд, аз ин ҷиҳат Б. Сирус садоноки пеш аз қайд омадаро ҳазв номидааст. (Қофия, с. 43).

5. *Тавҷеҳ* — унсури қофия, ки бо ишбоъ тақрибан як мафҳумро ифода мекунад. Тафовут дар он аст, ки агар равӣ сокин бошад, садоноки пеш аз он омадаро тавҷеҳ мономанд.

6. *Маҷро* — унсури қофия, ҳаракати равӣ. Б. Сирус чунин мешуморад, ки он садоноки кӯтоҳи «а» аст. Аммо дар арабӣ ҳар як аз се садонок метавонад маҷро бошад. Аз ин сабаб, Хоҷа Насириддин ва Ҷомӣ дар таърифи он фақат ба таъбири «ҳаракати равии мутаҳаррик» иктифо кардаанд.

7. *Нафоз* — низ яке аз унсури қофия мебошад. Ҷомӣ низ онро «ҳаракати васл» номидааст.

Фасл [III]

1. *Мутародиф* — муродифи якдигар аз ҷиҳати миқдори унсурҳо, навъи панҷуми қофия.

2. *Мутавотир* — пайваста, пай дар пай; навъи чоруми қофия ҷиҳати миқдори унсурҳо.

3. *Мутадорик* — якдигарро дарёфтан, бо якдигар наздик шудан; аз хели сеюми қофия аз ҷиҳати миқдори унсурҳо мебошад.

4. *Мутарокиб* — ба болои ҳам савор шуда, нишаста; хели дуюми қофия аз ҷиҳати миқдори унсурҳо.

5. *Мутаковис* — рӯи ҳам хобида, анбӯҳи ба ҳам печида; истилоҳан навъи пурраи қофия, ки тамоми унсурҳои қофияро дар бар

мегирад. Аз чор ҳарфи мутаҳаррик, ки байни ду сокин воқеанд, иборат мебошад.

### Фасл [IV]

1. Номи ҳар як хели қофия ба унсурҳои дар он иштироккунанда ва вазъи он унсурҳо вобаста аст. Равӣ — унсури асосӣ дар ҳар як қофия, сарфи назар аз навъи он иштирок дорад, бинобар ин номи қофия, пеш аз ҳама, ба вазъи ҳарфи равӣ вобаста мебошад. Қофияи муқайяд — қофияи тақйидшуда, вобаста, зеро равии он бо сукун баста аст.

2. *Қофияи мутлақ* — яъне қофияи итлоқшуда, озод. Қофия вобаста ба ҳолатҳои унсурҳояш, пеш аз ҳама, унсури асосиаш — равӣ, ба навъҳо ҷудо мешавад, ин навъро мутлақ аз он сабаб гуфтаанд, ки равӣ озод аст, яъне баъди он садонок меояд.

3. *Қофияи муқайяди муҷаррад* — қофияи таҷридшуда, яъне содда, танҳо. Ҷомӣ низ қофияи аз таъсис ва ридф холиро муҷаррад номидааст; чунончи дар калимаҳои «сарвар» ва «дилбар» ҳиссаи «ар» қофия баста шудааст.

### Фасл [V]

1. *Иқво* — холӣ, тарк кардан. Яке аз айбҳои қофия мебошад, ки дар тағйири маҷро — садоноки равӣ рӯй медиҳад. Б. Сирус онро «ақво» ва таърифи онро «ихтилофи ҳазв ва тавҷеҳ» номидааст. (Қофия. с. 65)

2. *Икфо* — вожгун, чаппа кардан аст. Яке аз айбҳои қофия аст, ки дар омезиши ҳарфҳои гуногунталаффузи равӣ зоҳир мешавад. Б. Сирус ин айбро «акфо» навишта бо он табдили ҳарфҳои аз ҷиҳати фонетикӣ ба ҳам наздикро номидааст. (Қофия. с. 65).

3. *Синод* — маънои луғавии ин калимаро Шамси Қайс «ихтилоф» гуфтааст. Аммо дар луғатҳо ба маънои «эътимод», «дастгирӣ» омадааст. Дар илми қофия ҳар айби пеш аз равӣ рӯйдодаро синод гуфтаанд.

4. *Йто* — савор шудан, пахш гардидан; дар қофия яке аз айбҳои он шуморида мешавад, яъне як калима бо як шаклу мазмун такрор меёбад.

5. *«Ё»-и танкир* — «ё»-и номуайянӣ.

6. *«Дол-и истиқбол* — ҳарфи «дол» (д) дар охири феълҳои замони оянда.

7. *«Нун»-и тахсис* — ҳарфи «н»-е, ки дар таркиби суффикси «ин» бошад, чунончи дар калимаҳои «заррин», «панҷумин», «порин» (Ал-Мӯъҷам. с. 235)

8. Қофияшиносон яке аз навъҳои шойгонро йтои ҷалӣ мешуморанд, зеро ки ин навъи қофия ба тарзи ошкор аз суффикс ташкил мешавад. (Қофия, с. 68).

9. *Қофияи шойгон* — ниг. Қофия, с. 68.

10. *Йтои хафӣ* — йтои номаълум, пинҳон.

*Абӯбакр Зуҳуриддинов*

## РИСОЛАИ АРӮЗ

1. *Усул* — ҷамъи асл; рукнҳо — дар рисолаҳои арӯзӣ афойлу тафойл аҷзо, аркон низ гӯянд.

2. *Сабаби хафиф (сабук)* — воҳиди хурди вазни шеър дар арӯз, ки ба як ҳиҷои дароз (—) баробар мебошад. Аз як мутаҳаррик ва як сокин иборат гуфтани Ҷомӣ чунин маъно дорад, ки ҳиҷо бо ҳарфи мутаҳаррик (бо садонок) шурӯъ шуда, бо ҳарфи сокин (ҳамсадо) поён меёбад. Чунончи: «бар», «зар», «ҳам». Ҳиҷоҳои қабили «то», «зӯ», «кӣ» ва ғайра аз он ҷиҳат сабаби хафиф номида мешаванд, ки дар ин калимаҳо «алиф», «ё» ва «вов» ҳарфи сокин ҳисоб меёбанд, зеро ҳаракат (садонок) аз ҳарфи пешин (дар мисолҳо) «те», «зе» ва «қоф» оғоз ёфта, то «алиф», «ё» ва «вов» ишбоъ, яъне дароз шуда, дар онҳо сукун мекунад.

3. *Мутаҳаррик* — ҳарфи ҳамсадое ба воситаи аломати забар «а», зер «и» ва пеш «у» ба ягон ҳамсадо ҳамроҳ шавад: аз қабили «тар», «гил», «гул», «буз», ки дар ин сурат ҳарфҳои «т», «г», «б» мутаҳаррик ва ҳамсадоҳои «р», «л», «з» сокин (истанда) номгиранд.

4. *Сокин* — ҳарфи сокин, ҳарфе, ки дар истилоҳи забоншиносии

қадим ҳаракат надорад. Дар хати форсию арабӣ ҳарфҳои ҳамсадо (б, в, г, д, ж, з, х ва ғайраҳо) ҳарф номида, садоноки кӯтоҳ (а, у, и)-ро ҳаракат мегӯянд. Ҳарфҳои садоноки дароз (о, ӯ, э, ӣ)-ро бошад, ҳарфи иллат меноманд.

5. *Сабаби сақил (вазнин)* — воҳиди вазни шеър, ки ду ҳарфи ҳаракатдор пай ҳам оянд, яъне аз ду ҳиҷои кӯтоҳ иборат аст: (УУ) «тара», «ҳама», «сана».

6. *Ватади маҷмӯъ (пайваст)* — воҳиди вазни шеър буда, аз як ҳиҷои кӯтоҳ ва як ҳиҷои дароз (У —) иборат мебошад: «чаман», «тараф», «бақо», «маҳо», «раҳӣ», «сиҳӣ» ва ғайра. Ва ё ба ибораи дигар, ватади маҷмӯъ — қисми калимае ва ё тафъилае, ки аз ду ҳиҷо: «и-лун» ва ё «ма-фо» иборат бошад. Ватади маҷмӯъро дар баъзе рисолаҳои арӯзӣ, масалан «Ал-Мӯъҷам» ватади мақрун низ номанд, ки синоними «маҷмӯъ» аст.

7. *Ватади мафруқ (ҷудо)* — воҳиди вазни шеър, ки аз ҳиҷои дароз ва як ҳиҷои кӯтоҳ (—У) иборат буда, дар аввал ва байни мисраъ воқеъ шавад, дар охири мисраъ ояд, мад (~) мегирад. Масалан, дар тафъилаҳои фоилотун, қисми «фои» ва дар мустафъилун «тафъи» ватади мафруқ аст. Ва ё калимаҳои «жола», «лола», «пашша», ки баробари (—У) мебошад, ватади мафруқ аст.

8. *Фосилаи суғро (хурд)* — ченаки вазни шеър, ки аз се ҳарфи ҳаракатдори пайҳам оянда ва як ҳарфи сокин ё ду ҳиҷои кӯтоҳ ва як ҳиҷои дарози (УУ—) кушода: «санамо», «аҷабо» ва пӯшида: «биравам», «бидиҳам» — фаилун иборат аст.

9. *Фосилаи кубро (калон)* — воҳиди вазни шеър, ки аз чор ҳарфи ҳаракатдори пайҳам оянда ва як сокин, яъне се ҳиҷои кӯтоҳ ва як ҳиҷои дароз (УУУ —) иборат аст: «бизанамаш», «бибарамаш», «бубарамо», «бидиҳамо», «шиканамаш».

## Фасл [I]

1. *Автоди муҷаррад* — танҳо ватадҳо, фақат аз ватадҳо иборат аст.
2. *Фавосил* — ҷамъи фосила.



3. Яъне фаӯлун аз як ватади маҷмӯъ (У—) «фаӯ» ва як сабаби хафиф (—) «лун» таркиб ёфтааст (У— —).
4. *Фоилун* — аз як сабаби хафиф («фо» —) ва як ватади маҷмӯъ («илун» У —) иборат аст.
5. Мафоӣлун аз як ватади маҷмӯъ («мафо» У —) ва як сабаби хафиф («ӣ» —) ва боз як сабаби хафиф («лун» —) таркиб ёфтааст, яъне мафоӣлун (У — — —).
6. *Мустафъилун* — аз ду сабаби хафиф («мустаф» — —) ва як ватади маҷмӯъ («илун» (V—) таркиб ёфтааст.
7. *Фоилотун* — ин ҷо маҷмӯъи ватади («ило» У —) дар байни ду сабаби хафиф («фо» —) ва («тун» —) қарор гирифтааст.
8. *Мафоилатун* — аз як ватади маҷмӯъ («мафо» У — ) ва фосилаи суғро («илатун» УУ —) таркиб ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки ба ҷои баъзе тафъилаҳо аз ҷумлаи муфоилатун, фаълан, муфоӣлан ва ғайра, ки тарзи навишти хоси арӯзии арабист, шакли нигориши арӯзиёни форсу тоҷик: мафоилатун, мафоилотун, фаълун, мафоӣлунро гузоштем.

9. *Мутафоилун* — аз фосилаи суғро («мутафо» УУ —) ва ватади маҷмӯъ («илун» У —) иборат аст.
10. *Мафъӯлоту* — аз ду сабаби хафиф («мафъӯ» — —) ва ватади мафруқ («лоту» — У) таркиб ёфтааст.
11. *Фаръ* — ҷамъ фурӯъ.
12. *Зиҳоф (заҳф)* — нишаста ба зону оҳиста ҳаракат кардан, хазидан; заҳфи саҳм — ба нишон нарасидан; дар дохили як шеър аз асл дур гардида, тағйир ёфтани тафъила аст.

## Фасл [II]

1. *Қабз* — партофтани ҳарфи «ӣ» аз рукни мафоӣлун ва ҳарфи «н» аз охири тафъилаи фаӯлунро гӯянд. Ин ду рукн ба «мафоилун» ва «фаӯлу» табдил ёфта, дар арӯз номи музоҳафи мақбузро мегирад. Зиҳофҳои мазкур дар баҳрҳои Мутадорик, Музореъ, Ҳазаҷ истифода мешаванд.
2. *Кафф* — аз рукнҳои мафоӣлун ва фоилотун партофта шудани

ҳарфи охирини «н»-ро гӯянд. Дар арӯз зиҳофҳои мафойлу фоилотy-ро музоҳафи макфуф меноманд.

3. *Харм* — партофтани ҳарфи якуми мутаҳаррики тафъила аз аввали байт ва номи ин тафъилаи ҳосилшударо ахрам гӯянд ва ё ки аз аввали рукни мафойлун «ма» партофта шуда фойлун мемонад ва он ба мафъӯлун табдил ёфта, ахрам ном мегирад. Худи ҳамин амалия дар нисбати тафъилаҳои дигар номҳои дигар дорад.

4. *Харб* — маънои хароб карданро дошта, дар истилоҳи арӯз аз рукни «мафойлун» соқит гардидани «ма» ва аз охири тафъила ҳарфи «н», ки «фойлу» мемонад ва ба ҷои он «мафъӯлу» гузоранд ва онро ахраб хонанд. Ахраб бо зиҳофи харб ҳосил мешавад. Ва харб иборат аз кафф ва харм аст: мафойлун→мафойлу (кафф)→→фойлу→мафъӯлу.

Ахраб дар баҳрҳои Ҳазаҷ (махсусан вазни рубоӣ), Музореъ якҷоя бо тафъилаҳои дигар вазнҳои зиёдеро месозад. Ва дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ серистеъмол аст.

5. *Шатр* — тағйир, мураккаб аз қабз ва харм. Ин тағйир хоси тафъилаи мафойлун аст, ки дар натиҷа фоилун мешавад. Яъне аз рукни мафойлун партофтани ҳиҷои аввали «ма» ва кӯтоҳ кардани «й»-и дароз, ки он гоҳ фоилун мемонад, инро дар арӯз аштар меноманд.

6. *Маҳзуф* — партофта шудани қисми рукне, ки бо иллати ҳазф ҳосил шудааст. Ҳазф партофтани сабаби хафиф аз охири тафъилаи мафойлун→мафоӣ→фаулун ва ё фоилотун→фоило→фоилун ва фаӯлун→фаӯ→фаал бошад. Ба ибораи дигар, аз тафъилаи мафойлун партофта шудани як сабаби хафиф «лун» — (як ҳиҷои дароз), «мафоӣ» мемонад ва ба ҷои он фаулунро гузоранд.

7. *Қаср* — партофтани ҳарфи сокини сабаби хафиф ва сокин гардонидани ҳарфи мутаҳаррики боқимонда. Яъне аз охири рукни мафойлун, фаӯлун кӯтоҳ карда шудани «ун», ки «мафойл» ва «фаӯл» бимонад ва онро максур хонанд.

8. *Ҳатм* — тафъилаи мафойлунро ҳазф намуда «мафоӣ» ҳосил мекунанд. Сипас аз мафоӣ «и»-ро кӯтоҳ карда, «мафо» боқӣ мемонад ва ба ҷои «мафо» рукни ҳамиёр «фаӯл»-ро гузошта аҳтам ҳосил мекунанд. Ба ибораи дигар, аз рукни мафойлун ду ҳиҷои дароз («йлун» — —)-ро исқот намуда, ба ҷои «мафо» «фаул» гузоранд ва онро аҳтам хонанд.



9. *Ҷабб* — андохтани ҳар ду сабаб аз охири рукни мафойлун, яъне исқот намудани «йлун» (ду сабаби хафиф — —), ки «мафо» бимонад ва ба ҷои он «фаал» биниҳанд ва ин амалияро дар арӯз музоҳафи маҷбуб номанд.

10. *Залал (азалл)* — аз рукни мафойлун, ки ду ҳиҷои дароз («й» — «лун» ду сабаби хафиф) соқит шуда, ба ҷои «мафо» «фаул» омада, аҳтам ном гирифта буд, боз «ма» аз он партофта шуда «фоъ» боқӣ мемонад ва ин амалияро дар арӯз азалл гӯянд.

11. *Батр* — думбурида. Дар истилоҳ партофтани ҳарфи «айн» (й) аз рукни мафойлун аст, «мафолун» монад ва ба ҷои он фаӯлун гузоранд ва аз фаӯлун ватади маҷмӯъ («фаӯ» U —) соқит гардида «лун» боқӣ бимонад ва ба ҷои он рукни ҳамиёри «фаъ»-ро гузошта онро абтар номанд.

12. *Хабн* — партофтани ҳарфи дуюми рукн, агар сокин ва ҳарфи дуюми сабаб бошад. Ё ба ибораи дигар, ҳиҷои якуми тафъила ҳиҷои дароз бошад, ҳиҷои дароз кӯтоҳ карда мешавад, масалан, фоилотун→фаилотун, фоилун→фаилун; мустафъилун→мутафъилун→мафоилун; мафъӯлоту→маӯлоту→фаӯлоту. Ин рукнҳои дар натиҷаи таъсири хабн ҳосилшударо махбун меноманд.

13. *Кафф* — партофтани ҳарфи ҳафтуми тафъила, агар ҳарфи сокин ва дуюми сабаб бошад, чунончи: мафоилун — мафоилу; фоилотун — фоилоту; мустафъилун — мустафъилу. Рукне, ки бо таъсири зиҳофи кафф ҳосил мешавад, макфуф ном дорад.

14. *Шакл* — зиҳофи аз хабн ва кафф таркибёфта, яъне фоилотун→фаилотун (хабн)→фаилоту (кафф), мустафъилун→мафоилун→мафоилу. Рукне, ки аз зиҳофи шакл ҳосил мешавад, машкул меноманд.

15. *Қатъ* — маънои буридаро дошта, дар истилоҳи арӯз андохтани ҳарфи сокини ватади маҷмӯъ ва сокин гардонидани ҳарфи моқабли он аст. Яъне партофтани ҳиҷои кӯтоҳ, ки дар охири

тафъила пеш аз ҳиҷои дароз меояд, масалан мутафоилун→мутафоил→фаилотун; фоилун→фоил→фаълун; мустафъилун→мустафъил→мафъӯлун. Рукне, ки бо иллати қатъ ҳосил мешавад, дар арӯз мақтӯъ ном дорад.

16. *Ташъис* — тақсимшуда. Дар истилоҳи арӯз аз байни тафъила партофтани як ҳиҷои кӯтоҳро гӯянд. Масалан аз рукни фоилотун «и»- «айн»-ро соқит намоянд, «фолотун» боқӣ бимонад, ки он баробари тафъилаи мафъӯлун — мушаъас аст.

17. *Ҳаҷф* — он аст, ки тафъилаи «фоилотун»-ро хабн кунанд, яъне ба махбун — фаилотун баргардонанд ва сипас аз фаилотун фосила, яъне «фаило»-ро соқит созанд, «тун» бимонад ва ба ҷояш «фаъ»-ро биниҳанд. Ин тағйиротро дар арӯз маҷҳуф хонанд.

18. Дар охири тафъилаҳои фоилотун, мафоилун, ки бо сабаби хафиф («тун») дар охир меоянд, «алиф» изофа гардида, фоилотун фоилотон ё фоилиён ва мафоилун мафойлон мешавад, ки инро тасбеғ ё мусаббағ мегӯянд.

19. *Рабъ* — тафъилаи фоилотунро аввал салм карда, «фоил» ҳосил мекунанд. Сипас «фоил»-ро ба махбун — «фаал» табдил намуда, онро марбӯъ мехонанд.

20. Мувофиқи қоидаи арӯз аз тафъилаи мустафъилун ҳарфи «с» соқит гардида «мутафъилун» мемонад. Азбаски он дар шеър мустаъмал нест, бинобар он ба ҷои «мутафъилун» рукни ҳамиёри «мафоилун»-ро гузошта онро махбун номидаанд: мустафъилун→мутафъилун→мафоилун.

21. *Тайй* — аз тафъилаи мустафъилун андохта шудани ҳарфи сокини «айн», ки мустафилун бимонад ва ба ҷои он рукнҳои ҳамиёр «муфтаилун»-ро гузоранд, матвӣ ҳосил шавад.

22. *Қатъ* — ниг. Фасл [II], эзоҳи 15.

23. Шамси Қайс ба ҳам омадани хабн ва қатъро зиҳофи тахлеъ номидааст ва бо он мустафъилун фаӯлун сохта, онро мухаллаъ гуфтааст.

24. *Ҳазаз* — андохта шудани ватади маҷмӯъ — «илун» (V —) аз тафъилаи мустафъилун, «мустаф» бимонад ва ба ҷои он рукни ҳамиёри «фаълун» гузоранд ва онро аҳазз номанд: мутафоилун→мутафо→фаилун. Аҳазз рукне, ки бо иллати ҳазаз ҳосил мешавад.



25. *Рафъ* — партофтани як сабаби хафиф, яъне ҳиҷои дароз («мус») аз рукнҳои мустафъилун ва мафъӯлоту, ки «тафъилун» ва «ӯлоту» бимонад, ба ҷои он тафъилаҳои ҳамиёр фоилун ва мафъӯлуро гузоранд ва ин тағйиротро марфӯъ хонанд.

26. *Хабл* — иборат аз хабн ва тайй аст, яъне аз тафъилаи мустафъилун партофта шудани ҳарфҳои «с» ва «ф», ки «мутаилун» боқӣ монад ва ба ҷои он рукни ҳамвазни «фаилатун»-ро гузоранд ва онро махбул гӯянд: мустафъилун→мутаилун→фаилатун.

27. *Изола (изолат)* — афзудани ҳарфи сокин ба тафъила, ки охираш ватади маҷмӯъ аст, яъне табдил додани як ҳиҷои дароз ба якуним ҳиҷо дар охири рукн: мустафъилун→мустафъилон, фоилун→фоилон, мутафоилун→мутафоилон, маънои изолат ва тасбеғ тақрибан як аст. Рукне, ки бо иллати изолат ҳосил мегардад, музол номида мешавад.

28. *Тарфил* — (афзудани як сабаби хафиф ба охири рукн) — тафъила, як ҳиҷои дароз зиёд мешавад. Масалан ба мустафъилун ҳиҷои дароз (тун —) илова гардида, (мустафъилун — тун) мешавад. Ба ҷои он рукни ҳамиёр мустафъилотунро мегузоранд.

29. *Мухаллаъ* — ниг. Фасл [II], эзоҳи 23.

30. *Аҳазз* — ниг. Фасл [II], эзоҳи 24.

31. *Марфӯъ* — ниг. Фасл [II], эзоҳи 25.

32. Дар нусха тафъилаи мафъӯлоту баъд аз хабн шудан боз мафъӯлоту навишта шудааст, ки саҳеҳ нест. Зеро мувофиқи тағйири рукн, яъне соқит гардидани «айн» аз мафъӯлоту «мафулоту» боқӣ мемонад ва ба ҷои он рукни баробарвазни «мафойлу»-ро гузошта макфуф ҳосил мекунанд.

33. Дар ин ҷо низ аз тафъилаи мафъӯлоту «айн» партофта шуда, мафулоту боқӣ мемонад, ба ҷои он тафъилаи баробарвазни «фоилоту»-ро мегузоранд: мафъӯлоту→мафулоту→фоилоту.

34. Дар ин ҷо низ дар тафъилаи мафъӯлоту ҷамъи хабн ва тайй буда «айн» ва «ф» соқит мегардад ва мафулоту боқӣ монда, ба ҷои он рукни баробарвазни «фаилоту»-ро мегузоранд.

35. *Вақф* — сокин гардонидани ҳарфи охирини ватади мафрук (—У) дар охири тафъила, яъне як ҳиҷои дарозу кӯтоҳро ба мадд табдил додан. Ба иборан дигар, аз охири рукни мафъӯлоту партофтани ҳарфи «ту» аст, ки «мафъӯло» бимонад ва ба ҷои он тафъилаи баробарвазни «мафъӯлон»-ро гузошта мавкуф гӯянд.

36. *Касф* — соқит гардидани ҳарфи мутаҳаррики ватади мафрук (—У) аз охири рукн аст. Яъне партофтани ҳарфи «то» аст, ки мафъӯло монад ва ба ҷои он тафъилаи ҳамиёри «мафъӯлун»-ро гузоранд. Рукне, ки бо иллати касф ҳосил мешавад, максуф номанд: мафъӯлоту→мафъӯло→мафъӯлун. Дар рисолаҳои арӯзӣ зиҳофи касф бо номи кашф ва рукнаш макшуф омадааст, ки Замахшарӣ ва Ҷомӣ бо «син» навишта шудани онро саҳеҳ мешуморанд. Қасфу вақф дар баҳрҳои Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб ба кор бурда мешаванд.

37. *Салм* — партофтани ватади мафрук (—У) аз охири тафъилаи мафъӯлоту, ки «мафъӯ» бимонад ва ба ҷои он рукни баробарвазни «фаълун»-ро гузоранд: мафъӯлоту — мафъӯ — фаълун ҳосил мешавад. аслам

38. *Ҷадъ* — аз тафъилаи мафъӯлоту андохтани ҳар ду сабаби хафиф (— —) «мафъӯ» ва сокин гардонидани «т», ки «лот» бимонад ва рукни баробарвазни «фоъ»-ро ба ҷои он гузоранд ва маҷдуд номанд.

39. *Наҳр* — партофтани ду сабаби хафиф «мафъӯ» (——) аз тафъилаи мафъӯлоту, ки «лоту» боқӣ монад, сипас аз «лоту» ҳарфи «т» ва мутаҳаррикро соқит намуда, рукни ҳамиёри «фаъ»-ро ба ҷои «ло» гузошта, манҳур номанд.

40. Ниг. Фасл [II], эзоҳи 25.

41. Ниг. Фасл [II], эзоҳи 1.

42. Ниг. Фасл [II], эзоҳи 7.

43. Ниг. Фасл [II], эзоҳи 6.

44. *Салм* — (бо «се»-и се нукта) партофта шудани ҳарфи «ф» аз аввали тафъилаи фаӯлун, ки «ӯлун» бимонад ва ба ҷои он рукни баробарвазни «фаълун»-ро гузошта аслам ҳосил кунанд.



45. *Сарм* — ба («се»-и салоса) зиҳофи мураккаб буда, аз салм ва қабз иборат мебошад. Яъне аз тафъилаи солим — фаӯлун ҳарфи «ф» ва аз охир ҳарфи «нун» партофта шуда «ӯлу» боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни баробарвазни «фаълу» (мақбузро) гузоранд. Рукне, ки бо таъсири зиҳофи сарм ҳосил шавад, асрам гӯянд.

46. Ниг. Фасл [II], эзоҳи II.

## Фасл [III]

1. Ин ҷо Ҷомӣ панҷ баҳри маъмули араб Тавил, Басит, Вофир, Комил ва Мадидро, ки зиёд истифода мешаванд, дар назар дорад. Дар назми форсу тоҷик баҳрҳои дар фавқ зикр гардида, (ба истиснои баҳри Комил) мустаъмал нестанд. Фақат баъзе аз намунаҳои онҳоро мо дар рисолаҳои арӯзиён дучор мекунем. Баъзе шоирони форсу тоҷик барои кувваасанҷӣ дар ин баҳрҳо бо такаллуф чанд шеъре гуфта бошанд ҳам, шӯҳрате пайдо накардаанд.

2. *Бино* — ин ҷо муаллиф сабабу ватадҳои тафъилаҳои се баҳри номбаршударо дар назар дорад.

3. *Ҷузъ* (ҷамъаш *аҷзо*) — дар ин ҷо низ Ҷомӣ бо ин калима сабабу ватадҳоро дар назар дошта, вале дар поинтари ҳамин рисола мисли дигар муаллифони арӯзӣ рукнҳоро бо аҷзо номгузорӣ кардааст.

4. *Хумосӣ* — панҷгона.

5. *Субоӣ* — ҳафтгона.

6. Сабабу ватадҳои баҳрҳои Комил (мутафоилун) ва Вофир — (мафоилатун) аз ҳаракатҳои ҳафтгона ва ду сокини тафъилаҳо иборатанд.

7. Аз сабаби дар назми форсу тоҷик мустаъмал набудани ин баҳрҳо, Ҷомӣ дар хусуси доираҳо, фуруот ва тафъилаҳои он таваққуф накардааст.

8. *Халил ибни Аҳмад* — аз аввалин олимонест, ки дар асоси назми араб системаи илми арӯзро ба вуҷуд овардааст, баҳрҳоро ба панҷ доира тақсим намуда, чунин номгузорӣ кардааст: 1 Мухталифа; 2. Мӯъталифа; 3. Муҷталиба; 4. Муштабиҳа; 5. Муттафиқа. Донишманди маъруфи форсу тоҷик Шамси Қайси Розӣ ин принципи Халилро, ки дар асоси назми араб сохта шуда буд, тағйир

додааст. Ӯ ду доираи аввал: Мухталифа ва Мӯъталифаро, ки махсуси назми араб мебошад, партофта, мувофиқи тақозои рӯҳи шеъри тоҷикӣ номи доираи сеюм Муҷталиба (ҷалбшуда)-ро низ тағйир дод. Шамси Қайси Розӣ баробари ин тағйирот се баҳри дар назми форсу тоҷик ниҳоят интишорёфта — Ҳазаҷ, Раҷаз, Рамалро дар ин доира ҷо дод ва онро дар радифи аввал гузошта, ба он Мӯъталифа номгузорӣ кард. Ҷомӣ низ ин ҷо анъанаи Шамси Қайси Розиро давом дода системаи доираҳоро аз Мӯъталифа шурӯъ намуда кашидааст.

9. Дар нусхаи асл доираҳо бо хати форсӣ навишта шудаанд: доираи тафъилаҳои хумосӣ ба панҷ ва субоӣ ба ҳафт хона тақсим шудаанд. Ва табиист, ки хондани тафъилаҳо ҳам дар дохили ҳар як доира аз рост ба чап сурат мегирад. Барои арӯзи имрӯзаи тоҷикӣ хоначаҳои ҳар як доира бояд мувофиқи адади ҳиҷоҳои тафъилаҳо бошад.






Ин принцип дар доираҳои дигар, ки баъд аз ин дар арӯзи Ҷомӣ оварда мешавад, риоя мегардад:

10. Ин нӯҳ навъи солими баҳрҳо, ки Ҷомӣ номбар кардааст, ҳанӯз дар замони Шамси Қайс дар назми форсу тоҷик мустаъмал набудааст. Шаклҳои солими ин баҳрҳоро танҳо дар рисолаҳои илмии арӯзшиносон, ки ҳамчун намуна оварда мешаванд, дидан мумкин аст.

Ҷомӣ низ мисли Шамси Қайс доираи чоруми Муштабиҳаи Хафилро ба ду тақсим намуда аз он ду доира офаридааст: Доираи Мухталифа ва Доираи Мӯъталифа. Ва ба Доираи Мухталифа он вазнҳое, ки дар назми форсӣ-тоҷикӣ зиёд ба кор бурда мешуданд, аз ҷумлаи Мунсареҳи мусаммани матвӣ, Музореи ҳаштгонаи макфуф, Муқтазаби матвӣ ва Муҷтасси мусаммани махбунро ҷо додааст.

Дар ин ҷо низ принципи фавқ риоя гардида, хонаҳои ҳар як доира мувофиқи адади ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи рукнҳои баҳрҳо оварда шудаанд:



11. *Доираи Мунтазиа* — баҳрҳое, ки ағлаб дар шеъри форсию тоҷикӣ дар шакли музоҳаф истеъмол шуда, ба навъи ғайри солим дохил мешаванд, аз ҷумла Сареъи мусаддаси матвӣ — муфтаилун муфтаилун фоилот, Ҷадиди мусаддаси махбун — фаилотун фаилотун мафоилун, Қариби мусаддаси макфуф — мафойлу мафойлу фоилот, Хафифи мусаддаси махбун — фаилотун мафоилун фаилотун, Мушокили мусаддаси макфуф — фоилоту мафойлу мафойл дар ин доира ҷо доранд. Дар ин ҷо низ хонаҳои ҳар як доира мувофиқи адади ҳиҷоҳои тафъилаҳои панҷ баҳр оварда шудаанд:






12. Дар рисолаҳои арӯзӣ барои фаҳмо гардидани шакл ва шумораи хонаҳои доираҳо ҳарфҳои мутаҳаррик бо аломати (1) ва сокин бо аломати (о) ишора карда шудаанд. Арӯзиён инро дар доираҳо истифода кардаанд, ки мо ин ҷо барои Доираи Муттафиқаи баҳрҳои Мутақорибу Мутадорик мисол меорем. Маълум аст, ки ҳар як ҳарф як унсур мебошад: ё мутаҳаррик (дорои садоноки кӯтоҳ), ё сокин (бидуни садонок), вале садонокҳои дароз аз қабили «о», «ӣ», ва «ӯ» ду унсуранд; садонокҳои кӯтоҳ «а», «и» ва «у» буда ҳаракати «ҳ» моқабл ҳисоб меёбанд ва ба ҳамон ҳарф васл хоҳанд гардид. Дигар ҳарфҳои «о» (алиф), «ӣ» (ё) ва «вов» (в)-анд, ки онҳо ифодакунандаи дарозии садонок (ҳаракат) буда, дар онҳо овози садонок сукун (ист) мекунад. Бинобар ин, ҳаракатҳо сокин ҳисоб меёбанд. Дар баъзе рисолаҳои арӯзӣ доираҳо аз рӯи ҳамин дастур тартиб дода шудаанд. Шакли доира бо аломатҳои ҳаракат ва сукун:




1 - МУТАҚОРИБ, 2 - МУТАДОРИК

13. *Доираи Муттафиқа (ҳамоҳанг)* — доираи панҷуми арӯзи Халил мебошад, ки баҳрҳои Мутақорибу Мутадорикро дар бар кардааст. Ҷомӣ низ мувофиқи анъанаи Шамси Қайс. Насириддини Тӯсӣ дар доираи чорум баҳрҳои Мутақорибу Мутадорикро ҷо дода, онро Муттафиқа номидааст.

14. Сурати Доираи Муттафиқа бо аломатҳои ҳиҷоӣ:






15. *Тақтеъ* — қатъ кардан, буридан. Яъне ба қитъаҳо тақсим намудан аст. Дар илми арӯз мисраъҳои як байт мувофиқи дастури он ба ҳиҷоҳои кӯтоҳ ва дароз тақсим карда мешавад. Ва аз рӯи дарозиву кӯтоҳӣ мисраъҳо бояд рӯ ба рӯи якдигар ҷо гиранд. Ин ҷо Ҷомӣ ҳаминро дар назар дорад.

16. *Ҳаракат* (ҷамъаш *ҳаракот)* — аломатҳо ва овозҳое, ки дар забони арабӣ садонокҳои «а», «и» ва «у»-ро нишон медиҳанд ва бо номи фатҳа, касра ва замма ифода мегарданд.

17. *Ҳуруфи малфуз* — ҳарфҳои талаффузшаванда, ташдиддор.

18. Ҳарфҳое, ки навишта мешаванд, мактуб ном доранд.

19. Ҳарфҳое, ки талаффуз шаванд ҳам, навишта намешаванд, вале ҳангоми тақтеъ ба ҳисоб гирифта мешаванд, аз ҷумла ҳарфҳои ташдиддор: «қадди», «ҳадди» ва ғайра. Ташдид бо шиддат хондани калима, аломате, ки рӯи ҳарфи мукаррар — ду карат талаффузшаванда гузоранд, вале он ҳарф як бор навишта мешавад.

20. *Ишбоъ, ишбои ҳаракат* — комилу пурра талаффуз намудани садонокҳо (ҳаракатҳо)-и «а», «и» ва «у». Аз рӯи принципи касраи изофӣ ё бандаки изофӣ бояд ҳамчун ҳиҷои кӯтох ҳисоб карда шавад. Вале азбаски бо ишбоъ (тӯлонӣ) талаффуз карда мешавад, бинобар ин дароз ҳисоб меёбад.

21. *«Вов»-и атф* — пайвандаки «ва», ки дар миёни калимаҳо ояд «у» хонда мешавад; ҷону ҷонон, гулу лола, хобу хур, ин ҷо ишмоми замма «хобу хурам» аст.

22. Яъне ҳангоми тақтеи шеър пайвандаки «ки» ва «чи»-ро ҳам кӯтоҳ ва ҳам дароз менависанд.

23. Яъне ҳарфи «н» ҳангоми тақтеъ дар калимаҳои «хун», «хон», «дон» меафтад ва ба тақтеъ дохил намешавад. Вале агар калимаҳои «ҷон», «хон», «чун» дар байн омада, изофа қабул кунанд ва ё садонокҳои «а», «у», «о», «ё» ба мисли «ҷо-ни», «хо-ни», «ху-ни», «ҷо-но» дар он сурат ба тақтеъ дохил мешаванд.

24. Калимаҳои «даст», «маст», «гуфт», ки аз се ҳамсадо ва як садоноки кӯтоҳ иборат аст, ҳамсадои охирин дар ин калимаҳо ҳиҷои кӯтоҳро ташкил медиҳад. Ва ин калимаҳо дар охири мисраъ ояд, як ҳиҷои комил, яъне мадд мегиранд. Яъне ҳар як ҳарфе, ки дар охири ҳиҷои дароз хоҳ дар байн, хоҳ дар охири шеър ояд ва агар дар талаффуз нагунҷад, аз тақтеъ соқит мегардад. (Ниг. Санъати сухан. с. 252).

25. Баъзан аз рӯи тақозои вазн, ҳар ду ҳамсадои охирин, масалан дар калимаҳои «сӯхт», «кост» (—УУ) баробари як ҳиҷои дароз ва ду ҳиҷои кӯтоҳ дар шеър ба тақтеъ дохил мешавад ва дар баъзе маврид ҳарфи «т» соқит мегардад.

26. Мисоли овардашуда бо баҳри Раҷази мусаммани матвии махбуни музол ва маҷҳуф муфтаилун мафоилон муфтаилун фоилон (—УУ—|У—У—|—УУ—|—У~) буда, котиб дар нусха саҳван муфтаилун фонлоту муфтаилун фоилун навиштааст, ки мувофиқат намекунад.

27. Яъне агар калимаҳои ба мисли «хӯст», «дӯст», дар охири байт ояд, дар он сурат як ҳиҷои комили дароз (~) хонда мешавад.

28. Дар ду мисоли зайл низ ҳарфҳои «д», «б» дар калимаҳои «корд» ва «бигзорд» ва «Гаштосб» ва «Лаҳросб» ҳангоми тақтеъ соқит гардидаанд. Дар ин ҷо низ котиб ба ҷои тафъилаи фаъулун саҳван мафъӯлунро овардааст.

29. Инчунин дар охири калимаҳо баъзан «алиф» партофта шуда, ба тақтеъ дохил намешавад. Масалан: хуморие аст — хуморие ст.

## Фасл [IV]

1. Мувофиқи қоида ҳар як байт хоҳ он ҳаштгона, хоҳ шашгона бошад, ба се қисмат: садр, ибтидо, ҳашв ва арӯзу зарб ҷудо мешавад. Қисмҳои аввали мисраъҳои якуму дуюмро садру ибтидо, ҷузвҳои охири байтро арӯз (ё зарб) ва мобайни онро ҳашв меноманд:



Байт:

садр ҳашв арӯз
Зи баҳри тӯҳфа андар хидматат гулдаста овардам,
ибтидо ҳашв зарб

Зи хубӣ лоф мезад гул, ба пешат баста овардам.

2. *Байти маҷзӯъ* — байтеро гӯянд, ки миқдори тафъилаҳои мисраи он нисбат ба вазни доиравӣ якто кам бувад. Яъне агар вазни доиравии баҳр ҳаштгона бошад, маҷзӯъ — мусаддас, агар шашгона бошад, маҷзӯъ — мурабба мебошад.

3. *Маштур* — аз калимаи «шатр» аст.

Вазни доиравӣ ду шатр аст. Ҳангоме ки аз вазни доиравӣ як шатрро соқит намуда, шатри боқимондаро ду қисмат карда аз он як байт созанд, онро маштур номанд. Агар вазни доиравӣ ҳаштгона бошад, маштур мурабба мешавад.

## Фасл [V]

1. Ниг. ба Доираи Мӯъталифа (Фасл [III], эзоҳи 9).
2. Ҳазаҷи мусаммани солим — ҳашт бор мафоӣлун аст.
3. Ҳазаҷи мураббаи солим.
4. Ҳазаҷи мусаддаси мақсур.
5. Байтҳои зиҳофдори ғайрисолим.
6. Ҳазаҷи мусаммани макфуфи муханнақи мақсур. Дар мисраи дуюм ду рукни солим омадааст.
7. Ҳазаҷи мусаммани макфуфи маҳзуф.
8. Ҳазаҷи мусаммани мақбузи макфуфи мақсур.
9. Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур.
10. Ҳазаҷи мусаддаси макфуфи маҳзуф.
11. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи арӯзу зарб — солим.
12. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи мақсур.
13. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф.
14. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбуз, арӯз ва зарб — солим.

15. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур.
16. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф.
17. Ҳазаҷи мусаддаси ахрами аштари арӯз ва зарб — солим.
18. Ҳазаҷи мурраббаи ахраб.
19. Ҳазаҷи мусаммани ахрами мақсур.
20. Ҳазаҷи мусаммани ахрами азалл.
21. Ҳазаҷи мусаммани ахрами абтар.
22. Ҳазаҷи мусаммани ахраби як рукн солим муханнақӣ азалл— мафъӯлу мафоӣлун мафъӯлун фоъ.
23. Ҳазаҷи мусаммани ахраби ахрами абтар.
24. Ҳазаҷи мусаммани ахраби як рукни солими маҷбуб.
25. Дар доираи зикршуда муаллиф 24 шаҷараи рубоиро ҷо додааст.
26. Раҷази мусаддаси маҷзӯи солим.
27. Раҷази мураббаи маштур (чоргона).
28. Дар матн котиб сахван ба ҷои тафъилаи мафъӯлун мустафъилунро овардааст, ки ба вазни шеър мувофиқат намекунад.
29. Раҷази мусаммани матвӣ.
30. Раҷази мусаммани матвии махбун.
31. Раҷази мусаммани махбуни матвӣ.
32. Ҳарчанд Раҷази мусаммани махбуни матвӣ такрор гардида бошад ҳам, вале мисоли овардашуда нав аст.
33. Рамали мусаммани мақсур — арӯз ва зарб.
34. Рамали мусаммани маҳзуф — арӯзу зарб.
35. Рамали мусаддаси солим.
36. Рамали мураббаи солим.
37. Байтҳои зиҳофдори ҳаштгона, ки дар мисраи якум фаилотун махбун ва дуюм — ибтидо бо рукни фоилотун оғоз ёфтааст.
38. Рамали мусаммани махбун, садр — солим, яъне фоилотун ибтидо махбун — фаилотун, арӯз ва зарб — махбуни мақсур — фаилон.
39. Рамали мусаммани махбуни садр ва ибтидо солим — фоилотун, арӯз — маҳзуф — фаилун, зарб — мақтӯъ — фаълун.
40. Рамали мусаммани машкул.
41. Рукнҳои охири байт арӯз ва зарб мақсур мебошад.
42. Рамали мусаддаси махбун.

## Фасл [VI]

1. Ниг. ба Доираи Мухталифа (Фасл [III], эзоҳи 10).
2. Мунсареҳи мусаммани матвии максуф. Дар баъзе рисолаҳои арӯзӣ ин зиҳоф бо номи «макшуф» зикр ёфтааст.
3. Бурд аз мо андӯҳу ҳузнро.
4. Ин ҷо мисоли овардашуда ва тафъилаҳои он тамоман ба вазни махбуни матвии максуф мувофиқат намекунад. Аз рӯи мисоли зикршуда, ҳамиёри байт бояд мафоилун фоилун, мафоилун фоилун, мафоилун фоилон, мафоилон фоилун бошад, ки котиб ба ҷои он сахван
*мафоилун мафоилун мафоилун фоилун*
*муфтаилун фоилун мафъӯлу фоилун*
навиштааст.
5. Мунсареҳи мусаммани матвии максуфи мақтӯъ.
6. Мунсареҳи мусаммани матвии маҷдӯъ.
7. Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур.
8. Музореи мусаммани макфуфи маҳзуф.
9. Музореи мусаммани макфуфи мақсур. Дар ин баҳр дар боло низ мисол оварда шуда буд.
10. Музореи мусаммани ахраб.
11. Музореи мусаммани ахраби мусаббағ.
12. Музореи мусаммани ахраби маҳзуф.
13. Музореи мусаммани ахраби макфуфи арӯзу зарб — солим — фоилотун.
14. Музореи мусаддаси ахраби макфуфи як рукн солим — мафоӣлун
15. Муқтазаби мусаммани матвии мақтӯъ.
16. Муқтазаби мураббаи матвии мақтӯъ.

17. Муқтазаби мураббаи махбуни матвӣ.
18. Муқтазаби мураббаи матвии арӯз ва зарб — солим, яъне мустафъилун.
19. Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур.
20. Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф.
21. Муҷтасси мусаммани махбуни мақтӯъ — фаълун, ки онро аксарияти арӯзиён аслам номидаанд.
22. Муҷтасси мусаммани мақтӯи мусаббағ — фаълон, ки онро баъзе арӯзиён аслами мусаббағ гуфтаанд.
23. Муҷтасси мусаммани махбуни мушаъаси мусаббағ
24. Муҷтасси мусаммани махбуни мушаъаси маҷҳуф
25. Муҷтасси мураббаи махбуни мақсур, мувофиқи мисоли овардаи Ҷомӣ бояд тафъилааш мафоилун фоилон бошад. Вале котиб дар нусха саҳван мафоилун фоилотун навиштааст.

### Фасл [VII]

1. Ниг. ба Доираи Мунтазиа (Фасл [III], эзоҳи 11).
2. Сареи мусаддаси матвии максуф.
3. Сареи мусаддаси мактӯи мавкуф.
4. Сареи мусаддаси матвии аслам (бо сод). Рукне, ки бо иллати салм ҳосил мешавад. Салм соқит намудани ватади мафрук (лоту) аз охири рукн, яъне партофтани як ҳиҷои дароз ва як ҳиҷои кӯтоҳ аз охири тафъила.
5. Сареи мусаддаси махбуни матвӣ, арӯз ва зарб — максуф — фаулун.
6. Баҳри Ҷадиди мусаддаси махбун.
7. Баҳри Қариби мусаддаси макфуфи мақсур.
8. Қариби мусаддаси ахраби макфуф.
9. Баҳри Хафифи мусаддаси махбуни мақтӯъ (ва ё аслам).
10. Хафифи мусаддаси махбуни мақтӯи мусаббағ (ва ё асламн мусаббағ).
11. Хафифи мусаддаси махбуни мақсур.
12. Хафифи мусаддаси махбуни мушаъас.



13. Хафифи мусаддаси махбуни маҷҳуфи мусаббағ.
14. Абӯабдулло Рӯдакӣ аз аввалин шоиронест, ки дар баҳри Хафифи мусаммани махбун шеър гуфтааст.
15. Мушокили мусаддаси макфуф.
16. Мушокили мураббаи маҳзуф.
17. Мушокили мусаммани макфуф.

### Фасл [VIII]

1. Ниг. ба Доираи Муттафиқа (Фасл [III], эзоҳи 13).
2. Мутақориби мусаммани солим.
3. Мутақориби мусаммани мақсур.
4. Мутақориби мусаммани маҳзуф.
5. Мутақориби мусаддаси маҳзуф.
6. Мутақориби мусаммани аслам. Ин шеър бо ду вазн: Мутақориби аслам ва ё бо Раҷази мураббаи мураффал — мустафъилотун мустафъилотун навишта шудааст.
7. Ин шеър бо вазни Мутақориби асрами мусамман — фаълу фаӯлун фаълу фаӯлун ва ё бо Раҷази мураббаи матвии мураффал — муфтаилотун муфтаилотун навишта шудааст.
8. Ин байт бо ду вазн — Мутақориби шонздаҳгонаи асрами мақсур — фаълу фаӯлун фаълу фаӯлун фаълу фаӯлун фаълу фаӯл ва ё бо вазни Раҷази мусаммани мураффали матвии музол — муфтаилотун муфтаилотун муфтаилотун муфтаилон навишта шудааст.
9. Мутақориби мусаммани мақбузи аслам. Дар ин ҷо низ котиб дар матн ба ҷои тафъилаҳои фаӯлу фаълун фаӯлу фаълун саҳван мафоӣлу фаълун мафъӯлу фаълунро овардааст, ки мувофиқат намекунад.

Байти мазкур бо ду вазн: Мутақориби мусаммани мақбузи аслам ва Вофири мураббаи солим — мафоилотун мафоилотун навишта шудааст.

10. Ин ғазали Рӯдакӣ ҳам бар вазни мақбузи мусаммани аслам ва ё Вофири мураббаи солим эҷод гардидааст.

11. Мутақорибн мусаммани маҳзуф.
12. Баҳри Мутадорик аз тарафи олими забоншинос Ахфаш ихтироъ шуда ба 15 баҳри Халил ибни Аҳмад илова гардида буд. Ин баҳр дар рисолаҳои арӯзи чи тоҷикӣ ва чи арабӣ бо номҳои мухталиф: Мутадорик, Ғариб, Ракз-ул-хайл, Мухтараъ, Мӯҳдас, Мунтасақ, Тансиқ ва Савт-ун-ноқус зикр ёфтааст.
13. Мутадорики мусаммани махбун — ҳашт бор фаилун.
14. Мутадорики мусаммани мақтӯъ — ҳашт бор фаълун.
15. Ин ҷо низ дар номи вазн иштибоҳ рӯй додааст. Агар Мутадорики мусаммани махбуни мақтӯъ мебуд, бояд тафъилаҳои фаилун фаълун оварда мешуд. Ин байт бо вазни Мутадорики мусаммани маҳзуф навишта шудааст.
16. Мутадорики мусаддаси мақтӯъ — шаш бор фаълун.

*Абӯбакр Зуҳуриддинов*

## РИСОЛАИ МУСИҚӢ

### Фасл [II]

1. *Изо* — рӯ ба рӯ, баробар.
2. *Нағамот* — ҷамъи *нағма* — садоҳо, савтҳо, оҳангҳо. Дар истилоҳи мусиқӣ ифодаҳои савт, оҳангҳои мусиқиро гӯянд.
3. *Таълифот* — ҷамъи *таълиф* — ба ҳам пайвастани чанд оҳанг, ба тартиби муайян овардани ҷузъиёти мусиқӣ, низомнокии таркиботи мусиқӣ, таносуби оҳангӣ, гармония. Таълифоти муттафиқа — гармонияи овозҳои форами мусиқӣ.

### Фасл [III]

1. *Иқоъ* — зарб, вазнҳо дар мусиқӣ, таълиф онд ба системаи зарб, вазни мусиқӣ.
2. *Мулоимат* — ҳамоҳангӣ, мувофиқ, нармӣ, равонӣ.
3. *Мунофара* — нохуш, ноҳамвор, ношоям, акси мулоимат, яъне номавзунӣ, номураттабии овозҳо дар мусиқӣ.
4. *Азминаи мутахаллала* — замонҳои халалдори фосила, монеъшаванда, яъне халали фосилаву замонҳо.



### Фасл [IV]

1. Ниг. Фасл [II], эзоҳи 2.
2. *Ҳисси замон* — ҳолати ҷойгиршавии овозҳо, тартиби воқеъшавии муайяни фосилаҳо, қаторовозҳо.
3. *Нақарот* — ҷамъи *нақра* — садоҳо, овозҳо, замон дар мусиқӣ.
4. *Ҳадди воҳид* — суръати тези овозҳо, оҳангҳо.
5. *Ҳиддат* — шиддати овозҳо, садои созҳои мусиқӣ.
6. *Зер* — садои баланд, ҳолати воқеъшавии садои баланд. *Бам* — овоз, садои паст; парда дар сози мусиқии барбат (уд).
7. *Мисл* — сеяк, ҳиссаи сеяки мисли абъод, сеяки фосила, замонҳои мусиқӣ, меъёри гузариш, интиқол аз як ҳиссаи муайяни нағма, бӯъд. *Бӯъд* — фосилаи байни овозҳо, фарқияти пастию баландии садоҳо.
8. *Аҷнос* — ҷамъи *ҷинс* — навъе аз қаторовозҳо, навъи чор, панҷзинадори қаторовозҳо (тетрахорд, пентахорд).
9. *Ҷамӯъ* — чанд овоз, ҷамъи савт, овозҳо, садоҳо, ки аз як маҷмӯи муайян иборат буда, оҳанг эҷод мешавад.
10. *Мустахриҷ* — хориҷгардида, ҳосил намудани фосила, садо ва қаторовозҳо.

### Фасл [V]

1. *Нағамоти муттафиқа* — нағмаву оҳангҳои аз ҷиҳати сохт баробар, мавзун, оҳангҳои мавзуну хушоянда.
2. *Маҳдудатулазмина* — маҳдудияти фосилаҳои муваққатӣ дар рафти ба вуҷуд омадани овозҳои мусиқӣ.
3. *Мавзунатуладвор* — даврҳои мавзун.
4. *Лаҳн* — таркиботи мусиқӣ, ки хусусияти хоси нағма, оҳанг, суруд ва ифодаи асари мусиқӣ, даврҳоро дар худ таҷассум сохта.

5. *Махориҷ* — ҷамъи *махраҷ* — ҷои баромади овозҳо, ки ба василаи ҳалқ, даҳан ва лаб талаффуз мешаванд.

6. *Завотуннафх* — асбобҳои бодӣ аз қабили най, қӯшнай ва ғ.

7. *Завотулавтор* — созҳои торӣ, асбобҳои тордор.

## Фасл [VI]

1. *Лоҳиқ* — навъи ҳаракати қаторовозҳо; ҳаракати пай дар ҳами қаторовозҳо.

2. *Рубъи мутлақ* — чоряки қисми пурраи тори мусиқӣ.

## Фасл [VII]

1. *Бӯъди зи-л-кулл, фосилаи зи-л-кулл (октава):* зи-л-кулл — дорои ҳама чиз; номи фосилаи мусиқӣ ва калонтарин фосила аст. Зи-л-кулл ҳама навъи овозҳоро дар худ дошта, зинааш ҳаштум аст ва аз ин рӯ, октава (ҳашт) гӯянд.

2. *Қор* — амал; шакли мусиқӣ, асари мусиқии овозӣ.

## Фасл [VIII]

1. *Зиъф* — ду баробар, дукаратӣ.

2. *Амсол* — ҷамъи *мисл* — сеякҳо, нимпардаҳо.

3. *Азъоф* — ҷамъи *зиъф.*

4. *Тансиф* — нима кардан, нисф кардан. Тансифи марратан баъда ухро — ададеро нисф кардан ва нисфро боз нисф кардан ва ҳоказо.

## Фасл [IX]

1. *Бӯъди муттафиқа* — баробар, фосилаҳои баробар; хушоҳанг, равон, мавзунии фосилаҳо.

2. *Бӯъди мутанофар* — номавзун, номураттаб, нобаробарию ноҳамвории фосилаҳо дар мусиқӣ.

3. *Мулоим* — муносиб, мувофиқ, ҳамоҳангӣ, равонӣ.



4. *Нисф* — ним парда, ним савт.

5. *Бӯъди зи-л-хамс* — фосилаи панҷтоӣ, фосилае, ки аз чаҳор дараҷа таркиб ёфта ва он байни тори кушоди бам ва саббобаи маслас воқеъ аст. Дар истилоҳи мусиқии имрӯза зи-л-хамсро квинта гӯянд.

6. *Бӯъди зи-л-арбаъ* — дорои чор чизе, фосилае, ки аз чаҳор дараҷа таркиб ёфта бошад ва он байни тори кушоди бам ва саббобаи маслас ҷо дорад (кварта).

7. *Бӯъди taнинӣ* — фосилаи танинӣ, фосилаи калони нағмаи пурра.

8. *Дасотин* — ҷамъи *дастон* — риштаҳои махсус, ишорахое, ки дар дастаи сози мусиқӣ мебанданд. Хоҷа Абдуллоҳи Қодирӣ дар «Шарҳи адвор» чунин навиштааст: «Дастонҳо иборатанд аз аломате, ки мавзеъе бар савоиди (дастаи олоти завотулавтор), яъне созҳои (торӣ), то бад-он истидлол кунанд бар махориҷи нағамот, то бидонанд, ки ҳар нағма аз кадом ҷузъи аз аҷзои ватар берун меояд».

9. *Муҷаннаб* — номи парда аст, дастони сози мусиқии уд, нағмаи пардаи хурд. Таносуби он аз як мисл ва тӯли тор ва таснифи дастонҳои сози мусиқиро муҷаннаб номанд.

10. *Бӯъди бақия* — фосилаи бақия, ним нағмаи хурд.

11. *Бӯъди фазла* — ним нағмаи хурдро гӯянд.

12. *Зи-л-кулли марратайн* — октаваи дукарата.

13. *Бӯъди зи-л-кулл ва-л-хамс* — квинта, тавассути октава ё ду одецима. Ин фосила аз як фосилаи зи-л-кулл ва як фосилаи зи-л-хамс иборат мебошад.

## Фасл [XI]

1. *Аҷноси мумкина* — навъи чор, панҷзинадори қаторовозҳо — тетрахорд ва пентахордҳое, ки ба кор бурда шаванд.

2. *Абъоди мултамиса* — бӯъдҳои хосташуда, фосилаҳо ва пастиву баландии садоҳои лозима.

### Фасл [XIII]

1. *Ҷинс* — паиҳамӣ, низомнокии фосилаҳо.

### Фасл [XIV]

1. *Маслас* — номи парда (уд); дар парда овоз се баробар зиёд шавад.

2. *Масно* — дугона, дунавъа, дутор; пардаи сеюми сози мусиқии уд.

3. *Зер* — тор, пардаи чорум дар уд; садои нозуктар, овози пурра муқобили бам — овози баланд.

4. *Ҳаким Абӯнасри Форобӣ (870—950)* — мутафаккир, олим, мусиқишиноси тоҷик, муаллифи рисолаҳои «Китоб-ул-ӣқоъот», «Китоб ул-мусиқӣ» ва «Китоб ул-мусиқӣ ал-кабир» («Китоби бузурги мусиқӣ») аст.

5. *Ҳодд* — тори ғафси уд, барбат, тори панҷум, садои аз он баромада хеле баланду тез аст.

6. *Зоид* — зиёдшуда, фосилаи нимпардаӣ, ки дар миёни тори кушод ва саббоба сурат мегирад.

7. *Саббоба* — номи ангушти ишорат; пардаи саббоба тавассути ангушти ишорат ба сомон расад, нахустин парда дар сози уд.

8. *Вусто* — миёна, номи парда, тори сози уд; баъд аз саббоба омада, навохта шудани он тавассути ангушти васат сурат мегирад. Вустои фурс — пардаи миёна, тори миёнаи уд. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқ А. Раҷабов он аз ихтирооти машшоқи номии форсу тоҷик Нашити Форс (661—738) будааст.

9. *Вустои залзал* — номи парда (барбат); ба воситаи ангушти миёна навохта мешавад. Аз рӯи маълумоти муҳаққиқ А. Раҷабов, ин парда аз ихтирооти мусиқишинос ва мутриби номии форсу тоҷик Мансури Залзал (с. в. 791) аст.

10. *Бинсир* — номи парда, тори сози мусиқии уд.

11. *Хинсир* — пардаи хинсир; ба воситаи ангушти хурд воқеияти ин парда муайян мешавад. Мухтареъи ин парда мусиқишиноси маъруфи форсу тоҷик Соҳиби Хинсир (с. в. 693) аст.

12. *Арбоъ* — ҷамъи *рубъ* — чоряк, қисми тори сози мусиқӣ.



### Фасл [XV]

1. *Бӯъди бақият* — фосилаи бақия, ним пардаи хурд, ки ба комма (24 цент) ифода ёфтааст.

2. *Аҳаддулбақия* — ним садои баланд аз октаваи баланд.

### Фасл [XVI]

1. *Талҳин* — сурудан, гармонизация, композиция.

2. Ин ҷо Ҷомӣ «Китоб ул-адвор»-и Сафиуддини Абулмӯъминро дар назар дорад.

3. *Тасониф* — ҷамъи *тасниф* — ба навъҳо ҷудо кардан ва мураттабии асарҳои мусиқӣ.

### Фасл [XIX]

1. *Маҳдудатулазмина* — маҳдудии замону фосилаҳои муваққатӣ дар ҷараёни ба вуҷуд омадани овозҳои мусиқӣ.

2. *Ҳуруфи мутаҳаррика* (Ниг. ба шарҳи арӯз).

### Фасл [XXI]

1. *Асбоби сиқол* — сабабҳои гарон, вазнин.

2. *Сареъулҳазаҷ* — Ҳазаҷи тезу шӯх.

3. *Асбоби хифоф* — сабабҳои сабук.

4. *Хафифулҳазаҷ* — Ҳазаҷи сабук.

### Фасл [XXII]

1. Ниг. ба тавзеҳоти арӯз.

2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 10. Барои равшантар шудани масъала ин мисолҳо аз тарҷумаи русии рисола оварда шудаанд.

9. Дар ин ҷо котиб ба ҷои тафъилаи мутафоилатун «муфтаилун»-ро саҳван овардааст, ки ислоҳ карда шуд.

*Абӯбакр Зуҳуриддинов*

## ШАРҲИ РУБОИЁТ

1. Ба тариқи қайду донистан.

2. Ба тариқи завқу виҷдон.

3. Ин калима аз таъбири «кунфа якун» гирифта шуда, маънояш «бибош ва мешавад» аст.

4. Низ аз онҳост.

5. Чи гуна.

6. Дар худи ҳамин амр.

7. Дар худаш муайян шуда.

8. Яъне бoздошта аз иштирок дар байни бисёр.

9. Дар замони қадим, дар аҳди Нӯҳ ном пайғамбар гӯё обхезии калоне шудааст, ки саросари дунёро фаро гирифта будааст. Аз ин ғарқоби ҷаҳонӣ фақат Нӯҳ дар киштие бо пайравони содиқ, хешовандонаш ва хайвонот ҷо гирифта аз тӯфон наҷот ёфтаанд.

10. Нотавонӣ аз идрок худ дарккунанда мебошад.

11. Ҳар дуи онҳо маҳол аст.

12. Аз ваҷҳи мутлақи мазкур.

13. Як дафъа, балки ба тадриҷ.

14. Аз он ҷо, ки ӯст.

15 Панҷум гирд омадани ҳамаи он ҳазарот.

16. Худо сирри онҳоро муқаддас гардонад.

17. Ба куллӣ дoниставу дида.

18. Тезбин, борикбин.

19. Аз паси пардаи ғайб.

20. Ба тариқи маҷмӯъ ё танҳо.

21. Бе васфи дигаре.

22. Ӯро ғояи олӣ аст.

23. Он чи ки дар он имтиёз бошад.

24. Чунон ки пӯшида нест.

25. Аз ҷиҳати зоҳирии онҳо.

26. Аз азал то абад.

27. Дар он чи ки он ҳаст.

28. Шаънаш азиз бод!

29. Ва ӯ оғоз мекунад ва такрор менамояд.

30. Бо нисбат ба зот ва ҳақиқати худаш, на ба илми офаридгораш, таоло ба он.

31. Ҳар чиз ба асли худ бозгардад.



32. Дубора офаринанда ва миронанда ва қаҳркунанда.

33. Пайваста файзбор ва коракунанда.

34. Ва ҳамчунин аст кор пайваставу ҷовид.

35. Худо туро ва моро ба фаҳмидани ҳақиқат мувофиқ гардонад.

*Абӯбакр Зуҳуриддинов*

## НОМАҲО

1. Гузаштаро худо нек фармуд,
   Боқиро низ нек хоҳад фармудан.

2. Ин нома ва номаҳои 2—162 аз китоби «Номаҳои дастнависи Ҷомӣ», ки соли 1987 дар Қобул (дар таҳияи проф. Асомиддин Ӯрунбоев) аз чоп берун омад, интихоб карда шудаанд.

3. Чунон ки дар поёнтари нома ишора меравад, муаллиф таҳти таъбири «хамсаи ислом» асари маъруфи худ «Нафаҳот ал-унс мин ҳазарот ал-қудс»-ро дар назар дорад, ки дар ҳини таълифи мактуб ҳанӯз дар арсаи таҳриру танзим будааст.

4. Туро ба паямбари мухтору оли ӯ ва некон месупорам.

5. Вусъати давлату доманаи неъмати ӯ барои аҳли исломy асҳоби сидқу арбоби яқин безавол бод!

6. *Дудӣ* — як навъ андозе, ки дар он рӯзгор аз аҳолии кишвар ситонда мешуд.

7. Оне, ки исми шарифу чашми бино дорад,
   Дар ҳалли масоили дорайн бобақо бод!

8. Дуъое, ки ниҳояти он рӯзи дарози қиёмат асту чашмони кушода бар иҷобати малики аълом.

9. *Нишон, нишони роҳ* — ҳуҷҷате, ки ба равандаву ояндагон медоданду бе мӯҳри султони мулк қурб надошт.

10. *Қалонтар* — яке аз мансабҳои онрӯза, ки аз тарафи султон таъйин карда мешуд; яъне калони деҳа, сарвари қария.

11. *Мулк* — замине, ки ба фурӯш ё иҷора гузошта мешуд.

12. Боде расиду шавқе барангехт
    Ва хун аз аъмоқи чашмонам бирехт.

13. Худоё, кишварро аз зарари кофарон эмин дор!

14. Дурустӣ дар сухани шоҳу султонон бардавом бод!

15. Ба нияти дур андохтани ибром ва давом додани икром.

16. *Авқоф* — ҷамъи *вақф*. Вақф — молу мулки давлатӣ, ки аз ҳисоби он ба беваю бечорагон ва фақиру толибилмон кӯмакхарҷӣ медоданд.

17. *Муҳаққар* — кӯмаки андак, каме пулу мол ва ғ.

18. *Амалҳои девонӣ* — корҳои идораи давлатӣ.

19. *Урдуи ҳумоюн* — дарбори подшоҳ.

20. *Саводи нишони суюрғол* — снёҳнависи фармон дар бахши суюрғол. *Суюрғол* — замине, ки аз тарафи подшоҳ ба таври бахшиш ба амалдорон бахшида мешуд.

21. *Динори кабакӣ* — диноре, ки ба номи яке аз салотини чингизии ба ном Қабак сикка зада мешуд.

22. *Мусаддари ҳиффоз* — сардори посбонон.

23. *Дафтар* — шӯъба; яке аз шуъаботи девон ё идораи давлатӣ. Нақли дафтар — кӯчондани шӯъба.

24. *Як ҷуфт гови дайма* — ченаки замине, ки барои кишту зироъат ба барзгарон дода мешуд, ки баробари 6—7 *га* буд.

25. Холисан ба номи худо ва ба хотири давоми давлати ҳазрати султон, худойи таъоло бузург дорадаш.

26. Худо то рӯзи охир ободаш дорад.

27. Сипос худойро ва миннат ӯро.

28. Худойи таъоло фазилатҳои ӯро идома диҳад.

29. Худойи таъоло ҷалоли ӯро бардавом дорад.

30. Худо рустании хубе бирасонад.

31. *Мадади номбардор* — як навъ андозе, ки аз аҳолӣ ситонда мешуд.

32. Давлаташ поянда бод!

33. Худойи таъоло нури иршодашро бардавом дорад.

34. Ин нома ва номаҳои баъдӣ (№ 163—230) аз «Рисолаи муншаот» интихоб шудаанд.

35. Саломи таҳийёту раҳмату баракоти ӯ аз аввал то охир бар шумо бирасад.

36. Дар гузашта май буду ёр буд,

Шабҳо ҳамроҳашон бо хушнудӣ мегузаштанд.

Он рӯзгор бо ширинииву хушиҳо гузашт,

Рӯзҳое буданд моломоли шодиҳо!

37. Салом ба гӯшанишинони манзил,

Ки дарёфтгари кулли муаммоҳо эшонанд.

Салом ба тавофгарони Қаъба,

Ки дар тавофашон ҳуҷҷати бузургист.

38. Тӯҳфаву таҳийёти аҳли ислом бар аҳли ватан.

39. Худойи таъоло шуморо то рӯзи қиём осуда бигзорад ва ихлоси муҳиббону муштоқонро фаромӯш накунад.

40. Сояи иршодаш бар фарқи муҳиббону муридон тобанда бод!

41. Саломи раҳмату баракоту таҳийёту табрикоти худовандӣ ва пешниҳодоти некашро бароятон тақдим медорам.

42. Дар ҳайратам аз касе, ки дӯстат дорад,

Аммо чӣ гуна сабру қарор дорад?!

43. Субҳ дар дидор аст, на дар сари хокхӯрда.

44. Қасе, ки ба неъматҳо қабл аз истеҳқоқ ибтидо гузошта.

45. Дилам аз даст рафт, то назди ту бошад, агарчи назди шумо ҳама чиз ҳаст.

46. Худойи таъоло сояи ҷалолашро то рӯзи қиёмат бардавом дорад.

47. Барои тавҷеҳи арбоби талабу ирфон қиблавор бардавом бод!

48. Ҳокимияташ абадӣ бод!

49. Аз даргоҳи бахшандаи озодӣ ва гузорандаи неъматҳо пеш аз пурсишу истеҳқоқ.

50. Ба Муҳаммад ва оли соҳибикромаш салавот!

51. Дуъояш зуд қабулшаванда дар ғойибӣ.

52. Гӯш диҳед худоро бо гӯяндаи дуъо.

53. Он чӣ ки бо шумост, ҳамроҳи шумост.

54. Хуш бодо ва боз хуш бодо!

55. Наъл ҳамранги наъл аст.

56. Зуҳури ғайб наздиктар аст бар иҷобати бешубҳа.

57. Бузургии бузургон ва саховати эшон ба фуқаро бардавом бод!

58. Насиме аз атрофи Начд вазид
Ва даргирифт дар дилам чароғи вачд.
Ва карам намудем дар аҳди худ
Қитобе бузургу мачид.

59. Дур аст аз суханпардозиву суханфурўшиҳо дар мулки исрор.

60. Зиндаву рад кардам қиссаҳои баъдинабавиро
Дар мачлиси пурвачди олӣ.

61. Ў зинда асту мо худоро тааллуқ дорем ва дар вай бармегардем.

62. Чамъ меорад малики ғаффор дар тӯдаи покон ва некон.

63. Худой афзали комилҳо ва шомили ҳама гуна ахбор аст.

64. Оё чамъ кард бо тобеъоне, ки аъзо ҳастанд?

65. Мактуботи 231—235 аз «Мачмўъаи руқаъот ва муншаот» (дастхати рақами 226 Институти ховаршиносии АУ РСС Ўзбакистон) интихоб шудаанд.

*Асрор Раҳмонов*

## ШАРҲИ ЛУҒОТ

*Абно* — чамъи ибн — писарон, фарзандон
*Абъоз* — чамъи баъзи — чанде, иддае
*Авд* — бозгашт, баргашт, мурочаъат
*Авқот* — чамъи вакт — умру рӯз, як давраи ҳаёт
*Азвоқ* — чамъи завқ
*Азмина* — чамъи замон — давраҳо
*Азроъ* — зани бикр, бокира, пок
*Азъоф* — чамъи зиъф — дучандон, дукарата
*Аиммо* — чамъи имом — имомҳо
*Азҳар* — зоҳиртар, равшантар, ошкортар, намоёнтар
*Акмал* — комилтар, пурратар, тамомтар
*Акрам* — киромитарин, бузургтарин
*Алазз* — лазиз, форам, дилкаш
*Алам* — найзаи оташ, шўълаи оташ
*Алвон* — чамъи лавн — гуна, рангҳо
*Ало* — бар (иловаи, болои...)
*Амсол* — чамъи мисл — сеяк, як хисса, сеякҳо
*Аном* — мардум, халқ
*Анфос* — чамъи нафас — оҳу нолаҳо, лаҳзаҳо, сонияҳо

*Арбоби амсол* — ҳофизон, бастакорон ва мусиқишиносон
*Арбоби саноати арӯз* — донишмандони арӯз, арӯзиён
*Асбаъ (исбаъ)* — ангушт; ченаки дарозӣ ба миқдори 3, 125 см.
*Ассам* — кар, гаронгӯш
*Асар* — хурдтар, хурдтарин
*Асқал* — вазнинтарини зарб, фосилаҳои гарон дар мусиқӣ
*Атаба* — остона, зина, дарбор, даргоҳ.
*Атвол* — дарозтар
*Атноб* — ҷамъи туноб — таноб, ресмон
*Атрок* — ҷамъи турк
*Атф* — шерозаи доман
*Атяб* — беҳтар, хуштар, накӯтар
*Ашвоқ* — ҷамъи шавқ — шавқу шӯри зиёд
*Ашкол* — мушкилӣ, сахтӣ, душворӣ; банд, расан
*Ашраф* — шарифтарин, бузургтарин
*Аъдо* — душманон, адӯвон
*Аъдод* — ҷамъи адад
*Аъзам* — бузургтар, бисёртар.
*Аъмол* — амалҳо; кору фаъолият
*Аъоҷим* — аҷамиён, мардуми Аҷам
*Агар(р)* — марди неку бошараф; аспи қашқа
*Аглаб* — бисёр, бештар, аксар
*Агмоз* — ҷамъи ғаммоз
*Ақлан* — мувофиқи ақл, аз рӯи ақл, оқилона
*Ақраб* — қарибтар, наздиктар
*Ақлом* — қаламҳо, хомаҳо
*Ақсар* — кӯтоҳтар
*Ақсом* — ҷамъи қисм — қисмҳои созию овозии мақомҳо, таркиботи оҳангу сурудҳо; қаламҳо
*Аҳад* — октаван баланд, овозу садои баланд
*Аҳадд* — тезтар
*Аҳиббо* — ҳабибон; дӯстон, ёрон
*Аҷал(л)* — ҷалилтар, бузургтар, калонтар



*Аҷлӣ* — рӯшан, ҷалӣ
*Аҷмал* — ҷамилтар, некӯтар, зеботар
*Аҷниҳа* — ҷамъи ҷаноҳ — бол, қанот

*Бавл* — пешоб, шоша
*Бабодӣ* — бодияҳо, биёбонҳо, саҳроҳои беобу алаф
*Бавориқ* — ҷамъи бориқа — тобиш, дурахш
*Бадо* — биёбон; дашту саҳро; кишвару мулк; доираи кореву амале
*Байина* — далели возеҳу ошкор
*Байнуттарафайн* — байни ду тараф, миёни ду тараф
*Баннон* — сарангушт; ангуштон
*Банот* — бинтҳо, духтарҳо
*Барзахият* — гардана
*Бар «нунот»-и а р к о н* — ба ҳарфҳои «нундори рукнҳо»
*Бароҳин* — бурҳонҳо, далелҳо
*Бар сабили иҷмол* — ба тариқи хулоса, ба тарзи хулоса
*Бар «то»-оти а р к о н* — «те»-ҳои рукнҳо
*Басити хок* — рӯи замин
*Басотин* — боғу бӯстонҳо; ҷойҳои обод
*Басоит* — ҷамъи басит
*Баст* — хушҳолӣ, хурсандӣ, кушодарӯӣ; интишор кардан
*Бат* — мурғобӣ; номи як навъ асбоби мусиқии тоҷикӣ
*Башошат* — шодӣ, хушӣ, хурсандӣ
*Бидоят* — ибтидо, шурӯъ, оғоз
*Биҳил* — бахшидани ҷурм, афв кардани гуноҳ
*Бутун* — ҷамъи батн — шикамҳо
*Буқъа* — хона, сарой

*Вадиат* — амонат, чизи амонат гузоштаашуда
*Вайҳак* — вой бар ҳоли ту!
*Валима* — зиёфат, базм, тӯи арӯсӣ
*Ватадайн* — ду ватад, ватадҳо
*Вом* — қарз
*Восиқ* — боваринок, дилпур, мутмаин

*Вошҷирд* — Вошгарди қадима, ки дар ҳудуди ноҳияи Файзободи имрӯзаи Тоҷикистон мавқеъият дорад.
*Воҳибулатийёт* — бахшандаи атоҳо

*Дабир* — котиб, хаттот; ходими дафтари идорӣ
*Дар бадои* — дар назари...
*Давовин* — ҷамъи девон — девонҳои ашъори шуъаро
*Дарб* — дарвоза
*Дийят* — хунбаҳо, товони хун; маблағе, ки қотил ба наздикони мақтул мепардозад.
*Доия* — хоҳиш, қасд, ният
*Доъӣ* — дуъогӯй; камина, банда; муаллиф
*Дук* — дастгоҳи пунбаресӣ

*Залафат* — ҳавзи пуроб; пуриву бешӣ
*Заррот* — ҷамъи зарра — зарраҳо
*Заъқа* — тарсу ҳарос
*Заҷр* — зулм, ситам, ҷавр
*Зиъф* — ду баробар, ду кара
*Зилол* — ҷамъи зилл — соя, паноҳ, ҳимоя
*Зилолу укус* — сояҳо ва аксҳо
*Зирва* — қуллаи кӯҳ, сари кӯҳ; торак
*Зифоф* — тӯй, тӯи никоҳ
*Зоиқа* — чашоӣ, мазаву таъм

*Ибриқ* — номи гардани уд аст ва он қисмате аст, ки торҳо ба он ба охир расанд
*Ибром* — исрор, истодагарӣ, побарҷоӣ
*Ибтиҳол* — зорӣ кардан
*Иззат* — бузургиву арҷмандӣ, азизӣ
*Изо(ъ)* — муқобалаву мушоҳада; омӯзишу баррасӣ
*Изофот* — ҷамъи изофа — афзоиш, зиёд кардан
*Изоъ* — муқобил, рӯ ба рӯ, баробар
*Изоъат* — зоеъ гардонидан, нобуд кардан



*Илбос* — фурӯ пӯшондан.
*Иллат* — сабаб, боис, ваҷҳ
*Илтиёъ* — сӯзиш, ҳарорат, гармӣ
*Илтизоз* — лаззат бурдан, лаззат ёфтан
*Илят* — беҳтарин, олитарин
*Илҳоқ* — дархост, илтимос; бо зорӣ дархост кардан
*Имсок* — худдорӣ дар таъомхӯрӣ; хасисиву бахилӣ
*Имтидод* — кашидашавӣ, дароз кашидан, дарозӣ
*Инзиво* — гӯшагирӣ, гӯшанишинӣ
*Инзимом* — зам шудан, пайвастани чизе ба чизе, илова гардидан
*Инсибоғ* — ранг гирифтан
*Интимо* — ба касе нисбат ёфтани чизе; нисбат, тааллуқ
*Интисоб* — алоқа, хешӣ
*Интифоъ* — нафъ гирифтан, фоида намудан, суд гирифтан
*Инфикок* — аз ҳам ҷудо шудан, ҷудо шуда дур шудан; ҷудоӣ; озодӣ
*Инқиёд* — дар қайд будан, итоат намудан
*Инқитоъ* — танҳоӣ, дурӣ аз мардум, гӯшанишинӣ
*Инҷоҳ* — раво шудани ҳоҷат, муваффақ шудан
*Иода* — такрор намудан ва дубора овардан
*Иртиҳол* — кӯч кардан, рахт барбастан, реҳлат намудан
*Иснин ва воҳид* — нисбати 2 ба 1
*Истеҳлок* — ҳалок кардан, нест кардан
*Йсол* — расонидан
*Истидъо* — илтимос кардан, пурсидан, хостан
*Истиксоб* — талаби ҳусул
*Истимоъ* — шунидан, гӯш додан
*Истихроҷи фурӯъ* — берун овардани фаръҳо
*Истишҳод* — далел овардан, мисолу гувоҳ овардан барои исботи фикре
*Истигроқ* — ҳамаро фарогирӣ, ғарқи коре будан
*Истиҳоб* — соз кардан
*Истиҷобат* — қабул кардан, пазируфтан; қабул, иҷобат
*Исъоф* — баровардани ҳоҷати касе

*Исҳоб* — бисёр гап задан, сергапӣ кардан
*Итлоқ* — ҷудо кардан, озод кардани садоҳо аз монеъаҳо
*Иттисоф* — сифат гирифтан, дорои сифате шудан
*Ифоза* — файз расонидан, бахра додан; файзу хайр
*Ифода* — дарс гуфтан, таълим додан
*Ифтиқор* — мӯҳтоҷӣ, ниёзмандӣ
*Ифрот* — аз ҳад гузаштан, аз андоза берун баромадан
*Иштимол* — шомил шудан, дар бар гирифтан
*Иштиҳор* — шӯҳрат, овозаи нек
*Ишфоқ* — шафқату меҳрубонӣ кардан
*Иқтидо* — пайравӣ, тақлид
*Йқои мувассал* — йқои васл кардашуда, пайванд
*Йқои муттасил* — йқои паиҳам, пайваст
*Йқтисор* — кифоя донистан, иктифо кардан

*Қавн* — вуҷуд, мавҷудият, ҳастӣ, олам, дунё, кавну макон, мавҷудот
*Қавния* — мавҷудият, ҳастӣ, олам
*Қайд* — макр, ҳила, фиреб, найранг
*Қалақ* — бероммӣ, ташвиш, беқарорӣ
*Қамад* — андӯҳгин шудан, хиратабъ гардидан
*Қамоянбағӣ* — чи тавре ки бояд, чунон ки сазовор аст
*Қасирулвуқӯъ* — бисёртар истифода мешавад
*Қатм* — пинҳонкунӣ
*Қунҳ* — ниҳоят, умқ, асл, ҳақиқат, ҷавҳар

*Лабиб* — доно, оқил.
*Лавоъиҷ* — шӯришҳо, исёнҳо
*Лак* — сад ҳазор, бисёр, бешумор, ҳазор-ҳазор
*Лака* — бар ту, барои ту
*Либс* — либос, ҷома, пӯшок
*Ли зотиҳост* — ба зоти худаш
*Лоеҳ* — зоҳир, ошкор, хувайдо
*Лонуссалим* — таслим намешавем



*Лофиз* — талаффузкунанда
*Лоҳиқ* — он чи ки ба чизе пайваст мешавад, пайвасташаванда
*Луҷҷ* — миёнаи дарё (баҳр), ҷои чуқуртарини дарё (баҳр)
*Луҷҷӣ* — дарёи сероб, баҳри лабрез

*Мабдаъ* — аввал, ибтидо
*Мабзул* — базл кардашуда, бахшидашуда
*Мабнӣ* — биноёфта, асосёфта; бино, асос, поя
*Мавоқеъ* — ҷамъи мавқеъ
*Мавт* — фавт, марг
*Мавтин* — ватан, зодгоҳ, меҳан; бошишгоҳ
*Мавқиф* — ҷои таваққуф; истгоҳ; бошишгоҳ
*Мадрак* — маъхаз, санад, далел, макони идрок, маҳалли дарккунӣ
*Мазоҳир* — ҷамъи мазҳар — маҳалли зуҳур, ҷои ошкоро ва намоёншавӣ
*Майзар* — дастор, салла
*Майит* — мурда, ҷасади беҷон
*Макман* — камингоҳ
*Макойид* — бадандешӣ, макру фиреб
*Макореҳ* — чизҳои макруҳу нафратовар
*Макорим* — ҷамъи макрума; арбоби макорим — соҳибони хулку атвори писандида
*Малҳуз* — мулоҳизашуда, назардошта
*Мандил* — рӯймолча, миёнбанд
*Мано* — паҳно, дашт
*Маншур* — нашр кардашуда, интишорёфта; тааллуқдошта, фармон, имтиёзнома
*Марзуқ* — ризқ кардашуда, рӯзӣ ва насиб кардашуда
*Марозӣ* — ҷамъи марзӣ — хушнудӣ, фараҳмандӣ
*Маророт* — ҷамъи марора (марорат) — талхӣ
*Мароъӣ* — ҷамъи миръот — оинаҳо
*Марфӯъ* — пешниҳод, матлаб, дархост
*Масаб(б)* — резишгоҳи дарё; нуқтаи охирин, мунтаҳо
*Масмум* — хонаи хаспӯш, каппа

*Масохит* — ғазаб кардан, сахтӣ раво донистан, ҷазо додан
*Мастурот* — пӯшидагиҳо, пинҳониҳо
*Масъалат* — мавзӯи баҳсу гуфтор, мабҳас
*Масъун* — дар паноҳ (доштан)
*Матбах* — ошпазхона, ҷои хӯрокпазӣ
*Матовӣ* — печидагиҳо, чигилиҳо, дарҳам-барҳамиҳо
*Мафзӣ* — паҳншуда ва ба чизе расида, вобастагиву барбаста
*Мавқуд* — гумшуда, азмиёнрафта
*Машоир* — ҷамъи машъар — оину дин; ҷои иҷрои маросими хешгузорӣ дар Макка, ибодатгоҳи мусулмонон
*Машфӯъ* — шафоат кардашуда
*Машҳуд* — дидашуда, ошкор, зоҳир, намоён
*Маъалбақийя* — бо бақия
*Маъбар* — гузаргоҳ, ҷои муайяни киштигузари дарё (баҳр)
*Маъраз* — маҳалли намоиш, намоишгоҳ
*Маърӯз* — арзадошт, гуфтанӣ
*Мағфур* — афвкардашуда, бахшидашуда
*Мақулот* — ҷамъи мақула — гуфтор, сухан
*Маҳаб(б)* — тарафе, ки аз он ҷо бод мевазад; уручгоҳи шамол, нуқтаи ибтидо
*Маҳзуз* — баҳраманд, хурсанд
*Маҳмул* — ҳамла карда шуда, нисбат дода шуда, ҳисоб карда шуда
*Маҳнуни илайҳ* — ба он муштоқ
*Маҳосин* — риш
*Маҳсусот* — чизҳои ҳис кардашуда (ба воситаи узвҳои ҳис), ҳисшаванда, ҳискарданӣ
*Маҷзуб* — ҷазб кардашуда, шефта, девона
*Маҷонин* — ҷамъи маҷнун — маҷнунҳо, девонагон
*Маҷорӣ* — ҷараён, вазъият, маҷро
*Маҷрур* — кашидашаванда
*Маҷрури шайх* — бар он кашидашаванда
*Мизмор* — най
*Мирод* — бимирад



*Мисдоқ* — далел, исбот, гувоҳ
*Михлаб* — чангол, мушт
*Мишкот* — тоқчаи чароғмонӣ; чароғдон, чароғпоя
*Мо адои* — ғайри, ба ғайри...
*Моваро* — он сӯ, он сӯтар
*Молояънӣ* — чизҳову корҳои беҳуда
*Мосиво* — ғайри он, ба ҷуз он, дигар аз он.
*Муаддӣ* — боис, сабаб; пардозандаи боҷу хироҷ
*Мубин* — ошкоркунанда ва равшанкунанда, возеҳ
*Мубаддӣ* — ибтидокунанда, саркунанда
*Мубоҳӣ* — фахркунанда, сарфароз
*Мубрам* — ногузир
*Муваддат* — дӯстӣ, ҳамдастӣ, меҳрубонӣ
*Муваллаҳ* — вола ва шайдо, шефта ва девонашуда
*Муваррас* — ирсӣ, меросӣ, чизе ки ба мерос мондааст.
*Муваҳҳид* — касе, ки худоро якка ва танҳо медонад, эътиқоманд ба худои ягона аст.
*Мувозӣ* — баробар, ҳамвазн, мусовӣ
*Муддӣ* — дарозӣ; дерпой
*Мудракот* — ҷамъи мудрак — дарк кардашуда, фаҳмидашуда, идрокшуда
*Музаккир* — вирдгӯй, дуъохон; шайх
*Музоф* — изофакардашуда, тобеъ, мансуб
*Музоафа* — дучанд, ду баробар
*Музояқа* — тангӣ, сахтӣ
*Мулотафа* — лутфу марҳамат, шафқату навозиш
*Мултабас* — пӯшидашуда, шубҳанок, дар маънӣ носареҳ, норавшан
*Мулҳам шуд* — илҳом гирифт
*Мумтаҳан* — меҳнатзада, ранҷдида
*Мундамиҷ* — ба ҳам омехта гардидан
*Мундарис* — маҳву нобудшуда
*Мунзавӣ* — гӯшагир, гӯшанишин
*Мунзам* — замшуда, пайваста, мулҳақ

*Муниф* — олӣ, баланд
*Мунифа* — баланд, афрохта, кулла
*Мунсабеғ* — ба сибғи худ гардонад
*Мунсиф* — бовиҷдон, боинсоф, боазимат
*Мунтабеъ* — нақшбаста
*Мунтабиқ* — қабат-қабат болои ҳам гузошташуда, баробар, мувофиқ
*Мунтавӣ* — дар бар гиранда, шомил
*Мунтафӣ* — несту нобудшуда, дуршуда
*Мунфасил* — ҷудошуда, ба фаслҳо тақсимгардида
*Мунъим* — соҳиби неъмат, давлатманд
*Мунқатеъ* — қатъшуда, дургашта, баохиррасида
*Мунҳасир* — иборат, шомил
*Мунҳӣ* — хабардиҳанда, пайғомрасон
*Муодил* — афоили хиҷоҳо дар мусиқӣ, атонин (баробари танҳо) қароргирифта, ки «тан»-ро сабаби хафиф ва «тана»-ро сабаби сақил мегӯянд (баръакс)
*Муонасат* — унс гирифтан, улфатӣ кардан
*Мураххас* — иҷозат додашуда, озодшуда
*Мураққаъ* — ҷомаи қурок, альбом
*Муросала* — мукотибаи дутарафа
*Мурхис* — рухсатдиҳанда
*Мусаддасулаҷзо* — шашгона, шашрукна
*Мусаммanулаҷзо* — ҳаштрукна, ҳаштгона
*Мусмир* — мевадор, самаровар, ҳосилманд
*Муставлӣ* — ғосиб, истилогар
*Мусталаҳот* — истилоҳҳо, ибораҳои маҷозӣ
*Мусталзим* — сабабгор, боис, сабаб
*Мустағриқ* — дарбаргиранда, фурӯрафта
*Мустақар(р)* — қароргоҳ, бошишгоҳ, ҷои истиқомат
*Мустақирр* — қароргирифта, ҷойгиршуда, устувор, мустаҳкам
*Мустақдас* — навбунёд, нав ба вуҷуд омада, пайдошуда
*Мустаҳсани тибоъ* — писандидаи аҳли табъ, шоистаи таҳсин.
*Мустаҷан* — мастур, пӯшида, пинҳон



*Мустаҷоб* — иҷобатшуда, қабулшуда (дар бораи дуъо)
*Мутааззир* — кори иҷрояш номумкин, мушкил, душвор
*Мутааййин* — таъйиншуда, муқарраршуда
*Мутабаддил* — бадалшуда, ивазшуда, аз ҳоле ба ҳоле бозгашта
*Мутабаҳҳир* — бисёр доно, касе, ки дар илме маълумоти бисёри ҳаматарафа дорад, аллома
*Мутабодир* — пешгиранда, шитобанда
*Мутабоина* — тафовутдор, аз якдигар ҷудошаванда
*Мутаваззо* — таҳоратхона, ҷои вузӯгирӣ (дар масҷид)
*Мутаваттин* — сокин, муқим
*Мутаваҳҳим* — воҳимакунанда, каси дучори ваҳму тарс гардида
*Мутакаллим* — такаллумкунандаҳо, гӯяндаҳо
*Мутавотир* — паи ҳам оянда, пай дар ҳам
*Мутазилзил* — ҷунбанда, ларзанда
*Мутазаммин* — дарбаргиранда, шомил
*Муталаббис* — либоспӯшанда, либоспӯшида; муталаббис сохтан — либос пӯшондан
*Мутамайиз* — аз ҳамдигар фарққунанда ва ҷудошаванда, имтиёзёбанда аз дигарон, мумтоз
*Мутаоқиб* — паси ҳам, пай дар пай
*Мутатобеъ* — аз паи чизе рафта, пайрав
*Мутафаттани лабиб* — зирак, ҳушёр, соҳибфитрат
*Мутафовит* — тафовутдор, фарқдор аз якдигар
*Мутахаллеъ* — кандашуда, кашидашуда, ҷудо, озод
*Мутаъаддида* — сершумор, бисёр
*Мутлақ* — озод, озодшуда, комил, тамом
*Мутааҳҳил* — оиладор, зандор, соҳиби зану бача
*Мутталеъ* — огоҳ, хабардор
*Муттасил* — пайваст, ҳампаҳлу
*Муттасиф* — дорои ягон сифат
*Муфавваз* — тафвиз кардашуда, супурдашуда, таслимшуда, вогузоштшуда, вобаста
*Муфзӣ* — бурдарасонанда ба чизе, анҷомдиҳанда
*Муфорақат* — ҷудоӣ, фурқат

*Муфохарат* — фахр кардан, ифтихор намудан
*Мухаддирот* — чизҳои нашъабахшу кайфиятовар, моддаҳои масткунанда, афъюн, банг, кўкнор
*Мухаммаси авсат* — мухаммаси миёна
*Мухтафӣ* — махфӣ, пинҳон, пўшида
*Мушаддад* — ташдиднок, шиддатнок (дар боран ҳарф)
*Мушаъар* — пўшонидашуда, мастура
*Мушояъа* — гусел кардан
*Мушриф* — дар баландӣ воқеъшуда, баланд, воло, шарафманд
*Мушъир* — хабардиҳанда, огоҳкунанда
*Муъонид* — душман, мухолиф, инодкору ситезагар
*Муъораза* — рўбарўшавии ду ҳариф, мубоҳаса
*Муъотафа* — меҳрубонӣ
*Мугойир* — фарқкунанда аз чизе, мухолиф ба чизе
*Муқассим* — тақсимкунанда, қисматкунанда
*Муқаффал* — қулф карда шуда, баста
*Муқовала* — бо ҳамдигар гуфтугў кардан, бо ҳам қавлу қарор бастан
*Муқтабас* — иқтибос карда шуда, гирифташуда
*Муқтасир* — ихтифокунанда, қонеъшаванда
*Муҳаддис* — ҳадисхон
*Муҳадот* — ҳадя карда шуда, бахшишёфта
*Муҳазот* — рўбарўшавӣ, дучоройӣ, вохўрӣ, баробарӣ, мусовот
*Муҳозӣ* — рўбарўшуда, муқобил
*Муҳотият* — иҳота кардан
*Муҷавваз* — раво, ҷоиз, ҷоиз шумурда шуда
*Муҷмалот* — ҷамъи муҷмал — иҷмол кардашуда, ба таври хулоса додашуда; суханони иҷмол кардашуда, мухтасаран
*Муҷовир* — муқим, бошанда, наздик, ҳамсоя
*Мўътариф* — эътирофкунанда, иқроркунанда, муқир
*Мўътоду маъҳуд* — расму одат, аз рўи расм ва одат
*Мўҳтазир* — дар ҳолати ҷонканӣ
*Мўҳтаҷиб* — пардапўш, зери ҳиҷоб, махфӣ



*Назира* — эквивалент, ҳамто
*Нажандӣ* — ғамгиниву фурўмондагӣ, хориву залилӣ, хоксориву ночизӣ
*Натъ* — фарш, фарши чармин
*Нақра* — захма задан, кўбидан. Дар мусиқӣ ибтидои ҳар садои мавзунро накра мегўянд.
*Нағамотуҳо* — нағмаҳои он, нағамоташ
*Нағмаи мубтадилот* — нағмаву савтҳои табдилшаванда, тағйирёбанда
*Нағмаи савобит* — нағмаву савтҳои устувор, мустаҳкам
*Нағматайн* — ду нағма (тан)
*Нидд* — мисл, монанд, назир
*Нон* — таъом, хўрок
*Ноқа* — шутури мода
*Нузҳат* — тозагӣ, покӣ, зебой
*Нухола* — сабўс

*Овозоти ситта* — шаш овоз, шашовоза
*Одина* — ҷумъа, рўзи шашуми ҳафта
*Ориз* — пайдошаванда, рухдиҳанда
*Ориза* — ходиса, рухдод, дарду беморӣ
*Ориз шудан* — рўй додан
*Ошира* — даҳум
*Оҳихта* — охтан — баркашидани теғ аз ғилоф

*Разма* — баста, бўғча
*Рафъат (рифъат)* — баландӣ, улвият
*Раҳӣ* — банда, ғулом, чокар
*Раҷо (риҷо)* — орзу, ният, умед, чашмдошт
*Рибқа* — халқаи ресмон, гарданбанд
*Ридо* — болопўш, ҷома
*Рикўҳ* — зарфи чармӣ барои нигоҳ доштани об
*Ришт* — табиат, ниҳод, сиришт
*Роиқ* — равон, фасеҳ, салис

*Рофат* — меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, ғамхорӣ
*Рунуд* — ҷамъи ринд
*Руунат* — нодонӣ, беақлӣ, худоройӣ
*Рӯъят* — дидан, мушоҳида, биниш

*Саббоғ* — рангрез
*Сабукбоҷ* — навъе аз таъоми хамирӣ
*Савб* — тараф, ҷониб, сӯй, самт
*Савм* — рӯза, рӯзадорӣ
*Савмаъа* — ибодатгоҳ, ҳуҷра барои ибодат
*Саласа арбаъ* — се тақсими чор
*Саласа лаҳния* — савт, савтҳои сегона
*Салват* — хурсандӣ, шодкомӣ, оромӣ
*Самат* — ҳаштяк, ҳаштяк аз ҳиссаи фосилаҳо
*Сареҳан* — зуд, тез
*Сарир* — хиш-хиши қалам (ҳангоми навишт)
*Саффи ниол* — пойгаҳ, ҷои кафшкашӣ
*Саҳб* — соҳиб; поку тоза кардан
*Симат* — нишон, аломат, сифат, машқ
*Симиё* — яке аз илмҳои хурофотии асримиёнагӣ, илми тилисм ва сеҳру ҷоду, илми найрангу шӯъбада
*Симох* — сӯрохи гӯш, сӯрохӣ, равзана
*Синоъӣ* — сохтаи инсон
*Сит* — овоз
*Ситр* — покдоманӣ, тозагии ахлоқ
*Ситта* — шаш
*Сика* — мӯътамад, марди шоёни боварӣ
*Собеъ* — ҳафтум
*Сомат* — андӯҳу ғам, ранҷиш
*Сотеъ* — дурахшон
*Судда* — остона, даргоҳ
*Суварӣ* — зоҳирӣ, берунӣ
*Сувари мӯҳтамала* — суратҳои эҳтимолӣ
*Сукр* — мастӣ, ҳолати мастӣ



*Сумув(в)* — баландӣ
*Сунан* — ҷамъи суннат
*Суннат* — рафтор, амал, анъана
*Сурра* — ҳамёни тангаву тилло
*Сутур* — шутур
*Суҳулат* — осонӣ, бемашаққатӣ

*Тааддуд* — афзунӣ дар адад, бисёрии миқдори чизе
*Табақатайн* — ду табақа, ҳар ду табақа
*Табодур* — шитоб, шитобкунӣ
*Табх* — пухтан, пазиш
*Таваддуд* — муҳаббат доштан
*Таваззул* — лутфу марҳамат
*Тавассӯъ* — фарохӣ, васеъӣ, паҳноӣ, кушодагӣ
*Таваҳҳум* — тарс, ваҳм
*Таваҷҷӯҳ* — диққат гуморидан
*Тавбеҳ* — малолат, сарзаниш
*Тавсанӣ* — саркашӣ, гарданкашӣ, якравӣ
*Тавҳид* — ягонагӣ, ваҳдат, эътиқод ба ягонагии худо
*Тазаррӯъ* — илтиҷо, зорӣ
*Тазйин* — зинат додан, ороиш
*Такфир* — ба бединӣ нисбат додан, бедин ҳисоб кардан, кофар донистан
*Ташаббус* — чизеро ба чизе (нафаҳмида) омехта кардан
*Талҳин* — сурудан, гармонизация
*Тамайюз* — фарқ пайдо кардан, фарқ доштан
*Танзил* — фуруд овардан, поён фиристодан; ваҳйи Қуръон
*Тараккуб* — таркиб ёфтан, пайдоиш
*Тарассул* — номанависӣ, рисола навиштан, сармашқ
*Тасмия* — тартиби номгузорӣ
*Тафарруд* — танҳоӣ
*Тафарруҷ* — сайругашт, тамошо
*Тафвиз* — ба ӯҳдаи касе гузоштан, вогузорӣ
*Тафосил* — ҷамъи тафсил — фасл-фасл намудан, қисм-қисм кардан, ба таври муфассал баён кардан

*Тавфӣ* — раҳоӣ, халосӣ
*Тахаллуф* — хилофи ваъда
*Ташаввуқ* — шавқмандӣ, зуҳури шавқ, иштиёқ
*Ташнеъ* — бадгӯӣ, сарзаниш, маломат
*Ташҳиз* — тез кардан
*Таъайюн* — муайянӣ, равшанӣ, аниқӣ
*Таъаттуш* — ташнагӣ, ташнашавӣ
*Таъйид* — мадад, муовинат, ёрӣ
*Таяммун* — табаррук, муқаддас
*Таҳаққуқ* — ба исбот расидан, дуруст баромадан
*Таҷарруд* — гӯшанишинӣ
*Таҷвид* — ҳар кореро дуруст анҷом додан
*Таҷзия* — таҳлил кардан, ҷузъ-ҷузъ кардан
*Таҷрид* — аз дигарон дур кардан, танҳо монондан
*Тибат* — тозагӣ, хубӣ, тарӣ
*Тилва* — аз пай, аз қафо
*Тисъа* — нӯҳум
*Тобӯҳ* — ба ҳамдигар монанд будан, монандӣ
*Толӣ* — аз пай
*Торӣ (тория)* — ба ногоҳ воқеъшаванда, рӯйдиҳанда, рӯй додан
*Тувуффӣ* — вафот кардааст
*Тутуқ* — парда, чодар

*Убудийят* — бандагӣ, хидматгузорӣ; ихлосу эҳтиром
*Узубат* — ширинӣ, хушояндагӣ ва форамии сухан
*Урафо* — ҷамъи ориф — орифон
*Улув(в)* — баландӣ, бартарӣ, болоӣ

*Фаҳво* — мазмуну маъниӣ
*Фиқҳ* — илми қонуншиносӣ дар шариати ислом
*Фоеҳ* — хушбӯии паҳншаванда

*Хабир* — хабардор; хабаррасон
*Хайло* — такаббур, ғурур
*Халъ* — кандан, бекор кардан



*Халъу либс* — кашидану пӯшидан
*Халқӣ* — табиӣ, офаридаи худо
*Хафӣ* — пӯшида, пинҳон
*Хомил* — гумном, ночиз
*Худдом* — ҷамъи ходим
*Хузрат* — сабзӣ, шодобӣ
*Хулд* — ҳамешагӣ
*Хумул* — гумномӣ
*Шаввол* — моҳи даҳуми соли қамарии ҳиҷрӣ
*Шавоиб* — омезишҳо; гарду гурдҳо, олудагиҳо
*Шайъ* — чиз
*Шаман* — бутпараст
*Шатр* — ниман чизе; ҷузъ, пора; қадаре, андаке, каме
*Шуабот* — шӯъбаҳо, бахшҳо, бобҳо
*Шуун* — ҷамъи шаън
*Шуҳур* — ҷамъи шаҳр — моҳи сол; моҳҳо
*Эсор* — пошидан, нисор кардан
*Ямин* — ҳаққи шахсӣ, моли худӣ
*Ямину ясор* — росту чап; тавоноиву тавонгарӣ
*Янобеъ* — чашмаҳо, сарчашмаҳо
*Ғайбат* — ғоибӣ, нопадидӣ; айбҷӯӣ, бадгӯӣ
*Ғамом* — абр, абри сафед
*Ғоила* — бадӣ, кина
*Ғурра* — аввали моҳ, рӯзи аввали моҳ
*Қадид* — гӯшти хушк ва намакӣ
*Қазф* — қай кардан, партофтани таом
*Қайлула* — хоби нисфирӯзӣ, хоби баъд аз пешин
*Қалақ* — беқарорӣ, беоромӣ
*Қалилулистеъмол* — камистеъмол
*Қалъ* — решакан кардан, нест кардан, аз миён бурдан
*Қамъ* — задан, шикастан, нобуд сохтан
*Қароба* — обдон, зарфи об
*Қовӣ* — номи дигари бӯди танинӣ

*Қоид* — асокаш, раҳнамо
*Қоиммақом* — ҷонишин, ноиб, ворис
*Қубба* — гунбад

*Ҳаб* — дона
*Ҳабба* — миқдори бисёр кам, заррае
*Ҳадду ҳаср* — андоза, ҳадду андоза
*Ҳадсон* — чизҳои нав пайдошуда
*Ҳазар* — сукунат кардан; зистан, будан
*Ҳазимат* — шикаст хӯрдан, гурехтани лашкар
*Ҳазлон кардан* — худдорӣ намудан аз ёрӣ расонидан
*Ҳаййиз* — саҳн, макон, маҳал
*Ҳайҳот* — ба арабӣ: дур шуд, дуршавӣ; ба форсӣ: афсӯс, ҳайфо!
*Ҳалфо* — гиёҳе, ки аз он бӯрё мебофанд
*Ҳариса* — оше, ки аз гандуми кӯфта, гӯшт ва равған тайёр мешавад
*Ҳасби аҷзо* — ҷузъиёти созию овозии мақомҳо, қисматҳои савтӣ ва овозӣ дар мусиқӣ
*Ҳасир* — бурё
*Ҳаҷару шаҷар* — сангу чӯб
*Ҳиддат* — тезию тундӣ, шиддату ғазаб
*Ҳинаизин* — он вақт, он гоҳ
*Ҳобит* — фурӯафтанда
*Ҳоит* — девор, боғи атрофаш девор кашидашуда
*Ҳуб* — дӯстӣ, муҳаббат, дӯстдорӣ

*Ҷабарут* — қудрат, тавоноии тамом, бузургӣ, азамат
*Ҷадовил* — ҷамъи ҷадвал
*Ҷазъ* — *маҷозан* чашм
*Ҷалӣ* — равшан, возеҳ, ошкор
*Ҷаъба* — *киноя* аз хотир, ёд, ҳофиза
*Ҷозим* — ҷазмкунанда, устувор
*Ҷониби асқал* — тарафи вазнину гаронтарини зарб, фосилаҳои гаронтарин дар мусиқӣ
*Ҷониби мушт* — устухонхонаи пушти даст ва пой
*Ҷузве аз тисъа ашара* — нисбати 9 ба 10

## МУНДАРИЧА

**Нафаҳот ал-унс** (*таҳияи Алӣ Муҳаммадиев*) . . . 5
Муқаддамот ва усул . . . . . . . . . 10
Иброҳим Шаммоси Самарқандӣ . . . . . . 12
Шақиқ ибни Иброҳим ал-Балхӣ . . . . . . 12
Ҳотам ибни Унвон Ассам . . . . . . . 13
Ато ибни Сулаймон . . . . . . . . 14
Абӯабдуллоҳи Хоқон ас-Сӯфӣ . . . . . . 15
Абӯаббоси Динаварӣ . . . . . . . . 16
Абӯаббос Аҳмад ибни Яҳё аш-Шерозӣ . . . . 16
Аҳӣ Фараҷӣ Занҷонӣ . . . . . . . . 17
Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Мансур ал-Ҳаллоҷ . . . 17
Абӯмансури Говкулоҳ . . . . . . . . 18
Абуҷаъфари Фарғонӣ . . . . . . . . 18
Абӯҷаъфари Сомонӣ . . . . . . . . 19
Абӯҷаъфари Ҳаддод . . . . . . . . 20
Абулҳусайн ал-Варроқ . . . . . . . . 20
Абулҳусайни Дурроҷ . . . . . . . . 20
Абулҳусайни Ҳошимӣ . . . . . . . . 21
Абулҳусайни Салой . . . . . . . . 21
Абулҳусайни Моликӣ . . . . . . . . 21
Абӯбакр ибни Тоҳир ал-Абҳарӣ . . . . . . 21
Абӯбакри Суғдӣ . . . . . . . . . 22
Ҳошим Саъдӣ . . . . . . . . . 22
Абӯбакр ас-Сӯсӣ . . . . . . . . . 23
Абӯбакри Муфид . . . . . . . . . 24

Абӯбакри Қасрӣ . . . . . . . . . . . 25
Абӯбакри Ҳамадонӣ . . . . . . . . . . 25
Абӯалӣ ар-Рӯдборӣ . . . . . . . . . . 25
Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-маъруф ба ал-Муртаиш. 26
Абӯхайр ат-Тайнотӣ . . . . . . . . . 27
Абӯхайри Ҳабашӣ . . . . . . . . . . 28
Абӯзайди Марғазии Хуросонӣ . . . . . . 28
Музаффари Қирмоншоҳӣ . . . . . . . . 29
Абуладён . . . . . . . . . . . . . 29
Абӯсаид ал-Аъробӣ . . . . . . . . . 30
Абӯумар аз-Заҷҷоҷӣ . . . . . . . . . 30
Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Насир . . . . 31
Бундор ибн ал-Хусайн ибни Муҳаммад аш-Шерозӣ 32
Абӯамр ибни Наҷид . . . . . . . . . 33
Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абӯраҳмон ар-Розӣ аш-Шаъронӣ . . . . . . . . . . . 34
Абулқосими Насрободӣ . . . . . . . . 34
Абӯбакри Фолизбон . . . . . . . . . 34
Абӯабдуллоҳ ибни Хафиф аш-Шерозӣ . . . 35
Абӯбакр аш-Шаъронӣ . . . . . . . . . 36
Абӯмуҳаммад ал-Ақоидӣ . . . . . . . . 37
Ҳушшом ибни Абдон . . . . . . . . . 38
Абӯмаҳраз . . . . . . . . . . . . 40
Абдураҳими Истахрӣ . . . . . . . . . 41
Абӯтолиби Хазраҷ ибни Алӣ . . . . . . 44
Абдулазизи Баҳронӣ . . . . . . . . . 44
Шайх Аҳмади Ҷуволгар . . . . . . . . 45
Абулхусайн Ҳаддоди Ҳаравӣ . . . . . . 46
Амирҷаи Сафолфурӯш . . . . . . . . . 47
Шариф Ҳамзаи Ақилӣ . . . . . . . . . 48
Абӯҳомиди Дӯстон . . . . . . . . . . 49
Абӯмансур Мӯъмин ибни Аҳмад ал-Исфаҳонӣ 50
Абӯнасри Сарроҷ . . . . . . . . . . 50
Холуи Нишопурӣ . . . . . . . . . . 51



Шайх Абулқосими Курагонӣ . . . . . . . 52
Маъшуқи Тӯсӣ . . . . . . . . . . . 53
Шайх Абӯзироаи Ардабилӣ . . . . . . . 54
Хоҷа Юсуф ибни Муҳаммад ибни Самъон . . 54
Хоҷа Мавдуди Чиштӣ . . . . . . . . . 55
Абӯвалид Аҳмад ибни Абирриҷо . . . . . 60
Султон Маҷдиддини Толия . . . . . . . 61
Абӯабдуллоҳ Мухтор ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Ҳаравӣ . . . . . . . . . . . . 62
Шайх Абӯбакр ибни Абдуллоҳ ат-Тӯсӣ ан-Нассоҷ . 62
Ҳуҷҷатулислом Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Ғаззолӣ ат-Тӯсӣ . . . . . . . . . . . . 63
Шайх Аҳмади Ғаззолӣ . . . . . . . . . 64
Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ . . . . . . . . . 65
Мавлоно Яъқуби Чархӣ . . . . . . . . 68
Абӯалии Сирҷонӣ . . . . . . . . . . 69
Муҳаммад ибни Ҳуммавия ал-Ҷувайнӣ . . . 69
Айнулқуззоти Ҳамадонӣ . . . . . . . . 70
Шайх Рӯзбеҳони Кабири Мисрӣ . . . . . 71
Шайх Наҷмиддини Кубаро . . . . . . . 72
Шайх Маҷдиддини Бағдодӣ . . . . . . . 79
Шайх Сайфиддини Бохарзӣ . . . . . . . 83
Шайх Наҷмиддини Розӣ . . . . . . . . 85
Шайх Абдуллоҳи Ғурҷистонӣ . . . . . . 86
Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад ал-Балхӣ ар-Румӣ . 87
Султон Валад . . . . . . . . . . . 91
Шайх Иброҳими Маҷзуб . . . . . . . . 94
Шайх Наҷибуддин Алӣ ибни Барғаш аш-Шерозӣ . 97
Шайх Ҷамолиддини Лур . . . . . . . . 99
Шайх Шамсиддини Сайфӣ . . . . . . . . 100
Шайх Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Иброҳим ал-Қурайшӣ ал-Ҳошимӣ . . . . . . . . . . . 100
Абулҳасан Алӣ ибни Ҳамид ас-Саидӣ ал-маъруф ба ибн ас-Саббоғ . . . . . . . . . . . 100

Имом Абдуллоҳ ал-Ёфеъӣ . . . . . . . . . 102
Шайх Шаҳобуддин ас-Сӯҳравардӣ ал-Мақтул . . 104
Амир Сайид Қосими Анвори Табрезӣ . . . . . 105
Ҳаким Саноии Ғазнавӣ . . . . . . . . . 108
Шайх Фариди Аттор . . . . . . . . . 112
Саъдии Шерозӣ ибни Абдуллоҳ . . . . . . 115
Шайх Фахриддин Иброҳим ал-муштаҳир ба ал-Ироқӣ. 115
Амир Хусайн . . . . . . . . . . . 119
Шайх Авҳадии Исфаҳонӣ . . . . . . . . 119
Афзалиддин Бадил Хоқонӣ . . . . . . . 121
Шайх Низомӣ . . . . . . . . . . . 122
Хусрави Деҳлавӣ . . . . . . . . . . 123
Ҳасани Деҳлавӣ . . . . . . . . . . 124
Мавлоно Муҳаммади Ширин машҳур ба Мағрибӣ . 126
Шайх Камоли Хучандӣ . . . . . . . . . 127
Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ . . . 128
Амми Ҳассон . . . . . . . . . . . 129
Зайтуна . . . . . . . . . . . . . 129
Духтари Қаъб [Робиъа] . . . . . . . . 130
Фотима бинт ал-Мусно . . . . . . . . 131
Хотима . . . . . . . . . . . . . 132
**Рисолаи қофия** *(таҳияи Абӯбакр Зуҳуриддинов)* 133
Муқаддима . . . . . . . . . . . . 141
Фасл [I] . . . . . . . . . . . . 142
Фасл [II] . . . . . . . . . . . . 145
Фасл [III] . . . . . . . . . . . . 147
Фасл [IV] . . . . . . . . . . . . 148
Фасл [V] . . . . . . . . . . . . 148
Хотима . . . . . . . . . . . . . 149
**Рисолаи арӯз** *(таҳияи Абӯбакр Зуҳуриддинов)* 151
Фасл [I] Таълифи каломи мавзун . . . . . 162
Фасл [II] . . . . . . . . . . . . 163
Фасл [III] . . . . . . . . . . . . 167
Фасл [IV] . . . . . . . . . . . . 177



Фасл [V] . . . . . . . . . . . . . . 177
Фасл [VI] . . . . . . . . . . . . . 189
Фасл [VII] . . . . . . . . . . . . . 196
Фасл [VIII] . . . . . . . . . . . . 201
**Рисолаи мусиқӣ** *(таҳияи Абӯбакр Зуҳуриддинов)* 205
Фасл [I]. Муқаддима . . . . . . . . . 213
Фасл [II] . . . . . . . . . . . . . 214
Фасл [III] . . . . . . . . . . . . . 216
Фасл [IV]. Қисми аввал. Дар илми таълиф . . . 217
Фасл [V] . . . . . . . . . . . . . 218
Фасл [VI] . . . . . . . . . . . . . 218
Фасл [VII] . . . . . . . . . . . . . 219
Фасл [VIII] . . . . . . . . . . . . 222
Фасл [IX] . . . . . . . . . . . . . 222
Фасл [X] . . . . . . . . . . . . . 226
Фасл [XI] . . . . . . . . . . . . . 227
Фасл [XII] . . . . . . . . . . . . . 229
Фасл [XIII] . . . . . . . . . . . . 230
Фасл [XIV] . . . . . . . . . . . . 230
Фасл [XV]. Дар баёни давоири машҳураи мақомоти дувоздаҳгона ва тафсили нағамот ва абъод ва махориҷи онҳо аз дасотини уд . . . . . . 232
Фасл [XVI]. Дар баёни овозот . . . . . . 239
Фасл [XVII]. Дар баёни шуабот . . . . . 242
Фасл [XVIII] . . . . . . . . . . . 254
Фасл [XIX]. Қисми дуввум. Дар илми йқоъ . . . 254
Фасл [XX] . . . . . . . . . . . . . 255
Фасл [XXI] . . . . . . . . . . . . 256
Фасл [XXII] . . . . . . . . . . . . 258
Хотима. Фасл [XXIII] . . . . . . . . . 266
**Шарҳи рубоёт** *(таҳияи Абӯбакр Зуҳуриддинов)* 267
**Номаҳо** *(таҳияи Асрор Раҳмонов)* . . . . . 297
Тавзеҳот . . . . . . . . . . . . . 431
Шарҳи луғот . . . . . . . . . . . . 473

Имом Абд
Шайх Ша
Амир Сай
Ҳаким Са
Шайх Фа
Саъдии Ш
Шайх Фах
Амир Хуса
Шайх Авх
Афзалидди
Шайх Низ
Хусрави Д
Ҳасани Де
Мавлоно
Шайх Қам
Хоҷа Шам
Амми Ҳас
Зайтуна
Духтари
Фотима би
Хотима
**Рисолаи к**
Муқаддим
Фасл [I]
Фасл [II]
Фасл [III
Фасл [IV]
Фасл [V]
Хотима
**Рисолаи**
Фасл [I]
Фасл [II]
Фасл [III
Фасл [IV]


*Абдурахман Джами*

**СОЧИНЕНИЯ**

**ТОМ VIII**

(на таджикском языке)


Муҳаррири нашриёт *Б. Мавлонова*
Ороиши *Қ. Туренко*
Муҳаррири ороиш *А. Муҳаммадиев*
Муҳаррири техникӣ *М. Саидова*
Мусаҳҳеҳ *О. Исматӣ*

БИ № 326

Ба матбаа 12.06.89 супурда шуд. Ба чопаш 30.10.89. имзо шуд. Формати 70×108$^{1}/_{32}$. Қоғази типографии № 1. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 21,7+0,525. Ҷузъи рангаи шартӣ 24,325. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 19,944. Адади нашр 10000. Супориши № 5901.
Нархаш 2 с. 10 тин.

**Душанбе, нашриёти «Адиб», кӯчаи Рӯдакӣ, 33.**

Матбааи аввалини Қомитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба матбуот

**Душанбе, хиёбони Ленин, 37.**